Didactic conditions the formation and development of people' self-esteem in extracurricular activities of senior schoolchildren requires not only knowledge about the essence of self-esteem, but also its structure and functions, which are closely related to socialization and the formation of personal qualities.

To understand the mechanisms of self-assessment, it is necessary, at the very beginning of the stage, to understand the terminology of "assessment", on the basis of which, to develop plans related to self-assessment, which are also identified in the courses of pedagogy and school practice. The term "self-assessment" is interpreted as a procedure for obtaining information about activities and their results. If evaluation is understood as the process of correlation of real results with planned goals, then "self-assessment" is the result of this process, even its conditionally formal expression.

The concept of self-esteem in the psychological dictionary is defined as a component of self-awareness, which includes, along with knowledge about oneself, as well as an assessment of one's moral qualities, abilities and actions. It is definitely possible to mention that here the "evaluation of one's psychological achievements, shortcomings, qualities, failures, virtues, i.e. the whole list of the core regulators of personality behavior, will be displayed.

***Keywords:*** *self-assessment, high school, assessment, extracurricular activities, development, didactic conditions, forms of extracurricular activities, method, people.*

Дидактические условия формирования и развития самооценки учащихся во внеклассной деятельности старших школьников требуют не только знания о сущности самооценки, но и её структуры и функций, которые тесно связаны с социализацией и формированием личностных качеств.

Для понимания механизмов самооценки необходимо, в самом начале этапа разобраться в терминологии «оценка», исходя из чего, разработать планы, связанные с самооценкой, которые к тому же отождествляются в курсах педагогики и школьной практики. Термин «самооценка» трактуется, как процедура получения информации о деятельности и её результатах. Если под оценкой понимается процесс соотношения реальных результатов с планируемыми целями, то «самооценка» - является результатом этого процесса, даже его условно-формальным выражением.

Понятие о самооценки в психологическом словаре определяется как компонент самосознания, которые включает наряду со знаниями о себе, а также оценку своих нравственных качеств, способностей и поступков. Определённо можно упоминать, что здесь уже выявлятся «оценивание своих психологических достижений, недостатков, качества, неудач, достоинств, т. е. весь перечень ядро регуляторов поведения личности» [9, 176 с].

В подростковом возрасте человек обычно полностью осознает не только форму организма, но и свою привлекательность по отношению к сверстникам. Половая ролевая идентичность также начинается в раннем возрасте, возможно, при рождении, поскольку родители и другие начинают классифицировать ребенка по тому или иному полу.

Развитие подхода и методов в области воспитания и образования согласуется с развитием систем оценки. Поэтому воспитание, обучение, преподавание, оценка являются неотъемлемыми аспектами, которые во многом влияют на сообщества. Оценки служат нескольким целям.

В результате полученная оценочной деятельности, может быть использована для мониторинга успеваемости и эффективности обучения.

Уильям Джеймс использовал простую формулу для определения самооценки, заявляя, что самооценка равно успеху, деленному на наши претензии. В данном случае претензии относятся к нашим целям, ценностями тому, что мы считаем своим потенциалом. Таким образом, если наши реальные достижения невелики, а наши потенциальные возможности и цели высоки, мы видим себя неудачниками. И наоборот, и вы вероятно, можете вспомнить подобный опыт, если ваш успех превосходит ваши ожидания, вы чувствуете себя прекрасно, и ваша самооценка повышается. Проблема познания человеком сущности самооценки, как и суть своих внутренних возможностей природы, сегодня волнует представителей различных наук, о чем свидетельствуют многочисленные исследования в философии, психологии и физиологии, а в педагогике учёные справедливо отмечают, что, пытаясь оценить себя, человек стремится понять, как

оценивают его окружающие. Анализ проблемы самооценки отражены в работах советско-российских учёных как: В.А. Сухомлинский, К. Ушинский, С.Л. Рубинштейн, Г. Цукерман, Л. Выготский, И. Кон, Г. Липкина, А.В. Захарова, И. Чеснокова, Б.Г. Ананьева, Р. Бернс, Д. Эльконин, И. Шапошникова и др.

По мнению великого поэта, А. Рудаки помимо усвоения знаний и применения жизненного опыта для развития личности человека необходимы здоровое тело, хороший характер, доброе имя и мудрость.

Великий мыслитель А. Рудаки отдавал предпочтение изучению науки и знаний как важного фактора формирования личности и знал это лучше, чем любое другое сокровище в мире. С момента своего возникновения человек нуждается в науке и знаниях, и никто не оказывался от обучения.

Всевышний спас меня от горя, четыре качества мне дав,
Прославленное имя, разум, здоровье и хороший нрав.
Любой, кому даны все вышним четыре качества такие,
Пройдёт свой долгий путь без горя, людских печалей, не узнав [7, 128 с].

Таким образом, развитие личности старшеклассников в процессе внеклассной деятельности происходит по следующим направлениям:

– новые способности появляются и формируются с уже существующими;
– самоконтроль и устойчивость мнения в зависимости от душевного состояния;
– сформирован ответственно и грамотно;
– подготовка к выбору профессии.

В процессе проведения внеклассной деятельности учителя должны учитывать психофизиологические особенности учащихся. Во время учебы в школе следует правильно оценивать процесс внеклассной деятельности, чтобы учащиеся приобретали знания, навыки, умения и важные качества выбора профессии, а также создавали благоприятную среду для формирования самооценки.

Мыслители XII в. придавали большое значение самосознанию. «Никто не достоин большего презрения, чем тот, кто пренебрегает познанием самого себя», писал Иоанн Солсберийский. Одна из книг того времени называлась «Этика, или познай самого себя» (Абеляр). [4].

В средневековом восприятии индивидуальное «Я» и процесс самооценки не могли иметь большого значения в жизни людей. Для средневекового человека «знать самого себя» означало «знать свое место».

Начиная с эпохи Возрождения, отношение к проблеме самопознания, самооценки изменилось. Леонардо да Винчи говорил о том, что «человек есть модель мира, и она начинает открывать себя». Самопознание учёный рассматривал как предпосылку и компонент самоопределения. Многогранная личность нового времени ищет отделения от других, добровольно уединяется. Но она переживала одиночество как дефицит общения и неспособность выразить свои внутренние чувства, переживания.

Для человека эпохи Просвещения ритуал и жизнь тождественны, и от рефлексии по поводу своего положения в обществе человек постепенно подошел к вопросу о природе своего настоящего «Я».

Концепция «Я - образ» – это осознание человеком своих психических и физических характеристик. В семье это начинается с того, что родители дают ребенку представление о том, что его любят или не любят, умного или глупого и т. д., благодаря их невербальному и вербальному общению. Этот процесс становится менее пассивным, поскольку ребенок сам начинает инициировать дальнейшие личные качества. Появление школы впервые приносит другие переживания, и вскоре ребенок узнает, что он/она популярен или не популярен среди других детей. Он/она узнает, что школьная работа легко выполняется или нет. Множество психических и физических характеристик изучается в зависимости от того, насколько насыщенной и разнообразной становится школьная жизнь.

В немецкой классической традиции, как Гегель, так и Иммануил Кант особо уделяют этому вопросу внимание. Первый из них выделял такие степени развития

способности оценивать самого себя, соответствующие фазам развития человеческой деятельности:

– единичное самосознание (осознание существования собственного отличия от других объектов);

– определенное самосознание (характеризуется возникновением межличностных взаимоотношений: человек осознает себя существующим для других, сознание своей индивидуальности перерастает в сознание своей неповторимости);

– общее самосознание (моральное осознание общности). [3, 544 с].

И другой пишет, что «В своем исследовании мы опираемся на «Я» - субъект и «Я» - объект на идее развития самосознания (по Г. Гегелю). Из анализа педагогической практики о проблеме развития самооценки учащихся старшеклассников в процессе внеклассной деятельности можно сделать вывод, что оно вызывает интерес в рамках образования, обучения и в воспитательном процессе. Сущность самооценки в отличие от философских теорий в психологии и педагогике рассматривает её механизмы, условия и средства формирования. Сущность самооценки как личность признается конфликтной или рассматривается как противопоставление настоящего представления о себе.

По мнению Р. Бернса «Я концепция» в целом определяется как «совокупность всех представлений индивида о себе, сопряженную с их самооценкой». Особенно в процессе социального взаимодействия обеспечивается «Я концепция» личности, как уникальный результат психического развития с внутренними изменениями. В процессе взаимодействия людей, окружающего мира, воспринимающие нами сквозь призмы «Я концепция» формируется процесс социализации человека, имеющий соматические, индивидуально-биологические детерминанты

Таким образом, «Концепция Я» – это осознание индивидом себя самого, осознание своей личности. Концепция «Я» - как общий термин, под «я» подразумеваются три аспекта: самооценка (то, чем является человек); идеальное я (кем человек хотел бы быть); и самооценка (что человек чувствует по поводу несоответствия между тем, кем он является и кем он/она хотел бы быть) [1, с. 422].

Самооценка определена до сих пор, относится к общему чувству собственного достоинства. Это относительно стабильно и последовательно стечением времени. В дополнение к этой общей самооценке дети могут испытывать чувство достоинства или недостойности в определенных ситуациях. Соответственно, они могут чувствовать себя неадекватно (низкая самооценка) в отношении допустим арифметики или игры. Однако они не влияют на общее чувство собственного достоинства, поскольку дети могут избегать влияния таких ситуаций. Если, они не могут избежать их, и регулярно будут участвовать в этих ситуациях, которые заставляют их чувствовать себя неадекватными, они могут в конечном итоге повлиять на общую самооценку. Кроме того, если они продолжают терпеть неудачу в областях, которые ценятся значительными людьми в их жизни, то это влияет на их общую самооценку.

Исходя из этого, в современной науке, феномен или явление самооценки изучается многие учёными, что привело к формированию различных подходов к ее изучению.

Как отмечается в анализе Н. В. Пастуховой, в этом смысле про слеживаются нижеследующие подходы:

1. Личностный подход-самооценка рассматриваются как важный компонент самосознания личности.

2. Структурно целостный подход- самооценка изучается, как целостная структура личности.

3. Деятельностный подход- самооценка как фактор, влияющий на качество результатов деятельности личности.

4. Динамический подход- при анализе самооценки в процессе возрастного изменения индивида во взаимосвязи со становлением личности.

5. Психопатологический подход - самооценка является как показатель психического здоровья личности функциональный подход-самооценка как одной из основных функций личности [2, с. 460-461].

Психологи доказывают, что самооценка может стимулировать и подавлять активность человека. Неуверенность в себе, тревожность, негативные настроения и эмоции, и неудачи, бестактность связанные с неадекватно заниженной самооценкой.

Особое внимание нужно уделять формирующейся личности, акцентировать положительные моменты и преодолевать препятствия вместе, раскрывать потенциал ребенка, подростка. Ясно, что в раннем детстве это будет зависеть от того, как на него реагируют значимые люди в жизни ребёнка. Например, если родитель переусердствует по поводу развития ребёнка, об этом скоро сообщат, и ребёнок тоже станет переусердствовать по этому поводу.

Многие учённые отмечают, что развитие самооценки ребёнка осуществляется через его отношение с миром, с людьми и собой, при которых проявляются функции личности ученика как:

– ориентации (индивидуальное мировоззрение);

– смысла-образования (определение системы личностных соображений);

– критики (по отношению к предлагаемым из вне ценностей и норм);

– обеспечение творческого характера деятельности, самореализации. Человек оценивает себя, опирается на разносторонние знания об окружающем мире и самому себя.

Таким образом, сущность и структура самооценки в научной литературе рассматривается как оценка самого себя, своих возможностей, качеств, ядро личности, регулятором его поведения.

Такое толкование понятия «самооценки» является актуальным для личностного подхода, который рассматривает самооценку как важный компонент самосознания личности.

В исследовании личности С.Л. Рубинштейна видно, что он рассматривает вопрос в контексте с самосознанием. По словам психолога, процесс становления человеческой личности включает в себя неотъемлемый компонент формирования его сознания и самосознания. Личность как сознательный субъект осознает не только весь окружающий мир, но и себя в своих отношениях с окружающими. [8, с. 416].

Исходя из определения «самооценки» педагогами и психологами, можно сделать выводы, что самооценка, как собственная характеристика своей личности, своих возможностей, качеств и своего места в среде, также выявляется и регулирует своё поведение. От самооценки могут зависеть отношение человека с окружающими, к себе, также, отношения к своим успехам и неудачам. Самооценка влияет на развитие деятельности человека и дальнейшем в развитии его личности.

Таким образом, проведённый теоретический анализ даёт основания утверждать, что самооценка является сложным структурным образованием, выступает в различных формах и видах. Будучи включенной во все виды деятельности человека, самооценка является неотъемлемой чертой личности и самосознания.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бернс, Р. Развитие Я- концепция и воспитание. [Текст] –М.: Прогресс, 1986. – 422 с.

2. Пастухова, Н.В. Теоретические аспекты психологического изучения самооценки личности. Известия Самарского научного центра Российской Академии наук. Т. 12. – 2010. – № 5.– 460-462.

3. Кант, Иммануил. Сочинения в шести томах. Т. 4. Ч.1. – М., 1965. – 544 с.

4. И. Селсберийский. Металогика. //Памятники средневековой латинской литературы X-X11 веков. – М.,1972.

5. Уильям Джеймс. Уровень притязаний и самооценка личности. -США, 1902.

6. Бернс, Р. Развитие Я- концепция и воспитание. [Текст] –М.: Прогресс, 1986. – 422 с.

7. Рудаки, А. Лирика. / Пер. с фарси В. Левика и С.Липкина – Душанбе, “Ирфон”, 1978. – 128 с.

8. Рубинштейн, С.Л. Проблемы общей психологии. [Текст] – М.: Педагогика., 1976. – 416с.

9. Общая психология. Словарь // Энциклопедический словарь: В 6 Т. / Ред. сост. Л.А. Карпенко. – М.: ПБРСЭ. – 2006. – 176 с.

## *МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА*
## *ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПЕДАГОГИКИ*
## *GENERAL THEORETICAL PROBLEMS OF PEDAGOGY*

### ДАРАҶАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАЪРИФАТНОКИИ АМАЛӢ (ФУНКСИОНАЛӢ)

***БОБИЗОДА Ғуломқодир Муккамал*** *– узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон доктори илмҳои биологӣ ва доктори илмҳои формасевтӣ, профессор, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.* ***E- mail:*** *bobievgm@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 888 87 79 17*

***АБДУРАҲМОНОВ Гулрӯз Нурмаҳмадович*** *– сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои психологӣ, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 983 33 02 79*

Дар мақола масъалаи барои таҳислоти муосир муҳим – ташаккули маърифатнокии амалӣ дар хонандагон барасӣ гардидааст. Маърифатнокии амалӣ ҳамчун дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳо баррасӣ мегардад, ки фаъолияти муътадили шахсро дар системаи муносибатҳои ҳаётӣ таъмин намуда, дараҷаи ҳадди аққал ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти ҳаётии ӯ дар муҳити мушаххас мебошад Намудҳои зерини маърифатнокии амалӣ ҷудо карда мешавад: маърифатнокии забонӣ, маърифатнокии компютерӣ ва иттилоотӣ, маърифатнокии ҳуқуқӣ, маърифатнокии шаҳрвандӣ, маърифатнокии молиявӣ, маърифатнокии экологӣ ва ғ. Дар сохтори маърифатнокии амалӣ ҷузҳои маромӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ ва рефлексивӣ ҷудо карда мешаванд. Алқамандии маърифатнокии амалӣ бо салоҳиятҳои калидӣ таъкид мегардад. Шароитҳои рушди маърифатнокии амалӣ баён гашта, нақши технологияҳои муосири таълим дар ин раванд баланд арзёбӣ мегардад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *маърифатнокии амалӣ, дараҷаҳои маърифатнокии амалӣ, намудҳои маърифатнокии амалӣ, ҷузъҳои маърифатнокии амалӣ, ҷузъи маромӣ, ҷӯзъи маърифатӣ, ҷӯзъи фаъолиятӣ, ҷузъи рефлексивӣ.*

### УРОВНИ ФОРМИРОВАНИЯ ФУНКЦИОНАЛЬНОЙ ГРАМОТНОСТИ

***БОБИЗОДА Гуломкодир Муккамал*** *– академик Академии образования Таджкистана, доктор биологических и доктор фармацевтических наук, профессор, г. Душанбе, ул. Айни, 126.* ***E- mail:*** *bobievgm@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 888 87 79 17*

***АБДУРАХМОНОВ Гулруз Нурмахмадович*** *– главный специалист отделения инновации и технологии образования Академии образования Таджикистана, кандидат психологических наук, г. Душанбе, ул. Айни, 126.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 983 33 02 79*

В статье рассматривается актуальная для современного образования проблема – формирование функциональной грамотности учащихся. Функциональная грамотность рассматривается как уровень знаний, умений и навыков, которая обеспечивает нормальную деятельность личности в системе жизненных отношений и выступает минимальным уровнем реализации его жизнедеятельности в конкретной среде. Выделяются следующие виды функциональной грамотности: языковая грамотность, компьютерная и информационная грамотность, правовая грамотность, гражданская грамотность, финансовая грамотность, экологическая грамотность и др. В структуре функциональной грамотности выделяются мотивационный, когнитивный, деятельностный и рефлексивный компоненты. Подчеркивается взаимосвязь функциональной грамотности с ключевыми компетенциями. Предложены условия развития функциональной грамотности и высоко оценивается роль современных образовательных технологий в ее развитии.

***Ключевые слова:*** *функциональная грамотность, уровни функциональной грамотности, виды функциональной грамотности, компоненты функциональной грамотности, мативационный компонент, когнитивный компонент, деятельностный компонент, рефлексивный компонент.*

## LEVELS OF FORMATION OF FUNCTIONAL LITERACY

***BOBIZODA Gulomkodir Mukkamal*** *– Academician of the Academy of Education of Tajikistan Doctor of Biological and Doctor of Pharmaceutical Sciences, Professor, Dushanbe, st. Aini, 126.* ***E-mail:*** *bobievgm@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 888 87 79 17*

***ABDURAKHMONOV Gulruz Nurmakhmadovich*** *– Chief Specialist of the Department of Innovation and Education Technology of the Academy of Education of Tajikistan, Candidate of Psychological Sciences, Dushanbe, st. Aini, 126.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 983 33 02 79*

The article deals with a topical problem for modern education - the formation of functional literacy of students. Functional literacy is considered as a level of knowledge, skills and abilities, which ensures the normal activity of the individual in the system of life relations and is the minimum level of realization of his life activity in a particular environment. The following types of functional literacy are distinguished: language literacy, computer and information literacy, legal literacy, civic literacy, financial literacy, environmental literacy, etc. Motivational, cognitive, activity and reflective components are distinguished in the structure of functional literacy. The relationship between functional literacy and key competencies is emphasized. The conditions for the development of functional literacy are proposed and the role of modern educational technologies in its development is highly appreciated.

***Key words:*** *functional literacy, levels of functional literacy, types of functional literacy, components of functional literacy, mativation component, cognitive component, activity component, reflective component.*

Маърифатнокии амалӣ (функсионалӣ) – ин дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳост, ки фаъолияти муътадили шахсро дар системаи муносибатҳои ҳаётӣ таъмин намуда, дараҷаи ҳадди аққал ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти ҳаётии ӯ дар муҳити мушаххас мебошад. Маърифатнокии амалӣ дар вазъиятҳои мушаххас зоҳир мегардад. Он тавсифдиҳандаи шахсест, ки давраи муайяни таҳсилотро паси сар кардааст. Дар айни ҳол таҳсилот ҳамчун соҳаи фаъолият ва воситае баррасӣ мегардад, ки дараҷаи муайяни маълумотнокиро таъмин мекунад.

Ба ташаккули маърифатнокии амалӣ омилҳои зиёди иҷтимоӣ ва тамоюлҳои муосири зерини ҷамъиятӣ таъсир мерасонад: ҷаҳонишавии равандҳои инкишоф, профессионализатсия (касбигардӣ) ва систематизатсияи фаъолият, ташаккулёбии муносибатҳои бозаргонии иҷтимоӣ ва ғ. Шартан дараҷаи маърифатнокии амалӣ дар ифодаи зерин инъикос меёбад: «Хонандаи муосир бояд донад ва тавонад». Дар давраи кунунии рушди ҷомеаи мо намудҳои зерини маърифатнокии амалӣ муҳиммии хосро касб мекунанд: маърифатнокии забонӣ, маърифатнокии компютерӣ ва иттилоотӣ, маърифатнокии ҳуқуқӣ, маърифатнокии шаҳрвандӣ, маърифатнокии молиявӣ, маърифатнокии экологӣ, ҷанбаҳои касбӣ ва махсуси маърифатнокии амалӣ (идоракунӣ (менеҷмент), робита бо ҷомеа, банақшагирӣ, технологияҳои нав ва ғ.). Дар ташаккули тасаввуроти дуруст оид ба маърифатнокии амалӣ маърифатнокии фаъолиятӣ мавқеи хосса дорад, ки моҳияти онро қобилияти гузориш ва тағйир додани ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти худ, амалӣ намудани иртибот, татбиқ намудани амалҳои соддатарини фаъолият дар вазъияти номуайянӣ ташкил медиҳанд. Маърифатнокии амалӣ – зуҳуроти фарофанӣ аст ва аз ин рӯ, он ҳангоми омӯзиши тамоми фанҳои таълимӣ ташаккул ёфта, дар шаклҳои гуногун ифода меёбад.

Таҳсилоти миёнаи умумӣ дар хонандагон азхудгардии асосҳои заминавии системаи илмҳо, рушди зарфиёти зеҳнӣ, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандӣ, фарҳанги экологӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ дар муошírати байнишахсӣ ва байни халқҳо, худмуайяннамоӣ ва худтатбиқнамоии шахсӣ, ташаккули маърифатнокии амалӣ, татбиқи омодаги пешазкасбӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии инкишоф ва нигоҳдории солимиро таъмин менамояд.

Дар самти ташкил ва мундариҷаи раванди ташаккули маърифатнокии амалӣ дар хонандагон душвориҳои зерин мавҷуданд:

- чун қоида дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккули малакаву маҳоратҳои умумитаълимӣ (ҷузъи технологӣ) бе такя намудан ба таҷрибаи субъективии хонандагон ба роҳ монда мешавад, ки боиси рушд наёфтани сифатҳои шахсии барои мутобиқат ва амалкард дар ҷомеа муҳим (ҷузъи шахсӣ) мегардад;
- ба ташкилдиҳандаҳои навини маърифатнокии амалии хонандагон аз қабили иртиботӣ, компютерӣ, экологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва амсоли ин диққати зарурӣ дода намешавад;
- дараҷаи нокифояи салоҳиятмандии касбии бархе аз омӯзгорон, ки ҳанӯз ба раҳёфти анъанавӣ такя намуда, аз ин рӯ масъалаи ташаккули маърифатнокии амалиро дар давраи муосир ҳал карда наметавонанд.

Ташаккули маърифатнокии амалӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар сурате таъмин мегардад, ки агар:

1) маърифатнокии амалии хонандагонро ҳамчун зинаи заминавии маълумот баррасӣ намоем, ки дараҷаи азхудгардии воситаҳои кор бо иттилоотро тавсиф намуда, барои ҳалли проблемаҳои воқеии ҳаётӣ, мутобиқгардӣ ба олами беруна мусоидат мекунад;

2) ба таркиби салоҳиятмандии касбии омӯзгор се ташкилдиҳандаҳои асосӣ – маърифатӣ, оператсионалӣ-технологӣ ва шахсиро шомил намоем, ки ба маърифатнокии амалии хонанда такя мекунанд;

3) мундариҷаи салоҳиятмандии касбии омӯзгорро дар самти ташаккули маърифатнокии амалии хонандагон дар раванди такмили ихтисос дар шароити кори методии дохилимактабӣ татбиқ намоем;

4) маҷмӯи шароитҳои ташкилӣ-педагогиро дар самти рушди салоҳиятмандии касбии омӯзгор ҷиҳати ташаккули маърифатнокии амалӣ дар хонандагон фароҳам оварем.

Салоҳиятмандии касбии омӯзгор дар соҳаи ташаккули маърифатнокии амалии хонандагон салоҳиятҳои педагогӣ, психологӣ, методологӣ ва инчунин салоҳиятҳои педагогро дар раванди таълим, танзими сифати ҳамкории «омӯзгор-хонанда», дар бар мегирад. Барои татбиқи маърифатнокии амалии хонандагон зинаҳои зерин пешбинӣ шудаанд: мубрамият (ҳадафгузорӣ), тартиб додани нақшаи кор, фарзия (пешгӯӣ), амалигардонӣ (табиқ), коркард ё худ ислоҳнамоӣ, рефлексия. Ҳар як зинаи таҳсилот бо дастрасии сатҳи омӯзиш тавсиф мeёбад. Ҳамзамон ҳар як зина бо маърифатнокии муайян тавсиф меёбад. Масалан, хонандагони зинаи ибтидоии таҳсилот бояд маърифатнокии ибтидоӣ (элементарӣ)-ро соҳиб бошанд; хонандагони зинаи миёнаи таҳсилот – бояд ба зинаи маърифатнокии амалӣ соҳиб бошанд; хонандагони зинаи болоии таҳсилот бошад, бояд соҳиби салоҳиятмандӣ бошанд. Қисмати таркибии мундариҷаи таҳсилоти муосирро муносибати инсондӯстона ташкил медиҳад, ки ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии хонандагонро, аз қабили худшиносӣ, худтатбиқнамоӣ, худмуайяннамоӣ ва амсоли ин дар назар дорад. Ба шарофати гуфтаҳои боло дар хонандагон арзишҳои инсонӣ, сифатҳои мусбати шахсӣ ва ғ. ташаккул меёбанд [6].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки маърифатнокии амалӣ – ин раванди соҳиб гаштани шахс ба салоҳиятҳои калидӣ буда, имконият фароҳам меорад, то донишҳои бадастомада дар ҳаёти ҳаррӯза самаранок истифода гарданд ва раванди мутобиқгардӣ ба шароитҳои иҷтимоӣ осон гардад.

Салоҳиятҳои калидӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо маҳоратҳои умумиилмӣ азхуд гарданд, балки инчунин ҷиҳати ворид гаштан ба ҳаёти калонсолона малакаҳои таҷрибаи иҷтимоӣ низ рушд дода шаванд. Ҳамин тариқ, ташаккули маърифатнокии амалӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки системаи салоҳиятҳои калидиро соҳиб гардида, тавассути онҳо бе ягон мушкилӣ ба ҷамъият мутобиқ гарданд.

Натиҷаи асосии таълими шахсият дараҷаи маълумотнокӣ ё худ ташаккулёфтагии маърифатнокии амалӣ мебошад, ки дар маҳорати муошират намудан, рушди малакаҳои иртиботӣ дар вазъиятҳои гуногуни стандартӣ ва ғайристандартӣ ифода меёбад. Маърифатнокии амалӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

- донистани маълумот, қоидаҳо, принсипҳо; азхуд намудани мафҳумҳо ва маҳоратҳои умумӣ, ки асоси маърифатии ҳалли масъалаҳои стандартиро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ ташкил медиҳанд;

- маҳорати мутобиқ гардидан ба олами тағйирпазир; маҳорати ҳалли низоъҳо, кор бо иттилоот; мукотибаи илмиро пеш бурдан; қоидаҳои бехатарии шахсиро дар ҳаёт истифода намудан;

- омода будан ба самтгирӣ аз арзишҳо ва меъёрҳои олами муосир; қабули махсусиятҳои ҳаёт ҷиҳати қонеъ намудани дархостҳои хеш; зимни интихоби бошуурона дараҷаи маълумоти худро баланд бардоштан.

Ҳар як соҳаи таълим дар рушди ҳама намудҳои маърифатнокии амалӣ ширкат мекунанд (маърифатнокӣ дар хониш ва навиштан, маърифатнокӣ дар фанҳои табиӣ, маърифатнокии математикӣ, маърифатнокии компютерӣ, маърифатнокӣ дар масъалаҳои ҳаёти оилавӣ, маърифатнокӣ дар масъалаҳои солимӣ, маърифатнокии ҳуқуқӣ ва ғ.).

Барои ташаккули маърифатнокии амалии хонандагон истифодаи технологияҳои фаъолиятӣ, рушддиҳанда, ба шахс нигаронидашуда зарур аст. Намудҳои зерини технологияҳои муосири таълимӣ мавҷуданд:

1) воситаҳои ташаккули хониши дуруст, ки имконияти ташаккули малакаҳои муайяни иртиботиро фароҳам меорад;

2) воситаҳои технологияҳои проблемавӣ – ин соҳиб гаштан ба донишҳои нав мебошад, ки маҳоратҳои ташкилӣ, зеҳнӣ, фикрӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳанд;

3) фаъолияти лоиҳавӣ, ки муаррифи (презентатсия)-и кори иҷрошударо дар назар дорад, барои рушди маҳоратҳои иртиботӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ мусоидат мекунад;

4) методҳои иртиботӣ, иттилоотӣ, ки рушди маҳоратҳои асосии зеҳниро, аз қабили таҳлил, таркиб, муқоиса, ҷамъбастнамоӣ, хулосабарорӣ ва ғ., таъмин менамоянд;

5) арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва амсоли ин.

Педагог восита ва методи мазкури таълимро интихоб намуда, метавонад дар хонандагон маърифатнокии амалиро ташаккул диҳад.

Раванди ташаккул ва рушди маърифатнокии амалӣ тавассути фаннҳои таълимӣ, бо дарназардошти донишу маҳорат ва малакаҳои фаннӣ, дар асоси ташаккули малакаҳои тафаккури интиқодӣ сурат мегирад. Ба сифати воситаҳои ташаккул ва инкишофи малакаҳои тафаккури интиқодӣ худи ҳамон маҳорату малака ва донишҳои фаннӣ баромад мекунанд, ки дар намуди супоришҳои таълимӣ пешниҳод мегарданд, шакли ташкили таълим бошад – вазъиятҳои проблемавӣ мебошад. Дар баробари ин, худи малакаҳои тафаккур ба сифати воситаи гузариш аз донишу маҳорат ва малакаҳо ба салоҳиятҳо, яъне ба маърифатнокии функсионалӣ, баромад мекунанд.

Барои арзёбии дараҷаи ташаккулёбии маърифатнокии амалӣ меъёрҳои маърифатнокии амалӣ истифода мегарданд. Зимни таҳлили таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ (Т.К. Акатова, И.А. Зимняя, Ю.Г. Фокин, В.Д. Шушкунов, О.Е. Лебедев ва ғ.) ба сифати меъёрҳои ташаккулёбии маърифатнокии амалӣ меъёрҳои ҳамгирои маърифатнокии амалӣ баромад мекунанд. Ба онҳо зеринҳо шомиланд: меъёри маромӣ, меъёри маърифатӣ (когнитивӣ), меъёрҳои фаъолияти ва рефлексивӣ.

***Меъёри маромии*** маърифатнокии амалӣ дар тасаввуроти арзишӣ-маъногӣ ба мундариҷа ва натиҷаи фаъолияти маърифатии хонанда, дар маромнокии мусбат ба зуҳуроти салоҳиятмандӣ ифода меёбад. Меъёри маромӣ аз ҷониби хонандагон фаҳмида шудан ва мусбат арзёбии гаштани ҳадафҳои ташаккули маҳоратҳо, муътақид гаштани хонандагон ба муҳиммияти иҷтимоии худ, дар хонандагон рушд додани қобилияти дар дилхоҳ вазъият қабул намудани қарор, мавҷудияти мароқи маърифатӣ дар хонандагонро инъикос мекунад. Мавҷудияти меъёри мазкур аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ мегардад: талабот ба маърифат, мавҷудияти мароми ба даст овардани маҳорату малака ва донишҳо ва амсоли ин.

***Меъёри маърифатӣ (когнитивӣ)*** системаи донишҳо оид ба воситаҳо ва усулҳои фаъолиятҳое мебошад, ки барои омӯхтани ягон ашё ё зуҳурот заруранд. Меъёри мазкур дар мустаҳкамӣ ва мукаммаллии донишҳо оид ба методҳо ва воситаҳои иҷрои амалҳо ифода меёбад. Мустаҳкамии дониш дар нигоҳдорӣ ва дар лаҳзаи зарурӣ ифоданамоии он зоҳир мегардад. Мукаммалии дониш дар маълумот оид ба аломату хусусиятҳои зуҳурот ё раванди омӯхташаванда ифода меёбад.

***Меъёри фаъолиятӣ*** ба хонандагон имкони иҷрои фаъолияти мустақилона ва эҷодӣ, ҳамчунин андӯхтани таҷрибаи фардии муоширатро фароҳам месозад. Меъёри мазкури маърифатнокии амалӣ дар иҷрои фаъолияти мустақилона ва илмӣ-таҳқиқотӣ, мавҷудияти маҳорату малакаҳои интихоби методҳо ва воситаҳои фаъолияти лоиҳасозӣ ифода меёбад, ки ба такмили салоҳиятҳои маърифатӣ ва таълимӣ мусоидат мекунанд.

***Меъёри рефлесивӣ*** дар маҳорати таҳлил намудани маҳсули фаъолияти таълимӣ, раванди таълим ифода меёбад. Ба сифати нишондиҳандаи муҳимми меъёри рефлесивӣ маҳорати таҳлилу ҷамъбастнамоӣ ва хулосабарорӣ, натиҷагирирӣ аз раванди фаъолияти фикриро ном бурдан мумкин аст.

Барои ташаккул ва рушди муваффақонаи маърифатнокии амалӣ, салоҳиятҳои калидӣ ва фаннӣ дар раванди машғулиятҳои таълимӣ шароитҳои зеринро риоя намудан зарур аст:

- таълим бояд хусусияти фаъолиятиро соҳиб бошад (яке аз вазифаҳои асосии таълим – дар хонандагон ташаккул додани маҳорати иҷрои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ-маърифатӣ маҳсуб меёбад);
- барномаи таълимӣ бояд бо дарназардошти шавқу рағбатҳои фардии хонандагон ва талаботи онҳо ба рушдёбӣ таҳия гардад;
- хонандагон бояд иштирокчиёни фаъоли раванди омӯзиши маводи нав бошанд;
- раванди таълим бояд ба рушди мустақилият ва масъулияти хонада аз натиҷаи фаъолияти худ равона бошад;
- дар фаъолияти таълимӣ бояд шаклҳои самараноки кори гурӯҳӣ истифода гарданд;
- муассисаи таҳсилотти миёнаи умумӣ бояд фаъолона таҳқиқоти хонадагонро дар самти масъалаҳои мураккаби глобалӣ дастгирӣ намояд.

Дар баробари ин, барои таъмини самаранокии ташаккули маърифатнокии амалӣ дар хонандагон педагогҳоро мебояд аз технологияҳои махсуси таълимии фаъол, фаъолиятӣ, «субъект-субъектӣ», ба шахс нигаронидашуда, рушддиҳандаи зеин истифода баранд:

- технологияи проблемавӣ-муколамавии азхуднамоии донишҳои нав, ки имконият медиҳанд маҳоратҳои ташкилӣ, зеҳнӣ, мустақилона ташкил намудани фаъолияти таълимӣ ва амсоли ин дар хонандагон ташаккул дода шавад;
- технологияи ташаккули фаъолияти хониши дуруст, ки барои рушди маҳоратҳои муҳимми иртиботӣ замина мегузоранд;
- технологияи фаъолияти лоиҳасозӣ, ки барои ташаккули маҳоратҳои ташкилӣ, зеҳнӣ (интеллектуалӣ), иртиботӣ, ва арзёбикунанда замина фароҳам месозад (омода намудани айёниятҳои гуногун, амсилаҳо, ташкил ва гузаронидани намоишгоҳҳо, викторинаҳо, озмунҳо, саҳначаҳо, таҳқиқоти хурд, ки муаррифинамоии ҳатмии натиҷаҳоро дар назар дорад);
- омӯзиш дар заминаи «вазъиятҳои таълимӣ», ки вазифаи онҳо дар фароҳам овардани шароит ҷиҳати амалкарди хонадагон ифода меёбад;
- тафриқаи зинагии таълим, ки истифодаи он ба услуби ҳамкории миёни омӯзгору хонанда тағйироти муайян ворид месозад (хонанда – ин ҳамсонест, ки ҳуқуқи қабули қарор оид ба мундариҷаи таҳсилоти худ, дараҷаи азхуднамоии он ва асмоли инро соҳиб аст), вазифаи асосии омӯзгор бошад, ба хонанда дар қабули чунин қарорҳо ва иҷрои онҳо кӯмак намудан аст.
- технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, ки истифодаи онҳо имконият медиҳад асоси чунин маҳоратҳои муҳимми зеҳниро аз қабили муқоиса ва ҷамъбастнамоӣ, таҳлил ва таркиб ва ғ. таҳким бахшем;
- технологии арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва ғ.

Чуноне ки маълум аст, асосҳои маърифатнокии амалӣ дар зинаи ибтидоии таҳсилот гузошта мешавад, зеро дар ин давра омӯзиши бошиддати намудҳои гуногуни фаъолияти

нутқӣ аз қабили навиштану хондан, сухан гуфтан ва гӯш намудан, ташаккули усулҳои фаъолияти математикӣ сурат мегирад.

Ҳангоми таълим ба он диққат додан зарур аст, ки маҳорати фикрии ҳар як кӯдак тавассути чунин амалҳои фикрӣ ба монанди таҳлил, таркиб, муқоиса, ҷамъбастнамоӣ, таснифот, хулосабарорӣ, басистемадарорӣ, раднамоӣ, маҳдуднамоӣ ва амсоли инҳо рушд дода шавад. Ба ташккули маърифатнокии амалӣ дар дарсҳо супоришҳое метавонанд кӯмак намоянд, ки ба дараҷаи усулҳои мантиқии таксономияи Блум мувофиқанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

**Усулҳои мантиқӣ дар дарсҳо мувофиқи таксономияи Блум**

| **Усулҳои мантиқи** | **Намунаи супоришҳо** |
|---|---|
| Дараҷаи 1 – дониш | Тартиб додани рӯйхат, ҷудо намудан, нақл намудан, нишон додан, номбар намудан |
| Дараҷаи 2 – фаҳмиш | Тавсиф намудан, шарҳ додан, муайян намудани аломатҳо, бо дигар тарз тасвият намудан |
| Дараҷаи 3 – истифодабарӣ | Исифода намудан, намоиш додан, ҳал кардан |
| Дараҷаи 4 – таҳлил | Таҳлил намудан, санҷидан, озмоиш гузаронидан, ташкил намудан, муқоиса намудан, фарқиятҳоро ошкор сохтан |
| Дараҷаи 5 – таркиб | Офаридан, интихоби ороиш (дизайн), таҳия намудан, мураттаб намудани нақша |
| Дараҷаи 6 – арзёбӣ | Далел овардан, нуқтаи назари хешро ҳимоя намудан, исбот намудан, пешбинӣ намудан |

Зинаҳои маърифатнокии амалии хонандагонро ба тариқи зерин тавсиф додан мумкин аст:

1) *мақсадгузорӣ:*
- аз ҷониби хонанда дарк гаштани талабот ва қобилият ба худтатбиқнамоӣ;
- бавуҷуд омадани завқи таълимӣ-маърифатӣ;
- соҳиб гаштан ба усулҳои кори мустақилона;
- дарк намудани истилоҳҳо, мафҳумҳо, маҳорату малакаҳои фарофанӣ.

2) *банақшагирӣ:*
- қобилияти самтгирӣ намудан дар шарти супориши таълимӣ;
- ҷудо намудаи усули ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ.

3) *қабули қарор:*
- интихоби гунаи беҳтарин барои ҳалли супориши таълимии гузошташуда;
- таҳлили нақшаҳои фаъолият.

4) *иҷроиш:*
- маҳорати кор бо матн, тасвир, схема ва нақша.

5) *арзёбии натиҷаҳо:*
- худбаҳодиҳии маҳорату малакаҳои фарофаннӣ, худбаҳодиҳӣ.

Дар натиҷаи муайян намудани нишондиҳандаҳои зинагии мазкур маҳорату малакаҳои таълимии ба қадри зарурӣ ташаккулнаёфтаи хонандагон дар ҳар як марҳилаи ташаккули маърифатнокии амалӣ ошкор мегрданд. Натиҷаи бадастомада барои омӯзгор ҷиҳати таҳияи супоришҳои инфиродии гуногунсатҳ ба сифати асос хизмат мекунад. Барои хонанда чунин худтаҳлилнамоӣ ҷиҳати кори бошуурона дар самти бартарафнамоии норасогиҳо дар таълим, баланд бардоштани сатҳи давомоти таълимӣ, ба сифати асос баромад мекунад. Хонандагон мустақилона ҳадафҳои нави маърифатиро тасвият менамоянд, ки аз доираи талаботи барномаи таълимӣ берун аст. Фаъолияти таълимӣ шакли таҳқиқоти фаъолро соҳиб мегардад.

Ҳамин тариқ, барои таҳқиқу баррасии масъалаи маърифатнокии амалии хонандагон ва дар ин зимн ташаккул додани он ҳалли вазифаҳои зерин мувофиқи мақсад хоҳад буд:

- омӯзиши вазъияти проблемаи ташаккул ва арзёбии маърифатнокии амалии хонандагон дар назария ва амалияи таълими муосир;

- муайян намудани асосҳои методологӣ-назариявии ташаккул ва арзёбии маърифатнокии амалии хонандгон;
- муайян намудани методҳо ва принсипҳои муттасилии рушди маърифатнокии амалии хонадагон;
- лоиҳасозии мундариҷаи супоришҳои таълимӣ ҷиҳати ташаккули маърифатнокии амалӣ;
- коркарди тавсияҳои методӣ ҷиҳати ташаккули маърифатнокии амалии хонандагон дар сатҳи таҳсилоти асосии миёна.

**АДАБИЁТ**


1. Акатова, Т.И. Языковая функциональная грамотность и языковая культура студентов: Психолого-педагогический аспект: монография / Т.И. Акатова. – М.:ИТК «Дашков» и К, 2006. – 237 с.
2. Даль, В.И. Тольковый словарь живого великорусского языка: в 4-х т./ В.И. Даль. – М., 1978. – Т. – С. 390.
3. Зимняя, И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата образования / И.А. Зимняя // Высшая школа. – 2004. – №6. – С. 57-63.
4. Константинова, С.И. Формирование учебно-познавательной компетентности у учащихся старшой профильной школы (на материале английского языка): дис. канд. пед. наук. – СПб., 2006.
5. Лебедев, О.Е. Образованность учащихся как цель образования и образовательный результат / ОюЕ. Лебедев // Контролькачества и оценка в образовании: мат. межд. конф. – СПб.: Издво РГПУ им. А.И. Герцена, 2003. – С. 113-129.
6. Фокин, Ю.Г. Теория и технология обучения: деятельностный подход: учеб. пособие для студ. вузов / Ю.Г. Фокин. – М.: «Академия», 2006. – 240 с.
7. Шушкунов, В.Е. Инновационное образование / В.Е. Шушкуноа, В.Ф. Взятышев, Л.И. Романкова // Высшее образование в России. – 1994. - № 2.


## НАҚШИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***АМИРОВ Саидмуҳаммад Довудович*** *– омӯзгори кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.* ***E- mail:*** *amir8582@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 907 25 08 82*

Дар мақолаи мазкур муаллиф хонандаро бо нақши таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ дар ташаккули салоҳияти касбии омӯзгориояндаи забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос менамояд. Инчунин оиди мушкилотҳои таҷрибаи омӯзгор, сифати омодагии касбӣ, ташаккули сифатҳои шахсии донишҷӯён, рушди маънавии шахсияти онҳо, ташаккули салоҳиятҳои омӯзгории онҳо низ маълумоти пурра додааст. Мавзуи мазкур аз ҷониби муаллиф дар оянда низ таҳқиқ карда мешавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *мутахассиси салоҳиятнок, фаъолияти пайваста, ташаккули салоҳияти касбӣ, донишҳои назариявӣ, муҳити муайян, шахсияти омӯзгори оянда, таҷрибаи омӯзгорӣ, асоси мавқеи инноватсионӣ, мақсад ва вазифа.*

## РОЛЬ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОПЫТА В ФОРМИРОВАНИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

***АМИРОВ Саидмухаммад Довудович*** *– преподователь кафедры английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***E-mail:*** *amir8582@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 907 25 08 82*

В данной статье автор знакомит читателя с ролью педагогической практики в формировании профессиональной компетенции будущего преподавателя английского языка в средних общеобразовательных школах Республики Таджикистан. А также передаёт информацию о проблемах практики педагога, качестве преподавательской подготовленности, формировании личных качеств студентов, об их личностном духовном развитии и педагогической компетентности. Данная тема будет исследована автором и в дальнейшем.

***Ключевые слова:*** *компетентный специалист, непрерывная деятельность, формирование профессиональной компетенции, теоретические знания, определённая среда, личность будущего преподавателя, педагогическая практика, основа инновационной позиции, цель и задача.*

## THE ROLE OF PEDAGOGICAL EXPERIENCE IN FORMING THE PROFESSIONAL COMPETENCE OF THE FUTURE ENGLISH TEACHER

***AMIROV Saidmuhammad Dovudovich*** *– lecturer chair of english language Tajik State Pedogogical University named after S. Ayni.* ***E- mail:*** *amir8582@mail.ru,* ***phone*** *(+992) 907 25 08 82*

In this article, the author introduces the reader to the role of pedagogical practice in the formation of the professional competence of a future English teacher in secondary schools of the Republic of Tajikistan. It also conveys complete information about the problems of teacher practice, the quality of teaching readiness, the formation of students' personal qualities, their personal spiritual development and pedagogical competence. This topic will be explored by the author in the future.

***Keywords:*** *competent specialist, continuous activity, the formation of professional competence, theoretical knowledge, a certain environment, the personality of the future teacher, pedagogical practice, the basis of an innovative position, purpose and task.*

Ҳангоми дида баромадани раванди ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ мо ин корро аз нуктаи назари педагогика мувофиқи диди ташаккули ҷаҳонбинии инсонпарварона, таҳлили як қатор муносибатҳоро барои дарки моҳияти ҷанбаҳои ахлоқии раванди таълим анҷом медиҳем, ки аз ҷумла тайёрии касбии омузгорони оянда ба ҳисоб меравaнд.

Барои олимон ва таҷрибаомузон дар соҳаи педагогика таҷрибаи омӯзгорӣ ва моҳияти раванди ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор ҳамеша муҳим буд, бинобар ин мо мешуморем, ки вазифаи омӯзиши хусусиятҳои таъмини раванди педагогии ташаккули сифатҳои шахсӣ ва касбии донишҷӯёни ихтисосҳои забонӣ, ки барои касбиояндаи онҳо аз аҳамияти вежа бархурдор аст, тавассути гузаштани таҷрибаи педагогӣ ва фароҳам овардани шароит барои татбиқи самараноки ин раванд мусбат арзёбӣ мегардад. [4, С.12].

Ба таври умум эътироф шудааст, ки таҷрибаи педагогӣ ҷузъи раванди ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор мебошад ва дар айни замон шакли асосӣ, восита ва меъёри муҳими такмили самараноки касбӣ ва шахсии омӯзгори оянда низ мебошад.

Аммо дар баробари норасоии вақте, ки дар доираи раванди таълим барои таҷрибаи омӯзгорӣ ҷудо карда мешавад, новобаста ба ин муҳимияти махсуси он таваҷҷӯҳ ба зуҳури мустақилияти донишҷӯ зоҳир мегардад, ки ифодаи хоҳиши ӯ ба худшиносӣ тавассути фаъолияти эҷодӣ- илмӣ ва худомӯзӣ мебошад. Чунин сифатҳои шахсиро, ба монанди доштани қобилияти гузоштани ҳадаф ва вазифаҳо, мустақилона азхуд кардани малака ва донишҳои зарурӣ, худро идора кадан, хоҳиши ворид кардани тағйироти мусбӣ дар воқеияти атроф, ки дар якҷоягӣ барои фаъолияти бомуваффақияти касбии омӯзгори забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои хуб фароҳам меорад.

Аз ин лиҳоз, бояд шаклу шароитҳои зарурӣ барои ташкили самараноки таҷрибаи омӯзгорӣ тавре ба роҳ монда шуда бошад, ки мубрамияти фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ дар раванди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дар асоси мавқеи инноватсионӣ, эҷодкоронаи донишҷӯе, ки дар марҳалаи таҷрибаомӯзӣ қарор дорад ҳамоҳанг бошад. Ҳамзамон барои иҷрои вазифаҳои касбии худ, ки яке аз омилҳои асосии ташаккули маҳорати фаъолияти мустақилонаи илмию эҷодии ӯ ҳамчун ҷузъи муҳими раванди табдил ёфтани мутахассиси салоҳиятнок мегардад, ёрӣ расонад. [6, С. 24].

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили назариявии доираи васеи муносибатҳо оид ба масъалаҳои ташаккули маҳорати фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ дар илми педагогикаи ватанӣ, мо тағйиротҳои мавҷудбудаи муносибатҳоро ба худи мундариҷаи ин мафҳум ошкор намудем. Ин муайянкунӣ бо вазъи тағйирёбандаи илму маърифат ва ғанӣ гардидани таҷрибаи таъмини методии таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯёни макотиби олии педагогӣ асоснок карда шудааст. [9, С. 68].

Муҳаққиқон (П.И.Пидкасистый, Н.Ю.Лейкина, Ю.Б.Зотов, В.К.Буряк ва диг.), кушиш менамоянд муносибатҳои байни мафҳумҳои фаъолияти мустақилона ва кори мустақилонаро муайян намоянд ва бештар кори мустақилонаро дар матни зуҳуроти сифатҳои шахсии таълимгиранда дар доираи иҷро намудани фаъолияте, ки аз ҷониби худи ӯ ё ин ки омӯзгор амалӣ мегардад дида бароянд.

Дар баробари ин, чуноне ки таҳлили натиҷаҳои муайянкунии давраи таҳқиқоти санҷишӣ нишон медиҳад, то оғози таҷрибаи педагогӣ на ҳама донишҷӯёни муассисаҳои олии педагогӣ дорои малака ва усулҳои фаъолияти ташаккулёфтаи худомӯзӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ буданд, ки бояд ба талаботҳои ҳозиразамон ҷавобгӯ бошанд. Онҳо малакаи ташаккулёфтаро дар сатҳи лозимии кор бо иттилоот, фаъолияти мустақилона, ки барои ҳал намудани вазъиятҳои мушкилотии педагогӣ бошанд, надоранд ва ба мутахассиси ҷавон дар раванди фаъолияти таҷрибаомӯзӣ имкон намедиҳад то дар сатҳи лозимӣ малака ва маҳорати додани дониши худро ба таълимгирандагонаш омӯзонад. [8, С. 78].

Ба ақидаи мо, ин боиси он мегардад, ки услуби таълими фанҳои педагогика ва равоншиносӣ таъмини сатҳи зарурии ташаккулёбии салоҳияти касбиро дар доираи таъсиси фаъолияти мустақилона ва таълимӣ ба омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ имкон намедиҳад.

Ин, ғолибан ба он алоқаманд аст, ки донишҷӯёни ихтисосҳои забоншиносӣ донишро дар муассисаҳои таълимоти таҳсилоти умумӣ дар сатҳи лозимӣ нагирифтаанд. Ба ибораи дигар, мо ба номутобиқии байни ду мафҳум дуҷор мешавем: яке дарк намудани- чи гуна бояд рафтор кард ва дигар-бо ахлоқи намунавии ба вуҷуд овардае, ки ин донишҳо ба онҳо мутобиқ нестанд.

Серҷабҳагӣ ва масъалаҳои мураккаби мушкилоти муоинашавандаро хотирнишон намуда, бояд ба як ҷиҳати дигари он диққат намуд, ки ин албатта муносибати ташаккули мустақилияти фаъолияти илмӣ ба тавсифи шахсият, ки дар донишҷӯён дар раванди таҷрибаи омӯзгорӣ инкишоф меёбад, таваҷҷуҳ бояд зоҳир кард.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки худшиносии шахс дар муҳити муайяни таълимии мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ва муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули фаъолияти мустақилонаи ҷанбаи илмӣ-эҷодӣ, ҳатман дар давраи гузариши таҷрибаи омӯзгории донишҷӯён сурат мегирад.

Ин раванд дарки донишҷӯёнро оиди мафҳуми пурмазмун, маъно ва вазифаҳое, ки дар назди таҷрибаомӯзӣ меистанд, эътирофи худ ҳамчун субъекти асосии амалисозии ин фаъолият тавассути аз худ кардан ва фаҳмидани шакл ва усулҳои ташаккули он дар шакли фардӣ ва дар рафти ҳамкории гуруҳӣ бо иштироки ҳамаи субъектҳои раванди мазкур дар бар гирифта мешаванд. [2, с.55].

Яке аз хусусиятҳои маълумоти омӯзгорӣ дар он аст, ки маводи таълимие, ки донишҷӯён аз худ мекунанд, дар айни замон воситаи ташаккули шахсияти омӯзгори оянда низ мебошад.

Омилҳои ташаккули сифатҳои касбии муаллими ояндаи забони хориҷиро дар раванди гузариши таҷрибаомӯзии педагогӣ чунин мешуморем, ки шароитҳои созандаро ба донишҷӯён ба вуҷуд оваранд лозим аст, ки ин инъикоси фазои субъективии ҳаёти онҳо мебошанд (У Лер, Х.Томэ, Л.И. Антсиферова).

Дар асл, дар рафти гузариши таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъол дастурҳои ҳаётии худ ва аломатҳои зиндагии худро амалӣ мегардонад. Дар назди худ мақсад ва вазифа мегузорад, дар қабул кардани қарорҳо мустақилият нишон медиҳад ва мавқеи худро нисбат ба фаъолияти касбӣ ва тафаккури касбӣ ташаккул медиҳад.

Мо дар таҳқиқоти худ ба маҷмӯи хислатҳои асосии шахсияти омӯзгори оянда ҳамчун субъекте, ки қобилияти эҷод кардан, куллан тағйир додан, мавқеи фаъолро зоҳир кардан; мустақилият аз таъсири беруна ва ғайра, ки дар таҳқиқоти Н.К. Сергеева ва Н. Зимней баррасӣ шудаад нишон додем [3].

Ташаккули хислатҳои касбии омӯзгор на танҳо барқарорӣ ва такмили сохти шахсиятии ӯро пешниҳод мекунад, балки якҷоякунии хусусиятҳои шахсиятӣ ва хислатҳои хоси ӯро пурра ботартиб

тавсия мекунад. Бо ақидаи Ломов Б.Ф., нақши асосӣ дар ин якҷоякунии раванди ташаккули шахсият шиносо будани ӯ бо дараҷаи фаъолии шахсият, қобилияти ӯро ба муносибатҳои интихобӣ муайян мекунад [7].

Ба ақидаи мо дараҷаи омодагии мотиватсионии донишҷӯёнро ба фаъолияти оянда ба ҳайси омӯзгори фанни забони хориҷӣ аз нуқтаи назари маҷмӯи салоҳиятҳои ташаккул ёфта дида баромадан лозим аст.

Яке аз хусусиятҳои муҳими таҷрибаомӯзии педагогӣ ин муайян ва аниқ будани он мебошад, ки онро аз таълими назариявӣ бештар фарқ кардан мумкин аст. Бешубҳа, он яке аз рукнҳои фаъолияти маърифатӣ ба шумор меравад. Зеро он ба пурра ва илова намудани донишҳои назариявии дар синфхона аз худ кардаи омӯзгори оянда дар раванди тадрис, барои фаъолгардонии ҷустуҷӯи илмӣ, умумигардонӣ ва таҳлили таҷрибаи омӯзгории аз худ карда, пурра дарк намудани аҳамияти иҷтимоии касби омӯзгорӣ, ташаккул додани комплекси ягонаи малакавӣ ва маҳоратии касбӣ, рушди рағбати такмили шахсиятӣ ва касбиро ба онҳо имкон медиҳад.

Ташаккули муаллими ояндаи забонҳои хориҷиро метавон аз нуқтаи назари рушди худшиносӣ дида баромад, аммо ташкили таҷрибаомӯзии педагогиро аз мавқеъи фароҳам овардани шароите баррасӣ бояд кард, ки ба мутахассиси оянда имкон диҳад, ки қобилияти дохилии худро ошкор намояд ва инкишоф диҳад.

Ҳамин тариқ, тахти ташаккули сифатҳои касбии омӯзгори оянда мо фаъолияти пайвастаи амалӣ ва маънавии шахсро дар назар дорем, ки ба худшиносӣ ва дарки нақши худ дар ҷомеа ва эътироф намудани иқтидори худ нигаронида шудааст [5, С.96].

Татбиқи шартҳои дар боло зикршуда барои рушди маънавии шахсияти донишҷӯён, ташаккули салоҳиятҳои омӯзгории онҳо ва саъю кушиш ҳамчун сифатҳои асосии интегративии омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ барои шароити мусоид фароҳам овардан имкон медиҳад. Асоси таҳқиқоти таҷрибавии мо муайян ва асосноксозии хусусиятҳои раванди ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [7, с.77].

Ҳамин тариқ, бо таҳқиқоти худ мо кӯшиш кардем, ки илми омӯзгориро тавассути омӯзиши амиқи масъалаҳои омодагии умумии педагогии омӯзгорони оянда ба фаъолияти таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташаккули сифатҳои шахсии онҳо, ки дар фаъолияти педагогӣ нақши муҳим мебозанд бо асосҳои илмӣ-педагогии раванди тайёрии касбии омӯзгорон мукаммал гардонем.

Дар баробари ин бояд ба амалан вуҷуд надоштани таҳқиқотҳое, ки мушкилотҳои самараноки таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни ихтисосҳои забоншиносӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти омӯзгории ояндаи онҳо, инчунин он шароитҳое, ки ба таҷрибаи омӯзгорӣ ба дараҷаи олӣ баланд бардоштани сатҳи сифати омодагии касбии омӯзгорониояндаро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият медиҳад, мавриди тадқиқоти ҷиддӣ қарор бояд дод.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Акимова, Т.Н., Лисицинская, А.В., Профессиональная компетентность педагога как приоритетное направление реформирования системы образования // Проблемы современного педагогического образования. 2018. №58-4. – С. 77.

2. Андреенко, Т.Н., Курсы по выбору как эффективный инструмент совершенствования профессиональной компетентности будущих учителей иностранного языка // Современное педагогическое образование. 2020. №2. – С. 55.

3. Зимняя, И.А., Сергеева, Н. К. Педагогическая психология: учебник / – Издание 2-е, дополненное, исправленное и переработанное. – Москва: Логос, 2008. – 384 с.

4. Каббасова, А.Т. Метапредметный подход в изучении английского языка в педагогическом вузе // Grand Altai Research & Education. 2018. №2. – С. 12.

5. Кузнецов, Д.В., Ялалов, Ф.Г. Многофункциональность педагогической деятельности учителя английского языка // КПЖ. 2020. №3 (140). – С. 96.

6. Левринц, М.И., Развитие методической компетентности будущих учителей иностранных языков в университетах США // Хуманитарни Балкански из следвания. 2020. №1 (7). – С. 24.

7. Ломов, Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии. - М., 1984.- 444 с.

8. Хашегульгова, Ж.А. Модель формирования коммуникативной компетентности будущего учителя английского языка // МНКО. 2018. №5 (72). – С. 78.

9. Пушкарева, М.П., Иностранная художественная литература как средство формирования поликультурной компетентности будущих учителей английского языка // Вестник Шадринского государственного педагогического университета. 2020. №1 (45). – С. 68.

УДК:37+373(2-тоҷ)
ББК:74.1(2-тоҷ)
Г-44

## ТАШАККУЛИ РАФТОРИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ТАВАССУТИ ШАРТҲОИ ПЕДАГОГӢ

***ГИЁЕВ Абдуназар Худойназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони муосири русии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16, Тел: (992) 988512434*

***ШАРИПОВ Бахтовар Файзович** – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16,* ***тел.:*** *+(992)944 18 19 20*

Яке аз муҳимтарин шартҳои ташаккули самарабахши рафтори иҷтимоии бачагони хурдсол «ба дараҷаи тайёрии иҷтимоию фарҳангии мактаббачагон, инчунин хусусиятҳои онҳо вобаста аст». Омӯзиш ва таҳлили дараҷаи илмии коркарди илмии проблемаи ташаккул ва инкишофи рафтори иҷтимоии кӯдакони хурдсол нишон медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни ин масъала дар педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф шароити наверо муайян кардан лозим аст, ки таълиму тарбия дар мамлакати мо минбаъд ҳам амал карда, инкишоф ёфта тавонад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *иҷтимоӣ, ахлоқ, тарбия, психология, педагогика, рафтор, тарбия, маҳорати педагогӣ, салоҳият, шахсият, раванди педагогӣ, ангезиш.*

## ФОРМИРОВАНИЕ СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОГО ПОВЕДЕНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ СРЕДСТВАМИ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ УСЛОВИЙ

***ГИЁЕВ Абдуназар Худойназарович** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры современного русского языка Кулябского государственного университета имени А.Рудаки,* ***г.****Куляб, ул. С. Сафарова, 16, тел.: +(992) 988512434*

***ШАРИПОВ Бахтовар Файзович** – кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры дошкольного образования и социальной работы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16,* ***тел.:*** *+(992)944 18 19 20*

Одним из важнейших условий эффективного формирования социального поведения детей раннего возраста является опора на уровень социокультурной и этнокультурной подготовленности школьников, а также их особенности. Изучение и анализ степени научной разработанности проблемы формирования и развития социального поведения детей раннего возраста показывает, что различные аспекты этой проблемы изучались в отечественной и зарубежной педагогике. По мнению автора, назрела необходимость выявления новых условий, при которых образование и воспитание в нашей стране продолжають развиваться.

***Ключевые слова***: *социальный, нравственность, воспитание, психология, педагогика, поведение, воспитание, педагогическое мастерство, компетентность, личность, педагогический процесс, мотивация.*

## FORMATION OF SOCIO-CULTURAL BEHAVIOR OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN BY MEANS OF PEDAGOGICAL CONDITIONS

***GIYOEV Abdunazar Khudoinazarovich*** – *candidate of Pedagogical Sciences, docent of the chair of modern russian language of the Kulyb State University named after A. Rudaki, Kulyb, S. Safarov, st.16,* ***Phone:*** *+(992) 988512434*

***SHARIPOV Bakhtovar Fayzovich*** – *Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Preschool Education and Social Work of the Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Kulyab, st. S. Safarova, 16,* ***Phone:*** *+(992) 944 18 19 20*

One of the most important conditions for the effective formation of the social behavior of young children is «reliance on the level of sociocultural and ethnocultural preparedness of schoolchildren, as well as their characteristics». The study and analysis of the degree of scientific development of the problem of the formation and development of social behavior in young children shows that various aspects of this problem have been studied in domestic and foreign pedagogy. According to the author, there is a need to identify new conditions under which education and upbringing in our country can continue to function and develop.

***Key words:*** *social, morality, education, psychology, pedagogy, behavior, education, pedagogical skills, competence, personality, pedagogical process, motivation.*

***Фарзанд агар ба чашм зишт аст,***
***Наздики падар накӯсиришт аст.***

Таълиму тарбияи фарзанд аз қадимулаём то замони муосир яке аз бузургтарин вазифаи падару модар ба ҳисоб меравад.

Дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» фаъолият мекунад, ки ин қонун 2-уми августи соли 2011 таҳти 762 қабул карда шудааст. Мақсад аз қабули қонуни мазкур беаҳмият набудани волидон дар таълиму тарбияи фарзандон мебошад. Тарбияи фарзанд аз рӯзи чашм ба олами ҳастӣ кушоданаш оғоз меёбад.

Чӣ тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба наслҳои имрӯзу ояндаи кишвар нигаронида шудааст, зеро масъулият барои сарнавишти Ватан ва ояндаи миллат дар навбати аввал маҳз ба насли ҷавон хоҳад гузашт. Биноан, вазифаи муқаддаси мо ба камол расонидани насли ҳаматарафа солим, соҳибмаълумот, бунёдкор, неруманд ва миллатдӯсту меҳанпараст мебошад. Таълиму тарбияи фарзанд, ки масъалаи мубрами рӯз аст, дар гузашта низ дар madди назари аҳли ҷомеа, бахусус мутафаккирону хирадмандон, қарор дошт, зеро тарбия ва таълим насли наврас дар ҳама давру давру замон раванди ниҳоят масъулиятнок ва ҷиддӣ буда, тақдири кӯдак ва насли ояндаи ҷомеа аз сифати он вобаста аст. [8].

Маҳз оиди мавзӯи дар боло зикр гардида дар таълиму тарбияи фарзанд метавон аз суханронии Асосгузори сӯлҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун дастури тарбиявӣ истифода бурд, ки мефармоянд: «Мо бояд як чизро дарк намоем, ки дар тарбияи инсон пеш аз ҳама ва беш аз ҳама оила нақш мегузорад ва ҷараёни ташаккули ҳамаи хислатҳои неку бади инсон асосан дар оила ибтидо мегирад. Ба дарки ин масъала падару модарон бояд масъулияти бузургро, ки дар тарбияи фарзандони худ ба дӯш доранд, пурра эҳсос кунанд».

Қонуни мазкур волидонро дар тарбияи дурусти фарзандон беаҳамият намегузорад, тибқи ин қонун волидон ба амалҳои ғайриқонунии фарзандон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҳарчанд аз қабули қонуни мазкур 11- сол гузашта бошад ҳам дар ҷомеаи имрӯзаи мо метавон баъзе ҷавонони қонуншиканро вохурд, ки амалҳои онҳо дорои характерҳои гуногун ба монанди хуруфотпарасти, экстремистӣ, бегонапарасти ва ғ. мебошанд.

Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ дар мавриди тарбияи фарзанд фармудаанд, ки тарбияи дурусти фарзанд аз волидон вобастагии калон дорад.

Дар мақола шартҳои муҳими ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол бо такя ба сатҳи омодагии иҷтимоию фарҳангӣ, этнофарҳангӣ ва хусусияти онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок барраси ва таҳқиқ гардидааст. Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол аз тарафи олимони бузурги педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ омӯхта шуда адабиётҳои гуногуни илми маҳфӯз боқи мондааст. Дар замони муосир, ки илму техникаи компютери бо суръат пеш рафта истодааст зарурати муайян намудани шартҳои нав дар ҷомеа пайдо мегардад, ки метавон зимни онҳо таълиму тарбияро минбаъд ба роҳ монд.

Зери мафҳуми шартҳо «сабабҳо, вазъият, омилҳои муайянкунандаи ин ё он равандро» мефаҳмем; ҳамчунин, «омил - сабаб аст, аммо пеш аз он ки сабаб гардад, метавонад натиҷа низ бошад», «омил - сабаб, қувваи ҳаракатдиҳандаи раванди рӯйдиҳанда» [12, с. 729].

Мафҳумҳои «шарт, шароит» ба мафҳуми «омил» наздик буда, ҳангоми муайян намудани шартҳои педагогӣ ба ангезиши раванди ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол мусоидат менамоянд. Дар ин сурат мо онҳоро ҳамчун омилҳо, вазъият, воситаҳои фаъолияте маънидод карда метавонем, ки натиҷабахшии раванди педагогӣ ба ҳалли вазифаи мазкур равонашударо такмил дода метавонанд.

Ханӯз оғози солҳои 90-уми асри гузашта дар баробари тамоюлҳои мусбат бознигарии идеалҳо, дигаргуншавии низоми арзишҳои анъанавӣ, милли, бекурбшавии асъор, куч бастани миллатҳои дигар ба хориҷи кишвар, вайроншавии назорати рафтори ҷамъиятӣ, ва ғайраҳо, шаклдигаркунии асосҳои ахлоқии зиндагиро ба миён овард. Дигаргунсозиҳо ва таҷдиди куллии хусусият, тарз ва шартҳои фаъолияти педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касби таълиму тарбияро низ дигарун сохт.

Расидан ба Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон бо худ талаботҳои наверо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба хусус дар соҳаи маориф гузошт, ки ин ба ахлоқи иҷтимоии ҷомеа, тарбияи насли наврас низ таъсири бевоситаи худро расонд.

Ақидаи маъмул [7] ин аст, ки ба иҷтимоишавии шахсият шарту омилҳои зиёде таъсир мерасонанд, ки аз ӯ рафтори муайянро тақозо мекунанд: макроомилҳо (кайҳон, сайёра, олам, кишвар, ҷомеа, давлат); мезоомилҳо, яъне шартҳои иҷтимоишавии гурӯҳҳои калони одамон, ки аз рӯйи миллат, ҷой ва навъи истиқоматгоҳ (минтақа, шаҳр, шаҳрак, деҳа); микроомилҳо, яъне оила, гурӯҳи ҳамсолон, микросотсиум, ташкилот (таълимӣ, касбӣ, ҷамъиятӣ, хусусӣ), ки дар онҳо тарбияи иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Рожков М.И. ва Байбородова Л.В. [13, с. 10] дар баробари омилҳо ва шартҳо вакилон (агентҳо)-и тарбияи иҷтимоиро ҷудо мекунанд, яъне шахсоне, ки дар таъсироти мутақобил бо онҳо зиндагии ӯ ҷараён мегирад (волидайн, ҳамсолон, омӯзгорон ва диг.). Маҳз онҳо механизмҳои иҷтимоишавиро муайян менамоянд, ки: тавассути оила, шахсони муҳим, тариқи субфарҳангҳо, тавассути рефлексияи худ, яъне мутаассиршавӣ ва дарк. Аз ин бармеояд, ки ташаккули рафтори иҷтимоӣ бояд дар раванди таъсироти мутақобили шахсият бо омилҳои сершумор, вакилон, бо ёрии як қатор механизмҳо бояд амалӣ шавад. Аммо онҳо якдигарро ҳам пурра карда ва ҳам хилофи якдигар буда метавонанд. Вобаста ба ин, зарурати тартиб додани маҷмуи шартҳо ба миён меояд, ки муваффақияти раванди педагогиро таъмин хоҳанд кард.

Ҳангоми муайянкунии чунин шартҳои муҳаққиқон ба сифати аломати асосии муназзамкунӣ ин ё он соҳаҳои раванди педагогӣ (фаъолият, муошират, худогоҳӣ, яъне ташаккули инсон ҳамчун намунаи «Ман»-и ӯ)-ро мегиранд. Муназзамкунии шартҳо аз рӯйи сохтори зернизомҳои идорашаванда ва идоракунанда маъмул аст. Агар аз як тараф,

дидгоҳи идоракунанда ба раванди омодагии ахлоқӣ-меҳнатии хонандагон, омодагии ахлоқӣ-меҳнатӣ дар низоми таъсироти мутақобили мактабу оила, ва ғайра таъкид карда шавад, аз тарафи дигар, омодагии шахсият ба ин ё он соҳаи фаъолият (муоширaт, фаъолият ё худтарбиякунӣ), омодагии шахсиятӣ - ангезишии мактаббача ва бачаи синни томактабӣ ба амалисозии он ва ғайра эътироф карда мешавад.

Р.М. Гранкина, оиларо ҳамчун микроомили муҳимтарини иҷтимоишавӣ муайян карда, таъкид менамояд, ки дар байни механизмҳои иҷтимоигардонии Россияи солҳои 60-70-уми асри XX дар шароити хонаи падару модар чунин механизмҳое, мисли тақвияти таҷрибаи мусбати рафтор, ҳаммонандшавӣ, яъне тақлид ба падару модар, инъикоси образи даркшаванда, эмпатия, зеҳнигардонӣ, дар баъзе мавридҳо бошад, ҳам фишор, азият додан, таҷрид (изолятсия)-ро низ бо мақсади тақвияти хоҳишҳои барои иҷтимоъ зарур муҳим ҳисобидан мумкин аст [5, с. 16]

Роҷеъ ба педагогикаи мактаби олӣ таълифоти зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо шартҳои аз ҷониби муаллифон омӯхташаванда ва пешниҳодшаванда имконияти таъсири муҳити муташаккил ба донишҷӯён инъикос ёфтаанд, ки барои таҳқиқот муҳим аст; таълифоте низ ҳастанд, ки дар онҳо шартҳо ва таъсири онҳо ба бачагон дар муҳити хонаи бачагон, кӯдакистон, баррасӣ шудаанд. Дар онҳо одатан дидгоҳҳои нав ба ташкили муҳит дар асоси тақвияти муносибати инкишофдиҳанда пешниҳод мегарданд; ихтилоф ва нокифоягии таъсироти анъанавӣ муайян мешавад. Исбот карда мешавад, ки даст кашидан аз моноидеология, тоталитаризм, татбиқи принсипҳои инсонпарваронаи таҳсилот имкон намедиҳанд, ки муаммои ташаккули рафтори ҷамъиятӣ, ҳисси шаҳрвандӣ бо ёрии воситаҳои куҳна ҳал шаванд. Бояд қайд кард, муҳит низоми мушкил буда як қатор вазифаҳои танҳо ба худаш хосро иҷро мекунад, ки муайян намудани гуногунии нақшҳои иҷтимоӣ ва мавқеи ҳар як кӯдакро дар он тақозо менамояд. Шартҳои ташкили муҳити инкишофдиҳанда, масалан, таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла, муназзамӣ, ҳадафмандона будани таъсироти он, хусусияти барангезандаи воситаҳои истифодашавандаро муаллифон бо рушди шахсияти хонанда, кӯдаки синни томактабӣ, донишҷӯ, бо ҳаёти ботинӣ ва хислатҳояшон зич алоқаманд мешуморанд.

Чунончи, ҳангоми ошкор намудани шартҳои амалкарди муҳити инкишофдиҳанда, мисли густурдагӣ, дараҷаи даркшавандагӣ ва устуворӣ, эмотсионалӣ ва ҷамъбастӣ, ҳукмрон, фаъолманд, зудҳаракат будани он, муаллифон ба шароити дохилӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд: эҳсоси рифоҳ (осудагӣ) бо муҳит, рифоҳи ботинии эмотсионалӣ, рифоҳи шахсият ҳангоми воридшавӣ ба гурӯҳ, омодагии кӯдак ба таълими мактабӣ, мутобиқшавии беосеб, ки ба инкишоф додани ангезиши мусбат, маҳорати идоракунии эҳсоси худ, таассурот аз комёбӣ, муошират бо омӯзгорон ва ҳамсолон аз ҷониби кӯдак асос меёбад. Бартараф намудани ихтилоф байни талаботи муҳит ва равандҳои воридшавии шахсияти кӯдак ба он, инкишофи ӯ ва раванди амалкарди муҳит, байни тарбия ба маънои густурда ва маҳдуди он равона гардидаанд. Ба ҳисоб гирифтани шартҳои ошкоршуда ба муаллифон имкон дод, ки технологияҳои дақиқтар, методҳо, шаклҳои раванди педагогиро коркард намоянд, барои баландшавии сатҳи омодагӣ ва ташаккули шахсият мусоидат намуданд.

Дар байни шартҳои хусусияташон иҷтимоию фарҳангӣ муҳаққиқон такя кардан ба омодагии ҷаҳоншиносонаи шахсият, гуногунандешӣ, баҳои алтернативӣ, ҷалби оила ба фаъолияти педагогӣ, аҳли ҷомеа, муколама ва ҳамкорӣ [5, с. 82], гузаронидани машғулиятҳои махсус оид ба инкишофи муоширати муколамавӣ, бунёди муҳити фазоӣ - предметии муошират дар муассиса, робита бо омилҳо ва қаринаҳои иҷтимоӣ - вазъиятеро номбар мекунанд, ки дар онҳо амалҳои гуфтори хонандагон сурат мегиранд. Дар баробари ин, дигар шартҳои иҷтимоию фарҳангиро фарқ мекунанд, мисли зарурати тарҳрезии раванди тарбия дар заминаи ҳаёти иҷтимоии кӯдак, амалисозии раванди таълиму тарбия аз мавқеи дидгоҳи ба шахсият нигаронида, таъсироти мутақобили таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ, мавҷудияти пойгоҳи зарурии моддӣ-техникӣ, афзудани сатҳи худогоҳии миллӣ, такя ба баландшавии арзишҳои ахлоқии кӯдак ва ғ. Байни корҳои диссертатсионии дар кишвари мо солҳои охир анҷомдода таҳқиқотҳо оиди мавзӯи зикршуда камтар баррасӣ мегарданд.

Шартҳои дар боло зикршударо ба инобат гирифта ба хулосае омадем, ки самтгириҳои зеринро ба давраҳо ҷудо намуда пешниҳод намоем.

Нуқтаи назари ба шахсият нигаронидашуда шахсиятро ҳамчун воридшавандаи фард ба фазои робитаҳои этноминтақавӣ нишон медиҳад. Фард дар инкишофи худ эҳтиёҷи аз ҷиҳати иҷтимоӣ асосноки шахсият бударо эҳсос мекунад, ки дар фаъолияти барои иҷтимоъ муҳим амалӣ мешавад. Дидгоҳи ба шахсият нигаронида барои воридшавии шахсият ҳам ба муҳити нав, ҳам анъанавӣ, умумияти устувори иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Дидгоҳи ба шахсият нигаронидаро метавон ба се давраи ташаккули шахсият фарққунанда тақсим намуд.

Давраи якум – мутобиқшавӣ - азхудкунии арзишу меъёрҳои рафтор, фаро гирифтани воситаву шаклҳои мувофиқи фаъолият ва ба ҳамин васила, ба андозае монанд шудани фард ба аъзои дигари ин умумиятро пешбинӣ мекунад.

Давраи дувум - инфиродишавӣ - дар натиҷаи ихтилофи шиддатёбандаи байни зарурати «мисли дигарон будан» ва майлу кӯшиши фард барои ҳаддалимкон шахсиятгардӣ ба миён меояд.

Давраи саввум - ҳамгирошавӣ - аз як тараф, кӯшиши фард барои муаррифӣ гардидан дар умумият (ҷомеа) бо хусусияти хоси худ ва тафовутҳояш, аз тарафи дигар, эҳтиёҷи умумият барои қабул кардан ва парваридани фақат ҳамон сифатҳое, ки маҳз ба инкишофи он мувофиқанд. Навъи инкишофи гурӯҳ типи инкишофи шахсиятро таъйин мекунад. Боз як хусусияти пешбари дидгоҳи ба шахсият нигаронида дар он аст, ки ҳадафҳои тарбия ба таври назаррас тағйир ёфта, инсонпарварона мешаванд. Ба сифати ҳадаф на маҷмуи донишҳо, маҳорату малакаҳо, балки инкишофи озодонаи шахсияти инсон зоҳир мегарданд. Дар чунин шароит вазифаи ташаккули фарҳанги пойгоҳии шахсият мавқеи аввалро ишғол карда, барои бартараф намудани ихтилоф байни фарҳанги техногенӣ ва инсонпарварона, бартараф намудани бегонашавии инсон аз ҷомеа, таъмини воридшавии фаъолонаи ӯ ба шароити нави иҷтимоию иқтисодии ҷомеа имконпазир мегардад. Амалисозии ин вазифаҳо дар шароити тарбияи ба шахсият нигаронида худмуайянкунии шахсият, инкишофи фарҳанг, фаҳмидани арзишмандии ҳаёти инсон, фардият ва нотакрории онро пешбинӣ менамояд. Дидгоҳи ба шахсият нигаронида инсонпарварона ва демократӣ намудани раванди педагогиро дар назар дорад.

Фаъолияти мактаб ҳамчун шарти асосии ташаккули рафтори ахлоқӣ ва иҷтимоии хонандагони хурдсол ва ба ҳисоб рафта, ҷустуҷӯи воситаҳо ва ангезаҳои рушди маҳорату донишҳои миллӣ, мусоидаткунандаи дигар паҳлӯҳои таълиму тарбияи кӯдаконро дар раванди дарс ба шумор рафта, нақши мӯҳимро мебозад. Инчунин ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои этноравонии бачагон, демократӣ ва инсонпарварӣ, вариантнок намудани тарбия, ба назар гирифтани хусусияти минтақа, ки дар он раванди педагогӣ амалӣ мегардад (этнографӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ, геоиқтисодӣ ва ғ.)-ро, дар бар мегирад. Зери дидгоҳи этноминтақавӣ мо ба раванди педагогӣ ворид намудани чунин маводро мефаҳмем, ки барои ҳудуди муайяни муттаҳидшуда, ҳамчунин барои этносҳои дар ҳудуди мазкур зиндагикунанда муҳим мебошад.

Оиди назарияи ангезиши фаъолияти ҳаётии шахсият дар педагогика маводҳои кофӣ пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, механизмҳои физиологии ин раванд муайян шудаанд. Дар таҳқиқоти педагогҳо ин муаммо аз нуқтаи назари механизмҳои табдили механизмҳои беруна, сигналҳои шартӣ барои фаъолият баррасӣ гардидааст. Ягон синну сол, аз ҷумла, хурди мактабӣ аз ҷиҳати таъсироти муҳит худмухтор буда наметавонад. Аммо ин дар сатҳҳо ва марҳалаҳои гуногуни онтогенез ба таври гуногун зоҳир мешавад. Агар сигнали шартӣ пайдоиши рефлексҳоро такон диҳад, эҳтиёҷи бавуҷудомада ҳамчун зуҳуроти он «барангезандаи пурқувват ба амал, ангезаи фаъолият мегардад. Бинобар ин, иваз намудани сигнали заифтар бо сигнали пурқувват заминаи физиологии фаъолнокӣ дар фаъолияти инсон мебошад» [1, 11]. Бо дарназардошти ин даъвати физиологӣ, мо гуфта метавонем, ки ба ангезаҳо ҳама гуна воситаеро мансуб донистан мумкин аст, ки инсонро ба фаъолияти фаъолона водор менамояд.

Ҳамчунин асосҳои психологӣ-педагогии раванди ангезиши раванди педагогӣ муайян шудаанд, таснифоти гуногуни ангезаҳои таълиму тарбия анҷом ёфтаанд, ҳам дар мактаби миёна ва ҳам олӣ мавқеи ангезаҳо дар раванди педагогӣ, зоҳиршавӣ ва сохтори он муқаррар гардидааст.

Дар баробари ин, ангезаҳои ташаккули шахсият дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, дар мактаби деҳот, дар хонаи бачагон, дар раванди омодагии эстетикии хонандагону донишҷӯён, дар раванди омодагии ташкилӣ-амалии онҳо омӯхта шудаанд. Агар ба назар гирифта шавад, ки дар синни хурди мактабӣ такя ба воситаву методҳо бештар муҳим аст ва таассурпазирии ин воситаҳо аз ҷониби бачагони синни мазкур бо эҳсоснокӣ ва неруи зиёдтар фарқ мекунад, мубрам будани муроҷиат ба неруҳои барангезандаи раванди тарбия дар мактаби ибтидоӣ возеҳ мегардад. Зери ангезаҳои ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол мо чунин воситаву неруҳои раванди педагогиро мефаҳмем, ки бачагонро ба фаъолияти пурқуввате водор менамоянд, ки ба ташаккули фарҳанги рафтор, сифатҳои ватандӯстона, таҳаммулпазирӣ ва ҷиҳатҳои дигари рафтори ҷамъиятӣ равона шудааст.

Донистан ва ба роҳ мондани ташкили муҳити инкишофдиҳандаи хонандагони синни хурди мактабӣ барои омӯзгорони муасиссаҳои таҳсилоти олии касби ва миёнаи умумӣ ҳатмист.

Зери муҳит одатан маҷмуи падидаҳои гуногуни берунаро мефаҳманд, ки ба инсон номуташаккилона таъсир мерасонанд [13, с. 44]. Яке аз таърифҳои муҳит дар луғати С.И. Ожегов [12, 314] таваҷҷуҳро ба маҷмуи шароити табиӣ, географӣ равона мекунад, ки дар онҳо фаъолияти мавҷудоти зинда ҷараён дорад. Аммо барои мо муҳити инсон ҷолиб буд, ки дар он фаъолияти ҳаётии бачагони синни хурди мактабӣ ҷараён дорад, яъне муҳити иҷтимоӣ. Зери муҳити иҷтимоӣ мо ба маънои васеи калима «муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҷомеаи мазкур ва институтҳои танзимкунандаи ин муносибатҳоро мефаҳмем» [10, 48]. Ба маънои маҳдуд зери муҳит на танҳо шароити беруна, балки манбаи ҳақиқии рушди кӯдакро фаҳмидан мумкин аст. Моҳияти инсон дар маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии ӯ нуҳуфтааст. Муасиссае таҳсилоти миёнаи умумие, ки кӯдак ба он меравад, оилаи ӯ, коллективи маҳаллаи ӯ муҳите, ки ба инкишофи ӯ таъсири ҳаррӯза, бевосита мерасонад. Ҳам муҳити умумӣ, ҳам муҳити тангтари ташаккули шахсиятро на худ ба худ, балки вобаста ба чигунагии муносибати кӯдак бо атрофиёнаш таъйин мекунанд. Аммо дуруст аст, ки таъсири муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули шахсият бо нақши «росткунандаи» рафтори ҷамъиятии кӯдак маҳдуд намегардад. Намунаҳои рафтори ҳадафмандиаш дар сатҳи баланд, аз ҷумла, рафтори миллие, ки кӯдакро дар зиндагии ҳаррӯза иҳота мекунанд, таваҷҷуҳ ва ғамхории волидайн ба олами ботинии ӯ, фазои воқеии хушахлоқона ва меҳнатӣ, ки бачагон бо он дар мактабу хона рӯ ба рӯ мешаванд, ба рушди ӯ таъсири мусоид мерасонанд.

Шароити моддии ҳаёти бачагон низ ба шаклгирии шахсияти онҳо таъсири инкишофдиҳанда мерасонад. Масалан, сару либос, хӯрок, манзил, китобҳо, телевизор, бозичаҳо - ҳарчанд номуташаккилона, аммо фаъолона шахсиятро инкишоф медиҳанд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҷиҳатҳои иҷтимоии муҳит гуногуннавъ мебошанд ва таъсири онҳо метавонад қасдан ё беқасд, номуташаккил, идорашаванда ё идоранашаванда, объективӣ ва субъективӣ, дарозмуддат, кутоҳмуддат, мусоид ё номусоид, барномарезишуда ё тасодуфӣ, зарурӣ ва имконпазир бошанд. Асосан чунин муҳите инкишоф меёбад, ки таъсири он аз ҷониби кӯдак қабул мешавад.

Дар ин маврид боз як омили иҷтимоии ташаккули шахсият – тарбия ба кӯмак меояд. Маҳз бо ёрии тарбия таъсироти номуташаккилонаи муҳитро ба шакл даровардан мумкин аст. Тарбия қодир аст, ки тамоми маҷмуи тарафҳои муҳити ба инсон таъсиррасонандаро ба назар гирад. Тарбия қодир аст ки тамоми ҳадафу вазифаҳои гузошта, таъсири омилҳои мусоидро ташкил намояд, таъсири омилҳои номусоидро бартараф кунад ё коҳиш диҳад. Тарбия барномаи ташаккули сифатҳои рафтории мактаббачаро таҳия менамояд. Ҳар қадаре, ки тарбия ба қонунияти инкишофи шахсияти хонанда амиқтар такя намояд, ҳамон қадар самарабахш мегардад. Таъсири ҷиҳатҳои гуногуни муҳит ва тарбия аз ҳамдигар ҷудо зоҳир намешаванд, балки ҳамеша дар маҷмуъ таъсир мерасонанд. Болотар оид ба нақши

шароити моддии ҳаёт дар ташаккули рафтори бачагони синни мактабӣ сухан рондем. Ба вуҷуд овардани фазои мусоиди психологӣ низ аҳамият дорад. Метавон гуфт, ки ҳангоми ташкили муҳити психологии инкишофдиҳанда дар мактаб таъсири омӯзгор, мураббӣ, коллективи педагогӣ дар маҷмуъ назаррас мебошад. Хонандагонро ба кор равона карда, барои заминаи мусбат дар созмон ва мундариҷаи фаъолият мусоидат менамоянд. Ин дар мактаббачагон хоҳиши иштирок дар меҳнат бедор карда, шавқу рағбат ва кӯшиши хуб иҷро намудани корро таҳрик медиҳад.

Хулоса, ҳамаи ин аз омӯзгори муосир зоҳир намудани маҳорати иртиботӣ, ҳамчунин созмондиҳӣ ва эҷодиро талаб менамояд. Муҳити иҷтимоие, ки тавассути тарбия фароҳам оварда мешавад, на танҳо шарти беруна, балки манбаи ҳақиқии инкишофи кӯдак аст. Барои ташаккули рафтори ҷамъиятӣ ташкил кардани муҳити ҷисмонӣ низ муҳим мебошад. Яке аз ҷиҳатҳои он вақти фароғати бачагон дар мактаби ибтидоӣ ба ҳисоб меравад.

Набояд фаромуш кард, ки вақтҳои фориғ аз таҳсил чӣ дар оила ё бурун аз он дар ҳаёти хонандагон ҳамчун лаҳзаҳои хушку холи аз манфиат гардад. Ташкили дурусти он яке аз муаммоҳои на танҳо тарбияи зеҳнӣ, балки ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол мебошад. Сифатҳое, мисли боинтизомӣ, дақиқкорӣ, ҳурмати якдигар, ҳисси вазифашиносӣ, ҳисси инсондӯстӣ (гуманизм), шинохт ва арзишҳои миллӣ, боадабӣ, нишондиҳандаҳои фарҳангӣ рафтори мактаббачагон буда, дар шароити дуруст ташкил шудани вақти холии хонандагон беҳтар ташаккул меёбанд.

## АДАБИЁТ

1. Атаева, Р.Д. Педагогические условия социальной адаптации подростков в инновационной гимназии с поликультурной средой: автореф. дисс. канд. пед. наук. – Ставр, 2004. – 22 с.

2. Галагузова, М.А. Социальная педагогика. – М., 2001. – 214 с.

3. Гиёев, А.Х. Духовно-нравственное воспитание младших школьников в учебно-воспитательном процессе / А.Х. Гиёев // Вестн. Куляб. гос. ун-та - Куляб: - 2017.- №1. -С. 194-200.

4. Городинский, А. Системная педагогика. – Рига, 2000. – 301 с.

5. Гранкина, Р.К. Проблема социализации старшеклассников в отечественной педагогике в школе 60-70-х годов XX века: автореф. дисс. канд. пед. наук. – Пятигорск, 2000. – 18 с.

6. Кон, И.С. Социализация и воспитание человека. – М., 1988. – 112 с.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе, 2013.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

9. Ляу, М.М. Формирование социально-мировоззренческих ценностей у старшеклассников в процессе непрерывного образования: дисс. канд. пед. наук. – Карачаевск, 2003. – 184 с.

10. Мурский, Л.И., Шуман В.П. Физиологический механизм познавательных интересов и потребностей личности // Вопросы формирования направленности личности. – Владимир, 1973. – 173 с.

11. Мусаелян, В.В. Инновационные технологии в системе дополнительного образования. / Личностно-ориентир, в деятельности современных социально-образовательных систем. – Р. на Д., 2002. – 61 с.

12. Ожегов, С.И. Словарь русского языка. – М., 1986. – 798 с.

13. Рожков, М.И., Байбордова Л. Организация воспитательного процесса в школе. – М., 2001. – 254 с

14. Философский энциклопедический словарь. – М., 1983. – 840 с.

# РОҲҲОИ КАЛИМАСОЗИИ СЛЕНГҲОИ ҶАВОНОНИ АНГЛИСЗАБОН

***КАБИРОВ Лутфулло Абдусаломович*** *– унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи Давлатии Дангара, н. Дангара, к. Тагоев.* ***E-mail:*** *Lutfullo.Kaburov95@mail.ru,* **phone:** *(+992) 907 15 16 28.*

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба роҳу воситаҳои калимасозии сленгҳои ҷавонони англисзабони муосир сухан меравад. Муаллиф иброз доштааст, ки калимаҳо ба сленгҳо ба воситаҳои гуногун ворид мешаванд, ки маъмултарини онҳо дар шакли 5-усули калимасозӣ дар сленгҳои ҷавонони англисзабон, аз қабили, усули фонологии калимасозии сленгҳо, усули семантикии калимасозӣ, усули морфологии калимасозӣ, антономазия ва таъсири дигар забонҳо, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Қайд карда шудааст, ки чунин воситаҳои калимасозӣ ба ашёҳои мавҷуда ва ҳодисаҳо ё номи нав медиҳанд, ё ин ки онро дигар мекунанд. Ҳамчунон, иброз гардидааст, ки на ҳамаи сленгҳо дар забон устувор мемонанд, як қисми онҳо пас аз зуҳури ҳастӣ аз истифода мебароянд, қисме устувор монда, аз сленг ба нутқи шифоҳии ғайриадабӣ мубаддал мегардад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *сленгҳои ҷавонони муосири англисзабон, роҳҳои калимасозӣ дар сленгҳо, воҳидҳои лексикӣ, усулҳо, морфология, лексикология, лингвистика, психолингвистика, семантика, ҳиссаҳои нутқ, вожа, забони англисӣ.*

# СПОСОБЫ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ СЛЕНГОВ АНГЛОЯЗЫЧНОЙ МОЛОДЕЖИ

***КАБИРОВ Лутфулло Абдусаломович*** *– соискатель кафедры теории и практики Дангаринского государственного университета, р-н. Дангара, ул. Тагоев.* ***E-mail:*** *Lutfullo.Kaburov95@mail.ru,* **phone:** *(+992) 907 15 16 28.*

В данной статье говорится о способах и средствах сленговой лексики современной англоязычной молодежи. Автор констатировал, что слова входят в сленг различными способами, наиболее распространенным из которых является 5-метод словообразования в сленгах молодых носителей английского языка, такой как фонологический сленговый способ словообразования, семантический способ словообразования, морфологический способ словообразования, антономазии и влияние других языков. Отмечено, что такие словообразовательные средства либо дают новое название существующим предметам и событиям, либо изменяют его. Также автором было подчеркнуто, что не все сленги остаются устойчивыми в языке, некоторые из них выпадают из употребления после своего существования, некоторые остаются устойчивыми и превращаются из сленга в нелитературную устную речь.

***Ключевые слова:*** *сленги современной англоязычной молодежи, способы словообразования в сленгах, лексические единицы, методы, морфология, лексикология, лингвистика, психолингвистика, семантика, части речи, лексика, английский язык.*

# WAYS OF WORD FORMATION OF SLANGS OF ENGLISH-SPEAKING YOUTH

***KABUROV Lutfullo Abdusalomovich*** *– applicant of the Dangara State University, district Dangara, st. Tagoev.* ***E-mail:*** *Lutfullo.Kaburov95@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 907 15 16 28.*

This article talks about the ways and means of slang vocabulary of modern English-speaking youth. The author stated that words enter slang in various ways, the most common of which is the 5-method of word formation in the slang of young English speakers, such as the phonological slang method of word formation, the semantic method of word formation, the morphological method of word formation, antonomasia and the influence of other languages. It is

noted that such derivational means either give a new name to existing objects and events, or change it. It was also emphasized that not all slangs remain stable in the language, some of them fall out of use after their existence, some remain stable and turn from slang into non-literary speech.

***Key words:*** *slangs of modern english-speaking youth, ways of word formation in slangs, lexical units, methods, morphology, lexicology, linguistics, psycholinguistics, semantics, parts of speech, vocabulary, english language.*

Забон ин зуҳуроти иҷтимоист. Ҳамчун аслиҳаи муоширaт, забон вижагиҳои соҳиби забонро инъикос менамояд. Ҳамчунон фарҳанг, таърих ва дигаргуниҳои дар ҷомеа рӯй медодаро таҷассум менамояд. Нутқ ин шакли махсуси инъикоси воқеият мебошад. Он аз паси дигаргуниҳо, арзишҳои маънавӣ равона гашта, ба дигаргуниҳои фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ алоқаи мустаҳкам дорад [1,с.15].

Сленг, ки бахши ҷудонашавандаи забон ба шумо меравад, яке аз масъалаҳои мубрами лексикологияи махсус маҳсуб меёбад.

Мавзуи сленгро бахшҳои гуногуни илми забоншиносӣ, аз ҷумла филология, лингвистика, лексикология, психолингвистика, сотсиолингвистика меомӯзанд. Муҳаққиқон сленгро бар фарқият аз дигар зухуроти забонӣ, аз қабили меъёрҳо, лаҳҷаҳои иҷтимоии алоҳида таҳқиқ намуда, вазифаҳои сленгро дар нутқ ва калимасозии онро ҳамчун масъалаи асосӣ ҳисоб мекунанд. Дар як вақт ба сохтори семантикии сленг таваҷҷуҳ зоҳир меномоянд.

Сленг ҳамчун лаҳҷаи махсуси берун аз истифодаи забони адабӣ буда, аз як тараф дар худ қабати махсуси лексикаи жаргонҳои иҷтимоӣ, гуфтори касбиро дар бар гирифта, аз тарафи дигар қабати лексикаи паҳншуда ва фразеологии нутқи ғайризабониро дар бар мегирад [5,с.76].

Сленг системаи доимо инкишофёбандаро дорост. Вожаи кӯҳна аз байн рафта, вожаи нав зуҳур мекунад. Сленг хеле гуногун ва чандтаркиба буда, онро аз рӯйи мақсад тасниф кардан мумкин аст. Таркиби лексикаи сленги ҷавонони америкоиро вобаста ба усулҳои калимасозӣ тасниф кардан мумкин аст.

Таркиби лексикии забон ҳамеша ғанӣ мегардад, аз он ҷумла таркиби луғавии сленгҳо мефзоянд. Ин ғанигардонӣ на танҳо дар натиҷаи ба забони англисӣ ворид шудани вожаҳо аз дигар забонҳо, балки вобаста ба рушди худи ҷомеа сурат мегирад. Якчанд усулҳои калимасозии сленгҳо мавҷуданд, аз қабили фонологӣ, семантикӣ, морфологӣ ва ғайра. Дар таҳқиқоти худ мо ин усулҳоро бо такя ба сленгҳои филмҳои бадеӣ дида мебароем. Анқариб 1000 воҳиди сленгӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мақсади таҳқиқот, пеш аз ҳама, муайян кардани усулҳои маъмули калимасозии сленгҳо ҳамчун муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши сленгҳо ба шумор рафта, дар он таҳлилро ба ҷо оварда сленгҳоро тасниф менамоем.

1.**Усули фонологии калимасозии сленгҳо.** Ба усули фонологии калимасозӣ механизми ономатопея дохил мешавад. Ономотопея ин тақлиди овозӣ буда, асосан лексикаеро, ки ба ашёҳо ва сарчашмаҳои овоз мутааллиқанд, дар бар мегирад. Ин метавонад ҳам феъл ва исм, ки овози махсус медиҳанд, шуда тавонад. Дар ҷумла чунин калимаҳо аз ҷиҳати синтаксисӣ мустақил буда, метавонанд вазифаи мубтадо, хабар, муайянкунанда ва пуркунандаро иҷро намоянд. Боз ин калимаҳо аз нидо фарқ карда, эҳсосотро ифода намуда, дар як вақт воҳиди мустақили синтаксисӣ шуда метавонанд.

Дар ифодаи вожаҳо талаффузу ишора ва мимика нақши асосиро мебозанд. Вожаҳои овозии тақлидӣ на эҳсосот, ҳиссиётро ифода мекунанд, балки тақлиди овозии ашёҳо, ҳодисаҳо ба шумор меравaнд. Вожахои овозии тақлидӣ хусусияти вазифаи лексикиро ифода мекунанд, ки дар ин ҷо мо онро дида наметавонем. Семантикаи вожаҳои овозии тақлидӣ бо талаффуз вобастагии зич надоранд. Ин якчанд намунаҳои тақлидҳои овозиро меорем:

-тақлиди овози ҳайвонҳо, паррандахо, ҳашаротҳо. Чунончи: buzz-овози занги телефон. Coo-coo-cuckoo-девона;

-тақлиди овозҳои ҳодисаҳои табиӣ: to glug-то маст шудан нӯшидан;

-тақлиди овозии ашёҳои беҷон: clackers-дандонҳои сунъӣ, ticker- соат дил.

-тақлиди овози одамон: ding-dang-занозанӣ, hush-сиёсати пинҳонӣ.

**2. Усули семантикии калимасозӣ.** Ба ин усул, пеш аз ҳама, ивазкунии семантикии вожаҳои ҷойдошта дохил мешаванд.Ба ин васеъ ва ихчам кардани вожаҳо, метонимия ва метафора дохил мешаванд.

Дигаргунии семантикие, ки дар дохили вожа иҷро мегардад, пеш аз ҳама, мазмуни нави калимаҳо ва истифодаи номи ашё ё ҳодисаи ҷойдошта дар ифодаи ашё ё ҳодисаи ҳамшабеҳ мебошад. Бо ин усул инкишофи мазмун ба навкунии семантикаи пурраи вожа дар маҷмуъ алоқа дошта, дар як вақт васеъкунӣ ва ихчамкунӣ иҷро мегардад. Васеъкунии мазмуни вожаи умумӣ аз ифодаи маҳдуди вожа ба ифодаи васеъ гузаштан аст. Дар ин вақт ҷузъиёти маъноӣ аз байн меравад.

Кӯчонидани номгузорӣ номи ашёҳо, ҳодисаҳоеро, ки ҷой доранд, нисбати дигар ашё ва ҳодиса истифода намудан аст. Чунончи, кӯчонидани метафории вожаҳо дар худ ифодаи дигари дарбаргириро мефаҳмонад. Нақши муҳимро дар ивазкунӣ ин мазмуни тамоман дигарро ифода намудани вожа мебозад. Вале ин вожаҳо аз ягон ҷиҳат ҳамшабеҳанд. Чунончӣ: bad-(бад)-олӣ; box (қуттӣ)-телевизор. Coconuts(кокос)-кокаин, eyes (чашм)-синаи зан, Get smb wet(тар кардан)-касеро куфтан, куштан. Go to the dog (ба назди сагҳо рафтан)-қашшоқ шудан. Grass(алаф)-марихуана. Guts (рӯдаҳо)-мардонагӣ, ҷасурӣ. Job (кор)-ҷиноят. Pickled (сиркододашуда)-маст. Jungle juice(шарбат аз ҷангал)-шароби худкаш. Intel (номи маркаи компютер)-маълумот, ахбор. Lamb-time (вақти гӯсфандҳо)-баҳор. Law (қонун)-пулис. Magic (сеҳрнок)-олӣ. Make a bomb(сохтан)-сарватманд шудан. Merry-go-round(арғунчак)-фиребгар. Naked (луч)-бепул; Rolling (даврзананда)-сарватманд; Sharp-(тез)-оқил.

**3. Усули морфологии калимасозӣ** яке аз усулҳои маъмули калимасозии сленги ҷавонони англисзабон ба шумор меравад. Ин усул дар асоси пайвасткунии ду асос ва вожаи мураккаб (compound word) сохта мешавад. Вожаи мураккаб ин воҳиди лексикиест, ки дар асоси пайвасткунӣ дар ду се вожаи сохта шуда, як мазмунро ифода менамояд. Ин пайвасткунӣ бо грамматика, лексика ва дигар усулҳои калимасозӣ алоқаманд аст. Ин усули хеле қадимаи калимасозӣ буда, дар замони мо низ роиҷ мебошад.

Якчанд мисолҳоро меоварем, ки дар забони адабии англисӣ ҷой дошта, вожаи мураккабро таркиб медиҳанд. Чунончи:toothpaste-хамираи дандоншӯйӣ, hagh-way-роҳи мошингузар, hire-cut-мӯйқайчикунӣ.

Чунин калимасозӣ ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дорад. Якҷоякунӣ дар ҳиссаи нутқ (toothpaste) сифат ва исм, исм ва феъл (hire-cut- hirecut) ва ғайра.

Бояд қайд намоем, ки вожаҳои мураккаб дар истифодаи усули калимасозии морфологӣ на танҳо бо исм, балки бо феъл, сифат низ меоянд. Аммо истифодаи исм бештар аст. Чунончи: airhead-аблаҳ, asshole-аҳмак, bullshit-ҳарза, cakehole-даҳан, dirt bay-халтаи ахлот, datemouth-лаққӣ, headlights-синаҳои калони зан, hayseed-деҳотӣ, lamb-time-баҳор, lunchbox-гаранг, moon-ass-ошиқ, mourhpiece-ҳуқуқшинос, shithouse-ҳоҷатхона. Исмҳои мураккабе, ки дар асоси пайвасткунии исм ва сифат сохта шудаанд: deadbeat-нокомӣ, deadhead-аблаҳ, hardeyes-нигоҳи бад, limpdick-ҳеҷ, loudmouth-лаққӣ, numbskull-беақл, shit-scored-сахт тарафа, sick-ass-девона, wethecd-одами нав. Исмҳои мураккабе, ки бо пайвасти исм ва феъл сохта шудаанд:blabbermouth-лаққӣ, milksop-тарсу. Исмҳои мураккабе, ки бо пайвасти исм ва зарф сохта шудаанд: comeback-эътироз. Исмҳои мураккаби бо исм ва ҷонишин сохташуда: she-man-марди ҳамҷинсгаро. Исмҳои мураккаби дар асоси пайвасти ду ҷонишин сохта мешаванд:he-she-ҳамҷинсгаро.

Дар сленги ҷавонони англисзабон феълҳои мураккабе мавҷуданд, ки бо пайвасткунии ду исм сохта шудаанд. Чунончи: towindow-shop-сатҳи мағозаро тамошо кардан, to lolygeg-бекорхӯҷагӣ кардан; бо пайвасти сифат ва феъл:-to blackwash-тӯҳмат кардан; бо павасткунии исм бо сифат: smokefree-бедуд, sorry-ass-беарзиш; сохта шудани зарфҳои мураккаб бо пайвастани исм ва зарф:awesome-олиҷаноб.

**Метатеза (ҷойивазкунии овоз ва ҳиҷо).** Дар сленги ҷавонони англисзабон имкони дидани метатезаро дар чунин усулҳои калимасозӣ дучор шудан мумкин аст:

***-инъикоси оинагии вожа ё «back-slang»:***Dab nam-ба ҷойи bad man-одами бад. Doog ба ҷойи good-хуб, Eno ба ҷойи one, On ба ҷойи no, reeb ба ҷои beer-пиво, wel ба ҷои new-нав, Yob ба ҷойи boy, Uоуба ҷойи yes;

-*дигаргункунии решаи калима*-(centre+slang): I lkem ба ҷойи milk-шир; utchker ба ҷойи catch-дастгир кардан;

-***рифмгузорӣ*** (rhyming slang): apples and pears-знаток, bread and-honey-пул, cat and mouse-хона, flea and louse-хона, joy of my life-хурсандии зиндагии ман, house-dhog-саги посбон;

-***аффиксатсия***. Аслан дар зери мафҳуми аффиксатсия сохтани калимаҳои нав бо воситаи пешоянд ва пасванд фаҳмида мешавад. Дар тарҳи ҷузъиёти семантикӣ истифодаи аффиксатсия чунин аст: пешоянд-over(ovedose);

-аз андоза берун баромадан, out (ounstan-ding)-оличаноб,by (uncool)-дағал, up(upstairs)-ақл, мағзи сар;

-пасвандҳо-out (dropout)-шуғлро бас кардан, knockout-зебосанам, down(shakedown)-пул рӯёндан, shotdown-бемаза, up (pile-up)-садама, piss-up-мастигарӣ кардан, ie (baddie)-золим;

-пешоянд+пасванд (up-and downer)-занозанӣ; аффиксоид-(woreholic)-меҳнатӣ.

Баъзе сленгҳо бо роҳи ба вожа ҳамроҳ карадни исм, феъл пешоянд ё ҳиссача сохта мешаванд. Чунончи: buncha-гурӯҳ, righto-ҳа, хуб, албатта, to-do-хархаша, weirdo-ғайриоддӣ, аҷоиб.

**Мухтасарот.** Ба мухтасарот аббревиатура, акроним дохил мешаванд. Бо мақсади сарфа кардани кӯшиши забонӣ мухтасарот мавриди истифода қарор дода шудааст.

Яке аз роҳҳои мухтасарсозӣ дар сохтани сленгҳои ҷавонони англисзабон anokon (ихтисор кардани асос) мебошад. Чунончи:

2 night-tonight-имшаб, 4 ever-forever-ҳамеша, coz-becouse, cause-азбаски, hon-honey-азизакам, mo-moment-лаҳза, ops-operetion-ҷарроҳӣ, uni-university-донишгоҳ, X-mas-Christmas мавҷуданд. Чунин мухтасарот ба вожаҳои сленгӣ дохил шуда, дар «нутқи дуруст» истифода намешаванд ва гуфтори ғайрирасмӣ ба шумор меравeнд.

**Аббревиатура**. Дар сленги ҷавонони муосири англисзабон теъдоди зиёди аббревиатура мавриди истифода қарор дорад. Аббревиатура ин як шакли мухтасарот буда, бо ҳарфи аввали ҳар як вожаи лексикӣ сохта мешавад. Махсусан, дар истифодаи истилоҳоти компютерӣ шумораи зиёди аббревиатура истифода мешавад. Дар сленгҳои имрӯзаи англисӣ як қатор аббревиатура ҷой доранд, ки дар вақти навиштани иттилоот бо ҳадафи кӯтоҳ кардан дар истифодаанд. Чунончи: AFAIK (as far as I know)-чӣ хеле ки ман медонам; ATB (all the best) беҳтарро ба шумо таманно дорам, BBLK (be back later)-баъдтар бармегардем, HAND (have a nice dag)-рӯзи хуб таманно дорам, IMNO (in my humble opinion)-бино ба ақидаи хоксоронаи ман, Lol (laughing out loud)-ҳа –ҳа-ҳа, MSG (message)-иттилоот, MYOB (mid your own business)-ба кори ба ту дахл надошта дахолат накун, OMG (oh my God)-О, Худое, WTF (what that fuck)-чи аблаҳӣ!

**4. Антономазия**. Ин усули услубиест, ки номи исмҳои хосро барои тавсифи дигар шахсият ё ашё, ки ба ҳам аз ҷиҳати характер ё мақсад истифода мебаранд. Ин метавонад номи шахсияти воқеӣ, таърихӣ, қаҳрамони филм ё адабиёти бадеӣ бошад. Чунончи: The iron lady-зани оҳанин, Маргарет Тетчер.

Аз рӯйи ақидаи Н.В.Волкова истифодаи исми хос ва муродифи он ба сифати воҳиди лексикӣ-фразеологӣ яке аз вижагиҳои сленгҳои ҷавонони муосири англисзабон маҳсуб меёбад [2,с.68].Чунончи:

George-оқил хирадманд. Debbie Downez-ҳариф аз рӯйи қаҳрамони барномаи Saturday Night Live, ҳамон ба ҳама чиз зид аст ва ҳамаро зери танқид мегирад. Joan Crawford-a child-abusing rich-biteh-mather-модари золим; Lee marvin-rhysmic slang –гурусна (аз номи ситораи синамо).

**5. Таъсири дигар забонҳо**. Таҳлили ҳаматарафаи ҳолати лексикаи сленги ҷавонони англисзабон бе донистани таърихи инкишофи он имконнопазир аст. Ҳамчун ҳар як маърифати забонии сленг аз рӯйи таркиби худ гуногун мешавад. Он мисли забони англисӣ ба зери таъсири дигар забонҳо афтодааст.

Тибқи акидаи В.В.Елисеева махсусияти таркиби луғавии забони англисӣ дар он зуҳур меёбад, ки дар 70-фисад вожаҳои лексикӣ баромади дигар забонҳо ҷой доранд [3, с.80]. Сленг низ аз ин раванд берун нест. Мо таъсири забони испанӣ, лулигӣ, ҳатто русиро дучор меоем. Чунончи: Chokey-маҳбас, cull-полис, аблаҳ,cushy-кор, шуғл, dixy-кӯзаи оҳанин,

dookin-dockering-фолбинӣ, kurve-зани сабукпой, lour-пул, macho-марди ҳақиқӣ, pochemuchka-шахсе, ки доимо савол медиҳад, puta-фоҳиша, putz-аблаҳ, аҳмақ, Shlong-олоти таносули мард, to chell-комёб шудан, to dog-дидан, zhlob-хасис.

Вожаҳои аз дигар забонҳо гирифташуда вожаҳои махсус мебошанд ва хусусияти ҳазл ва арзёбиро дороанд.

Чӣ тавре ки дидем, калимаҳо ба сленг бо воситаҳои гуногун ворид мешаванд. Мо дар таҳқиқоти худ 5-усули калимасозиро дар сленгҳои ҷавонони муосири англисзабон нишон додем. Ин роҳҳои калимасозӣ ба ашёҳои мавҷуда, ҳодисаҳо ё номи нав медиҳанд, ё ин ки онро дигар мекунанд. Баъзе сленгҳо пайдо мешаванд, баъзеи он аз истифода сокит мегарданд, баъзеи онҳо дар забон устувор шуда, аз сленг ба нутқи шифоҳии ғайриадабӣ табдил меёбанд.

Ин таҳқиқот метавонад барои корҳои оянда дар мавзуи калимасозии сленгҳои ҷавонон ҳамчун оғоз хизмат намояд. Чӣ хеле мутаваҷҷеҳ шуда будем, забон дар як ҷо намеистад, пайдоиши воҳиди нави лексикӣ хусусияти асосии зуҳуроти забонӣ ба шумор меравад. Инчунин талабот ба шаклҳои нави ифода, ба мисли муҷазбаёнӣ, мушаххасбаёнӣ, таъсирбахшӣ бештар гардида истодааст. Ин, албатта, мавзуи омӯзиши психолингвистика ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Алексеев, Д.И. Аббревиатуры как новый тип слов // Развитие словообразования современного русского языка. М., 2006.
2. Антруши, А. Г.Б., Афанасьева О.В., Морозова Н.Н. Лексикология английского языка. М.: Дрофа, 2000,201с.
3. Береговская, Э.М. Молодежный сленг: формирование и функционирование // ВЯ. 1996. № 3. С. 32—41.
4. Вилюман, В.Г. О способах образования слов сленга в современном английском языке // ВЯ. 1960. № 6. С. 137—140.
5. Волкова, Н.А. Имя собственное и его производные в структуре молодежной жаргонной лексики и фразеологии // Мова і сучасність. Вісник Львівського у-ту. Серия: Филология. Львов, 1990. Вип. 21. С. 30—40.
6. Елисеева, В.В. Лексикология английского языка. СПб.: СПбГУ, 2003.
7. Мешков, О.Д. Семантические аспекты словосложения английского языка. М., 1986.
8. Миллер, А.А. Основные пути формирования сленга // В кн.: Иностранный язык, Алма-Ата, 1971. Вып. 6.
9. Ретинская, Т.И. Источники и механизмы формирования французского студенческого арго: Канд. дис. М., 2004.
10. Хомяков, В.А. Введение в изучение сленга-основного компонента английского просторечия. М.: URSS, 2009.
11. American Slang. Edit. By Robert L. Chapman. N.Y., 2001.


## РОҲҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

***РАМАЗОНОВА Раҷабгул Сулаймоновна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, **тел.:** +(992) 918 23 01 46*

Дар мақола қайд гардидааст, ки воситаҳои инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар дарсҳои иловагӣ барои ошкор намудани тарбияи ахлоқию эстетикӣ дар раванди таълим ҳамчун яке аз усулҳои самаранок истифода мешаванд. Роххои баланд бардоштани кобилияти эчодии хонандагони маъюб дар синфхои

иловагӣ, кружокхои техникӣ дар дарсхои тарбияи мехнат, мусикӣ, тарбияи чисмонӣ ташкил карда мешаванд. Гайр аз ин, дарси таълими мехнат инвалидонро ба интихоби касб хидоят мекунад.

Усулҳои гуногуни раванди таълиму тарбияи шогирдон ва ташаккули қобилиятҳои эҷодии онҳо дар фаъолияти омӯзгорони варзидаи ватаниву хориҷӣ инъикос ёфта, дар рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, мақолаҳои илмии олимон, гузоришҳои омӯзгорони пешқадам инъикос ёфтаанд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *технология, роҳбари маҳфил, донишҷӯён, маъюбон, мутахассисон, интернат, замонавӣ, эҷодкорӣ, таълими фарогир.*

## ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ С ОГРАНИЧЕНИЯМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ ЗДОРОВЬЕ НА ДОПОЛНИТЕЛЬНЫХ ЗАНЯТИЯХ

***РАМАЗОНОВА Раджабгул Сулаймоновна*** *– кандитат педагогический наук, дотсент кафедра специальной педагогика и инклюзивной образования Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121,* ***тел.:*** *+(992) 918 23 01 46*

В статье отмечается, что средства развития творческих способностей учащихся с ограниченными возможностями здоровья используются на дополнительных занятиях для раскрытия нравственно-эстетического воспитания в процессе обучения как одного из эффективных методов. Способы совершенствования творческих способностей учащихся с ограниченными возможностями здоровья формируются на дополнительных занятиях на уроках трудового обучения, музыки, физической культуры. Кроме того, урок трудового обучение ориентирует учащихся с ограниченными возможностями здоровья на выбор профессии.

Различные методы в процессе воспитания и обучения учащихся и развитию их творческих способностей нашли отражение в деятельности видных отечественных и зарубежных педагогов, отражаются в различных газетах и журналах, научных статьях ученых, докладах ведущих преподавателей.

***Ключевые слова****: технология, руководитель кружка, учащиеся, ограниченные возможности, специалисты, школа-интернат, современный, творчество, инклюзивное образование.*

## WAYS TO IMPROVE THE CREATIVE ABILITIES OF PUPIL WITH DISABILITIES HEALTH IN ADDITIONAL CLASSES

***RAMAZONOVA Rajabgul Sulaimonovna*** *– candidate of Pedagogical Sciences, Dotsent, Department of Special Pedagogy and Inclusive education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121,* ***phone:*** *+(992) 918 23 01 46*

The means of developing the creative abilities of students with disabilities are used in additional classes to reveal moral and aesthetic education in the learning process as an effective method. Ways to improve the creative abilities of students with disabilities are formed in additional classes, technical circles in the lessons of labor training, music, and physical education. In addition, the lesson of labor training guides students with disabilities to the choice of a profession.

Various methods in the process of educating and teaching students to develop their creative abilities are reflected in the activities of prominent domestic and foreign teachers, various newspapers and magazines, scientific articles by scientists, and reports by leading teachers.

***Key words:*** *defect, children, stuttering, correctional work, father, mother, parents, cooperation; letter, language.*

Дар замони муосир, ки дар тамоми соҳаҳо тараққиёти илмиву техникӣ дида мешавад, талабот ба шахсони нававару эҷодкор рӯз ба рӯз меафзояд. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ баландбардории сатҳи маърифатии хонандагони имкониятaшон маҳдуд, ташаккули фаолияти фикрӣ ва эҷодии онҳо мебошад. Масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони имкониятaшон маҳдуд яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва замонавист, зеро яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва нишондиҳандаи шукуфоии миллат маҳз ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони имкониятaшон маҳдуд мебошад. Кори эҷодии хонандагони имкониятaшон маҳдуд дар таҳсилоти иловагӣ барои фаъол гардонидан ва ба ҳаёт омода кардани онҳо мусоидат менамояд.

Имрӯзҳо дар саросари ҷаҳон шумораи хонандагони дорои нуқсони мухталиф афзоиш ёфтааст. Хонандагони имкониятaшон маҳдуд майл ба ноустувории эмотсионалӣ ва сифати пасти кӯшишҳои ихтиёрӣ ва ҳатто дар онҳо нотавонӣ ба назар мерасад. Хонандагони имкониятaшон маҳдуд ҳуқуқ доранд, ки дар таҳсилоти иловагӣ, маҳфилҳои эҷодӣ ширкат варзанда худро ба ҳаёт омода созанд.

Хонандагони имкониятaшон маҳдуд, инсони баробарҳуқуқ мустақил, озоду эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расад. Аз синни хурдсоли дар дарсҳои таълим меҳнат корҳои эҷодӣ омӯзонида мешавад. Сипас кори эҷодӣ дар маҳфилҳои фанни технология рушду нумӯъ меёбад. Дар баробари фаҳмондадиҳии маводҳои таълимӣ роҳбари маҳфил вазифадор аст, ки қобилияти эҷодии хонандагонро сайқал дода, дар онҳо ростиву росткорӣ, некиву некӯкорӣ, нисбати шахсони калонсол ғамхору меҳрубон будан ва ҳамчунин гиромидошти беҳтарин ганҷинаи умр - падару модарро тарбия намояд.

Зиндагӣ дар ҳаёти тағйирёбанда муносибати эҷодии хонандагони имкониятaшон маҳдудро тақозо менамояд. Хонандагони имкониятaшон маҳдуд барои фаъолияти эҷодии мустақилона пурра омода бошад, маҳсулотҳои нав ба нав барорад, мошинаву технологияҳои навро ҷорӣ намояд, методҳои нав ба нави коркарди маҳсулотро кор карда бароял. Албатта ҳамаи ин бо кумаку дастгирии калонсолон сурат мегирад [6; 12].

Роҳу, усули омӯзиши фаъол ва воситаҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони имкониятaшон маҳдуд, дар таҳсилоти иловагӣ хеле зиёд ҳастанд, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни таълими аз чунин усулҳои таъсирбахш хеле кам истифода бурда мешавад (масалан, бар ивази дарси санъат ва меҳнат баъзе аз муаллимони синфҳои ибтидоӣ дарси забони модарӣ ё математика мегузаранд, ҳол он, ки қобилияти эҷодии хонандагони имкониятaшон маҳдуд бештар дар дарсҳои санъат ва меҳнат, мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ ташаккул меёбад). Ғайр аз ин дарси таълими меҳнат хонандагони имкониятaшон маҳдудро ба касбинтихобкунӣ равона месозад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки корҳои эҷодӣ ва усулҳои гуногуни дар раванди таълиму тарбияи хонандагон ташаккул додани қобилияти эҷодии онҳо дар фаъолияти педагогони барҷастаи ватаниву хориҷӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, мақолаҳои илмии олимон, маърӯзаҳои муаллимони пешқадам бисёр мушоҳида шудаанд.

Мақсади асосии маҳфилҳои техникӣ ин пеш аз ҳама инкишофи хонандагони имкониятaшон маҳдуд, муайян намудани имкониятҳои эҷодӣ ва нигоҳ доштани саломатии ҷисмониву рӯҳии хонандагон маҳсуб меёбад. Дар корҳои эҷодӣ дар маҳфилҳои технологияи муосир пешравиҳои мусбӣ бештар рӯйи кор омада, вариантнокии равияҳои педагогӣ, мустақилият дар ҷустуҷӯи эҷодии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон ба назар мерасанд.

Муаммоҳои фаъолнокии хонандагони имкониятaшон маҳдуд, дар корҳои эҷодии яке аз масъалаҳои мубрам (рӯзмара) дар соҳаи маориф ба шумор меравад [10;98].

Дар таҳсилоти иловагӣ маҳфили фанни технология баргузор мегардад, ки дар он фаъолияти хонандагони имкониятaшон маҳдуд, хусусияти ҷустуҷӯӣ - тадқиқотӣ мегирад. Вазифаи асосии муаллим ва ё роҳбари маҳфил на фақат додани маълумот, балки ҷалби хонандагони имкониятaшон маҳдуд, ба ихтироъкорӣ мебошад. Дар ҳамкорӣ бо роҳбари маҳфил хонандагони имкониятaшон маҳдуд, барои худ дониши нав гирифта, хусусиятҳои амалии фанни технологияро аз худ мекунад.

Бо ишораи Президенти кишвар, ки дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 иброз дошта буд: «…бинобар он имрӯз вазифаи муҳими соҳаи маориф аз он иборат аст, ки дар баробари инкишофи илмҳои гуманитарӣ, тамоми қувват ва имкониятро ба рушди илмҳои техникӣ ва дақиқ, такмили тафаккури техникӣ ва иқтисодии ҷомеа, ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон равона созад».

Дар хонандагони имконияташон маҳдуд, ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ таҳсилоти иловагӣ ба роҳбари маҳфил имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбия ба таври объективӣ ба роҳ монда, масъалагузорӣ намояд. Масъала аз тарафи хонандагон ҳаллу фасл гардад. Дар тайёр намудани корҳои эҷодӣ роҳбари маҳфил дар маҳфилҳои технология шавқу ҳаваси хонандагонро ангезиш дода тавонад. Вазифаи роҳбари маҳфил на танҳо аз он иборат аст, ки хусусиятҳои ҳамаҷиҳата хонандагони имконияташон маҳдудро бодиққат ба ҳисоб гирифта, ҷиҳатҳои пурқимати шахсияти онҳоро муайян кунанд, балки хусусиятҳои номатлубро пешгирӣ кунанд, тағйир диҳад ва аз нав тарбия намояд.

Дар баъзе ҳолатҳо чунон метобад, ки «беқобилияти», яъне ноӯҳдабароии хонандагони имконияташон маҳдуд, нисбат дар таҳсилоти иловагӣ нокифоя будани дониш ва малакаҳо зоҳир мешавад ва инро на ҳама вакт ба осонӣ ошкоро кардан мумкин аст. Баъзе хонандагони имконияташон маҳдуд, ҳангоми гузаштан ба иҷрои фаъолияти боз ҳам мураккабтар ҳоло бо тарзҳои нави иҷрои кор муссалаҳ нестанд, вале дар ибтидо тавассути тарзу усулҳои пеш азхудкардашуда ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мешаванд ва ба фазли ин муваққатан ӯҳдабаро метобанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар таъкид намуданд, ки: «Тарбияи мутахассисони соҳибмаълумот, баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ ва густариши тафаккури техникии ҷомеа ва қабл аз ҳама ҷавонон, аз ҷумлаи масъалаҳои мубраме мебошанд, ки рушди имрӯзу фардои иқтисодиву иҷтимоии кишвар аз ҳалли онҳо вобаста мебошад.

Ташаккули нерӯи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, навовариву ихтироъкорӣ ва рақобатпазир гардонидани тафаккури шахсият аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне аз боғчаи кӯдакон ва мактаби миёна, муассисаҳои махсус, хонаи бачагону наврасон дар маҳфилҳои эҷодӣ оғоз гардида, дар таълимгоҳҳои олӣ ва марказҳои илмӣ тақвият меёбад» [8; 202].

Аз охири асри 20 инҷониб бисёре аз кишварҳои ҷаҳон барномаҳои муштараки маорифро фаъолона амалӣ мекунанд. Аз ҷумла ИМА, кишварҳои Скандинавия, Британияи Кабир, Италия, Шветсия, Олмон муассисаҳои таълимии ислоҳиро танҳо дар сурате истифода мебаранд, ки ҳама усулҳои дигари имконпазир дар хонанда аллакай санҷида шуда бошанд ва натиҷа надиҳанд. Муассисаҳои таълимии махсус ҷораи охирин мебошанд. Аз ин рӯ, адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ заминаи бунёдие мебошад, ки омӯзгорони ҷаҳон барои босифат татбиқи барномаҳои муштараки таълиму тарбия, ки ба хусусиятҳои таҳсилоти ин ё он давлат мувофиқ карда шудаанд, истифода мебаранд.

Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон, бо эътирофи он, ки маъюбӣ ин мафҳуми таҳаввулкунанда аст ва маъюбӣ натиҷаи таъсири мутақобилаест, ки дар байни нуқсонҳои мавҷудаи саломатии одамон ва монеаҳои муносибатию муҳитӣ ба вуҷуд омада, баҳри иштироки пурра ва босамари онҳо, дар қатори шахсони дигар, дар ҳаёти ҷомеа садди роҳи онҳо мегардад.

Дар қарори қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян намуда, ба онҳо имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаро фароҳам меорад. Дар ин қонун имкониятҳои маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ -пурра ё қисман гум шудани қобилият ё имконияти шахс ба худхизматрасонӣ, мустақилона ҳаракат ва муомила кардан, сарфаҳм рафтан, рафтори худро назорат намудан, таълим гирифтан ва ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шудан, ба таври васеъ пешниҳод гардидааст. Бештар фаъолияти меҳнатӣ барои хонандагони имконияташон маҳдуд дар маҳфилҳои эҷодӣ омузонида, онҳоро ба худхизматрасонӣ равона карда карда шавад.

Имрӯз ба омӯзгорони муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ тасаввур кардани он, ки ҷаҳони барқосо рушдкунанда дар миёнаҳои асри XXI чӣ гуна хоҳад буд, ниҳоят душвор аст. Бинобар ин зарур аст, ки муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ хонандагони худро ба

инкишоф додани чунин сифатҳо, ба мисли зудҳаракатӣ, серамалӣ ва асоснокӣ тайёр намояд. Мақсади асосии омӯзгорон дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ташаккули мувофиққунонии иҷтимоии хонандагон мебошад. Аз ҳама бештар дар солҳои охир масъалаи то ба ҳар як хонандагони имконияташон маҳдуд бурда расонидан, ба вуҷуд овардани шароити ба мактаб омадани ӯ ба миён омадааст, то ин ки дар ӯ хоҳиши хондан бо хонандагони солим пайдо шавад, бо хушнудӣ ба коллективи мактаб ворид гардад ва имконияти инкишофи воқеии зеҳнӣ, эҳсосӣ ва муҳити иродавии шахсиятро ба даст орад [1; 346].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» 04 соли 2011, №228 Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқаддима пешниҳод карда шудааст, ки Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогирро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд барои гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд. Дар баробари ворид шудан ба коллективи маҳфили техникӣ аз навовариҳо бохабар шуда, худро ба ҳаёт мутобиқ месозанд [4;12].

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ пеш аз ҳама бояд хонанда, инсони мустақил, озоду эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расад. Аз ин ҷост, ки дар макотиби кунунӣ ҳамзамон ба таълим ва тарбия низ аҳамияти калон дода мешавад. Дар баробари фаҳмондадиҳии маводҳои таълимӣ омӯзгор вазифадор аст, ки дар ҷараёни дарс қобилияти эҷодии хонандагонро ташаккул дода, дар онҳо ростиву росткори, некиву некӯкорӣ, нисбати шахсони калонсол ғамхору меҳрубон будан ва ҳамчунин гиромидошти беҳтарин ганҷинаи умр - падару модарро тарбия намояд.

Эҷодиёт фаъолиятест, ки дар натиҷаи он чизи наву аҷоиб ва нотакрор тавлид меёбад. Он маҳсули фаъолияти фикрӣ буда, маънии аз имкониятҳои вуҷуддошта берун баромаданро ифода мекунад. Эҷодиёти техникӣ дар худ муқовимати махсуси тафаккури эҷодиро таҷассум менамояд, яъне қобилияти доимо сари масъалаи нав андеша намудан, маҳорату малакаи ҷамъгаштаро ба таври бояду шояд истифода бурдан, ғояҳои навро пешниҳод сохтан, чизи наву нотакрорро истеҳсол кардан мебошад.

Барои ба роҳ мондани ин низом зарур аст, ки хонандагони имконияташон маҳдуд ғайр аз дарс, ҷараёни таҳсилоти иловагӣ фаъолона иштирок варзанд. Дар таҳсилоти иловагӣ тамоми шароит барои гирифтани таҳсилоти босифат ва дастрас барои ҳамаи хонандагони имконияташон маҳдуд фароҳам оварда шавад.

Барои татбиқи модели корҳои эҷодӣ бояд ҳашт сифати принсипи таҳсилоти фарогир риоя карда шавад [3;12]:

1. Арзиши шахс аз қобилият ва дастовардҳои ӯ вобаста нест;
2. Ҳар як инсон қобилияти эҳсос ва тафаккур дорад;
3. Ҳар як шахс ҳуқуқи муошират кардан ва шуниданро дорад;
4. Ҳама одамон ба ҳамдигар ниёз доранд;
5. Тарбияи ҳуқуқӣ танҳо дар заминаи муносибатҳои воқеӣ сурат мегирад;
6. Ҳама одамон ба дастгирӣ ва дӯстии ҳамсолони худ ниёз доранд;
7. Гуногунӣ тамоми паҳлӯҳои ҳаёти инсонро беҳтар мекунад.

Таҳсилотии иловагӣ, ки таҳсилоти фарогириро амалӣ мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки кори худро тавре созанд, ки хонандагони имконияташон маҳдуд ва хонандагон солим пеш аз ҳама ҳамчун шахсони дорои ниёзҳои гуногуни таълим қабул карда шаванд.

Барои дар хонандагони имконияташон маҳдуд ташаккул додани қобилияти эҷодӣ усулҳои махсуси ташаккули тафаккури эҷодии пурмаҳсул истифода мебаранд. Оиди раванди эҷодиёт ва раванди таълим сухан ронда, муҳайё сохтани шароитҳоеро, ки барои ташаккули хусусиятҳои дар боло зикршуда мусоидат менамоянд, набояд фаромеш кард. Агар оиди эҷодиёт дар раванди таҳсилоти иловагӣ сухан ронем, инҷо бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагони имконияташон маҳдуд ба инобат гирифта шавад, зеро зимни гузориши машғулиятҳо омӯзгор бояд ҳамеша аз усулҳои наву фаъоли таълим истифода барад ва шавқи хонандагонро ба таҳсилу эҷодиёт дучанд гардонад. Яке аз корҳои эҷодӣ маҳфилҳои техникӣ аз фанни технология ва меҳнат ба ҳисоб меравад.

Нақшаи маҳфил аз тарафи омӯзгори фанни технология ва меҳнат дар мӯҳлати сол омода карда мешавад, ки дар он бештар корҳои эҷодӣ ба нақша гирифта мешавад. Омӯзгор

барои гузаронидани маҳфил нақшаи корӣ тартиб дода, директории муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ онро тасдиқ менамояд. Хонандагони имконияташон маҳдуд дар маҳфил на ба синнусол, балки аз рӯи майлу рағбат ва шавқ доштан ба фанни технология ҳамҷоя мешаванд. Ҳангоми муайян кардани мазмуну мундариҷаи кори маҳфил мақсади мавзӯро бояд ба назар гирифта мешавад. Хонандагоне, ки дар маҳфили фанни технология иштирок меварзанд дар бораи техникаву технология ва корҳои эҷодӣ бояд донишҳои кофӣ дошта бошад. Аъзоёни маҳфил бояд он вазифаҳою қоидаҳоеро иҷро намоянд, ки онҳоро дар яке аз ҷамъомадҳои аввал қабул карда буданд.

Муваффақиятҳои кори маҳфили технология зиётар аз фаъолони гурӯҳҳо вобастагӣ дорад (сардори гурӯҳ, котиб, масъулини васоитҳои техникиии таълимӣ, нашри деворӣ), ки дар яке аз ҷамъомадҳо вазифадор шуда буданд.

Сардори маҳфили фанни технология ва меҳнат бо роҳбари он дар алоқа мебошанд, ва вазифаи сардори маҳфил дар бораи тағйиротҳо ва ҷадвали дарсӣ хабар медиҳад, раисӣ мекунад, руйхатҳоро барои экскурсияҳо рафтан омода месозад, аз болои иҷроиши вазифаҳои дигар аъзоёни маҳфил назорат мебарад.

Котиби маҳфили технология ва меҳнат руйхати навбатдоронро тартиб дода онро назорат мекунад, иштироки хонандагонро дар маҳфилҳо қайд мекунад, сабабҳои иштирок накарданро маълум месозад, қарори маҳфилро ба таври мушаххас тартиб медиҳад, ҳисоботи расмию-тасвириро дар бораи экскурсияҳо ва корҳои эҷодии маҳфилҳо омода месозад [9; 26].

Масъулини васоитҳои техники таълимӣ дар бораи коршоямии воситаҳои техникии таълимӣ, тайёр будани онҳо назорат мебарад, ҳамчунин барои мавҷуд будани васоитҳои техникӣ ба китобхонаи хурди маҳфилчиён ҷавогӯи мебошад.

Шахси масъул мувофиқиятҳои маҳфили технологияро барои баровардани газетаи деворӣ дар ҳамҷоягӣ бо аъзоёни редаксия (нашрия) маводҳоро барои баровардани газетаи деворӣ интихоб менамояд ва сари вақт барои омода шудан назорат мебарад.

Роҳбарияти маҳфил ҳамаҷониба ташаббус ва мустақилияти фаъолони маҳфилро рушд медиҳад, барои ҳалли масъалаҳо проблемагузорӣ мекунад.

Барномаи кори маҳфили фанни технология ва меҳнат дар иҷро намудани корҳои эҷодӣ аз тарафи омӯзгор тартиб дода мешавад. Ҳамаи шаклҳои кори маҳфил дар вай инъикос мегардад. Ҳангоми тартиб додани чунин барнома роҳбари маҳфил таваҷҷӯҳи хонандагони имконияташон маҳдудро дарки қобилияти тадқиқотчӣ ва имкониятҳои онҳоро ба назар мегирад. Байни хонандагони имконияташон маҳдуд супоришҳои фардӣ ва гурӯҳӣ барои мустақилона кор бурдан тақсим мешавад, ва барои иҷроиш дастурҳо дода мешаванд. Маҳфил дар як моҳ ду маротиба баргузор мегардад.

Дар охири сол дарси ҳисоботӣ, тайёр намудани асбобҳои техникӣ, баровардани газетаи деворӣ, ороиши ҳамоишҳо оиди натиҷаи кор шуда мегузарад.

Дар дарси ҳисоботи хонандагони имконияташон маҳдуд дар бораи корҳои ба сомон расонида маърӯзаҳои кутоҳ ва расмҳои объектҳои омӯхташударо намоиш медиҳанд, дар бораи мушоҳидакориҳо маълумот медиҳанд.

Таҳсилоти иловагӣ дар ҳолате ба хонандагон мақбул мегардад, ки онҳо гуногунранг ва корҳои эҷодии онҳо намош дода шавад. Бинобар ҳамин бо мурури замон диққати маҳфилчиёнро ба бозиҳои шавқовар ҷалб намуд зарур аст. Кори маҳфил дар инкишофи зеҳнии хонандагони имконияташон маҳдуд аҳамияти калон дорад.

Функсияи асосии маҳфили технология бой гардонидани донишҳои маърифатӣ, эстетикии хонандагон, ташакуллёбии маҳорат ва малакаи рафтори маънавӣ мебошад. Дар маҳфили технология «шахси амалкунанда» - омӯзгор ба ҳисоб меравад.

Хулоса, дар рафти кори маҳфили технология дар хонандагони имконияташон маҳдуд сифатҳои қатъият, поквиҷдонӣ, сариштакорӣ, ростқавлӣ, суботкорӣ, омода будан ба иҷрои супоришҳо, мулоҳизакорӣ ва монанди инҳо пайдо мегардад.

## АДАБИЁТ

1. Закон Республики Таджикистан Об образование. - Душанбе, «Матн», 2011.
2. Закон Республики Таджикистан Об образование. - Душанбе, 2004 .

3. Иванов, Д.А. Компетентности и компетентностный подход в современном образовании. Д.А. Иванов. - М.: Чистые пруды, 2007. Инклюзивное образование: состояние, проблемы, перспективы. - МН.: Четыре четверти, 2007.

4. Интегрированное обучение детей с ограниченными возможностями в обществе здоровых детей Ф.Л. Ратнер, А.Ю.

5. Калицкий, Э.М. Формирование общеотраслевых технологических знаний и умений у учащихся средних ПТУ: Автореф. дис. канд. пед. наук. -М., 1978.- 24с.

6. Каримов, Н.К., Сангов, Н.Н. Влияние научно-технического процесса на осуществление задач технологической подготовки. 1995.

7. Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С.2011

8. Юсупова, Л.И. Инклюзивное образование глазами детей с ограниченными возможностями здоровья. Л.И. Юсупова, О.С. Яншаева. Научное сообщество студентов XXI столетия. Гуманитарные науки: сб. ст. по мат. XVII междунар. студ. науч.-практ. конф. №2(17). [электронный ресурс] - Режим доступа. - URL: http://sibac. info/archive/ guman/2(17).pdf.

9. Якиманская, И.О. Формирование интеллектуальных умений и навыков в процессе производственного обучения. -Высш. школа, 1979.- 88с.

10. Якиманская, И.С. Развивающее обучение. М.: Педагогика. 1979- 144с.

11. Янвиршис, А.Е. Соединение обучения с производительным трудом как средство всестороннего развития личности школьника: Автореф. дис. … пед наук. –М., 1984.- 17с.

12. Ярмоленко, П.А. Учебный цех- опыт, проблемы, перспективы. -Киев: Рад. Школа, 1977.- 125 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ МОДЕРАТОРӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

***РАМАЗОНОВА Раҷабгул Сулаймоновна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121,* ***тел.:*** *+(992) 918 23 01 46*

***МИРЗОЕВА Савригул Давлатқадамовна*** *– ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121,* ***тел.:*** *+(992) 935 88 06 15*

Дар мақола қайд карда шудааст, ки мавзӯи истифодаи технологияи модераторӣ ба талаботи муосири таълими мактабӣ пурра ҷавобгӯ буда, ноил шудан ба натиҷаҳои баланди таълим ва қаноатмандии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълимро таъмин менамояд. Инчунин тафаккури хонандагон бо як микдори иттилоот пур кардан ва сипас азхудкунии онро санҷидан кифоя нест. Дунё босуръат тағйир меёбад, донишҳои азхудкардаи одамон аз пештара дида боз ҳам тезтар кӯҳна мешаванд.

Инчунин нисбати самаранокии модератсия ифшо карда шудааст, ки роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили фаъолияти маърифатии истифодашаванда ба баланд бардоштани фаъолияти таҳлилӣ ва рефлексионии хонандагон, рушди малакаҳои тадқиқотӣ ва лоиҳакашӣ, ташаккули малакаҳои муошират, ҳалли мисолу мисол ва малакаҳои кори дастаҷамъона ин фаъолияти модератсия ба ҳисоб меравад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *усул, маҳорат, фаъолият, таълим, технология, модераторӣ, хонанда дарс, забони модарӣ, дониш.*

# ХАРАКТЕРИСТИКА АКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ МОДЕРАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ НА УРОКАХ РОДНОГО ЯЗЫКА

***РАМАЗОНОВА Раджабгул Сулаймоновна*** *– кандитат педагогический наук, дотсент кафедра специальной педагогика и инклюзивной образования Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121,* ***тел.:*** *+(992) 918 23 01 46*

***МИРЗОЕВА Савригул Давлаткадамовна*** *– ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121,* ***тел.:*** *+(992) 935 88 06 15*

В статье отмечается, что тема использования технологии модерации полностью отвечает современным требованиям школьного образования и обеспечивает достижение высоких образовательных результатов и удовлетворение всех участников образовательного процесса. Также недостаточно наполнить сознание учащихся определенным объемом информации и затем проверить их усвоение. Мир стремительно меняется, знания, полученные людьми, устаревают еще быстрее, чем раньше.

Также выявлено относительно эффективности модерации используемые способы, методы и формы организации познавательной деятельности для повышения аналитической и рефлексивной активности учащихся, развития исследовательских и проектных навыков, формирования коммуникативных навыков, навыков решения проблем и работы в команде, считаются действиями по модерации.

***Ключевые слова:*** *метод, умение, деятельность, образование, технология, модерация, ученик, родной язык, знания.*

# CHARACTERISTICS OF ACTIVE LEARNING METHODS USING MODERATION TECHNOLOGY IN THE LESSONS OF THE NATIVE LANGUAGE

***RAMAZONOVA Rajabgul Sulaimonovna*** *– candidate of Pedagogical Sciences, Dotsent, Department of Special Pedagogy and Inclusive education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121,* ***phone:*** *+(992) 918 23 01 46*

***MIRZOEVA Savrigul Davlatkadamovna*** *– assistant of the Pedagogical Department special and inclusive education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121,* ***phone:*** *+(992) 935 88 06 15*

The article notes that the topic of using moderation technology fully meets the modern requirements of school education and ensures the achievement of high educational results and the satisfaction of all participants in the educational process. It is also not enough to fill the minds of students with a certain amount of information and then check their assimilation. The world is changing rapidly, the knowledge gained by people becomes obsolete even faster than before.

It was also revealed regarding the effectiveness of moderation, the methods, methods and forms of organizing cognitive activity used to increase the analytical and reflective activity of students, develop research and project skills, form communication skills, problem-solving skills and teamwork. are considered moderation actions.

***Key words:*** *method, skill, activity, education, technology, moderation, student, native language, knowledge.*

Афзоиши мустақилият ва масъулияти хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ ҳамчун самараи омӯзиши фаъоли таълим забони модарӣ бо нақш ва вазифаҳои нави ин усули

таълим дар раванди таълим алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз ноилшавӣ ба мувофиқати мақсадҳои таълимӣ пеш аз ҳама ба дарки талаботи фардии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ асос ёфта, он зарурияти аз худ намудани на танҳо донишҳои дахлдори фаннӣ, балки маҳорати истифодаи малакаҳои ҳаётиро низ тақозо менамояд. Мо бо истифода аз натиҷаҳои дар ҷараёни тадқиқот ба даст овардашуда гуфта метавонем, ки хислатҳо, муносибати эҳтироми ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни таълим ба ҳамдигар ин самараҳои муҳими модераторӣ мебошанд, ки сатҳи муносиби расидан ба мақсадҳои таълими муосирро таъмин мекунанд.

Гузаронидани таълим дар асоси технологияи модераторӣ боиси афзоиши ҳавасмандии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ, ҳавасмандии фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии онҳо, ҳамаҷониба ошкор ва рушди қобилиятҳо мегардад. Хусусияти эҷодии таълим, шавқу рағбат, муносибати мусбати хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дар ташкили таълими фаъоли забони модарӣ ба муаллим таъсири ҳавасмандкунанда дошта, имкон медиҳад, ки муддати тӯлонӣ самаранокӣ ва кайфияти хуб нигоҳ дошта шавад.

Ин самараи истифодаи технологияи модераторӣ ба талаботи муосири таълими мактабӣ пурра ҷавобгӯ буда, ноил шудан ба натиҷаҳои баланди таълим ва қаноатмандии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълимро таъмин менамояд.

Педагогикаи анъанавӣ, ки асосан ба ташкили фаъолияти омӯзгор нигаронида шуда, ба хонанда нақши вориси ғайрифаъолонаи таҷрибаи иҷтимоии ба ӯ интиқолёфтаро мегузорад, ноил шудан ба ҳадафҳои муосири тарбияро пурра таъмин карда наметавонад. Имрӯз тафаккури хонандагонро бо як миқдори иттилоот пур кардан ва сипас азхудкунии онро санҷидан кифоя нест. Дунё босуръат тағйир меёбад, донишҳои азхудкардаи одамон аз пештара дида боз ҳам тезтар кӯҳна мешаванд. Мавқеъҳои пешбарро ҳамон одамон, созмонҳо ва кишварҳое ишғол мекунанд, ки иттилооти муосиртаринро доранд, метавонанд онро гиранд ва самаранок истифода баранд. Замони нав мақсадҳои нави маорифро муайян мекунад. Имрӯз ин ҳадафҳоро онҳое ташкил медиҳанд, ки мактаб барояшон кор мекунад - фарзандон, падару модарон, давлат, ҷомеа. Муваффақияти натиҷаҳои таълим ба талаботи ин гурӯҳҳои мақсаднок сифати таълими мактаб ва умуман таълимро муайян мекунад.

Барои дарки пурраи қазовати дар боло зикршуда ба сифати мисол овардани андешаи якчанд мутафаккир бамавқеъ менамояд. «Донистани ҳақиқӣ на аз ошноӣ бо далелҳо иборат аст, ки одамро на танҳо мегардонад, балки дар истифодаи далелҳо, ки ӯро файласуф месозад, иборат аст». (А. Дистервег) [4; 212]

«Аз ёд донистан маънои донистанро надорад» (М. Монтен).

«Интеллекти аз ҷиҳати догматикӣ сангшуда дар ҳақиқатҳои тайёр ташаккул меёбад» (Е.В. Иленков).

«Мақсади бузурги таълим дониш не, балки амал аст» (Г. Спенсер)

"Беҳтарин некие, ки шумо барои дигарон карда метавонед, на танҳо он аст, ки сарвати худро бо ӯ мубодила кунед, балки сарвати худро ба ӯ боз кунед." (Бенҷамин Дизраели)

"Ҳеҷ чизеро, ки донистан муҳим аст, таълим додан мумкин нест - танҳо як муаллим метавонад роҳҳоро нишон диҳад." (Ричард Олдигтон)

"Рушду тарбияро ба касе додан ва ё расонидан мумкин нест. Ҳар касе, ки мехоҳад ба онҳо ҳамроҳ шавад, бояд бо фаъолияти худ, неруи худ, талоши худ ба ин ноил шавад." (А.Дистервег) [4; 242]

"Дониш танҳо он вақт дониш аст, ки он бо кӯшиши фикр ба даст оварда мешавад, на бо хотира". (Л.Н. Толстой) [10;509]

«Муаллими бад ҳақиқатро меомӯзонад, муаллими хуб пайдо кардани онро меомӯзонад». (А. Дистервег) [4;56]

«Муҳимтарин вазифаи тамаддун ин аст, ки ба инсон тафаккур омӯзонад» (Т. Эдисон).

Суханони дар боло зикргардидаи одамони маъруф ба таври боварибахш нишон медиҳанд, ки ҳадафи таълими забони модарӣ на танҳо гузоштани миқдори муайяни дониш дар шуури хонандагон, балки ғамхорӣ кардан, аввалан, дар бораи мувофиқ будани ин дониш ва дуюм, ҳама чизи заруриро ба ҷо овардан аст. Хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ аз омӯзиши фаъоли таълим забони модарӣ дониши гирифтаашро бошуурона ва самаранок дар ҳаёт татбиқ карда тавонад. Ин равиш зарурати тағйироти куллии дастуру вазифаҳои

педагогика, ташаккули муносибати нав ба хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ, истифодаи шаклу усулҳои муосири таълим дар мактаб, ҷорӣ намудани технологияҳои самарабахши таълимро тақозо мекунад. Маҳз технологияе, ки албатта имкон медиҳад, ки дар сурати таҳия ва татбиқи босифати он ҳатто барои омӯзгорони навкор сатҳи шоистаи натиҷаҳои таълимро таъмин намояд. Ба таври образнок гуем, технология як риштаи роҳнамо дар ҷаҳони равандҳои гуногун ва хеле душвори таълимӣ буда, имкон медиҳад, ки устувории баланди муваффақият дар таълим, тарбия ва ташаккули хонандагони таҳсилоти ибтидоиро дар ҷараёни омӯзиши фаъоли таълим забони модарӣ таъмин карда шавад. Бори аввал идеяи технологияи раванди таълимро Я. А. Коменский 400 сол пеш баён карда буд. Вай даъват кард, ки таълим «техникӣ», яъне тавре шавад, ки ҳар чизе, ки таълим дода мешавад, муваффақ нашавад. Ҳамин тариқ, ӯ идеяи муҳимтарини омӯзиши технология - ба даст овардани натиҷаи кафолатнокро ташаккул дод. [8;62]

Барои амалияи педагогӣ истилоҳи «технологияи таълим» тамоман нав аст. Онро соли 1989 В.П. Беспалько, ки ғояи технологияи педагогиро ҳамчун «ба таври муназзам ва пайваста дар амал татбиқ намудани раванди таълимии пешакӣ тарҳрезишуда» ташаккул додааст. Бо назардошти таърихи начандон дури рушди технологияҳои таълимӣ, то ҳол таърифи ягонаи ин мафҳум вуҷуд надорад. Якчанд таърифҳои маъруф мавҷуданд, ки чунинад:

Технологияи таълимӣ ин системаи раванди фаъолияти муштараки хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ ва омӯзгорон дар тарҳрезӣ (нақшагирӣ), ташкил, самтдиҳӣ ва ислоҳи раванди таълим бо мақсади ба даст овардани натиҷаи мушаххас ҳангоми фароҳам овардани шароити мусоид барои иштирокчиён мебошад (Т.И. Шамова, Т.М. Давыденко) [11; 218].

Технологияи педагогӣ маҷмуи низом ва тартиби фаъолияти тамоми воситаҳои методӣ, асбобӣ ва шахсӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои педагогӣ истифода мешаванд (М.И.Кларин). [7;12]

Технологияи таълим системаи амалҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи ҳама, вале пеш аз ҳама унсурҳои (иштирокчиёни) фаъоли раванди таълим мебошад, ки татбиқи онҳо бо дараҷаи баланди эътимод боиси ноил шудан ба ҳадафҳои дар пеш гузоштаи таълим мегардад (С.И.Змеев). Мо дар мавриди худ таърифи зеринро риоя мекунем, ки "Технологияи таълимӣ системаи идорашавандаи амалҳои ба ҳам алоқаманди мақсаднокест, ки аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим барои ноил шудан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи таълим, тарбия ва рушд амалӣ карда мешаванд".

Моҳияти ин таърифро ошкор намуда, мо метавонем бигӯем, ки технология чунин аст:

1 - натиҷаҳои дақиқ муайяншуда (дониш, малака, сифатҳо ва самтҳои арзишии шахс);

2 - иштирокчиёни (унсурҳои) занҷири технологӣ (муаллим, хонандагон, манбаъҳо ва воситаҳои таълим ва ғ);

3 - вазифаҳои собити ҳар як элемент;

4 - амалҳои ҳамоҳангшудаи ҳар як элемент;

5 - ҷадвали "дохил кардани" элементҳо ба раванди технологӣ (ҷадвали чорабинии таълимӣ);

6 - мудири раванд (муаллим, роҳбари синф, тарбиятгар). [5; 76]

Ин шаш ҷузъи таркибӣ системаеро ташкил медиҳанд, ки ҳадафаш истеҳсоли сифат аст.

Ҳамин тавр, кори занҷири технологӣ чунин аст. Мутобиқи харитаи технологӣ (ҷадвали дарс) роҳбар (муаллим) дар вақти пешбинишуда унсурҳои муайянро (худ, хонандагон, воситаҳои таълим ва ғ.), ки мувофиқи вазифаҳои худ ба иҷрои амалҳои муайян шуруъ мекунанд, фаро «мегирад». Иҷрои ин амалҳо, инчунин гузаштан аз як амалиёт (марҳила ё зермарҳилаи дарс) ба дигараш аз ҷониби мудир мутобиқ ва назорат карда мешавад. Менеҷер информатсияро мефиристад, қабул мекунад ва коркард мекунад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҳар як бахши занҷири технологӣ дар тамоми раванди таълим чӣ рӯй дода истодааст. Дар ҳолати зарурӣ сари вақт ислоҳот ворид мекунад. Ҳар як амали ҳар як унсури занҷири технологӣ натиҷаҳои ба нақша гирифташударо меорад, ки дар якҷоягӣ натиҷаҳои ниҳоии омӯзиши фаъоли таълим забони модариро ташкил медиҳанд. Агар технология риоя карда шавад, натиҷа кафолат дода мешавад. Бо натичаҳои ба даст

овардашуда хонанда ба омӯзиши фаъоли таълими навбатӣ мегузаранд, ки дар он онҳо боз дар ҷараёни «дохилшавӣ» ба технология инкишоф меёбад. Биёед як мисоли одии тасвирии кори занҷири технологиро дар омӯзиши фаъоли таълими забони модарӣ дида бароем, ки дар он шумо метавонед унсурҳои онро идора карда, ин ё он натиҷаро ба даст оред.

Ҳангоми ташкили омӯзиши фаъоли таълими забони модарӣ дар асоси технология ҳар як иштирокчӣ вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, зеро дар занҷири технологӣ унсурҳои нолозим вуҷуд надоранд ва буда ҳам наметавонанд. Дар технология ҳар як элемент аҳамияти калон дорад, тамоми амалиёти он ба мақсад мувофиқ буда, ба ноил шудан ба натиҷаҳои пешакӣ муайяншуда (пешбинишуда) нигаронида шудааст. Нисбат ба тарбия ин чунин маъно дорад, ки дар рафти дарс ҳар як иштирокчӣ амалҳои муайянеро иҷро мекунад ва ҳамаи онҳо ба таълим, тарбия ва ташаккули шахсияти ҳар як иштирокчии ҷараёни таълим нигаронида шудаанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми истифодаи технологияи таълимӣ дар омӯзиши фаъоли таълим забони модарӣ омӯзгор ва хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ вазифаҳои наверо пайдо мекунанд, ки нақшҳои нави онҳоро дар раванди таълим муайян мекунанд. Ҳангоми татбиқи технология ҳамаи иштирокчиён амалҳои муайянеро иҷро мекунанд, ки ба вазифаҳои худ мувофиқанд, ки дар натиҷа дар ҳар марҳилаи дарс вазифаҳои мушаххаси таълимӣ ҳал мешаванд. Ба ғайр аз иштирокчиёни фаъоли занҷири технологӣ, унсурҳои «ғайри» таълим, масалан, роҳҳо ва усулҳо, манбаъҳо ва воситаҳои таълим, ки вазифаи худро низ иҷро мекунанд, иштирок мекунанд. Ташкили системавии ҳамкории ҳамаи унсурҳои ҷараёни таълим дар доираи технология ноил шудан ба мақсадҳои Омӯзиши фаъоли таълим забони модариро бо дараҷаи баланди эътимод кафолат медиҳад. [3; 211]

Технологияҳои модератсия метавонад бо роҳи баланд бардоштани ҳавасмандии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим, баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ, идоракунии самараноки равандҳои омӯзиши фаъоли таълими забони модарӣ ва инкишофи он аз ҷониби омӯзгор, самаранокӣ ва сифати дарсҳоро ба таври назаррас беҳтар созад.

Кам кардани сарфи энергияи омӯзгорон ва хонандагон, фароҳам овардани фазои бароҳати эҷодӣ дар синфхона, фазои мусоиди равонӣ дар синф - ин ва дигар таъсироти мусбати модератсия аз ҷониби омӯзгорон фаъолона омӯхтан ва истифодаи ин технологияи таълимро муайян мекунанд.

Модера - аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънии мувозинат, идора, танзимро ифода мекунад. Модератсия ҳамчун технологияи таълимӣ бори аввал дар солҳои 60-70-уми асри гузашта дар Олмон таҳия шудааст. Аз он вақт инҷониб бисьёр олимону мутахассисон, аз ҷумла муаллимон модератсияро фаъолона инкишоф дода, дар амал татбиқ намуда, ин технологияро такмил медоданд.

Таҳияи ҳадафҳо, принсипҳо, мундариҷа ва усулҳои модератсия ба ҷанбаҳои педагогӣ, психологӣ ва сотсиологӣ асос ёфтааст, ки ба иштироки фаъолона ва манфиатдор дар раванди таълим, аз ҷумла дар омӯзиши фаъоли таълими забони модарӣ, таъмини бароҳати ҳар як хонанда дар дарс ва ташаккули шахсияти хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ ба ноил шудан ба натичаҳо диққат диҳанд нигаронида шудааст.

Имрӯз модератсия як технологияи муассирест, ки метавонад самаранокӣ ва сифати раванди дарсҳои забони модариро ба таври назаррас беҳтар созад. Самаранокии модератсия бо он муайян карда мешавад, ки роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили фаъолияти маърифатии истифодашаванда ба баланд бардоштани фаъолияти таҳлилӣ ва рефлексионии хонандагон, рушди малакаҳои тадқиқотӣ ва лоиҳакашӣ, ташаккули малакаҳои муошират, ҳалли мисолу мисол ва малакаҳои кори дастаҷамъона нигаронида шудаанд.

Раванди кори муштарак, ки бо ёрии техника ва усулҳои модератсия ташкил карда шудааст, ба бартараф кардани монеаҳои муошират мусоидат мекунад, барои рушди тафаккури эҷодӣ ва қабули қарорҳои ғайримуқаррарӣ шароит фароҳам меорад, малакаҳои фаъолияти муштаракро ташаккул медиҳад ва инкишоф медиҳад.

Усулҳои модератсия аз усулҳои дидактикии худ фарқ мекунанд. Омӯзгор ва хонандагон дар ҷараёни омӯзиши фаъоли таълим забони модарӣ иштирокчиёни баробарҳуқуқи раванди таълим мебошанд. Ҳар кадоми онҳо ба муваффақияти таълим ба таври баробар вобаста аст. Хонанда дар раванди таълим мавқеи фаъолро ишғол намуда,

объекти таълим буданро қатъ мекунад. Ин равиш мустақилияти хонандагони таҳсилоти ибтидоиро дар таҳия ва қабули қарорҳо, омодагӣ ба гирифтани масъулият барои амалҳои худ ташаккул медиҳад. Дар боварӣ ба худ, мақсаднокӣ ва дигар хислатҳои муҳими шахсиятро ташаккул медиҳад. Ҳангоми истифодаи технологияи модератсия нақши муаллим низ ба таври куллӣ тағйир меёбад. Вай машваратчӣ, роҳбалад, шарики калон мегардад, ки ин муносибати хонандагонро нисбат ба ӯ ба куллӣ тағир медиҳад. Муаллим аз «органи назораткунанда» ба рафиқи пуртаҷрибае табдил меёбад, ки дар як команда бо хонанда бозӣ мекунад. Эътимод ба муаллим қавӣ мегардад, обрӯю эътибори ӯ дар байни шогирдон меафзояд. Ин таҷдиди сохтори психологӣ ва омодагии махсуси муаллимро дар тартиб додани чунин дарс ва сикли дарсҳои забони модарӣ, донистани технологияи модераторӣ, усулҳои фаъоли таълим, хусусиятҳои психофизиологии хонандагон талаб мекунад. Аммо ҳамаи ин маблағгузориҳо аз натиҷаҳои ба даст овардашуда бештар пардохта мешаванд. [6; 191]

Ҳадафҳои модераторӣ идоракунии самараноки синф дар давоми дарс, ҷалби ҳарчи бештари ҳамаи хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ ба раванди омӯзиши фаъоли таълими забони модарӣ, нигоҳ доштани фаъолияти баланди маърифатии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дар давоми дарс, кафолати расидан ба ҳадафҳои дарс мебошад. Ҳамин тавр, истифодаи оптималии вақти дарс (корҳои беруназсинфӣ аз фанни забони модарӣ), ҳамчунин нерӯ ва қалби ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни таълим (муаллим, хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ ) таъмин мегардад.

Оё иштироки фаъолонаи ҳамаи хонандагони синфро дар муҳокимаи мавзуъ, иҷрои супоришҳо, пешниҳод намудани натиҷаҳои кори мустақилона ташкил кардан мумкин аст? Бале, технологияи модератсия маҳз ба ҷалби ҳамаи хонандагон ба ин равандҳо нигаронида шудааст ва на танҳо ҷалб кардан, балки иштироки онҳоро шавқманд, ҳавасманд кардан, ба ноил шудан ба натиҷаҳои таълимӣ равона созад. Модератсия ин мисоли мураккабро тавассути ташкили кори гурӯҳии хонандагон самаранок ҳал мекунад. Ин корро дар ҷуфтҳо, дастаҳои хурд ё гурӯҳҳои хурд ё дар як синф анҷом додан мумкин аст. Самаранокии кори гурӯҳӣ бо истифода аз усулҳо ва усулҳои махсус таъмин карда мешавад ва усулҳои фаъоли омӯзиш барои модератсия бештар мувофиқанд.

Модератсия инчунин усулҳои маъруфи ҳалли мушкилот ва дарёфти роҳҳои ҳалли оптималии имрӯзаро истифода мебарад - ҳамлаи майна, кластер, таҳлили морфологӣ, харитаҳои равонӣ, шаш кулоҳҳои тафаккур, синектика ва ғайра. ки ин воситаҳо дар ҷараёни дарсҳои забони модарӣ истифода бурдан бо маврид аст.

Модератсияро метавон бо риштаи роҳнамо дар баҳри равандҳои гуногуни таълим муқоиса кард. Истифодаи модератсия ба шумо имкон медиҳад, ки ҷараёни ҳамаи ин равандҳоро танзим кунед ва ба ин васила идоракунии самараноки онҳоро таъмин кунед.

Барои таъмини самаранокии идоракунии дарсҳои забони модарӣ ва кафолати ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишудаи дарс, технология ба принсипҳои асосии зерин асос ёфтааст:

- сохторӣ (тамоми мундариҷаи дарс оқилона ба қисмҳои дақиқ муайяншуда тақсим карда шудааст);
- систематикӣ (қисмҳои алоҳидаи дарс бо ҳам алоқаманд буда, мантиқан пай дар пай пай бурда, мазмуни пурраи дарсро ба вуҷуд меоваранд);
- мураккабӣ (мазмуни ҳар як қисми дарс ва равандҳои ташкилшуда ба таълим, тарбия, инкишоф ва иҷтимоии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ нигаронида шудаанд);
- шаффофият (фаъолияти ҳар як хонанда ба назари муаллим намоён аст, ҳамаи иштирокчиён рафти ҷараёни омӯзиши фаъоли таълими забони модарӣ, натиҷаҳои мобайнӣ ва ниҳоии онро равшан дида метавонанд. [1; 39]

Сохтори раванди таълим бо роҳи тақсим кардани дарс ба марҳилаҳои муайяни ба ҳам алоқаманд (марҳилаҳо, қисмҳо), ки ҳар яки онҳо ҳадаф, вазифа ва усулҳои худро доранд, таъмин карда мешавад. Сохторбандии раванд ба шумо имкон медиҳад, ки нақшаи дақиқи дарсҳои забони модариро тартиб дода, ҳаракати прогрессивии равонашуда ба сӯи ҳадафҳои дарс муқаррар карда шавад.

Хулоса омӯзиши методии ҳар як марҳила ва пайдарпайии гузариш аз як марҳилаи дарс ба дигареро ба роҳ монда, рафти таълиму натиҷаҳои кори таълиму тарбияро пурсамар назорат мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Бар, Р., Таг, Дж. От обучения к учению - новая парадигма высшего образования. Университетское образование: от эффективного преподаванияк эффективному учению. Сб. статей-рефератов по дидактике высшей школы. Белорусский государственный университет. Центр проблем развития образования. - Мн., 2001. – С156. стр.13-39.
2. Гальперин, П. Я. Психология мышления и учение о поэтапном формировании умственных действий. - М., 1966 С.168. стр.51.
3. Данилова, М. Скаткин м.н., Дидактика средней школы- М., 1975. С 303. стр.211.
4. Дистервег, А. Избранные педагогические сочинения. - М.: Учпедгиз, 1956. С.374 стр. 290-293.
5. Змеёв, С.И. Технологии обучения врозлёх. М.: Изд. Цетр «Академия» 202 С.128. стр.76.
6. Касьянова, Н.А. Интерактивные формы обучения учащихся на уроках технологии. Первая Всероссийская научно-методическая конференция «Интерактивные технологии в образовании». – Кострома, 2014.- С.330. стр191-192.
7. Кларин, М.В. Интерактивное обучение инструмент освоения нового опыта Текст. М.В. Кларин. Педагогика. - 2000. - № 7. - С. 220. стр.12,18.
8. Коменский, Я. А. Великая дидактика. Типография А.М.Котомина 1975. С.281. стр. 212.
9. Ниёзов, Ф. М. Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе, 2009. – С. 64 саҳ. 22.
10. Толстой, Л.Н. Собрание соченения. 12 томах Изд. Лумина, Кишенев. 1976. С.864. стр. 710.
11. Шамова, Т.И. Давыденко, Т.М. Управление образовательными системами. М.2004. с.384. стр. 301.


## ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚИЮ ЗЕБОИПАРАСТИИ КӮДАКОНИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ТАВАССУТИ МУСИҚӢ

***РАМАЗОНОВ Давлат Сулаймонович*** *– омӯзгори калони кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқии Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121,* ***тел.:*** *+(992) 918 23 01 47*

Дар мақола муаллиф зикр намудааст, ки мусиқӣ дар ҳаёти кӯдак нақши муҳим бозида, ахлоқ ва зебоиро ба онҳо меомӯзонад. Мусиқӣ ба кӯдакон илҳоми нав бахшида дар лаҳзаҳои аламовар мусиқии дилнишин кӯдакро шодмон мегардонад. Аз ин лиҳоз дар ҳамаи идҳо, ҷашнҳо садои асбобҳои мусиқӣ ба кӯдакон ҳаяҷон меоварад. Мусиқӣ кӯдакро дар рӯҳияи муҳаббат ба зебоӣ, ватандӯстӣ, худшиносӣ, эҳтироми калонсолон, волидон, ҳифзи табиат, паррандагон ва ҳайвонот сафарбар мекунад. Садои мусиқӣ асоси зебоӣ ва дарки эҳсоси кӯдак мебошад ва ҳеҷ як фарди ҷомеа набояд аз санъат маҳрум бошад.

Тарбияи мусиқӣ яке аз омилҳои муҳими ғанӣ гардонидани санъати мусиқӣ, сурудхонӣ, мусиқӣ ва эҷодиёти кӯдакон мебошад. Дар дили бача ҳисси зебоипарастӣ, худшиносӣ, эҳтиром ба мусиқӣ ҳамчун санъат ва муҳаббат ба олами атроф тарбия меёбад. Роҳбари мусиқӣ бо суруду оҳангҳо ба дили бачагон таъсир мерасонад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *бозӣ, эҷодкорӣ, кӯдакон, синни томактабӣ, фаъолияти пешбарандаи иҷтимоӣ, тадқиқот, аппарат, овоз, навохтан, сароидан.*

# ФОРМИРОВАНИЯ НРАВСТВЕННО-ЭСТЕТИЧЕСКИХ ЧУВСТВ ДОШКОЛЬНИКОВ ЧЕРЕЗ МУЗЫКУ

***РАМАЗОНОВ Давлат Сулаймонович*** *– старший преподаватель кафедры теории и методики музыкально-художественного воспитания Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121,* ***тел.:*** *+(992) 918 23 01 47*

В статье автор отмечает, что музыка играет важную роль в жизни ребенка, учит нравственности и красоте. Музыка дает детям новое вдохновение. В грустные минуты душевная музыка поднимает настроение ребенку. Именно поэтому звук музыкальных инструментов присутствует на всех праздниках. Музыка мобилизует ребенка в духе любви к прекрасному, патриотизма, самопознания, уважения к взрослым, родителям, защиты природы, птиц и животных. Музыкальная грамотность – основа красоты и понимания чувств и эмоций ребенка, и ни один член общества не должен быть лишен этой науки.

Музыкальное обучение является одним из важнейших факторов обогащения музыкального искусства, пения, музыкальности и творчества детей. В сердце ребенка воспитывает чувство прекрасного, самосовершенствования, уважения к музыке как искуству и любви к окружающему миру. Музыкальный руководитель завоевывает сердца детей песнями и мелодиями. В системе компетентности основной творчества  ребенка является игра в сопровождение пения и танцами.

***Ключевые слова:*** *игра, творческие способности, дети, дошкольный возраст, ведущая деятельность социализация, исследования.*

# FORMATION OF MORAL AND AESTHETIC FEELINGS OF PRESCHOOLERS THROUGH MUSIC

***RAMAZONOV Davlat Sulaimonovich*** *– senior Lecturer, Department of Theory and Methods of Musical and Artistic Education, Avicenna Tajik State Pedagogical University S. Aini, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121,* ***phone:*** *+(992) 918 23 01 47*

Music plays an important role in a child's life, teaches morality and beauty. Music gives children a new spirit. In sad moments, soulful music cheers up the child. That is why the sound of musical instruments excites at all holidays. Music mobilizes the child in the spirit of love for beauty, patriotism, self-knowledge, respect for adults, parents, protection of nature, birds and animals. Musical literacy is the basis of beauty and understanding of the feelings and emotions of the child, and no member of society should be deprived of this science.

Musical education is one of the most important factors in the enrichment of musical art, singing, musicality and creativity of children. In the heart of the child brings up a sense of patriotism, self-knowledge, respect for parents and adults, protection of nature, birds and animals. The music director wins the hearts of children with songs and melodies. In the competence system, the main axis of the child is the game of singing and dancing.

***Key words:*** *creativity, children, preschool age, leading socialization activities, research.*

Аҳамияти санъати мусиқӣ дар ташаккули шахсияти кӯдакон мавқеи аввалин дараҷа дошта, барои дарк намудан, бедор намудани ҳиссиёт ва ташаккули фикрронии онҳо кумак мерасонад. Мусиқӣ на танҳо ба калонсолон, инчунин ба тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ  низ таъсир мерасонад. Илова бар ин чуноне, ки исбот шуда аст мусиқӣ ҳатто барои кӯдаки дар батни модар буда низ таъсир мерасонад.  Модароне, ки мусиқӣ мешунаванд, он метавонад барои инкишофи кӯдак таъсири худро расонад. (гумон меравад, ки ҳатто барои ташаккули завқ ва афзалият додан замина гузорад).

Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои ташаккули асосҳои маданияти мусиқии кӯдакони синни томактабӣ шароити мусоид фароҳам овардан ниҳоят зарур аст.

Тарбия ва инкишофи завқи мусиқии кӯдакон роҳи дурусти ташкил ва омӯзиши мақсаднокро талаб менамояд.

Бинобар ин, инкишофи завқӣ мусиқии кӯдакон, ки вазифаи муҳимми кӯдакистон ба ҳисоб меравад. Тамоми мурабиёни кӯдакистон бояд донанд, ки дар ҳолати набудани омӯзгори суруд ва мусиқӣ мураббӣ метавонад дарсҳои суруд ва мусиқӣ гузарад. Ин фаъолият ҳам ба фоидаи омӯзгори суруд ва мусиқӣ ва ҳам ба манфияти мураббия мебошад.

Машғулияти суруд ва мусиқӣ яке аз неъматҳои беназири кӯдакон буда, баҳри навозишу парвариш ва камолоти рӯҳӣ офарида шудааст. Кӯдак беихтиёр дар олами мусиқии табиат ғарқ мегардад, мафтуни хониши мурғону таровиши обшор мешавад ва ноаён ғизои дилу ҷон мегираду нерӯи руҳафзо ҳосил мешавад. Агар кӯдак дар тарбияи томактабӣ ҳиссиётҳои ахлоқӣ дилбардору рӯҳбахши табиат бурхурдор набошад ва ё он бо ҳолати рӯҳӣ созгор наояд, албатта ба маънои шеъру мусиқӣ дарк карда наметавонем.

Машғулияти суруд ва мусиқӣ маънои васеъ дошта, тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад. Кӯдак на танҳо суруду оҳангҳоро бояд дарк намояд, балки моҳияти тарбияи мусиқиро фаҳмад. Инчунин вазифаи омӯзгор, ташаккул додани қобилияти дарккунӣ ва дуруст иҷро намудани оҳангҳоро ва тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқӣ омӯзонад. Инчунин бояд қайд намуд, ки дар тарбияи томактабӣ на танҳо хондани суруд, балки такомули ҳамаҷонибаи қобилияти фикрию ҷисмонӣ ахлоқии кӯдакон ташакул дода шавад. Дар ҷараёни хондани суруд ташаккулёбии аппарати овозӣ (даҳон, дандон, забон, ком, садопардаҳо) ва сомеаи онҳо таъсири мерасонад [5;129].

Дар тарбияи кӯдакони томактабӣ аппарати овозии пурра ташаккул наёфтааст, махсусан садопардаҳои гулӯӣ ниҳоят нозук ва ба зудӣ хаста мешаванд. Фаъолияти мусиқии кӯдакон бояд босамару босифат бошад. Омӯзгори суруд ва мусиқӣ дар мавридҳои зарурӣ ба кӯдакон оҳангҳои нави рангоранг, ки руҳияи онҳоро баланд мебардораду эҷодкории онҳоро меафзояд иҷро намоянд. Фаъолияти мусиқӣ ба кӯдакон ҳассосӣ ва ҳавасмандии руҳию ахлоқиро бедор менамояд. Манбаи бойгардонии захираи луғавии кӯдакон маҳс аз дарсҳои суруд ва мусиқӣ оғоз гардида, оҳиста-оҳиста тараққӣ мeёбанд.

Санъат ҳамчун шакли образноки инъикоскунӣ, азнавсозии олами атроф ва ҳодисаҳои фавқулодаи табиатро таҷассум мекунад. Омӯзгори фанни суруд ва мусиқӣ тавассути тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқӣ дар машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ, меҳру муҳаббати кӯдаконро нисбат ба ватан, табиат, паррандагон, ҳайвонот зиёдтар намуда, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, зебопарастӣ, эҳтиром намудани калонсолон ва дӯст доштани табиату оро додани он тарбият мекунанд.

Мусиқӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқӣ томактабӣ ба шумор меравад. Он дар дили кӯдакон эҳсосоти гуногун аз оддитарин фараҳмандӣ то ба ҳаловати чуқури ахлоқӣ, масъулияти баланди инсонпарварӣ ва муҳаббати бепоёни, меҳандӯстию ватандустиро бедор мекунад. Машғулияти суруд ва мусиқӣ барои ташаккул додани қобилияту, дарк кардани образҳои асосии суруд мадад расонда ба рафтору кирдори кӯдакон таъсир хуб мерасонад. Суруд ва мусиқӣ дар тарбияи маънавии кӯдакон аҳамияти калон дошта, барои инкишоф додани тафакури онҳо саҳми босазо мегузорад. Ҳадафи асоси машғулияти суруд ва мусиқӣ дар тарбияи томактабӣ ба олами бою рангини мусиқӣ ворид намудани кӯдакон ва тарбия намудани сифатҳои хуби ахлоқӣ, аз ҷумла: ахлоқи ҳамида, поквиҷдонӣ, ғамхору накукор, ватандӯсту сулҳҷӯи, далерию ҷавонмардиро мепарварад.

Дар тарбияи томактабӣ кӯдакон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ ҷашнҳо гузаронида, байни дигар миллатҳо ҳамкории наздик намоянду дар бораи пайдоиши санъати мусиқӣ инчунин аҳамияти созҳои мусиқӣ ё ин ки ҷашну маросимҳои анъанавию миллӣ маълумот гирифта завқу ҳаваси худро рушду нумӯъ дищанд. Машғулияти суруд ва мусиқӣ кӯдаконро ба нафосат қадркунии меҳнати воло ҳидоят мекунад.

Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ кӯдакон ба зебогии манзараҳои табиат, кухсорону чашмасорон, ғалазорҳои беканор, гиёҳои шифобахш,

хониши мурғони хушхон, боғу гулзорҳои сабзу хуррами диёр барояшон хело гуворою ҳаловатбахш мебошанд. Шинос намудан он яке аз тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқӣ ба шумор меравад. Ин талаботи кӯдаконро ҳангоми ташкил кардани экскурсияҳо ба зебогии табиат, театрҳо, консертҳо, осорхонаҳои таърихӣ, боғи ҳайвоноту, маҳфилҳои ҳаваскорони санъат қонеъ гардонида метавонем [5;284].

Барои баланд бардоштани савияи дониши кӯдакон машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ дидану мушоҳида намудани намунаҳои санъати мусиқӣ, тасвирӣ, кандакорӣ нақшу нигораҳои волои миллӣ, ки дар деворҳои қасру биноҳо, чойхонаву меҳмонхонаҳо, биноҳои театрҳо, пайкараю муҷасаммаҳо, шаҳрро зебу зиннат медиҳанд, аҳамияти калони тарбияи ахлоқӣ доранд.

Машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ мувофиқи барномаи нави таълимӣ салоҳиятнокӣ доир ба ҳамаи паҳлуҳои санъати мусиқӣ сурудхонӣ, назарияи мусиқӣ, шунавонидани оҳанг ва эҷодкорӣ алоқаманд мебошад, ки ин яке аз талаботҳои асосии машғулияти суруд ва мусиқӣ дар тарбияи томактабӣ мебошад. Дар ин раванд ба машғулияти суруду мусиқиҳои кӯдакона рӯ овардан зарур аст, зеро сурудҳои барои хурдсолон эҷод шуда дар худ маводҳои зиёди тарбиявию эстетикӣ доранд. Сурудҳои кӯдакона соддаю равон буда, барои ташаккул додани тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқии томактабӣ заминаи бо эътимод мегузорад. Суруду оҳангҳои кӯдакона асоси васеъшавии диапазони овози сарояндагии кӯдакон ба ҳисоб рафта дар оянда барои ташаккул додани табияи ақлии онҳо заминаҳои нав мегузорад. Сурудсарой, ки бо жанри мусиқӣ дохил мешавад, онро ба дараҷаи баланди касбӣ бардоштаанд, ки тамоми мавзуъҳои ҳаёти кӯдаконро дарбар мегирад. Оҳангсозони муосир ба ҳама хусусияту характери сурудҳои халқӣ ва замонавӣ нигоҳ карда ҳамовозӣ офарида, онҳоро таҳлил карда, ба синну сол ҷудо карда барои омӯзиш дар барномаҳои таълимӣ пешниҳод менамоянд.

Сурудҳои ба фаслҳои сол, манзараҳои табиат, набототу, ҳайвонот аллаи модар, навозиши бача, сохтмонҳои азим, қаҳрамониҳои бемислу монанди одамон дар достонҳо зикр гардида ба фатҳи кайҳон ва ғайра бахшида мешаванд, ки ин аз тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқӣ оғоз мегардад. Мазмуни матн бояд бо мусиқӣ ва оҳанг мувофиқат кунад. «Ман ҳамеша пас аз шунидани мусиқӣ, бештар ба кор дода мешавам» навишта аст шоири бузурги немис И.Гёте. Ҳар яки мо сурудҳои писандидаи худро дорем ва онҳоро замзама намуда худро бардам ҳис мекунем ва тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқиро меангезем [2;64].

Машғулиятҳои суруду мусиқӣ дар тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқии томактабӣ дар хонишу истироҳати мо ёрӣ расонида ҷаҳони ботинии моро басо рангин месозад ва баъди шунидани аз он, мо ҳаловат бурда руҳӣ ҷонамон осоиш меёбаду моро барои дидани зебогии табиат роҳнамуд месозад. Имкониятҳои сарояндагӣ аз кӯдакон талаб менамояд, ки пеш аз ҳама сабук ва табии сароиданро омӯзанд, нафаси дурусти мусиқӣ гиранд. Ба талаффузи ҳиҷо аҳамият дода онро аз рӯи характери эҷодиаш сароянд. Ҳоло бештари сурудҳои ба бачаҳо бахшида дар шакли сурудҳои хорӣ эҷод мешаванд. Ин тарзи хониш дар кӯдакон оҳиста-оҳиста малакаҳои сарояндагию хорсароиро инкишоф медиҳад. Узвҳои талаффузкуниашон серҳаракат шуда нутқашон бурро мешавад. Дар тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқии томактабӣ якҷоясароиро, ки хорсарой меноманд ташкил карда тавонистан хеле зарур аст, зеро кӯдакон аз хурди сароидани сурудҳои дуовоза ва хорсароиро хуб меомӯзанд.

Кӯдакон дар ин синну сол метавонанд, дар давоми машғулияти суруд ва мусиқӣ бо малакаҳои сарояндагӣ ва назарияи мусиқӣ шинос шаванд, ки ин барои боз ҳам беҳтар гаштани овозхонии хорӣ кумак мерасонад. Барои дуруст сароидани оҳанги суруд нахуст онро аз руи нота хондан лозим аст. Барои дуруст сароидани қатор овозҳои мусиқӣ оид ба лаҳнҳо тасаввурот доштан зурур аст. Барои аз худкунии лаҳнҳо кӯдакон овози асоси лаҳн (тоника) - ро дар шакли боло ҳаракаткунанда кришендо (васеъшаванда) ва ба поён ҳаракаткунанда думуниендо (аз баланд ба пастӣ) сароянд ва онҳо овозҳои асосии устувори лаҳнро аз худ мекунанд. Се овозаҳои асосии лаҳнҳо яке аз шаклҳои муҳимтарини фарққунандаи лаҳнҳо ба ҳисоб мераванд. Дар вақти сурудан ва шунавонидани оҳангҳо ба кӯдакон малакаҳои зарбӣ ба вуҷуд меояд. Ба малакаҳои зарбӣ ба монанди бо чапак задани зарбҳо бо асбобҳои зарбӣ шунавонидани зарбҳои оҳиста, зарбҳои миёна ва зарбҳои тезро омӯзонидан зурур аст [1;47].

Кӯдакон бояд характери мусиқиро аз мазмуни суруд фарқ карда тавонанд. Дар ин гурӯҳҳо омӯзгори мусиқӣ бояд шаклҳои диктанти гушкунӣ ва зарбиро барои кӯдакон пешкаш кунад. Чунин диктантҳо барои аз худкунии дониши онҳо нисбат ба мусиқӣ такони бузурге мебахшад. Дар доираи мавзӯъҳои асосӣ мавсими сол чунин маводҳои назариявӣ зинаҳо, силсилаи овозҳо, лаҷнҳо, фосилаҳо ва ғайраҳо омухта мешаванд. Шиносоӣ бо зинаҳои қатор овозаҳо бояд танҳо аз такрори сохти онҳо оғоз шавад. Тоника-овози асосии қатор овозҳо дар як вақт зинаи 1-и он ба ҳисоб меравад. Овозҳои боқимонда мувофиқи тартиби зинаҳо аз 2, 3, 4, 5, 6, 7, иборатанд. Дар қатор овозаҳо зинаи 1, 3, 5, зинаҳои устувор ва се зинаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд, ки асоси лаҳни мусиқиро муайян мекунанд. Шиносоӣ бо зинаҳои қатор овозҳо ба омӯзиши лаҳнҳо, ки яке аз воситаҳои асосии ифодакунандаи мусиқӣ аст, роҳнамун месозад. Лаҳн гуфта алоқаи садоҳои мусиқӣ, созиши байни ҳамдигарии овозҳоро меноманд. Ҳар як асари мусиқӣ дар лаҳни муайян хужро дорад. Аз ҳама лаҳнҳои маълум мажорӣ ва минорӣ мебошанд. Барои аёният роҳбари мусиқӣ лаҳнҳои мажорӣ ва минориро бо се овозаҳояшон нишон дода, дар сози мусиқӣ чӣ навъ сурудани онҳоро нишон медиҳад ва кӯдакон онро нишон дода такрор мекунанд.

Кӯдакон аз ин маълумотҳо бохабар шуда, дар машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқӣ, дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва худогоҳӣ тарбия ёбад ва бо мероси гузаштагони худ ошно шавад. Кӯдаконро чунон бояд тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқиро омӯхт, ки нисбати аҳли башар меҳру муҳаббаташон афзун гардад, меҳнатро дӯст доранду дар оянда соҳиби касбҳои дилхоҳ гашта, ба халқу Ватани азизи худ хизмати шоён намоянд [6;304].

Омӯзгори мусиқӣ ва кӯдакон аз хурди ба навохтан ва сароиданро омӯзонида, кушиш намояд, ки онҳо аз гуногунрангии асбобҳои мусиқӣ бохабар шаванд. Барои инкишофи ҷомеа, ки нақши оила, кӯдакистон, мураббӣ, омӯзгор ва муҳит зарур аст, дар роҳи татбиқи он чораҳои зарурӣ андешанд. Зеро барои инкишоф додани нутқи кӯдакон машғулияти суруд ва мусиқӣ басо аҳамияти бузург дорад. Барои ҳамин аз рӯзи аввал донистан лозим аст, ки аппарати овози кӯдакон рӯз ба рӯз ва сол то сол аз рӯи баландӣ, тобишнокӣ, қувватнокӣ ва зебоӣ тағйир меёбад. Дар баробари мустаҳкамкунии озодона ва сабук сароидан, омӯзгори мусиқӣ бояд ба он диққат бошад. Кӯдакон дар вақти сароидан низ бояд бодиққат бошанд, инчунин дар васеъшавии диапазони овози сарояндагии онҳо аҳамияти махсус додан лозим аст. Дар натиҷа машқҳои мутобиққунии овоз пайваста хондани овозҳо аз поён ба боло ва аз боло ба поён ба даст меояд. Дар баробари васеъшавии диапазони овози кӯдакон на бояд онро фаромуш сохт, ки беаҳамияти нисбат ба овози онҳо метавонад ба овози онҳо дағалӣ оварад, чунки бисёри муаллимон аз надонистани меъёри овози онҳо ба кӯдакон сароидани сурудҳои ба меъёри овози онҳо хос набударо месупоранд ва сароидани онро аз онҳо талаб мекунанд.

Бояд фаромуш накард, ки меъёри диапазони овоз дигар асту меъёри диапазони овози сарояндагӣ дигар. Бо диққат кор кардан ва эҳтиёт намудан овози кӯдакон вазифаи омӯзгор ба ҳисоб меравад. Овози онҳо рӯз то рӯз инкишоф ёфта кӯдакон табии хонданро ёд мегиранд ва дар солҳои оянда овози онҳо пурра ва тоза садо хоҳад шуд. Аллакай дар давраи омодагӣ ба мактаб муаллим пай мебарад, ки дар овози кӯдакон пурқувватӣ, тозагӣ ва ширинӣ ҳис карда мешавад. Аммо дар вақти иштирок накардан дар машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ зиёди кӯдакон малакаҳои сурудхонии вокалӣ-хориро гум мекунанд. Дар оилаҳое, ки аз тарафи волидайн мавзӯҳо такрор карда мешавад, ё ин ки дар оилаҳои сарояндаҳо бе чуну чаро мустаҳкамкунӣ хубтар ба роҳ монда мешавад. Чунончи баландии овози садододашударо сурудан, дар вақти сурудан рафиқро гӯш кардан ва ғайраҳо ба назар мерасанд.

Мисол: Бо- ғу- бу- сто- нам,

То- ҷи- ки- сто- нам.

Ин навъ мисолҳоро омӯзгори мусиқӣ бояд худ аниқу равшан карда бо суръати суст ва сурудани тоза ба кӯдакон фаҳмонад

Хулоса, дар мавриди ташкили малакаҳои сурудхонии кӯдакон шароиту омилҳои гуногуни равонӣ, физиологӣ, синнусолӣ ва педагогиро ба инобат гирифтан муҳим аст. Дар натиҷаи эҳтиёткорона муносибат намудан ба овози сарояндагии кӯдакон амалия нишон медиҳад, ки зина ба зина диапазони овози сарояндагии кӯдакон васеъ шуда, нафаскашӣ ва нафасбарориашон тараққӣ мекунаду сайқал меёбад. Дар заминаи интихоби равишҳои муносиби педагогию психологӣ кӯдакон низ аз ҷониби худ ҳавасмандона барои баландтар гардонидани овози сарояндагиашон фаъолиятҳои худро дар ҷараёни машғулият мустақилона ва бо рағбати том нишон дода метавонанд [8;409].

Кӯдакон хусусиятҳои овозхонии худашонро хуб намуда, барои зебою тоза ва ҷолибтар сароидани сурудҳо саъю кӯшиш ва талошҳои зиёд менамоянд, то ин ки сурудҳои

сароидаи онҳо ҳам ба худашон ва ҳам ба атрофиёну шунавандаҳо таъсири хуб расонанда, шунавандагонро шавқмандтар намоянд. Барои ба ин мақсад ноил гардидан ҳамеша машқҳои гуногунро коркард намудан лозим аст. Ин амалҳо имконият медиҳанд, ки ҳамеша овози сароядагии кӯдакон таҳсилоти томактабиро эҳтиёт намоему хусусиятҳои баланди овозхониро ба онҳо омӯзонем.

**АДАБИЁТ**


1. Августин, Бланженный. Развития. личных ребенка, от 3 до 5. М. С. 450., с.148
2. Выготский, Л.С. Педагогическая психология [Текст]. Л.С. Выготский. - М: Педагогика, 1991. -с. 536.
3. Емельянов, В. В. Развитие голоса. Координация и тренинг. - 6-е изд. Серия: «Учебники для вузов. Специальная литература» СПб Лань; Планета музыки 2010 г., Морозов, В. П. Искусство резонансного пения. Основы резонансной теории и техники. - М., Центр Искусство и Наука, 2002
4. И. Гёте. Фауст. Германия. Қисми 1. 1808, қисми 2. 1832.
5. Музикально - двигательные упражнения в детском саду: Кн. Для воспитателя и муз. Руководителя дет. сада - сост. Е.П.Раевская и др.
6. Н. Турсунов, «Бозӣ - машғулиятҳо» дар кудакистони бачагон гирифта шудааст. Душанбе. 1986 сол.
7. Петрова, В. А. Музыка малышам: метод, пособие Петрова В. А. М.:Мозаика-Синтез,2001. 144 с.
8. Праздничные утренники в детском саду. Первомай Сост. Е. Н. Соковнина. М., Музыка, 1969.
9. Русяйкина, Т. О совместной работе музыкального руководителя и воспитателя.- Дошкольное воспитание, 1980, № 1.
10. Стулова, Г.П. Теория и практика работы с детским хором. 6. М., Владос, 2002. - 176 с.


## ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОӢ – ПЕДАГОГИИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

***РАҲИМӢ Комил Маҳмадраҳим** – директори Муассисаи давлатии “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе”, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Шотемур, 54. **E-mail:** komiljon_83@mail.ru, **тел.:** +(992) 938 51 11 11*

Дар мақола вазъи кунунии проблемаи қобилият ва истеъдод дар психология ва педагогика таҳлил ва баррасӣ шудааст. Таҳлили корҳои илмӣ оид ба ин мавзӯъ нишон медиҳанд, ки сабаби асосии дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани ин масъала мавҷуд набудани назарияи қобилият ва истеъдод дар психологияи муосир мебошад, ки ба масъалаҳои сохтори қобилият ва истеъдод, робитаи онҳо, инкишофи он на танҳо дар давраҳои гуногуни синну солӣ, балки дар шароити муайян ва намудҳои гуногуни фаъолият, алоқаи кобилият бо истеъдод посухгӯй буда тавонад.

Дар натиҷаи таҳлили психологии муқоисавии асарҳои илмии равоншиносон намудҳои ақидаҳои моделсозӣ дар бораи истеъдод ва усулҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавии он муайян карда шудаанд:

1) омӯзиши истеъдод ҳамчун эҷодкорӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ;
2) омӯзиши истеъдод ҳамчун дараҷаи инкишофи ақл ва қобилиятҳои зеҳнӣ;
3) омӯзиши истеъдод ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои маърифатӣ ва ғайрикогнитивии шахс;
4) таҳлили истеъдод ҳамчун қобилияте, ки комёбиҳои баланди фаъолиятро таъмин менамояд;
5) омӯзиши истеъдод дар синни барвақтӣ.

Маълумоти дар мақола овардашуда на танҳо аз ҷиҳати омӯзиши назариявию методологии проблемаи қобилият ва истеъдод, балки дар раванди банакшагирӣ ва ташкили таҳқиқоти таҷрибавии қобилият ва истеъдод низ муфид хоҳад буд.

***Вожаҳои асосӣ****: эҷодкорӣ, истеъдод, қобилият, қобилияти эҷодӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, лаёқатмандии умумӣ, лаёқатмандии бадеӣ, лаёқатмандии зеҳнӣ ва академӣ, лаёқатмандии махсус, лаёқатмандии ниҳонӣ, кӯдакони болаёқат.*

## СОЦИАЛЬНО - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ

***РАХИМИ Комил Махмадрахим*** *– директор Государственного учреждения “Детско-юношеский центр города Душанбе”, соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Шотемур, 54.* ***E-mail:*** *komiljon_83@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 938 51 11 11*

В статье анализируется и обсуждается современное состояние проблемы способностей и одаренности в психологии и педагогике. Анализ научных трудов по этой теме позволяет утверждать, что ведущая причина неудовлетворительного состояния проблемы — отсутствие в современной психологии теории способностей и одаренности, удовлетворительно решающей вопрос структуры способностей, их взаимосвязи, развития не только в разные возрастные периоды, но и в условиях разных видов и типов деятельности, взаимосвязи способностей с одаренностью.

В результате сравнительно-психологического анализа научных трудов психологов выделены типы моделирующих представлений об одаренности и способах ее эмпирического и экспериментального исследования:

1) изучение одаренности как творчества и творческих способностей;

2) исследование одаренности как уровня развития интеллекта и интеллектуальных способностей;

3) изучение одаренности как комплекса когнитивных и некогнитивных характеристик человека;

4) анализ одаренности как способностей, обеспечивающих высокие достижения в деятельности;

5) исследование одаренности в раннем детском возрасте.

Представленные в статье данные будут полезны не только в плане теоретического и методологического изучения проблемы способностей и одаренности, но и в процессе планирования и организации эмпирических исследований способностей и одаренности.

***Ключевые слова:*** *творчество, одаренность, способность, творческая способность, выявление и развитие талантов, общая одаренность, художественная одаренность, интеллектуальная и академическая одаренность, особая одаренность, скрытая одаренность, одаренные дети.*

## SOCIAL - PEDAGOGICAL ASPECTS DEVELOPING STUDENTS' CREATIVE SKILLS

***RAKHIMI Komil Mahmadrahim*** *– Director of the State Institution "Children's and Youth Center of the City of Dushanbe", applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shotemur st. 54.* ***E-mail:*** *komiljon_83@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 938 51 11 11*

The article analyzes and discusses the current state of the problem of abilities and giftedness in psychology and pedagogy. An analysis of scientific works on this topic suggests that the leading

cause of the unsatisfactory state of the problem is the lack of a theory of abilities and giftedness in modern psychology that satisfactorily resolves the issue of the structure of abilities, their relationship, development not only in different age periods, but also in conditions of different types and types. activities, the relationship of abilities with giftedness.

As a result of a comparative psychological analysis of the scientific works of psychologists, types of modeling ideas about giftedness and methods for its empirical and experimental research have been identified:

1) the study of giftedness as creativity and creative abilities;

2) the study of giftedness as a level of development of intellect and intellectual abilities;

3) the study of giftedness as a complex of cognitive and non-cognitive characteristics of a person;

4) analysis of giftedness as abilities that ensure high achievements in activity;

5) the study of giftedness in early childhood.

The data presented in the article will be useful not only in terms of theoretical and methodological study of the problem of abilities and giftedness, but also in the process of planning and organizing empirical studies of abilities and giftedness.

***Key words:*** *creativity, giftedness, ability, creative ability, identification and development of talents, general giftedness, artistic giftedness, intellectual and academic giftedness, special giftedness, hidden giftedness, gifted children.*

Бо ба даст овардани соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст шуда, шаҳрвандони он аз ҳар ҷиҳат барои мутобиқгардӣ ба талаботи зудтағирёбандаи равандҳои муосири он ва дар ин замина анҷом додани фаъолияти натиҷабахши ба рушди моддиву маънавии шахсияти замони муосир равонагардида, азму талош меварзанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ин давра шахсияти соҳибистеъдод ва дорои қобилиятҳои баланди эҷодӣ бо андешаву шуурнокии нави ба талаботи замон ҷавобгӯ бо мустақилияти интихобу амал ва коркарди идеяву андешаҳои созандаи хеш дар меҳвари ин тағйиротҳо қарор дорад.

Ин аст, ки инсони эҷодкор аз назари муҳаққиқон манбаи асосии рушду инкишоф ва пешрафти ҷомеаи мутамаддин дониста шуда, тарбияи он ҳамчун шахсияти комили дорои қобилиятҳои баланди эҷодӣ яке аз ҳадафҳои асосии ҳар як ҷомеаи рушдёбанда дониста шуда, дар ин самт барои анҷоми бомуваффақонаи ин рисолат пажӯҳиш ва корҳои таҳқиқотӣ анҷом дода мешаванд, ки асоси онро ҷанбаҳои иҷтимоӣ – педагогӣ ташкил медиҳанд.

Зеро, дарёфт, тарбия ва инкишофи истеъдод  дар шароити созгори иҷтимоӣ - педагогӣ яке аз шартҳои муҳими ташаккули  зарфияти эҷодии ҷомеа, рушди соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, истеҳсолот ва ҳаёти иҷтимоиро дар маҷмуъ ташкил дода, пеш ҳама дар инкишофи инфиродӣ ва мустақилонаи шахсияти инсон нақши аввалиндараҷа мебозад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи дарёфту рушди истеъдодҳо ва дастгирии хонандагони болаёқат таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳангоми суханронӣ дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, 28 августи соли 2018 таъкид намуданд, ки “Дигар вазифаи муҳимми аҳли маориф дарёфт ва тарбияи истеъдодҳо ва ихтироъкорону эҷодкорон аз миёни наврасону ҷавонон мебошад.

Бо мақсади тарбияи шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии муосиру пешрафта ва ҳисси баланди миллӣ, худогоҳу худшинос ва ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии хонандагони болаёқат ҳоло барномаи алоҳидаи давлатӣ татбиқ шуда истодааст.

Дар доираи барномаи мазкур ба масъалаҳои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, малакаи касбии омӯзгорон ва таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир аҳаммияти махсус дода мешавад” [10].

Ҳамчунин вобаста ба муҳим будани ташхису муайянсозӣ ва дарёфти қобилияти хонандагон аз синни хурдсолӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар вохӯрӣ бо олимони кишвар 18 марти соли 2020 қайд

намуданд, ки “Дигар нуктаи муҳим ин аст, ки мо бояд бо такя ба таҷрибаи ҷаҳони муосир интихобу тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдодро аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оғоз кунем ва таълими онҳоро мақсадноку дурбинона ба роҳ монем” [11].

Аз ин рӯ, дарёфти истеъдод ва қобилиятҳои эҷодӣ дар синни наврасӣ имконияти фаррох ва саривақтиро дар рушду инкишофи ҳамаҷонибаи он фароҳам оварда, тарбия ва дастгирии ҳама гуна зуҳуроти ба он вобаста дар ин давра ба рушди зарфиятҳои эҷодии ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

Бо назардошти афзалияти масъалаи мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113 “Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025” тасдиқ карда шудааст, ки он бо мақсади дарёфт, дастгирӣ, рушди хонандагони боистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ҷиҳати ташаккули таҳсили муттасили ҷавобгӯ ба талаботи таълимӣ ва амалӣ намудани қобилиятҳои эҷодии истеъдодҳо таҳия гардидааст, ки он иҷрои вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд [2]:

- ташаккул ва мукаммал гардонидани механизмҳои иқтисодӣ ва ташкиливу идоравӣ барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо;
- таҳияи механизми самарабахши муайян намудани хонандагони боистеъдод ва мусоидат дар инкишофи зеҳнии онҳо;
- васеъ намудани шабакаи марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод тавассути зиёд намудани иқтидори фарогирии хонандагони боистеъдод;
- муҳайё намудани шароити муосири таълимию тадқиқотӣ барои хонандагони боистеъдод;
- таҳияи стандарт, нақша, барномаҳои фанҳои амиқи таълимӣ барои хонандагони мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо;
- таҳияи китобҳои дарсии дорои мундариҷаи мураккаб ва маводи иловагии таълимӣ барои хонандагони мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо;
- таҳияи барномаҳои таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ ва маҳфилҳои фаннӣ;
- таҳияи барномаҳои махсуси таълимии инфиродӣ барои хонандагони боистеъдод;
- таҳияи барномаҳои намунавии таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод;
- таҳияи барномаҳои махсус барои дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод;
- ташаккул ва мукаммал гардонидани заминаи илмӣ ва методии муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ;
- муносибати инфиродии таълим, муттасилӣ ва пайдарпайӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- ташкили марказҳои илмию амалии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар назди муассисаҳои таълимӣ;
- таҳияи низоми ҳавасмандгардонии хонандагони боистеъдод ва омӯзгорони онҳо;
- тақвият бахшидани фаъолият дар самти дарёфт, рушд ва ҳавасмандгардонии хонандагони боистеъдод;
- ташкили заминаҳои мусоиди моддию техникӣ ва илмӣ - методӣ барои иштироки хонандагони боистеъдод дар олимпиадаҳои байналмилалӣ;
- ташкили самарабахши истироҳати таълимии хонандагони боистеъдод дар давраи таътил ва ба низоми таҳсилоти иловагӣ ворид намудани истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии кӯдакону наврасон;
- ташкили низоми омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба имтиҳоноти марказонидашудаи дохилшавӣ ва мусоидат дар раванди касбинтихобкунии онҳо;
- ҷоннок намудани фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод тавассути таъсиси паркҳои технологӣ;
- тақвияти фаъолияти муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод дар самти тарғиби ҳунарҳои мардумӣ ва мусоидат дар касбинтихобкунии хонандагон;

- ташаккул ва мукаммал гардонидани барномаҳои озмунҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва варзишӣ;

- ба роҳ мондани робитаҳои байниидоравӣ ва шабакавӣ;

- гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва таҳияи барномаҳои педагогӣ ва психологӣ барои дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод;

- ташаккули низоми бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгороне, ки бо хонандагон кор мекунанд;

- истифодаи таҷрибаи кадрҳои баландихтисоси муассисаҳои таълимии пешқадам, паҳн намудани усулҳои фаъол ва пешрафтаи таълим;

- дастгирии омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таълимӣ бо хонандагони боистеъдод кор мекунанд ва дар амалишавии қобилиятҳои эҷодии онҳо саҳм доранд;

- паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгороне, ки дар самти кор бо хонандагони боистеъдод дастовардҳои назаррас доранд;

- таъмин намудани шароит барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти хонандагони боистеъдод, таҳсилоти босифат, муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ тавассути иштирок ва ғолибияти хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, кашфиётҳои нави илмӣ;

- такмили фаъолияти равоншиносони муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод дар самти омӯзиши хусусиятҳои хоси кӯдакони боистеъдод.

Бояд тазаккур дод, ки соҳибистеъдодӣ падидаи тағйирёбанда буда, метавонад дар раванди ташаккул боиси зуҳури қобилиятҳои нави эҷодӣ гардад. Вобаста ба ин, соҳибистеъдодӣ ва зуҳури қобилиятҳои эҷодӣ маҳдудият надошта, пажӯҳиши он бояд тамоми давраи ҳаёти инсонро дар бар гирад.

Дар ин асно метавон хулоса кард, ки истеъдод ҳолати равонии дар давоми ҳаёт ташаккулёбанда буда, фарқият ва бартарияти инсонҳоро дар самти ноил гардидан ба дастовард ва натиҷаҳои баланду назаррас муайян менамояд [6, 356].

Маврид ба ёдоварист, ки дар замонҳои гузашта то таҳти пажӯҳиш қарор гирифтани истеъдод ва қобилиятҳои эҷодӣ онҳо танҳо ба сифати неъмати илоҳӣ, ба ибораи дигар худододӣ ҳисобида мешуданд. Баъди дар асри XIX аз ҷониби олим ва пажӯҳишгари инглис, поягузори психологияи дифференсиалӣ ва психометрикӣ Ф. Галтон таълиф ва интишор гардидани китоби «Ирсияти истеъдод: қонуният ва паёмадҳо» («Наследственность таланта: законность и последствия») истеъдод ҳамчун падидаи хусусияти ирсӣ – модарзодӣ маънидод карда шуд, ки баҳсҳои зиёдро низ ба бор овард [4, 313]. Баҳсҳо атрофи ин назарияи пешниҳодгардида аслан атрфи саволҳои «Киро метавон соҳибистеъод ҳисобид? Шахсеро, ки дар ҳама самт қобилият нишон медиҳад ё нафареро, ки дар як ё ду самти муайян соҳибистеъдод аст?» Барои ҳамроҳ гардидан ба ин баҳс ва посух додан ба саволҳои гузошташуда падидаи мазкурро аз поён, яъне аз давраи нахустини зуҳури он дар айёми кӯдакӣ мавриди таҳилу баррасӣ қарор медиҳем, ки дар ниҳоят чавҳари таълифоти мазкурро ташкил хоҳад дод.

Педагогҳои барҷаста, равшанфикрон, олимони Тоҷикистон низ ба масъалаҳои тафовутҳои ақлонии одамон ва тарзу воситаҳои рушди қобилияту истеъдодҳо дар фаъолият дахолат намудаанд.

Ба андешаи педагоги тоҷик, профессор Маҷидова Б. қобилияти хонандагон дар фаъолияти амалӣ ошкор мешавад. Дар китоби «Педагогикаи томактабӣ» ӯ чунин меоварад: «Кори амалӣ оид ба санъати тасвирӣ ба шумо дараҷаи хотираи биноии кӯдак, он хусусиятҳоеро, ки ӯ диққат дода, дар хотир мегирад, нишон медиҳад. Шумо ишораҳоро оид ба қобилияти ӯ дар айни замон ба даст меоред ва барои шумо ҳалли масъалае осон мегардад, ки бо кадом суръат курси расмкаширо бояд ба роҳ монед ва ба кадом ҷиҳатҳо эътибор диҳед» [8,44].

Муҳаққиқ А. Диваев аҳли ҷомеаро барои рушд додани лаѐқатмандии кӯдак дар оила даъват мекард. Бозиро ӯ дар ин маврид воситаи асосӣ мешуморад. Қобилият ва майлу рағбатҳои бачагон маҳз дар бозӣ, дар ҷунбуҷӯл бо бозичаҳо зоҳир гардида такмил мeёбанд. Ба ақидаи ӯ, барои ин бозичаҳои қимат ҳатмӣ нестанд - «Онҳо моро ба олами андешаву хоҳишҳои бачагон ҳидоят намекунанд. Ин бозичаҳо бо равиши фабрикаҳо коркард мешаванд; ба соҳаи бачагӣ онҳо аз берун ворид мегарданд, бинобар ин, аз завқу рағбати

бачагон дида, бештар завқи истеҳсолкунандагони худро таҷассум мекунанд. Бозичаҳои бачагони даштнишин тамоман дигар хел мебошанд. Дар ин ҷойҳо кӯдак худаш бозичаро аз гил дар шакли уштур ё асп месозад, бинобар ин, онҳо маҳсули фаъолияти эҷодии ӯ, истеъдоди ӯ мебошанд» [5, 2].

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки кӯдаки соҳибистеъдод – кӯдаке дониста мешавад, ки дар фарқият ба дигарон бо дастовардҳои назаррас, баъзан дастовардҳои бесобиқа дар самти фаъолияти муайян аз худ дарак медиҳад. Илова бар ин, кӯдакони боистеъдод новобаста аз синни хурдсолӣ бо қобилияти пайгирии робитаҳои сабабӣ ва қонуниятҳои табиӣ, ки дар натиҷаи баровардани хулосаҳоии мантиқии мустақилонаашон падид меоянд, фарқ мекунанд. Ин ҳолатҳоро бештари вақт тавре дар боло ишора намудем, ҳангоми фаслу васли дигарбораи бозичаҳо, сохтани моделҳо ва ё системаҳои алтернативии онҳо аз ҷониби наврасон мушоҳида кардан мумкин аст, ки онро метавон қадамҳои нахустин ва ё асоси зуҳури истеъдод ва қобилият маънидод намуд.

Истеъдод ҳамчун потенсиали дорои паёмади ҳавасмандгародонии иҷтимоӣ ва маърифатӣ имкон медиҳад, ки шахс дар доираи салоҳиятҳои иҷтимоии ҷомеа дар соҳаҳои моликияти зеҳнӣ, эҷодкорӣ, эҷодиёти бадеӣ ва қобилиятҳои психомоторӣ ба дастовард ва натиҷаҳои баланд ноил гардад.

Эҷодкорӣ асоси рушди истеъдодро ташкил дода, соҳаҳои илм, санъат ва ҷараёни шаклгирии зиндагиву рӯзгор, ки аслан ба ихтирооти тамаддуни башарӣ пайваст мебошад, ба он вобастагӣ дорад. Майл ба эҷодкорӣ ҳамчун зуҳуроти олии фаъолияти инсон қобилияти эҷод, ихтироот ва навовариро ташаккул медиҳад, ки метавонад боиси кашф ва пайдо гардидани навоварие дар соҳаҳои гуногун бошад.

Бо вуҷуди ин, эҷодкорӣ ҳамчун зуҳуроти олии фаъолият ва сатҳи баланди интелектуалӣ аз ҳамдигар фарқ намуда, баҳодиҳии зарфиятҳои зеҳнӣ тавассути усулҳои анъанавӣ имконияти мустақиман арзёбӣ намудани қобилияти эҷодиро надорад [3, 176].

Эҷодкорӣ пеш аз ҳама ин маҷмӯи тафаккур ва сифати махсуси равандҳои равонӣ буда, он наметавонад дар алоҳидагӣ аз ҳиссиёт самарабахш бошад.

Қобилиятҳои эҷодӣ бошанд, дар маҷмӯъ мафҳуми мураккаберо мемонанд, ки онҳоро метавон бо дарназардошти ҷузъиёти зерин муайян намуд:

- маҳорати дарк кардани навгониҳо;
- майл ба донишандӯзӣ;
- тафаккур ва фаъолнокии амалӣ;
- маҳорати пайдо кардани ҷузъиёти нав аз ашё ва падидаҳои муқаррарӣ;
- ҳамеша майл ба навоварӣ ва ихтироъкорӣ доштан;
- маҳорати дар амал татбиқ намудани таҷриба ва донишҳои ҳосилшуда;
- озодӣ ва васеъ будани доираи тасаввурот;
- эҳсос, хаёлот ва фаҳмиши ғайримуқаррарие, ки дар натиҷаи онҳо навовариву кашфиёт зуҳур мекунанд.

Ҳамин тариқ, қобилиятҳои эҷодӣ, бахусус қобилиятҳои эҷодии хонандагон ба такмили майлу маҳоратҳои дар боло зикргардида асос ёфта, дараҷаи ташаккули онҳо аз шароитҳои созгори иҷтимоиву педагогӣ вобаста мебошанд.

Қобилиятҳоро вобаста ба асоси зуҳурёбӣ, самт ва дараҷаи ташаккул метавон тасниф намуд. Дар ин асно, вобаста ба сатҳи ташаккул, қобилиятҳо ба навъҳои зерин тақсим мешаванд: ***лаёқатмандӣ***, ***истеъдод*** ва ***нобига*** (сатҳи олии қобилият).

**Лаёқатмандӣ** аз самтҳои фаъолияти шахсӣ ва хусусиятҳои фардии мавқеъгирии ҳаётӣ вобастагӣ дорад. Ин аст, ки дар баробари беҳамто ва нотакрор будани ҳар як кӯдак, нишонаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки монандии хислатҳои кӯдакони лаёқатмандро ошкор менамоянд, ки онҳо аслан аз фаъолнокии зиёд ва худтанзимкунӣ дар фаъолияти эҷодӣ иборат мебошанд.

Навъҳои лаёқатмандӣ, ки метавонанд ҷанбаҳои сифатию миқдорӣ дошта бошанд, тавассути меъёрҳои зерин, ки асоси таснифоти онҳоро ташкил хоҳанд кард, муқаррар кардан мумкин аст:

1. Навъи фаъолият ва ҳолатҳои равонии таъминкунандаи он.
2. Дараҷаи ташаккулёбӣ.
3. Шакли зуҳурёбӣ.

4. Васеъ будани самтҳои зуҳурот дар доираи фаъолияти гуногун.
5. Хусусиятҳои ташаккулёбии синнусолӣ.

Бо дарназардошти меъёрҳои мазкури муайянкунанда, тибқи таҳлил ва таснифи пажӯҳишгарон навъҳои зерини лаёқатмандиро метавон номбар кард:

***Лаёқатмандии умумӣ*** – дараҷаи баланди ташаккули қобилиятҳои умумӣ мебошад, ки доираи нисбатан васеи фаъолиятҳоро муайян мекунад, ки дар он шахс метавонад ба комёбиҳои калон ноил гардад. Бояд гуфт, ки дар бораи мавҷудияти навъи истеъдоди умумӣ дар асри XIX равоншиноси инглис Френсису Галтон низ назарияи тахминӣ пешниҳод намуда буд.

***Лаёқатмандии бадеӣ*** – навъи лаёқати ба эҷодиёти мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва саҳнавӣ вобастабуда мебошад. Ин навъи лаёқатро инчунин ба навъҳои лаёқатҳои эҷодиёти тасвирӣ, эҷодиёти адабӣ ва эҷодиёти мусиқӣ вобаста кардан мумкин аст.

***Лаёқати амалӣ*** – одатан дар доираи муасисаҳои таълимӣ ва умуман дар ҷомеа хеле кам истифода ва эътироф мешавад. Ба ақидаи равоншиноси амрикоӣ, профессор Роберт Штренберг хусусияти асосии лаёқати амалӣ дар надоштани донишҳои қавӣ ва ё мавҷудияти донишҳои заиф доир ба фаъолияти муайян, аммо ба даст овардани муваффақият дар доираи ин “донишҳо” мебошад [9, 368]. Масалан, хонандае, ки аз фанҳои адабиёт ва ё суруду мусиқӣ донишҳои назариявии лозима надошта, аммо дар амалия метавонад ба овозхон ва ё навозандаи муваффақ мубаддал гардад. Метавон гуфт, ки лаёқати амалӣ то ҷойе аз қобилиятҳои ирсии истеъдод сарчашма мегирад.

***Лаёқатмандии зеҳнӣ ва академӣ***. Кӯдаконе, ки дорои ин намуди лаёқат мебошанд, қобилияти зуд аз худ кардани мафҳумҳои бунёдиро дошта, иттилоотро ба хубӣ дар хотир мегиранд ва нигоҳ медоранд. Қобилияти коркарди иттилоот ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бисёр соҳаҳои илм муваффақ бошанд.

***Лаёқатмандии махсус.*** Дар навъ ва фаъолиятҳои мушаххас зоҳир гардида, одатан дар муносибат бо соҳаҳои мухталиф аён мегардад. Ин навъи лаёқат аслан дар шахс қобилиятҳои конкретии эҷодӣ, математикӣ варзишӣ ва ғайраро дар муносибат ба ҳамдигар зуҳур менамояд.

***Лаёқати эҷодӣ*** – навъи истеъдодест, ки дар натиҷаи коркарди тафаккур ва биниши ғайримуқаррарӣ зоҳир мешавад. Бояд гуфт, ки асоси бунёдии лаёқатро қобилияти эҷодӣ ташкил дода, он дар ҳама намуди фаъолияти инсон аз ҷумла, илмӣ, техникӣ, бадеӣ, ҳунарӣ ва ғайра зоҳир мешавад.

***Лаёқати психомоторӣ*** (варзишӣ) – аз қобилиятҳои ба суръат, дақиқият ва ҳаракатҳои моҳирона вобаста буда, аслан қобилиятҳои варзиширо муайян менамояд.

***Лаёқати иҷтимоӣ – роҳбарӣ*** (ташкилотчигӣ) – ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанба дониста шуда, бешатар муваффақиятро дар муоширати муайян менамояд. Ин навъи лаёқат қобилияти дарку фаҳм, дӯст доштан, ҳамрайъиву ҳамдигарфаҳмӣ, маслиҳатдиҳӣ, созишу муросо ва муошироти созгорро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки шахс омӯзгор, равоншинос, равонпизишк, корманди иҷтимоӣ ва роҳбари муваффақ бошад.

***Лаёқати ниҳонӣ*** – ин асолати мусбати кӯдак буда, на якбора, балки марҳила ба марҳила ё дар натиҷаи такони ҷиддӣ ва ё таъсири дигари иҷтимоӣ зуҳур хоҳад кард. Ин ҷо бояд қайд кард, ки дар сурати сари вақт ошкор нагардидани лаёқати кӯдак, ё фароҳамм набудани шароити психологӣ – педагогии кашфи он, фаъолнокӣ ва ё завқмандии кӯдак метавонад боиси даст задан ба одатҳои зарарнок ва ё хатарнок оварда расонад, ки он дар натиҷаи арзёбии нодурусти қобилияти кӯдак сар мезанад.

**Истеъдод** – дараҷаи баланди ташаккули қобилиятҳо, хусусан қобилиятҳои махсус мебошад, ки аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти инсон баҳо дода шуда, аслан бо навовариҳои бунёдӣ фарқ мекунанд. Равоншиноси рус, профессор Дмитрий Викторович Ушаков дар фарқгузории байни лаёқат ва истеъдод пешниҳод намудааст, ки тахти мафҳуми лаёқат зарфиятҳои қобилиятнокии шахсро, ки дар марҳилаҳои ҳаёти инсон зоҳир мешаванд, фаҳмида шавад [12, 80]. Лаёқат бар хилофи истеъдод ба дастовардҳое, ки барои ҷамъият аён шуморида мешаванд, таъсир намерасонад, он метавонад аз худи шахс ва муҳити ӯ пинҳон бошад, зеро дар ин маврид лаёқат ҳамчун истеъдоди амалинашуда фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолатҳо барои муайн кардани лаёқатмандӣ аксаран аз усулҳои илмӣ истифода

мебаранд. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки зуҳури истеъдод аз кашф ва ташаккули лаёқат вобастагӣ дорад.

Инкишофи истеъдод бошад ба имконоти иҷтимоӣ вобастагӣ дорад, яъне дар ташаккули қобилиятҳои шахси боистеъдод шароити таълиму тарбия нақши созгор мебозад. Вобаста ба ин, агар дар зуҳури истеъдод барномаҳои таълимӣ ва шароити мувофиқи тарбиявӣ созгор бошанд, дар кӯдак идома додани фаъолияте, ки дар он муваффақ мебошад, идома меёбад. Дар ҳолати баръакс ин ҳолат метавонад падид наояд. Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки зуҳури истеъдод аз шароити иҷтимоӣ ва талаботи шахсии инсон низ вобастагии калон дорад.

**Нобиға** – шахсе дониста мешавад, ки дорои сатҳи олитарини қобилият мебошад. Дар бораи мавҷудияти инсони нобиға вақте сухан рондан мукин аст, ки агар шахс дар эҷодиёти худ ба натиҷаҳое ноил гардида бошад, ки он нодир буда, барои ҷамъият ва фарҳангу тамаддуни инсоният давраи навро боз карда тавонад. Инсонҳои соҳибистеъдодро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият метавон вохӯрд, ки қобилиятҳои эҷодии худро бомуваффақият амалӣ менамоянд, аммо нубуғи истеъдод ё шахси нобиға нафаре дониста мешавад, ки дорои қобилияти нодир, ягона ва фавқуллода мебошад. Пажӯҳишгарон фарқиятҳои миқдорӣ ва сифатии байни инсонҳои соҳибистеъдод ва нобиғаро ба таври зайл ифода мекунанд [13, 272]:

1. Шахсони боистеъдод дар соҳаҳои намоёни фаъолияти инсонӣ (илм, санъат ва ғ.) кор карда, бо дастовард ва навоварӣ дар пешбурди ин соҳаҳо саҳмгузорӣ менамоянд, ки як навъ саҳми онҳо дар ташаккули ин соҳаҳо арзёбӣ мегардад. Шахсони нобиға бошанд, соҳаҳои нави фаъолиятро какшф менамоянд, навовариҳое ворид менамоянд, ки пеш аз ин вуҷуд надоштанд.

2. Истеъдод дар натиҷаи омӯзиши амиқ ва ё ташаккули соҳаҳои алоҳидаи мушаххас ба вуҷуд меояд, нобиға бошад, бо як соҳа маҳудуд намегардад, ҳодисаҳоро дар доираи на фақат як соҳа, балки ба таври универсалӣ таҳлилу пешниҳод менамояд.

3. Шахсони соҳибистеъдод ва нобиғаро аз сатҳи меҳнатдӯстӣ ва заҳматкашиашон низ дар рушди қобилиятҳои эҷодӣ фарқ кардан мумкин аст. Меҳнатдӯстии шахси соҳибистеъдод аз ташаккули хислатҳои иродавии ӯ вобастагӣ дорад. Бештари вақт, бинобар суст будани иродаи шахсӣ истеъдодҳои зиёде пурра кашф ва ташаккул намеёбанд. Нобиға бошад, баръакс бо саъу кӯшиш, меҳнатдӯстӣ ва ҳаваси бепоёни бар пояи иродаи қавӣ асос ёфта, ба қуллаҳои ниҳоии дониш ва дастовардҳои бесобиқа ноил мегардад.

Ба андешаи пажӯҳишгарон, маҳз фаъолияти эҷодии гуногунсамт омили пешбарандаест, ки динамикаи мусбати рушди истеъдод ва қобилиятҳои эҷодии хонандагонро таъмин мекунад.

Тавсифи муфассали қобилиятнокӣ ва навъҳои он дар асоси таҳлилҳои дар боло овардашуда, имконият медиҳанд, ки бо таъмини шароити созгори муҳити иҷтимоӣ - педагогӣ маҳорат ва малакаҳои дар раванди таълим бадастовардаи хонандагон бо амалинамоии фаъолияти гуногуни тарбиявию таҷрибавӣ дар рушди қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат намоянд.

Аз ин ҷо, рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон вазифаи муҳими педагогӣ буда, таҳлили ҳамаҷонибаи ин раванд бо истифодаи усулҳои муосири иҷтимоӣ ва психологию педагогӣ боиси сари вақт ташаккул ёфтани муқаррароти умумии қобилиятҳои эҷодии хонандагон мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Афзалов, Х., Б. Раҳимов. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик//Х. Афзалов. Б. Раҳимов. – Душанбе: «Маориф», 1994.-с. - 25, 40, 51,79, 84, 96, 104, 142.

2. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020”. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113.

3. Богоявленская, Д.Б., Богоявленская, М.Е. Психология одаренности: понятие, виды, проблемы. Выпуск 1. - М.: МИОО, 2005. – 176 с.

4. Гальтон, Ф. Наследственность таланта, ее законы и последствия (репринт издания 1875 г.). – М., 1996. – 313 с.

5. Диваев, А.А. Игры киргизских детей / А.А. Диваев [Текст] // Туркестанские ведомости. 1905. № 152. С.2-3.3
6. Дружинин, В.Н. Психология общих способностей. - СПб.: Питер, 1999. – 356 с.
7. Матюшкин, А.М. Концепция творческой одаренности // Вопросы психологии. 1989, N6,-С. 29-33
8. Маҷидова, Б. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 1 / Б. Маҷидова [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 223 с.
9. Роберт, Дж. Штернберг Интеллект, приносящий успех / Роберт Дж. Штернберг. - М.: Попурри, **2017.** - 368 с.
10. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 55 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, 28.08.2018, шаҳри Душанбе, https://www.khf.tj/node/962.
11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар, 18.03.2020, шаҳри Душанбе http://www.president.tj/node/22643.
12. Ушаков, Д.В. Психология одаренности: от теории к практике / Под ред. Ушакова Д.В.- М.: ПЕРСЭ, 2000.- 80 с.
13. Холодная, М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования. - СПб.: Питер, 2002. -272 с.

**УДК: 159. 9. (316. 6)**

## САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ АСОСИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА НИСБАТИ КӮДАКОН

***РИЗВОНОВА Зарина Пирумовна*** *– омӯзгори калони кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *zarina. rizvonova@bk.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 24 66 81*

Дар мақолаи дода шуда сабабҳо ва омилҳои асосии зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар оила ошкор карда шудаанд. Тафсири мафҳуми зӯроварӣ ва инчунин категорияҳои муносибатҳои бераҳмона нисбати кӯдакон дар оила, аз мавқеи илмӣ бонизом оварда шудааст. Муаллиф дар асоси ақидаҳои муҳаққиқон тасдиқ менамояд, ки омилҳои хавфи зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар оила бо хусусиятҳои оила, саломатӣ ва шахсияти волидайн, шахсияти кӯдак ва ғайра вобаста буда аст. Вайроншавиҳои дар натиҷаҳои зӯровариҳои азсаргузаронида, метавонанд ба соҳаи эмотсионалӣ, когнетивӣ ва рафтории инкишофёбии кӯдак таъсири худро расонад. Дар кӯдаконӣ зӯроварӣ азсаргузаронида, микдори зиёди шикоятҳои соматикӣ зоҳир гашта, таъғирёбии устувори шахсӣ дар онҳо мушоҳида мегарданд. Муайян шудааст, ки кӯдакони зӯроварии оилавиро аз сар гузаронида, чунин маҷмӯи оқибатҳоро аз қабили, худбаҳодиҳии паст, тарсу изтиробнокии баланд, депрессия, ақибмонии ақлию ҷисмонӣ, нишондиҳандаҳои сусти хониш ва комёбиҳоро дар фаъолияти касбӣ доранд. Хулоса бароварда мешавад, ки яке аз оқибатҳои душвортарин - ин, аз худ намудани моделҳои манфии рафторҳои волидайн, ва гузаронидани таҷрибаи гузаштаи манфи муносибатҳои оилавӣ ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё бар зидди худ мебошад. Барои мубориза ва пешгири кардани ин зуҳурот фаъолияти ҳамбастагии ҳамкории мутахассисони бахшҳои гуногуни ташкилотҳои ҷаъмиятиву тиббӣ, таълимию тарбиявӣ, ВАО, масҷидҳо ва Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурият мусоидаткунанда мебошанд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *зӯроварӣ, зӯроварӣ дар оила, муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон, сабабҳои зӯроварӣ, омилҳои зӯроварӣ, категорияҳои зӯроварӣ дар оила, изтироби баланд, тарсончакӣ, депрессия.*

# ОСНОВНЫЕ ПРИЧИНЫ И ФАКТОРЫ СЕМЕЙНОГО НАСИЛИЯ В ОТНОШЕНИИ ДЕТЕЙ

***РИЗВОНОВА Зарина Пирумовна*** *– старший преподаватель кафедры психологии Таджикского национального университета, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *zarina. rizvonova@bk.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 24 66 81*

В данной статье выявлены основные причины и факторы насилия в отношении детей в семье. Представлены систематизация имеющихся в науке трактовок понятия насилия, а также категории жестокого обращения с детьми в семье. Автор на основе мнений исследователей подтверждает, что факторы риска насилия над детьми в семье обусловлены особенностями семьи, здоровьем и личностью родителей, личностью ребенка и т. п. Нарушения, возникающие вследствие перенесенного насилия, затрагивают все уровни развития личности ребёнка, его эмоциональную и когнитивную сферы, а также поведение. У детей, перенесших насилие, проявляется множество соматических жалоб, наблюдаются стойкие изменения личности. Подчеркивается, что у детей, переживших насилие в семье, отмечается комплекс таких последствий, как низкая самооценка, повышенная тревожность, боязливость, депрессия, отставание в психическом и физическом развитии, плохая успеваемость и успешность в профессиональной деятельности. Делается заключение, что одним из тяжелейших последствий является усваивание негативных образцов поведения родителей и перенесение отрицательного опыта семейных отношений в иные социальные группы или против себя. Для борьбы и предупреждения этого феномена способствует комплексная работа сотрудничества специалистов разных отраслей социально-медицинских, воспитательно - обучающих организации, СМИ, мечети и МВД Республики.

***Ключевые слова:*** *насилие****,*** *домашнее насилие, жестокое обращение с детьми, причины насилия, факторы насилия, категории жестокого обращения с детьми в семье, повышенная тревожность, боязливость, депрессия.*

# MAIN CAUSES FACTORS OF FAMILY VIOLENCE IN ABOUT CHILDREN

***RIZVONOVA Zarina Pirumovna*** *– senior lacturer of the department of psychology the of Tadzhikskii national University, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17,* ***E-mail:*** *zarina. rizvonova@bk.ru,* ***phone:*** *+ (992) 919 24 66 81*

This article identifies the main causes and factors of violence against children in the family. The systematization of the interpretations of the concept of violence available in science, as well as the category of child abuse in the family, is presented. Based on the opinions of researchers, the author confirms that the risk factors for violence against children in the family are determined by the characteristics of the family, the health and personality of the parents, the personality of the child, ect. Violations resulting from the transferred violence affect all levels of development of the child's personality, his emotional and cognitive spheres, as well as behavior. Children who have experienced violence show a lot of somatic complaints, persistent personality changes are observed. It is emphasized that children who have experienced domestic violence have a complex of such consequences as low self-esteem. Increased anxiety fearfulness. Depression lag in mental and physical development, poor academic performance and success in professional activities. It is concluded that one of the most severe consequences is the assimilation of negative patterns of parental behavior and the transfer of negative experience of family relations to other social groups or against oneself. To combat and prevent this phenomenon, the complex work of cooperation between specialists from various sectors of social and medical, educational organizations, the media, mosques and Ministry of internal Affairs of the Republic.

***Key words:*** *violence, domestic violence, child abuse, causes of violence, factors of violence, categories of child abuse in the family, increased anxiety, timidity, depression.*

Зӯроварӣ дар оила дар замони имрӯза ҳамчун масъалаи гуногунҷабҳа ба ҳар ҷомеа, новобаста аз дараҷаи инкишофёбии иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиаш хос буда, рӯзмарра ҳисобида мешавад. Зӯроварӣ дар оила дар ҳар гуна шакле, ки зоҳир нагардад, омӯзиш ва дарки амиқро талаб менамояд. Расман қабул гаштааст, ки зӯроварӣ дар оила на аз ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ ва на аз мансубияти этникии ҷомеа вобаста буда, аст [14, с. 105].

Оқибатҳои зӯроварӣ дар оила мушкилот ва осебҳои вазнини психологиро ба вуҷуд оварда, метавонанд ба аъзоёни оила ва махсусан, шахсияти кӯдак таъсиротҳои манфиро ба вуҷуд оварад. Вайроншавиҳои дар натиҷаҳои зӯровариҳои азсаргузаронида, метавонанд ба соҳаи эмотсионалӣ, когнетивӣ ва рафтории инкишофёбии кӯдак таъсири худро расонад. Дар кӯдаконӣ зӯроварӣ азсаргузаронида, миқдори зиёди шикоятҳои соматикӣ зоҳир гашта, таъғирёбии устувори шахсӣ дар онҳо мушоҳида мегарданд. Зӯроварӣ дар оила метавонад байни одамони наздик яъне, зан ва шавҳар, волидайн ва кӯдакон, волидайнҳои пиронсол ва фарзандони баркамолрасида ба вуҷуд оянд. Зӯроварӣ нисбати кӯдакон ҳама гуна шаклҳои зӯровариҳоеро, ки нисбати одамони то синни 18–сола амали кунандаро, ки аз ҷониби волидайн ё дигар парасторон, ҳамсолон, шарикони ошиқона ё бегонагон сурат мегиранд, дар бар мегирад. Ҳар шахс дар оила метавонад қурбонии зӯроварӣ гарданд, аммо нишондодҳои ҳисоботии дар ҳар ҷомеае мавҷуд буда, аз он далолат менамоянд, ки аъзоёни ин гурӯҳҳои нисбатан осебпазир метавонанд бештар занон ва кӯдакон бошанд.

Аз рӯи маълумотҳои СММ (Созмони Миллали Муттаҳид) ҳар сол дар ҷаҳон қариб 2 милион кӯдакони то синни 14 сола аз тарафи волидайни худ ба амали зӯроварӣ қорор мегиранд. Барои 10%- и ин кӯдакон он бо марг ва барои 2% -бо худкушӣ анҷом меёбад. Қариб 50 ҳазор кӯдак аз волидайни худ тарсида, аз хона фирор менамоянд [11].

Зӯроварии дар давраи кӯдакӣ аз сар гузаронида ба оқибатҳое вазнин оварда, метавонад инчунин, яке аз сабабҳои ҷинояткорӣ ва аз нав ҳосилнамоии муносибатҳои бераҳмона бо кӯдакони дигар дар ҷомеа гардад.

Бо ҳамин сабаб ҳам муҳофизати шаҳрвандон аз зӯроварӣ дар оила аз тарафи давлат ҳалли як қатор масъалаҳои-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ташкилӣ, ичтимоӣ-психологӣ, иқтисодӣ, тиббӣ ва ғайраро тақозо менамояд. Бо ба қувваи эътибор ворид гаштани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2013 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва аз соли 2011 Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» то андозае аз ҷанбаи ҳуқуқӣ метавонад, роҳи ҳалли ин масъалаҳоро ба низом дарорад [9, с. 130].

Таҳлили сарчашмаҳои илмии адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба масъалаи дода шуда, аз он далолат менамоянд, ки ба омӯзиши амиқи ин падида зарурат пайдо гаштааст. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи зӯроварӣ дар оила нисбати кӯдакон ва ошкор намудани сабаб ва омилҳои ба вуҷуд оварандаи он дар корҳои илмӣ тадқиқотии як қатор муҳаққиқони соҳаи психология аз қабили; Е. Л. Сытых., Б. М. Бим – Бад., М. Н. Бородатая., И. И. Осипова., М. В. Злоказова., С. В. Илин., А. Д. Кошелева., О. С. Лобза., Е. Т. Соколова., И. А. Алексеев., И. Г. Новоселски., Т. В. Шипунова., В. М. Минияров., Е. Н. Волкова., Я. И. Гилински., Л. Демоз., Э. Гидденс., З. А. Саидов., Ф. С. Хайруллоев., М. Т Давлатов., Н. М. Юнусова., ва дигарон дида баромада мешаванд. Зӯҳуроти зӯроварӣ дар оила нисбати кӯдакон аз нигоҳи муҳаққиқон ба таври гуногун баҳогузорӣ карда шуда, аз чунин омилҳо ва сабабҳо вобаста будани он таҳлилу баррасӣ гашта аст. Зӯроварӣ дар оила нисбати кӯдакон - ин давраи таҳқири доимо такроршавандаи ҷисмонӣ, психологӣ ва иқтисодӣ бо мақсади назорат, тарсондан, талқиннамоии ҳиссиёти тарс дар кӯдак, бо ибораи дигар, ин вазъиятест, ки дар он як шахс кухшиши назорати рафтори дигарро менамояд, мебошад.

Зӯроварӣ дар оила –ин амали барқасдонаи ғайриқонунии дорои характери ҷисмонӣ, психологӣ, ҷинсӣ, ва иқтисодие, ки дар чорчӯбаи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби яке аз аъзои оила дар нисбати узви дигари оила, ки сабаби халалдор гаштани ҳуқуқу озодиҳои ӯ, расонидани азияти ҷисмонӣ ва зарар ба саломатии ӯ ва ё таҳдиде барои расидани чунин зарар ба саломати мебошад, содир карда шудааст.

Оиди зӯроварӣ нисбати кӯдакон қайд намуданием, ки аксар маврид ба ҷои ин мафҳум истилои ба он наздик «муносибати бераҳмона бо кӯдакон» истифода бурда мешавад, ки дар луғати энсиклопедии Педагогӣ он ҳамчун амали пешаки банақша

гирифташуда ё беамалии волидон, тарбиятгарон ва дигар шахсоне, ки зарари ҷисмонӣ бар солимии психикӣ кӯдак расонида метавонанд, муайн карда шудааст [4, с. 84].

Мафҳуми «муносибати бераҳмона бо кӯдакон» ҳамчун истилои ҳуқуқӣ аввалин маротиба дар Кодекси оила ва никоҳи ДСШ (Давлатҳои Сотсиалистии Шӯравӣ) дар соли 1968 пайдо шуд. Мувофиқ бар он аз рӯи муносибатҳои бераҳмона бо кӯдакон як қатор асосҳои бекор намудани ҳуқуқҳои волидайнӣ оварда мешуд, аммо моҳияти худи ин мафҳум кушода дода намешуд. Шарҳи мафҳуми дода шуда барои ҳуқуқи оилавӣ на ҷиноӣ дар №9 Пленуми Суди Олии ИДСШ (Иттиҳоди Давлатҳои Сотсиалистии Шӯравӣ) аз 7 декабри соли 1979 «Оид ба таҷрибаи истифоданамоии қонунгузориҳои судҳо доир ба ҳалли низоъҳои бо тарбияи кӯдакон алоқамандбуда» ва бе ягон таъғиротҳои назаррас баъд аз 20 сол аз нав ҷоннокгардонии он дар №10 Пленуми Суди Олии Федератсияи Руссия аз 27 майи соли 1998 «Доир ба истифодабарии қонунгузориҳои суди ҳангоми ҳалли низоъҳои бо тарбияи кӯдакон алоқаманд буда» оварда шуд [5, с. 13].

Аз ин муҳокимаҳои овардашуда бар меояд, ки муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон ҳамчун амалҳои зӯроварие, ки ҳуқуқҳои кӯдакро поймол кунанда, дарк карда мешуд, аммо ҳоло ҳам он солҳо он ҳамчун ҷинояти ҷозодиҳанда қабул карда намешуд.

Муносибати волидон бо кӯдакон дар ҷараёни ҳазорсолаҳо дар дохили муносибатҳои оилавӣ ба таъғиротҳое зиёде рӯ ба рӯ гашт. Аксарияти таммадунҳо кӯдаккӯшӣ ва озодшавӣ аз кӯдакони камвазн, камқувват ё нуқсондорро ҳамчун усули мақбули батанзим дарории оила истифода мебурданд.

Масалан, Ллойд Демоз хусусиятҳои муносибатҳо ва усулҳои тарбияи байниҳамии волидон ва кӯдаконро дар тӯли таърих омӯхта, шаш давраи табдилёбии онро ҷудо намудааст:

1. Усули кӯдаккушӣ (аз давраи кӯҳан то асри IV- пеш аз мелод) - ро дар бар гирифта, аз рӯи кӯдаккӯшии оммавӣ ва зӯроварӣ тавсиф меёбад. Дар ин давра кӯдаккӯшӣ вайронкунии меъёрҳои ҳуқуҳӣ ва маънавӣ ҳисобида намешуд. Волидони давраи ибтидоӣ кӯдакони худро қурбонӣ намуда, аз усули бераҳмӣ дар тарбия истифода менамуданд. Дар империяи Рим ҳатто бақатлрасонии кӯдакон ҳамчун амали куштор то соли 374 и пеш аз мелод дида баромада намешуд.

2. Усули партофташавӣ (асри XIII) – дар ин давра кӯдак ҳамчун объекти зӯроварии оилавӣ қабул гашта, аксаран вақт ба оилаи бегона ва мадрасаҳо дода мешуд.

3. Усули дудилагӣ (асри XIV - XVII) – кӯдак дар ин давра ҳоло шахси рӯҳан ташаккулёфта ва аъзои баробар ҳуқуқӣ оила нагашта, аз мустақилшавӣ ва фардиятшавӣ маҳрум мегашт. Дар мавриди муқобилият ба калонсолон нишондиҳӣ онҳо лату кӯб мегаштанд. Дар асри XVI ҳоло ҳам кӯдакфурӯшӣ мушоҳида мегашт ва онҳоро ба сифати амонати иҷрои уҳдадориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ истифода мебурданд.

4. Усули дахолаткунанда (асри XVIII) – дар ин давра наздикшавии кӯдак ба волидон мушоҳида мешавад, аммо олами ботинии онҳо зери назорат гирифта мешуд.

5. Усули иҷтимоигардӣ (асри XIX ва нимсолаи аввали асри XX) – кӯдак дар ин давра ҳамчун объекти тарбия ва таълим қабулгашта буд ва кӯҳшишҳои асосии волидон ба машқнамоии ирода ва ба ҳаёти мустақил омода намоии кӯдак нигаронида шуда буд.

6. Усули кӯмакрасонӣ (аз миёнаи асри XX то замони имрӯза) – волидон дар ин давра кухшиши таъминнамоии инкишофёбии фардияти кӯдакро намуда, истифодаи алоқаҳои эмотсионалӣ ва ҳамҳиссиро дар муносибат бартарӣ медонистанд [5, с.9].

Дар замони имрӯза дар тамоми ҷомеаҳо куштори ошкори кӯдакон мушоҳида нашаванд, ҳам аммо, то ҳол ҳодисаҳои исқоти ҳамл дар марҳилаҳои баъдии ҳомиладорӣ байни занҳо мушоҳида мегарданд, гарчанде аз нигоҳи динӣ, ин амал манъ шуда бошанд ҳам.

Бар хилофи иродаи кӯдак амал карда, калонсолон онҳоро дар беҳтарин ҳолат дар хонаи кӯдакон ва мактаб интернатҳо ва дар баъдтаринаш дар кӯчаҳо мегузоранд.

Қайд кардан бомаврид аст, ки ҳоло ҳам дар аксари давлатҳои ҷаҳон бо таври оммавӣ зиёдгардии миқдорӣ дуздию фуруш ва донорҳои кӯдакон мушоҳида мешаванд. Муносибат бо насли наврас падидаи таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мебошад. Ҷомеа муносибат бо кӯдаконро ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ эътироф ва муайян мекунад.

Дар асри XIX дар Иёлоти Муттаҳида мавзуи муносибати бераҳмона ба кӯдакон ҷомаешиносонро ба ташвиш оварда буд, вале бештари одамон мутмаин буданд, ки зӯроварӣ дар оила як падидаи бениҳоят нодир буда, хоси қисми ками ҳамон аҳолие мебошанд, ки бемории муайяни равонӣ доштаанд.

Дар солҳои 1970 - ум дар Амрико ва Аврупо идеяи баробар ҳуқуқии мардону занон дар никоҳ ва ҷои кор ва солҳои 1970 – 1980 чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ оид ба баланд бардории сатҳи огоҳинамоии аҳолӣ доир ба зӯроварӣ дар оила ба таври васеъ эътироф карда шуда, гузаронида мешуд.

Дар Канада масъалаи зӯроварӣ дар оила, низ дар заминаи маъракаҳои умумии баробарии гендерӣ мунтазам ифшо мегаштанд, бинобар ин, масъалаи зӯроварӣ тадриҷан, ба ҷомеаи ин давлатҳо ошкор ва равшан мешуданд. Ҳамаи ин, тавассути саъю кушишҳои созмонҳои ғайриҳукуматии занон, пажӯҳишгарони соҳаи гендерӣ ва кормандони иҷтимоӣ амалӣ гардонида мешуданд.

Аллакай дар солҳои 70 - ум дар зери фишори ҷомеа ин давлатҳо ба марказҳои бӯҳронӣ ва паноҳгоҳҳо барои занон ва кӯдаконе, ки мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд, кӯмакпулӣ ҷудо менамуданд.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ як навъ мамнӯъният барои инъикоси ҷомеа дар дарки масъалаи зӯроварӣ дар оила ҷорӣ карда шуда буд ва ба омӯзиши ҷиноятҳои дар асоси зӯроварӣ дар оила ба вуқӯъ омада, танҳо криминалистон ва мутахасисоне, ки ба ин мушкилот рӯ ба рӯ гашта буда, машғул мешуданд. Чун қоида, ҳангоми омӯзиши масъалаи зӯроварӣ дар оила тибқи моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ танҳо бо баррасии зӯроварии ҷисмонӣ маҳдуд карда мешуд.

Ба таври оммавӣ вақтҳои охир сатҳи огоҳинидани аҳолӣ оид ба масъалаи зуҳуроти тамоми намудҳои зӯроварӣ дар оила дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ суръат гирифт. Ин боис гашт, ки бо ташаббуси занон дар матбуот аввалин нашрияҳо оид ба зӯроварии оилавӣ пайдо шуданд. Маҳз, бо шарофати ҳаракатҳои занон дар Русия, ва дигар кишварҳо аввалин марказҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бар оқибатҳои иҷтимоии зӯроварӣ дар оила: телефонҳои боварӣ, марказҳои бӯҳронӣ, сарпаноҳгоҳҳо ва паноҳгоҳҳо барои қурбониёни зери зӯроварии хонаводагӣ қарор гирифта шуда, таъсис дода шуданд.

Имрӯзҳо оид ба масъалаи мушкилотҳои оқибатҳои кӯдакони зери зӯроварии оилавӣ қарор гирифта шуда, байни муҳаққиқон чунин далелҳо тарҳезӣ гаштаанд.

Масалан, муҳаққиқони рус аз қабили С. В. Илин., А. Д. Кошелева., О. С. Лобза., Е. Т. Соколова ва диг. давраи томактабӣ ва наврасии инкишофёбии кӯдакро ҳамчун давраи « сензетивии зӯроварӣ» муайян намудаанд, чунки он таъғиротҳои анатоми физиологӣ, эмотсионалию шахсӣ ва иҷтимоию психологие, ки дар онҳо дар ин давраҳо ба вуҷуд меоянд, метавонанд, онҳоро зуд осебпазир гардонанд [1, с.79].

Маҳз, дар ҳамин давраи иҷтимогардии кӯдакон калонсолон бояд ба онҳо таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд, аммо бинобар, эҳсосоти худро идора карда натавонистани калонсол дар кӯдак зухури нофаҳмӣ, хашмгинӣ, дағалӣ ба амал меояд.

Ба ақидаи психологон кӯдакони зери амали зӯроварӣ қарор гирифта, дар оила аксаран, аз амалҳои пайдарпаии зӯроварона зуҳуркунанда, осеб мeёбанд.

Тавре психологи рус Т. Е. Соколова қайд мекунад, зӯроварии эмотсионалӣ ё психологӣ, ба монанди зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ ба вазъияти «номутаносиб барои бавоя расидани кӯдак» оварда мерсонад.

Зӯроварии ҷисмонӣ дар оила – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст;

Зӯроварии психологӣ дар оила – таъсиррасонии қасдонаи психологӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хафноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ ё шахсӣ оварда мерасонад;

Зӯроварии ҷинсӣ дар оила – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсии дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви оила ё узви ноболиғи оила содир мешавад;

Зӯроварии иқтисодӣ дар оила – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонун ба он ҳуқуқ дорад, мебошад.

Новобаста аз гуногуншаклӣ ва нопуррагии ин мафҳум ҳолатҳои умумие мавҷуданд, ки онро бо чунин тарз ифода менамоянд:

1. Зӯроварӣ ҳамеша ин истифодабарии қувва ва таҳдид аст, чунки хусусияти зоҳирии рафтор, аст.

2. Зӯроварӣ мақсади муайян дорад, чунки амал ва рафтор чун қоида, дар асоси мавҷудияти мақсаднокӣ барои зӯроварӣ намудан ба амал оварда мешавад.

3. Зӯроварӣ - ин маҷбурнамоии ягон нафар ба ягон кор, таъсири ягон субъект ба объект мебошад.

4. Зӯроварӣ метавонад бо таври умумӣ дар ду шакл зоҳир ёбад - ҷисмонӣ ва маънавӣ [12].

5. Илова бар ин, зӯроварӣ ҳамеша бо мақсади маҳрумсозии рақиб аз ҳуқуқҳо, имкониятҳо, иқтидорҳо ва салоҳиятҳо мебошад.

6. Шакли зуҳуроти низоъҳои додашуда ҳамеша барои паст задани шаъну шарафи инсонии қурбонии зӯроварӣ нигаронида шуда аст.

Кӯдакон ва наврасон, ки имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ умр ба сар мебаранд аз рӯйи мақсаднокӣ зиндагии гуногуншакл ва мураккабро аз сар гузаронида, раванди иҷтимоишавиашон дар ҷомеа мушкилоти зиёдро дар бар мегирад. Ин мушкилот, якум, бо ислоҳоти низоми ҷамъиятӣ ё тағйирёбии босуръати техника ва технология рабт дорад ва барои рушди шахсияти ҳар як фарди ҷомеа талабот ва арзишҳои навро талаб мекунад. Дувум, ин омили ниҳоят зиёд будани иттилооти гуногун мебошад, ки наврасии имрӯза новобаста аз синну сол он иттилоотро ба воситаҳои гуногун (алалхусус интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ) пайдо мекунад ва дар ин ҳолат эҳтимоли хатарэҷодкунии (рафторҳои зиддиҷтимоӣ, ҳуқуқпоймолкуниҳо ва шикастани меъёрҳои иҷтимоӣ) наврасон ба назар мерасад. Сеюм, беназоратии оила мебошад. Ҳол он, ки оиди масъалаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии он волидонро масъул дониста, Қонуни дахлдор қабул намудааст.

Агар вазъияти фишор дар оила ба кӯдак доимӣ гардад, аз қабили, таъсири зӯроварии никоҳи хешутаборӣ, таҳқир, лату кӯб, онгоҳ, дар ӯ чунин сифатҳои шахсӣ ба монандӣ, вобастагӣ ба баҳодиҳии дигарон, қатъ гардии инкишофёбии психикӣ ташаккул меёбад [1].

Дар замони имрӯза оиди нахуст сабаби амали зӯроварӣ дар оила байни намояндагон равияҳои назарияҳои психологӣ ва иҷтимоӣ баҳсҳо давом доранд. Психологон сабаби асоси зиёдгардии ҳолатҳои зӯровариро дар оила, дар зуҳури амали агрессивӣ, маҳорати идора кардана тавонистани инстиктҳои шахсӣ, ҳолати психопатӣ ва майнӯшии волидон мебинанд. Тарафдорони равияи иҷтимоӣ диққати худро ба сабабҳои вазъиятҳои оилавӣ, ки дар он мавқеи мардон ҳамчун бавуҷудоварандаи муносибатҳои бераҳмона дида баромада мешавад, равона менамоянд.

Аз рӯи таҳлилҳои оморӣ, ҳангоми баррасии зӯроварӣ метавон қайд намуд, ки ба зӯроварии ҷисмонӣ ва ҷинсӣ бештар мардҳо қобиланд. Ин бо тафовутҳои гендерӣ ва хусусиятҳои психикии онхо вобаста аст. Омили иловагии ин намуди амали зӯроварӣ аз ҷониби мардон ҳолати майзадагӣ ва нашъамандии онҳо мебошад (зиёда аз 70% ҷиноятҳо дар қисмати муносибатҳои оилавӣ, маишӣ аз тарафи онҳо содир мегарданд). Аз сӯи дигар, навъи зӯроварии психологиро бештар ба занон мансуб донистаанд. Онҳо, инчунин нисбат ба мардон дар муносибат бо фарзандони хеш, бештар амали агрессияро зоҳир мекунанд (60.8% дар муқобили 39.2%) [2, с. 175 – 181].

Психологон И. А. Алексеев ва И. Г. Новоселски дар корҳои илмӣ тадқиқотии худ дар шарҳи сабабҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон якчанд равияҳои асосиро ҷудо намудаанд:

Равияи тиббӣ - психологӣ ё психиатрӣ муносибати бераҳмонаро насбати кӯдакон дар асоси мавҷудияти хусусиятҳои шахсӣ ва таърихи оилаи волидайнӣ дида мебароянд.

Равияи сотсиологӣ накши омилҳои иҷтимоӣ - иқтисодиеро, ки ба зӯроварӣ дар оила мусоидат кунандаанд, яъне, камбизоатӣ, бекорӣ, ноқаноатмандӣ аз худ ва умуман, аз зиндагӣ ва ғайраро, дар бар гирандаанд, бартарият дошта, мешуморанд .

Равияи вазъиятӣ хусусиятҳои рафтори кӯдакро дар микро муҳит, номувофиқоии он ба интизориҳои волидайнҳо, вайрон гардии муносибатҳои оилавӣ ва ғайраро дар бар гирандаанд, дида мебароянд [3, с. 24].

Мувофиқ бар ақидаи Т.В. Шипунова, сабабҳои зӯроварӣ дар оила нисбати кӯдакон бояд дар асоси чаҳор замина дида баромада шаванд:

1. Заминаи иҷтимоию фарҳангӣ таҷлили сохторҳои синфии ҷомеа ва вазъӣ иқтисодии табақаҳои алоҳидаи онро (шароити зиндагӣ, кор\бекорӣ, некуаҳволӣ\камбизоатӣ) дар назар дорад. Дар ин маврид бояд, муносибатҳои хоси ҳар як ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ ба назар гирифта шаванд, аз қабили; муносибатҳои байни наслҳо ва ҷинсҳо, нақшҳои волидон ва фарзандон дар оила, шабакаҳои иҷтимоию ғайрирасмӣ ва ғайра.

2. Заминаи оилавӣ дар худ таҳлили тағиротҳои сохтори оила (пастшавии таваллуд, афзоиши шумораи талоқҳо ва пошхурӣ), шаклҳои хоси муносибатҳои оилавӣ (шумораи зиёди вазъиятҳои низоъӣ дар байни наслҳо, тақсимоти нокифояи қудрат, мунокишаҳо байни зану шавҳар, тағйири нақшҳои падару модар ва фарзандон), ро дар бар мегирад. Дар ин заминаи овардашуда, муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон дар оила аз рӯи фишорории волидайнҳо, ҷанҷолҳои байни ҳамсорон, асабоният ва изтиробнокии падару модар муайян мешавад.

3. Заминаи инфиродии волидайн дар худ тасаввуротҳои волидонро дар бораи тарзи ҳаёти солим, назари мушаххаси таҷрибаи кӯдакии худ, сатҳи худбаҳодиҳӣ ва худтанзимкунӣ, ақидаҳо оид ба тарбия ва усулҳои тарбия, дараҷаи мутобиқшавӣ ба рӯҳафтодагӣ ва қобилияти мубориза бо стрессро дар бар мегирад.

4. Заминаи бухронӣ омӯзиши норасоии маблағ барои муқаррар намудан ва нигоҳ доштани вазъи бе низоъ дар оила, инчунин сарбориҳое, ки дар натиҷаи тағйиротҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, паст шудани муқовимати падару модар дар ҳолатҳои бухронӣ, салоҳияти калонсолон дар ҳалли мунокишаҳои худ дар бораи насли наврас дар раванди иҷтимоишавии онҳоро пешбинӣ менамояд [13].

Э. Гидденс, сабаби паҳншавии зӯроварӣ дар оилаҳоро бо чанд гурӯҳи омилҳо вобаста буда, таҳлил намуда аст. Ба яке аз онҳо ӯ низоъҳои хонаводагиро дохил намуда аст, ки он метавонанд боиси, бавуҷудоии шароитҳои носилими оилавие гарданд, ки барои аъзоён ва махсусан, кӯдакон оқибатҳои душворро ба вуҷуд оваранд. Ба гурӯҳи навбатии омилҳо ӯ дараҷаи таҳаммулпазирии аъзоёни хонавода ва ҳатто аксар вақт аз тарафи худи онҳо қабулшудаи ин амали зӯроварии оилавиро дохил намуда аст. Ҳар гуна рафтори зӯроварӣ агар дар ҷомеа аз ҳудуди оила берун бароварда нашавад, онгоҳ он қобили қабул дарк гашта, ҳамчун амали зӯроварӣ баҳо дода намешавад [7, с. 386].

Оила ба кӯдак намунаи рафторҳои гуногунро талқин менамояд ва вай ба онҳо такя карда, таҷрибаи иҷтимоии худро ҳосил менамояд. Чуноне психологи рус Минияров В. М. қайд менамояд: « кӯдак тавассути амалу рафторҳои муайян ва усулҳои муоширатнамоие, ки дар доираи атрофиёни худ мушоҳида менамояд ё бо воситаи калонсолон вориди он мегардад, тарзи муқоисанамоӣ, баҳогузорӣ, интихоби ин ё он шакли рафтор, усулҳои ҳамкорӣ бо ҳақиқати воқеъиро аз худ менамояд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки тарбияи муҳити оилавӣ дар кӯдак аввалин тарҳи олами атрофро муайян намуда, тарзи ҳаёти мувофикро ташаккул медиҳад» [10, с. 270 - 271].

Воқеан ҳам, дар давраи кӯдакӣ афзоиши омилҳои биопсихологӣ ба назар мерасад. Инсон маҳз дар ҳамин синну сол воқеияти оламро ба таври инфиродӣ аз худ мекунад, рафторҳои худро ба таври кофӣ таҳлил менамояд, мақоми иҷтимоии хешро дар оила, мактаб ва доираи дӯстон муайян месозад, худро бо дигарон муқоиса мекунад ва умуман тамоми фаъолияти худро баҳо медиҳад. Шахс аз давраи кудакӣ ба давраи наврасӣ қадам ниҳода, аз ҳолати вобастагӣ ва тайёрхӯрӣ озод (на ҳама вақт) мешавад ва тамоми малакаҳое, ки ба ҳаёти мустақил рабт доранд, аз худ мекунад. Ғайр аз ин, наврас бо мушкилоти зиёди балоғат рӯ ба рӯ мегардад, яъне ӯ бояд на танҳо аз ҷиҳати

биопсихофизиологӣ ба камол расад, балки ба меъёрҳои дар ҷамъият муқарраршуда мутобиқат намояд.

Ҳолати депрессивӣ ва худбаҳодиҳии пасти волидон метавонанд барои пайдо шудани муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон мусоидаткунанда шуда, ҳамчун омили хатарзои зӯроварӣ ва натиҷаи ҳолати пештар аз сар гузаронидаи зӯроварӣ баромад кунанд.

Вобаста ба ин масъала психолог Е. Н. Волкова якчанд омилҳои хатарзои зӯроварӣ дар оила нисбати кӯдаконро ҷудо намуда аст:

Аввалан, ин пеш аз ҳама он омилҳои хатарзое мебошанд, ки бо хусусиятҳои оила дар маҷмӯъ, алоқаманд будаанд:

- оилаҳои камбизоат, ки дар он волидон аз рӯи надоштани имконият ва хоҳиш дар қонеъгардонии талаботҳои асосии кӯдак ба хӯрок, либос, нигоҳубин ва ғайра фарқ доранд;
- оилаҳои серфарзанд, ки дар он волидон қобилият ба таъмини ҳаёти комили фарзандонро надоранд;
- оилаҳои нопурра ва низоъангез аз рӯи шароитҳои мураккаб ва изтиробнокии оила, ки дар он зан аз интизориҳои аз издивоҷ амали нагаштаашон, фарқ доранд;
- оилаҳои ба фарзандӣ қабулнамуда, ки дар он аллакай фарзандони худ мавҷуданд ва барои сарпарастӣ бо мақсади бадастории маблағи пулӣ муайян шудаанд.

Дуюмин, ин омилҳое хатарзое мебошанд, ки ба ҳолати саломатии волидон алоқаманд будаанд:

- ҳолати майзадагии ҳарду ё яке аз волидон;
- нуқсонҳои ақлии волидон;
- бемориҳои равонӣ (шизофрения, бемориҳои депрессивӣ ва ғайра).

Сеюмин, омилҳое хатарзое, ки бо сифатҳои шахсӣ ва қайдгузориҳои волидон алоқаманд буда:

- агрессивнокӣ;
- дараҷаи пасти худназоратӣ;
- кухшиш ба ҳукумфармоӣ;
- дараҷаи баланди изтиробнокӣ;
- нобоварӣ ба қувваҳои худ ва худбаҳодиҳии нодуруст;
- дараҷаи баланди интизориҳо аз муносибат бо кӯдак;
- идроки нодусти кӯдак, тарсе, ки кӯдак « вайроншуда истода аст»;
- зиёд намоии арзишҳои ҷазоҳои ҷисмонӣ;
- таҷрибаи шахсии азсаргузаронидаи давраи кӯдакие, ки бо амали зӯроварӣ алоқаманд буда.

Чорумин, ин омилҳои хатарзое, ки бо хусусиятҳои шахсии кӯдак алоқаманд буда:

- синдроми гиперкинетикӣ, ҳаракатҳои аз ҳад зиёд, қобилияти пасти мутамарказияти кӯдак;
- пайдоиши ҳисси норасоии муҳаббат ё « номатлубӣ» дар кӯдак;
- нуқсонҳои ҷисмонӣ ва равонии кӯдак [6, с. 75].

Аз шумораи зиёди кӯдаконе, ки дар чунин оилаҳо зӯровариро азсаргузаронида, 10% - онон мемиранд, дар боқимондаҳо нуқсонҳои ҷисмонӣ ва равонӣ инкишоф меёбанд [6, с. 79].

Кӯдакон ва наврасони зери зӯроварӣ дар ин гуна оилаҳо қарор дошта, дар аксар маврид ба меъёрҳое, ки ҷамъият барои онҳо муқаррар кардааст, баръакс муносибат мекунанд ва онҳо барои иҷрои нақшҳои иҷтимоии муайяне, ки дигарон аз онҳо интизоранд, омода нестанд. Дар навбати худ, онҳо аз ҷамъият умедашонро мекананд ва дар натиҷа шаклҳои гуногуни рафтор, ба монанди майдаавбошӣ, дуздӣ, қаллобиву фиребгарӣ, оворагардӣ, сигоркашӣ, истифодаи машруботи спиртӣ, майлҳои шаҳвонӣ ва ғайра пайдо мегардад, ки ин ҳам ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳам барои худи наврас ҳамчун хатари дараҷаи вазнин тавсиф дода мешавад [8, с. 322].

Қайд карда мешавад, ки дар кӯдакони, зери зӯроварии оилавӣ ва дигар омилҳои номатлуб қарор гирифта, эҳтимолияти барвақт ба тамокукашӣ, сӯиистифодаи моводи мухаддир, муносибатҳои ҷинсии хатари баланд дошта, пайдо шуда, инчунин иҷтимоигардиашон мушкил мегардад.

Ҳамин тариқ, аз маълумотҳои дар боло оварда шуда, бармеояд, ки мавҷудияти вазъиятҳои стресси дар ҳаёти оила эҳтимолияти зуҳуроти шаклҳои зӯровариро дар оила бо таври даврӣ зиёд мегардонад. Инчунин, омилҳои хавфи зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар оила бо хусусиятҳои оила, саломатӣ ва шахсияти волидайн, шахсияти кӯдак ва ғайра вобаста буда аст. Вайроншавиҳои дар натиҷаҳои зӯровариҳои азсаргузаронида, метавонанд ба соҳаи эмотсионалӣ, когнитивӣ ва рафтории инкишофёбии кӯдак таъсири худро расонад. Дар кӯдакони зӯровариро азсаргузаронида, миқдори зиёди шикоятҳои соматикӣ зоҳир гашта, таъғирёбии устувори шахсӣ дар онҳо мушоҳида мегарданд. Муайян шудааст, ки кӯдакони зӯроварии оилавиро аз сар гузаронида, чунин маҷмӯи оқибатҳоро аз қабили, худбаҳодиҳии паст, тарсу изтиробнокии баланд, депрессия, ақибмонии ақлию ҷисмонӣ, нишондиҳандаҳои сусти хониш ва комёбиҳоро дар фаъоляти касбӣ доранд. Хулоса бароварда мешавад, ки яке аз оқибатҳои душвортарин - ин, аз худ намудани моделҳои манфии рафторҳои волидайн, ва гузаронидани таҷрибаи гузаштаи манфи муносибатҳои оилавӣ ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё бар зидди худ мебошад. Барои мубориза ва пешгири кардани ин зуҳурот фаъолияти ҳамбастагии ҳамкории мутахассисони бахшҳои гуногуни ташкилотҳои ҷаъмиятиву тиббӣ, таълимию тарбиявӣ, ВАО, масҷидҳо ва Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурият мусоидаткунанда мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Алексеева, Л. С. О насилии над детьми в семье / Л.С. Алексеева // Социологические исследования. – 2003. - № 4. с.79
2. Афонькин, Г.П., Додонов, О.Е. Профилактическая деятельность // Полицейская деятельность. 2013. №3. С. 175 – 181
3. Алексеева, И.А. Жестокое обращение с ребенком. Причины. Последствия. Помощь/ И.А. Алексеева., И.Г. Новосельский. - М.: Генезис, 2005. – с. 24
4. Бим – Бад, Б.М. Педагогический энциклопедический словарь / Гл. ред. Б.М. Бим – Бад. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. с. 84
5. Бородатая, М.Н. Социально – психологическая помощь детям – жертвам семейного насилия. Сборник научно – методических материалов / М.Н. Бородатая., И.И. Осипова., М.В. Злоказова., и др.; Под общей ред. Н.Н.Ершовой. – М.: Полиграф сервис, 2005.- с. 9-13
6. Волкова, Е. Н. Проблемы насилия над детьми и пути их преодоления / Под ред. Е. Н. Волковой. – СПб.: Питер, 2008. – с. 75-79
7. Гидденс, Э Социология / Э. Гидденс; пер. с англ.; науч. ред. В. А. Ядов; общ. ред. Л. С. Гурьевой., Л. Н. Посилевича. – М.: Эдиториал УРСС, 1999. - с. 386
8. Гилинский, Я.И. Девиантность, преступность, социальный контроль / Я.И. Гилинский. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – с. 322
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд". Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷуммҳурии Тоҷикистон. -2011. -№7. 8. –Мод. 8. с. 130
10. Минияров, В. М. Психология семейного воспитания (диагностико – коррекционный аспект). – М.: Московский психолого – социальный институт; Воронеж: Изд-во НПО «МОДЕК», 2005. - с.270 – 271
11. Официальный сайт ООН [Электронный ресурс] http: // www. un.org/ru/index.html (дата обращение: _международный научный журнал «инновационаая наука» №02-2/2017 ISSN 2410-6070_ 24.01.2017)
12. Сытых, Е.Л. Аграссия и насилия: Грани сопряжения понятий / Е.Л.Сытых // «Академия Тринитаризма», 2003
13. Шипунова, Т.В. Жестокое обращение с детьми в семье: определение, генезис, перспективы исследований/ Т. В. Шипунова http:www.narcom. ru/publ/info/324
14. Энциклопедия социальной работы. В.3 т. Т 2: Пер. с англ. – М.: Центр общечеловеческих ценностей, 1994. с. 105.

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮ – ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***МИРЗОЕВА Арафа** – саромӯзгори кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16,* ***тел.:*** *+(992) 987 47 47 91*

Дар мақола қайд карда мешавад, ки барои кумак кардан ба донишҷӯён – омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти дарс ва таҷрибаомӯзии педагогӣ диққати махсус ба масъалаи баландбардории салоҳияти касбӣ равона карда мешавад. Муаллиф қайд мекунад,ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барномаи махсус – «Низоми маҷмӯии марҳилавии омодасозии муттасил бо ҷойи кор таъминкунӣ дар донишгоҳ» ташкил карда шудааст, ки ба як воситаи муҳими рушди нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии донишҷӯ – омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоӣ табдил ёфтааст. Ҳадаф ва вазифаҳои ин барнома аз робитаи назария ва амалия, такмили методҳо ва усулҳои омодасозии донишҷӯ – омӯзгориояндаи соҳибкасб иборат мебошанд. Формулаи нерӯи шахсию салоҳиятнокии омӯзгори оянда, моҳияти он аз донистани технологияи маҳорати касбӣ, масъулиятнокӣ дар соҳаи ихтисоси оянда, ташаббуси шахсӣ ва донишмандӣ иборат мебошанд.

Дар ташаккули нерӯи шахсию салоҳиятнокии омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити таълим дар донишгоҳ аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла: фаъолияти таҳсилоти донишҷӯ дар машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ (таълими аудиторӣ), дар кори озмоишгоҳӣ, зимни навиштани кори назоратӣ, омӯзиши мустақилонаи мавод, супоридани имтиҳону санҷишҳо; кори беруназудиторӣ: навиштани корҳои курсӣ, тайёр намудани реферату маърузаҳо, кори мустақилона, иштирок дар чорабиниҳои зеҳнӣ ва ғайра).

***Вожаҳои асосӣ:*** *салоҳияти касбӣ, маҳорати касбӣ, таҷрибаомӯзии педагогӣ, технологияи маҳорати касбӣ, мутахассиси рақобатпазир.*

# РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ СТУДЕНТОВ - БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

***МИРЗОЕВА Арафа** – старший преподаватель кафедры географии и туризма Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16,* ***тел.:*** *+(992) 987 47 47 91*

В статье отмечается, что в целях оказания помощи учащимся - будущим учителям начальных классов в процессе учебно-педагогической подготовки особое внимание уделяется вопросу повышения профессиональной компетентности. Автор отмечает, что в Кулябском государственном университете имени Абоабдуллы Рудаки организована специальная программа «Комплексная система непрерывного обучения с трудоустройством в вузе», которая стала важным инструментом развития личности и компетентности студента - будущего педагога. начальных классов. . Цели и задачи данной программы заключаются в связи теории и практики, совершенствовании методов и способов подготовки студента-педагога будущего предпринимателя. Формула личной силы и компетентности будущего педагога, ее суть состоит в знании технологии профессионального мастерства, ответственности в сфере будущей специальности, личной инициативе и знаниях.

Формирование личностной силы и компетентности будущего учителя начальных классов в условиях обучения в вузе зависит от ряда факторов, в том числе: учебной деятельности студента на лекционных, практических, семинарских занятиях (слуховых занятиях), в лабораторных условиях. работа, при написании контрольных работ, самостоятельном изучении материалов, сдаче экзаменов и зачетов; внеаудиторная работа: написание курсовых, подготовка рефератов и докладов, самостоятельная работа, участие в интеллектуальных мероприятиях и др.).

***Ключевые слова:*** *профессиональная компетентность, профессиональное мастерство, педагогический опыт, технология профессионального мастерства, конкурентоспособный специалист.*

## DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL SKILLS OF STUDENTS - FUTURE PRIMARY SCHOOL TEACHER

***MIRZOEVA Arafa*** *– Senior Lecturer, Department of Geography and Tourism, Kulyab State University Abuabdulloh Rudaki, Kulyab, st. S. Safarov, 16,* ***phone:*** *+(992) 987 47 47 91*

The article notes that in order to assist students - future primary school teachers in the process of educational and pedagogical training, special attention is paid to the issue of increasing professional competence. The author notes that Aboabdulla Rudaki Kulyab State University has organized a special program "Comprehensive system of lifelong learning with employment at the university", which has become an important tool for developing the personality and competence of the student - the future teacher. primary classes. . The goals and objectives of this program are to connect theory and practice, improve the methods and ways of preparing a student-teacher of a future entrepreneur. The formula of the personal strength and competence of the future teacher, its essence lies in the knowledge of the technology of professional skills, responsibility in the field of the future specialty, personal initiative and knowledge.

The formation of the personal strength and competence of the future primary school teacher in the conditions of study at the university depends on a number of factors, including: the student's learning activities in lectures, practical, seminars (auditory classes), in the laboratory. work, when writing tests, self-studying materials, passing exams and tests; extracurricular work: writing term papers, preparing essays and reports, independent work, participation in intellectual events, etc.).

***Key words:*** *professional competence, professional skills, pedagogical experience, technology of professional skills, competitive specialist.*

Яке аз масъалаҳои муҳими ба касби омӯзгорӣ омодасозии донишҷӯён рушди доираи салоҳиятнокии онҳо мебошад. Бозори иқтисодӣ, бо доштани ҳадафҳо ва вазифаҳо, пеш аз ҳама, ба он мутахассисоне ниёз дорад, ки дорои донишҳои баланд ва маҳорату малакаҳои касбӣ бошанд. Омодасозии донишҷӯён ба касби омӯзгорӣ мувофиқи талаботи бозори меҳнат бояд ба вазифаи муҳимтарини муассисаи таҳсилоти олии касбӣ табдил ёбад. Танҳо дар ин ҳолат шахсияти дорои касабияти баланд кӯшиш мекунад, ки вазифаи худро барои дастёбӣ ба ҳадафҳо ташаккул диҳад.

Мутаасифона, на дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мутахассисони соҳаи омӯзгориеро тайёр мекунанд, ки ба талаботи бозори муосири меҳнат ҷавобгӯ бошанд. Аз ин ҷо, масоили ҷиддӣ масъалаи бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон ба вуҷуд меояд. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ҳамаи имкониятҳоро истифода баранд, то ки донишҷӯёни аз ҷониби онҳо тайёр кардашуда дар бозори меҳнат бо мутахассисони дигар рақобат карда тавонанд.

Амалия нишон медиҳад, ки баъзе донишҷӯён баъди хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси худ кор намекунанд. Аксар вақт ин дар натиҷаи омодагии пасти касбии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сурат мегирад. Дар замони кунунӣ, вақте ки ҷаҳонро буҳрони молиявӣ фаро гирифтааст, ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ҳамаи талаботҳои бозори иқтисодиро омӯхта, мутахассиси шоистаю рақобатпазирро дар соҳаи маориф тайёр намояд, ки аз ӯ талаб карда мешавад, то ба насли наврас таҳсилоти сазоворро диҳад.

Ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, дар баробари ба донишҷӯён дониши тахассусӣ додан, инчунин маҳорати ташкилотчигӣ доштанро низ инкишоф диҳад, то ки ҳар як нафар ҳадаф ва вазифаҳои татбиқи донишҳои назариявиро дар ҳаёт дониста, ҳамзамон, тавонад ба вуҷуд омадани масъалаи асосиро дақиқ сохта, мустақилона онҳоро аз нуқтаи

назари амалӣ ҳаллу фасл намояд ва маҳсули фаъолияти худро дар ҳаёт татбиқ намуда, маҳорати муоширатро дар амалия истифода барад.

Донишҷӯи курси якуми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ин, пеш аз ҳама, хонандаи муассисаи таҳсилоти миёна буда, ба андозаи пурра таъйиноти худро дар оянда дарк накарда, моҳияти ихтисоси интихобшуда, ҷойгоҳ ва нақши онро дар ҷомеа хуб тасаввур карда наметавонад. Ҷавоби дуруст доданро ба ин саволҳо воситаҳо ва шароити омодагии касбии ӯ, ки дар солҳои донишҷӯӣ самаранок ташаккул меёбанд, имкон медиҳанд.

Ҳамин тавр, барои кумак кардан ба донишҷӯён дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ диққати махсус ба масъалаи идоракунии вазифаи шахсӣ равона карда шуд, ки дар рушди нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии донишҷӯён – омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар самти идоракунӣ нақши муҳимро бозид.

Ҳадафи асосӣ ташаккули салоҳияти шахсии касбӣ, доираи назар, тафаккури созанда, муносибати босубот ба таълиму тарбия, банақшагирии вазифаиояндаи идоракунии худ ва ғайра мебошад. Аз ин ҷост, ки дар омодасозии омӯзгорони оянда, аз ҷумла омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ташаккули салоҳиятҳои муаяни касбӣ ҳамчун омили калидӣ маҳсуб дониста мешавад. Бе ташаккули салоҳиятҳои муайяни касбӣ донишҷӯ – омӯзгори яндаи синфҳои ибтидоиро ба ин касби пуршараф омода намудан, душвор аст, зеро барои рушди соҳаи маориф дар ҷумҳурии мо омӯзгорони оянда бояд дорои сифатҳои баланди касбӣ бошанд.

Худи мафҳуми «салоҳиятнокӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, олимон ба моҳияти он хусусиятҳои гуногуни арзишию маъноиро нисбат медиҳанд. Қайд карда мешавад, ки салоҳиятнокӣ – ин низоми дониши амалкунанда мебошад, ки фаъолияти амалӣ ва бошуурии таълимро инъикос менамояд. Ҳамин тавр, Н.В. Кузмина «салоҳиятнокӣ»-ро ҳамчун хосияти шахсият баррасӣ мекунад [6, с. 90]. Ба ақидаи Г. Селевко, «салоҳиятнокӣ» – ин қобилияти ба кор бурдани донишҳо ва маҳоратҳои касбшуда дар зиндагии рӯзмарра барои ҳаллу фасли ин ё он масоили амалиявию назариявӣ мебошад [9, с. 60].

Ба назарии А.В. Хуторской, «салоҳиятнокӣ»-ро ҳамчун доштани салоҳияти дахлдор аз маҷмӯи сифатҳои маърифатие (маҳоратҳо, малакаҳо, қобилиятҳо) иборат медонад, ки бо таҷрибаи фаъолияти шахсият нигаронида шудаанд [10, с. 65].

Таҳти салоҳиятнокӣ Э.Ф. Зеер «таълими мазмундори донишҳои назариявӣ ва амалӣ, ки дар шакли мафҳумҳо, принсипҳо, муқаррароти маънооташкилкунанда пешниҳод мешавад», мефаҳмад [2, с. 67].

Муносибати салоҳиятнокии касбӣ асоси омодашавӣ ва қобилияти амал кардан дар соҳаи илм ё истеҳсолоти мушаххас мебошад. Ин муҳиммияти ташаккули салоҳиятнокӣ ва донишҳои касбиро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ҳар як салоҳиятнокӣ дар раванди таълим ва фаъолияти маърифатии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ташаккул меёбад. Амали таълими маърифатнокӣ, асосан, ба инъикоси хусусиятҳо, моҳият ва методҳои истифодаи маводи таълим ва ғайра нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмию педагогӣ нишон медиҳад, ки дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ташаккули низоми донишҳо ва маҳоратҳои амалии барои касби оянда лозима дар донишҷӯён, рушди фаъолнокии эҷодӣ, маърифатию аз ҷиҳати иҷтимоӣ созгоршуда, рақобатпазир ва арзишманд таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ҳадафи асосӣ – ин баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, ноилшавӣ ба чунин сатҳи рушди шахсияти мутахассиси оянда мебошад, ки мавқеи фаъоли иҷтимоӣ ва фаъолияти бомуваффақияти зеҳнии касбии ӯро таъмин мекунад.

Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аксари соҳаҳои ҳаёти мамлакат тағйиротро ворид кард. Дар айни замон масъалаҳои ташаккул ва омодасозии омӯзгори баландихтисос ва эҷодкор, ҷалби омӯзгори оянда ба фарҳанг, рушди ҷомеа муҳим мебошад, ки омӯзгорониояндаро уҳдадор мекунад, то дорои донишҳои хуби касбӣ ва салоҳиятнокии баланд бошанд.

Бо ин мақсад дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барномаи махсус – «Низоми маҷмӯии марҳилавии омодасозии муттасил бо ҷойи кор таъминкунӣ дар донишгоҳ» ташкил карда шудааст, ки ба як воситаи муҳимтарини рушди нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии донишҷӯ – омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоӣ табдил

ёфтааст. Ҳадаф ва вазифаҳои ин барнома аз робитаи назария ва амалия, такмили методҳо ва усулҳои омодасозии донишҷӯ – омӯзгори ояндаи шоиста иборат мебошанд.

Ташаккули нерӯи маърифатнокию салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидҷоиро инҳо ташкил медиҳанд:

– доимияти шомилсозии донишҷӯ ба равандҳои таълимдиҳанда бо методи дарки фаъол ба ихтисоси оянда;

– суръатнокии таъсироти педагогӣ ба донишҷӯ;

– шомилсозии донишҷӯ ба раванди воқеии фаъолияти амалиявӣ;

– баҳисобгирӣ ва истифодаи шавқу мароқҳои ҳаётии донишҷӯён ва омӯзгор;

– робитаи муътадил ва банақшагирии кори беруназаудиторин тарбиявӣ бо фанҳои муқаддимаи ихтисос ва методикаи корҳои тарбиявӣ;

– назорати муттасил ва ҳавасмандсозии босифат дар омодасозии назариявӣ ва амалиявии донишҷӯён дар ҳамаи марҳилаҳо;

– таъминоти захиравии низоми ташаккули нерӯи шахсиятию салоҳиятнокӣ, нақши фаъоли муҳити донишҷӯӣ дар татбиқи ин барнома.

Дар донишгоҳ қисми муҳимтарини кори аудиторӣ бо донишҷӯён ин иштироки фаъоли онҳо дар сохтори худидоракунӣ мебошад. Мутаассифона, ин фаъолияти барои донишҷӯён муфид бе низоми мукаммал истифода мешавад. Бояд қайд кард, ки татбиқи лоиҳаи мазкури педагогӣ барои ташаккули нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ аҳамияти муҳим дошта, манбаи асосии худтакмилдиҳии онҳо мебошад.

Дар рафти гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мо ба масъалаи ташаккули малакаи сарварӣ эътибори махсус додем, ки дар ташаккули нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ нақши муҳимро мебозад. Донишҷӯ дар ин ҷо кор карда, таҳсил мегирад, то чӣ тавр сарвар шавад, чӣ тавр синфро идора карда, ба нафъи маориф хидмат кунад. Ҳадафи асосии низоми мазкур омодасозии сарварон дар миёни донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мебошад. Вазифаҳои он ба тариқи зайл аст:

– ташакули нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар низоми худидоракунӣ ва омодасозии касбӣ ба фаъолияти педагогӣ;

– эҷоди шароит барои донишҷӯён, ки дар донишгоҳ таҳсил мекунанд, тақвият додани робитаҳо байни донишҷӯёни курсҳо, гурӯҳҳои гуногун, байни омӯзгорон ва донишҷӯён;

– эҷоди шароит барои ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳои педагогӣ.

Таҷрибаи амалии донишҷӯ дар ҳамаи вақти таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муҳим аст. Воситаи муҳимтарин барои ташаккули нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳаллу фасли масъалаҳои зерин мебошад:

1. Чӣ тавр дар шароити таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд таҳсил карда ва ба касб омода шуд? Барои донишҷӯёни донишгоҳ дар шароите, ки он ҷо таҳсил кунанд, ҷиҳати ташаккули нерӯи шасхиятию салоҳиятнокии ояндаашон истифодаи ҳамаи имкониятҳои зарурии таълимию тарбиявӣ ва ташкилӣ муҳим аст. Барои ин ҳадаф донишҷӯ дар назди худ якчанд саволҳоро гузошта, баъди он бояд ҷавоб диҳад: чӣ тавр чорабиниҳои тарбиявии худро самаранок гузаронад; чӣ тавр ҳамаи имкониятҳоеро, ки дар донишгоҳ мавҷуданд, истифода барад; чӣ тавр чорабиниҳои тарбиявиро барои баланд бардоштани маҳоратҳо ва малакаҳои касбӣ истифода барад.

Бояд зикр намуд, ки донишҷӯ– омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои тарбиявӣ нақши корҳои тарбиявиро дар ташаккули маҳорати касбиаш бояд эҳсос кунад, барои супоридани бомуваффақияти санҷишҳо ва имтиҳонҳо аз фанни методикаи корҳои тарбиявӣ ва умумуман силсилаи фанҳои педагогӣ адабиёти заруриро истифода барад. Зеро таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ назар ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ хусусияти худро дорад.

2. Асосҳои ташккули шахсияти донишҷӯ – омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ. Дар марҳилаи мазкур донишҷӯ бояд дар назди худаш ҳадаф гузорад, роҳҳо ва методҳоро муайян кунад, то ки мутахассиси баландсифат шуда, ба ҳамаи талаботҳои бозори иқтисодӣ ҷавобгӯ бошад ва ҳамчун шахсият ташаккул ёфта, барои ояндаи худ масъулиятро ҳис кунад.

3. Идоракунии вазифаи педагогӣ ва касбии худ. Дар ин марҳила донишҷӯ бояд роҳи заруриро ҷустуҷӯ кунад, чӣ тавр ихтисоси инихобшудаи худро ба таври мусбат истифода барад; чӣ тавр имкониятҳои салоҳиятнокӣ, қобилиятҳо ва истеъдоди педагогии худуро самаранок истифода барад; чӣ тавр дар ҷомеа соҳиби эҳтиром гардад ва бо кадом роҳ дар ҷойи кори худ инсони шоиста ва соҳибэҳтиром гардад.

4. Низом ва механизмҳои ташаккули нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии донишҷӯ – омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ, қобилияти касбӣ ва рақобатпазирии ӯ. Ҷузъи мазкур хело муҳим ва лозим аст, зеро он ба донишҷӯён имконияти омодашавиро аз нуқтаи назари салоҳиятнокӣ, ба нақша гирифтани фаъолияти ояндаи педагогии худ, истифодаи ҳамаи чизи зарурӣ, то ки омӯзгори соҳибкасб шавад, фароҳам меорад.

Дар вақти таълим дар донишгоҳ аз рӯйи барномаи таълим донишҷӯён фанни «Муқаддимаи ихтисос»-ро меомӯзанд. Ҳадафи асосии омӯзиши фанни мазкур шиноскунии донишҷӯ бо раванди кор дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар баробари ин, рушди нерӯи шахсиятию салоҳиятнокӣ мебошад. Омӯзиши фанни мазкур ба донишҷӯ – омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, то ки донишҳои назариявӣ, маҳорат ва малакаҳои педагогиро дар ҳаёт татбиқ намуда, ҳамзамон, ҳамаи инро дар тарбияи насли наврас истифода барад. Формулаи нерӯи шахсию салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ, моҳияти он аз донистани технологияи маҳорати касбӣ, масъулиятнокӣ дар соҳаи ихтисоси оянда, ташаббуси шахсӣ ва донишмандӣ иборат мебошанд.

Маҳорат ногузир бо донистани технологияи омодагии касбӣ алоқаманд аст. Дар раванди омодашавии назариявӣ ва амалӣ донишҷӯ кӯшиш мекунад маҳорати худро дар азхудкунии маводи барномавӣ нишон диҳад, ки вазифаи ояндаи ӯро ба таври мушаххас таҷассум менамояд. Бо ҳамин мақсад мо дар рафти таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи «Салоҳиятҳои ояндаи касбии ман» бо донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, иншо гузаронидем. Мазмуни иншо масъалаҳои зеринро дар бар гирифт:

– касби ман – омӯзгор;
– дастовардҳо ва нобарориҳои ман;
– барои чӣ ман ба донишгоҳ дохил шудам?
– чӣ тавр ман ояндаи худро тасаввур мекунам;
– мақсади ояндаи ман аз чӣ иборат аст;
– барои ба даст овардани ҳадаф ман бояд чӣ кор кунам;
– таҳлили марҳилаҳои вазифаи ояндаи худ.

Дар ин давра донишҷӯ мустақилона кор карда, имкониятҳои худро барои рушди қобилиятҳо ва истеъдоди худ самаранок истифода бурда, кӯшиш мекунад, ки онҳоро истифода барад.

Барои он ки дар муҳлати кӯтоҳтарин мураккабӣ бартараф карда шуда, донишҷӯ ба шароити нави таълим дар донишгоҳ ҷалб карда шавад, пеш аз ҳама, тайёр кардани нақшаи кор зарур аст, ва барои татбиқии самараноки он бояд ҳамаи шароитҳое, ки барои ташаккули нерӯи шахсиятию салоҳиятнокии омӯзгори оянда заруранд, эҷод карда шаванд. Зеро истифодаи оқилонаи вақт ба донишҷӯ имкон медиҳад бо касби донишҳои зарурӣ, такмили маҳоратҳо ва малакаҳои касбӣ машғул шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Зеер, Э.Ф. Профессиональное становление личности инженера-педагога. Свердловск.: Изд-во Урал., гос. ун-та, 1988. С.34.

2. Зеер, Э.Ф. Модернизация профессионального образования: компетентностный подход: уч. пособие Э.Ф.Зеер, А.М.Павлова, - М: Психол. соц.институт, 2005.С.48

3. Зимняя, И.А. Ключевие компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия. Россия в Болонском процессе: проблемы, задачи, перспективы: труды методол. семинара. Текст / И.И. Зимняя. – М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов. 2004. – 40 с.

4. Зимняя, И.А. Ключевые компетенции - новая парадигма результата образования. Текст / И.А.Зимняя / Высшее образование сегодня. -2003.№5. С. 34-42

5. Кузмина, Н.Ф. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения. Текст / Н.Ф.Кузьмина. – М., 1990. – С. 90.

6. Мирзоев, Р.Р. Педагогические аспекты подготовки преподавателей к работе в условиях кредитной системы образования: Автореф. дис. канд. пед. наук / Р.Р.Мирзоев. - Курган-Тюбе., 2010.-22с.

7. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. – Душанбе: Ирфон. 2018. – 72 с.

8. Селевко, Г. Компетенция и компетентность: сколько их у российского школьника? Текст/ Г.Селевко// Народное образование — 2004-№4-с. 141.

9. Хуторской, А.В. Ключевые компетентности и образовательные стандарты: доклад на отделении философии образования и теории педагогики РАО 23 апр.2002 / Электронные ресурсы / А.В. Хуторской / Режим доступа.

## ТАЪЛИМИ МОДУЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР САМАРАНОКИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН

***СОБИРОВ Сафарбек Фатоҳович*** *– сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ш. Душанбе, к. Нисормуҳаммад 15.* ***E-mail:*** *s.sobirov.dti@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 935 79 97 04*

Дар мақола афзалиятҳои гузариш ба таълими модулӣ дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва самаранокии он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар татбиқи гузариш ба системаи модулии таълим таҳияи модулҳои таълимӣ барои омӯзгорон/тренерон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ҷузъи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки ин раванд дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон метавонад машғулиятҳои омӯзгоронро ба маротиб самаранок карда, сабаби беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ гардад. Омӯзгорони аз усулҳои инноватсионии ташкилнамоии раванди таълим ва дигар стратегияҳои фаъол бохабар хоҳу нохоҳ дар раванди таълим дигаргуниҳо ворид мекунанд.

Дар мақола ҳамзамон сохтори намунавии модулҳои таълимӣ барои тренерон/омӯзгорон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва марҳилаҳои гузариш ба ин навъи таълим ҳамчун асоси таълими модулӣ пешниҳод карда шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таълими модулӣ, такмили ихтисос, модул, нақшаю барномаи таълимӣ, худомӯзӣ, сифати таҳсилот, омӯзиши омехта, стратегия, технология, курс.*

## МОДУЛЬНОЕ ОБУЧЕНИЕ И ЕГО РОЛЬ В ЭФФЕКТИВНОСТИ ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ ПЕДАГОГОВ

**СОБИРОВ Сафарбек Фатохович** *– начальник управления науки и инновации Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников образования, г. Душанбе, ул. Нисормухаммада, 15.* ***E-mail:*** *s.sobirov.dti@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 935 79 97 04*

В статье анализируются преимущества перехода на модульное обучение в сфере повышения квалификации педагогов и его эффективность. В реализации перехода на модульную систему образования важнейшим элементом считается разработка учебных модулей для преподавателей/тренеров и слушателей курсов повышения квалификации. Следует сказать, что данный процесс в сфере повышения квалификации педагогов может сделать подготовку педагогов более эффективной и стать поводом для повышения качества образования в общеобразовательных учреждениях. Учителя, осведомленные об инновационных методах организации учебного процесса и других активных стратегиях, так или иначе вносят изменения в учебный процесс.

В то же время в статье представлена типовая структура образовательных модулей для тренеров/преподавателей и слушателей курсов повышения квалификации и этапы перехода к этому виду обучения как основе модульного обучения.

***Ключевые слова:*** *модульное образование, повышение квалификации, модуль, учебный план, самообразование, качество образования, смешанное обучение, стратегия, технология, курс.*

## MODULE LEARNING AND ITS ROLE IN EFFICIENCY PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF TEACHERS

***SOBIROV Safarbek Fatohovich*** *- head of Science and Innovation Department of the Republican Institute for Advanced Studies and Retraining of Education Workers, Dushanbe, st. Nisormuhammad, 15.* ***E-mail:*** *s.sobirov.dti@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 935 79 97 04*

The following article deals with the priorities and the effectiveness of having the transition to a modul training in the ongoing process of professional teacher development courses in Education. The development of training modules for teachers, trainers, and students of advanced courses is considered to be one of the most essential points in the stage of implementation of having transition to a modular system.

It should be pointed out that the process created by can make the professional teacher development courses more effective and become an occasion for improving the quality of education in the educational institutions in whole.

Moreover, teachers who will be aware of innovative methods of teaching and as well as the strategies of teaching and learning the subjects make significant changes in the field of teaching, no matter whether they like it or not.

Simultaneously, the article presents a typical structure of educational modules for listeners of the professional teacher development courses. Additionally, it also gives an information about its stages of transition to this type of training as a basis of modular training that is important to have.

***Key words***: *modular education, advanced training, module, curriculum, self-education, quality of education, blended learning, strategy, technology, course.*

Такмили ихтисоси омӯзгорон аз зумраи соҳаҳое ба шумор меравад, ки мунтазам ба навоварию ислоҳот ниёз дошта, вобаста ба талаботи рӯз ва дастёбӣ ба стандартҳои ҷаҳонию навигариҳои дар соҳаи илму техника ба вуқуъ пайваста, таҷдиди ҳамешагиро мехоҳад. Зеро, босуръат нав шудани донишҳо, зиёд гардидани сарчашмаҳои иттилоот, пешрафти илм ва ба вуҷуд омадани шаклҳои инноватсионии таълим аз омӯзгорону тарбиятгирандагон донишу маҳоратҳои нав ба навро талаб мекунад. Маҳз, омӯзгорону кормандони соҳаи маориф барои такмили тахассус намудан ва воқиф гардидан аз пешравию дастовардҳои соҳа ба курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ фаро гирифта мешаванд. Биноан, такмил додани системаи мавҷудаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва ба талаботи ҷомеаи имрӯза мутобиқ сохтани он, ба куллӣ беҳтар кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ, таркибӣ ва сифатии муассисаҳои такмили ихтисос, густариши ташаккули системаи такмили ихтисосу бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назорати мунтазами самаранокии курсҳои такмили ихтисос амри воқеӣ аст.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки мақсади такмили ихтисоси омӯзгорон пеш аз ҳама ба баландбардории арзишу муносибат ва донишу маҳорати касбии омӯзгорон, рушди салоҳиятҳои касбӣ, таҷдиди донишҳои назариявӣ ва амалии мутахассисони соҳаи маориф, вобаста ба афзоиши талабот ба сатҳи тахассус фаро гирифтани усулҳои инноватсионии таълим ва ҳалли масъалаҳои касбӣ ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баландбардории маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф асосан Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Кӯлобу Бохтар, Хоруғ ва Хуҷанду Душанбе машғул буда, ҳамасола ҳудуди 20 фоиз аз теъдоди умумии омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, мактаб - интернат ва хонаҳои кӯдакон, раёсату шуъбаҳои маориф аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида мешаванд. Табиист, ки аз ҷониби раёсати Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи

маориф ва филиалҳои он дар доираи ислоҳоти ҷории соҳаи маориф бо мақсади баланд бардоштани самаранокии курсҳои такмили ихтисос, ҳарчи бештар фаро гирифтани теъдоди шунавандагон ба курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ, нақшаву барномаҳои таълимӣ, таҷдиди назар намудани муҳлати баргузории курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои мақсаднок чораҳои амалӣ андешида мешавад. Илова ба ин вақти он расидааст, ки бо сабаби таваҷҷуҳ доштани Ҳукумати ҷумҳурӣ, хусусан, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати беҳтар намудани мазмуну мухтавои курсҳои такмили ихтисос чораҳои амалӣ андешида шуда, шаклҳои инноватсионии он коркард карда шавад.

Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда ва мушоҳидаҳои амалӣ яке аз шаклҳое, ки ба самаранокии раванди курсҳои такмили ихтисос метавонад асос гардад, таълими модулӣ дар соҳаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба шумор меравад, ки айни ҳол намунаҳои он дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он коркард шудаистодааст. Аз омӯзиши натиҷаи таҳлилҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар омода намудани омӯзгорон ва такмили ихтисоси онҳо таълими модулӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад. Гузариш ба таълими модулӣ дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ таъкид карда шудааст. Аз ҷумла, дар қисмати **Афзалиятҳо дар самти беҳтар намудани сифат ва муҳиммияти таълим** сархати "- ҷорӣ намудани низоми таълими пешрафтаи кредитӣ - модулии такмили ихтисос" [9,87].

Зарурати гузариш ба таълими модулиро дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон дар натиҷаи таҳқиқотҳо дида мебароем: "Омӯзгорони Донишкада метавонанд барои ҳар як ихтисос дар алоҳидагӣ маҷмӯи модулҳоеро таҳия намоянд, ки дар раванди курс вобаста ба онҳо машғулият гузаронида мешавад. Метавон дар алоҳидагӣ барои фанҳои таълимӣ низ модулҳо таҳия намуд. Ин шакл аз он сабаб ҳадафманд аст, ки масалан агар барои фанни менеҷменти сиёсӣ дар алоҳидагӣ модул таҳия карда шавад, омӯзгор метавонад дар тамоми курсҳо модули мазкурро истифода намояд. Зеро, ки ин фан дар тамоми курсҳо омӯзонида мешавад.

Дар системаи такмили ихтисос мебояд модулҳо тарзе таҳия карда шаванд, ки дар онҳо мақсадҳо мушаххас буда, вазифа ва сатҳи азхудкунии мавзуъҳо муайян ва малакаву маҳорат ва шаклҳои арзёбӣ номбар карда шаванд. Дар модулҳо нақшаи тақвимӣ оварда шуда, вобаста ба ҳар як мавзуъ мақсаду натиҷаҳои чашмдоштӣ нишон дода шаванд. Азбаски яке аз мақсадҳои таълими модулӣ таъмини фаъолияти амалӣ ва худомӯзии шунавандагон ба шумор меравад, мебояд то чи гуна расонидани тамоми ҷараёни таълим аз ҷониби омӯзгор – тренер қадам ба қадам дар модул нақшагирӣ ва мушаххас нишон дода шавад. Зеро, дар низоми таълими модулӣ самарабахшии таълим дар сурате афзуда мегардад, ки агар шунаванда донишҳоро худ ба даст оварад, фаъолияти омӯзгор бошад, ҷараёнро идора намуда, ҳавасманд ва машварату хулосабарорӣ кардан иборат бошад" [8,98]. Ё ин ки "Барои баланд бардоштанни дараҷаи тахассусӣ, ташаккули қобилияти эҷодӣ, салоҳиятнокии кормандони педагогӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои мукаммалсозии системаи таҳсилот, бо ташаккули навгониҳои фаъолияти омӯзишии кормандони соҳаи маориф, татбиқи натиҷабахшии технологияи ҳозиразамони таълим ҷалб мешаванд, амалӣ гардонидани чунин шакл ва тарзҳои фаъолияти таълимӣ мақсаднок аст: ... гузаштан ба системаи модулии таълим" [10,66].

Технологияи таълими модулӣ дар бахши такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба талаботи муосири раванди таълим то андозае ҷавобгӯ мебошад. Зеро он ба истифодаи принсипи модулӣ асос меёбад. Дар ин шакли таълим модули таълимӣ ҳамчун воситаи тарҳрезӣ ва татбиқи системаи педагогӣ хизмат мекунад, ки дар он диққати таълим аз раванд ба натиҷа гузаронида шуда, ба даст овардани натиҷа, танзим, мутобиқсозии системаи таълим дар ҳар вақт ва дар ҳар лаҳза вобаста ба машғулиятҳо мебошад. Асоси ин намуди таълимро модулҳо ташкил медиҳанд. Дар таҳсилоти миллӣ мафҳуми "модул" то ҷое нав буда, фарқи асосии он аз шакли анъанавӣ бештар ба амалия нигаронида шудан ва иҷрои амалии машғулиятҳо аз ҷониби шунавандагони курсҳо фаҳмида, бештари мавод мустақилона бо

роҳи худомӯзӣ омӯхта мешавад. Аз ин рӯ, таҳияи модулҳои таълимӣ асоси ин шакли таълимро ташкил медиҳад.

Модул аз калимаи лотинии *modulus* гирифта шуда, маънои сохт, меъёр, воҳиди шартӣ ва андозаро дорад. Омӯзиши сарчашмаҳо ва таҳқиқоти дар ин самт анҷомшуда баёнгари онанд, ки модулҳо дар маҷмуъ ба се навъ ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла:

- “маърифатӣ, ҳангоми омӯзиши асосҳои илм истифода мешаванд;
- амалӣ - ташаккули усулҳо/фаъолият;
- омехта” [1,87]. Дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорон омӯзиши модулӣ навъи омӯзишие мебошад, ки дар он маводи таълимӣ ба модул ё бобҳои алоҳида ҷудо карда мешавад.

Мушоҳидаҳои амалӣ, андешаи муҳаққиқон ва аз натиҷаҳои таҳқиқотҳо маълум мегардад, ки таълими модулӣ дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон чунин бартариҳо дошта метавонад:

- беҳтар намудани раванди курсҳои такмили ихтисос ба дастрасии маводи таълимӣ;
- фароҳам овардани шароит барои худомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва ба ин восита таъмини омӯзиши пайваста дар системаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- муайян гардидани стратегия ва қадамҳои мушаххаси омӯзиш;
- дар сурати гузариш ба шакли омӯзиши омехта ҷойгир намудани модулҳои таълимӣ ба платформаҳои рақамӣ ва ҳамин тариқ ғанӣ намудани он;
- имкони ислоҳи фаврии мазмуни барнома ва мавод мувофиқи талаботи шунавандагони курсҳои такмили ихтисос;
- аз ҷониби шунавандагони курсҳо бевосита истифода шудани салоҳиятҳои ҳосилшуда дар амалияи фаъолияти касбӣ;
- оварда шудани нақшаи тақвимӣ ё барномаи таълимӣ дар мавод;
- кам кардани вақти омӯзиш ва фароҳам овардани имконият барои таълими фосилавӣ ё “Омӯзиши омехта”;
- ташаккул додани раванди такмили ихтисос бо дарназардошти таҷрибаи касбӣ ва дархостҳои таълимӣ.

Аз натиҷаи таҳқиқотҳо маълум мегардад, ки дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорон вобаста ба ихтисос ё намуди курсҳо метавон маҷмӯи якчанд модулро таҳия намуд. Дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон модулҳои таълимӣ махсусиятҳои худро дошта, дар асоси як барномаи таълимӣ метавонад якчанд модул таҳия карда шавад. Аз ҷумла:

- мушаххас будани мақсадҳои таълимӣ ва натиҷаҳои чашмдошт;
- муайян будани мавзуъ, малакаву маҳоратҳои рушддодашаванда ва шаклҳои арзёбӣ;
- пешниҳод намудани стратегияҳои омӯхташаванда, вазъ ва фарҳанги омӯзишӣ;
- Пешниҳод намудани нақшаҳои таълимӣ ва тақвимӣ (мутобиқи барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос);
- таъмини фаъолияти амалӣ ва худомӯзии шунавандагони курсҳои такмили ихтисос;
- бо мақсади таъмини ҷараёнро идора намудан ва машварату хулосабарорӣ кардани тренер дар модул нишон додани қадамҳои баргузории машғулиятҳо;
- муайян намудани омӯзиши ҳатмии ҳар як ҷузъи системаи дидактикӣ ва намоиши визуалии онҳо дар барнома ва модулҳои таълимӣ;
- ба инобат гирифтани шаклҳои гуногуни таълим;
- ҳамгироии намуд ва шаклҳои гуногуни таълим;
- ба назар гирифтани мустақилона омӯхтани маводи таълимӣ;
- муайян гардидани салоҳиятҳои барои омӯзиши шунавандагон зарур.

Технологияи тарҳрезии педагогии модулҳои таълимӣ се марҳилаи асосиро дар бар мегирад:

1. Таҳияи мушаххасоти модул.
2. Таҳияи маводи арзёбӣ барои модулҳо.
3. Таҳияи маводи таълимӣ барои модулҳо.

Дар асоси ихтисосҳои дар Донишкада ва филиалҳо аз рӯйи онҳо курсҳои такмили ихтисос мегузашта, модулҳоро метавон ба чунин гурӯҳҳо муттаҳид кард:

- фанҳое, ки дар тамоми гурӯҳҳо аз руйи онҳо машғулият гузаронида мешаванд. Барои мисол менеҷменти сиёсӣ, асосҳои технологияи информатсионӣ, экология, ҳифзи муҳити зист... ва амсоли ин;

- фанҳои муайяне, ки аз рӯйи як барномаи таълимӣ машғулият гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, педагогика ва психологияи касбӣ барои омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ – риёзӣ, педагогика ва психологияи касбӣ барои мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар соҳа;

- ихтисосҳои муайян. Ба монанди омӯзгорони фанни забони русӣ, математика, география ва монанди инҳо.

Дар маҷмуъ модулҳои таълимӣ дар системаи такмили ихтисос метавонад дар шаклҳои гуногун вобаста ба меъёрҳои дар боло овардашуда таҳия карда шуда, барои омӯзгорон/тренерон ё шунавандагони курсҳо таҳия карда шаванд.

Намунаи сохтори дарсе, ки метавонанд модулҳои таълимӣ барои шунавандагону тренерон дар қолаби зер таҳия карда шаванд:

Модулҳои барои омӯзгорони муассисаҳои такмили ихтисос/тренерон пешбинишаванда

| **Қисматҳои модул** | **Маводи зарӯрӣ** |
|---|---|
| Мавзуъ | Мутобиқи барномаи таълимӣ, ки нақшаи тақвимии он дар саҳифаҳои аввали модул оварда мешаванд, овардани мавзуъҳо |
| Мақсади машғулият | Муайян намудани мақсадҳои таълимӣ дар асоси модели сезинагии таълим ва дар шакли натиҷаи интизоршаванда |
| Вақт | Муайян намудани вақти барои иҷрои машғулият пешбинишуда |
| Мавод | Маводи зарурӣ дар асоси стратегияҳои пешбинишуда. Варақаи тақсимотӣ, барои арзёбиҳо, маркер ва дигар маводи барои омӯзиши мавзуъ зарур |
| Водорнамоӣ/ Ҳавасмандгардонӣ | Ба воситаи истифодаи саволҳои кушода, вазъиятҳои таълимӣ, навор ва дигар усулҳо бедор намудани ҳавасмандии шунавандагони курс |
| Арзёбии пешакӣ | Ба воситаи саволнома, пурсишнома ё шакли дигар муайян намудани салоҳиятҳои ибтидоии шунавандагони курсҳо |
| Раванд: Муносибати омӯзгор-шунаванда ва ҳамкории шунавандагон | Қадам ба қадам овардани тарзи пешниҳоди машғулият, аз ҷумла корҳои дунафара, гурӯҳӣ..... |
| Арзёбии ҷамъбастӣ | Ба воситаи саволнома ва пурсишномаҳо муайян намудани салоҳиятҳои ниҳоии шунавандагони курсҳо |
| Рефлексия | Хулосабарорӣ |

Дар ҳар як марҳила омӯзгорон/тренерон метавонанд вобаста ба махсусиятҳои мавзуъ ва маҳорати касбии худ стратегияҳои мувофикро истифода баранд.

Модулҳои барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос пешбинишаванда

| **Қисматҳои модул** | **Маводи зарурӣ** |
|---|---|
| Мундариҷа | Муҳтавои модул. Номгӯйи мавзуъҳое, ки дар модул оварда мешаванд |
| Пешгуфтор | Пешниҳоди маълумот оид ба мазмуну муҳтавои модул ва зарурати таҳияи он |
| Нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос | Овардани нақшаи тақвимии барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос |
| Тарзи истифодаи модул | Овардани маълумот оид ба мавзуъ, стратегия, шаклҳо ва тарзи истифодаи онҳо |
| Мавзуъҳо | Дар мутобиқат ба модули барои омӯзгорон/тренерон таҳиякардашуда, овардани маълумотҳо вобаста ба мавзуъҳо |
| Рӯйхати мавод барои худомӯзӣ | Овардани номгӯи мавод ва мавзуъҳое, ки барои худомӯзии шунавандагон пешбинӣ мегардад |

Барои гузариш ба таълими модулӣ нахуст бояд сохтор бо қисматҳо, марҳилаҳои омоданамоӣ ва татбиқнамоию самаранокии модулҳо муайян карда шаванд.

Вобаста ба таҳаввулоти солҳои охир дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон зина ба зина гузаштан ба таълими модулӣ метавонад раванди курсҳои такмили ихтисосро боз ҳам самаранок гардонад. Табиист ки  самаранокии курсҳои такмили ихтисос ба беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ боис мегардад. Зеро омӯзгорони аз усулҳои ташкилнамоии раванди таълиму тарбия ва методҳои муосири таълим бохабар хоҳу нохоҳ дар раванди таълим дигаргуниҳо ворид мекунанд. Истифодаи стратегияҳои гуногун ва муосири таълим доираи салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва навоварии ҳам омӯзгорон ва ҳам сарваронро васеъ гардонда, барои амиқтар аз худ кардани маводи таълимии пешниҳодшаванда мусоидат менамояд, ки он дар навбати худ ҷиҳати ноил шудан ба таълими босифат боис мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Акобиров, Ш.З. Системаи модулӣ, кредитӣ ва фосилавӣ дар такмили ихтисос. Маводи конференсияи Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф.– Душанбе: –2016. С. 83-88.
2. Акобиров, Ш.З. Ҳасанов С. Муносибати мусбат – асоси самаранокии таълим.– Душанбе 2022:
3. Акобиров, Ш.З. Ҳасанов С. Муносибати мусбат – асоси самаранокии таълим Дастур барои тренер – Душанбе 2022.
4. Алимкулов, С.О., Мелибоев А.Р., Рустамов А.Ш., Роль компетентного учителя в сфере современного образования // Вопросы науки и образования. 2019. №7 (53).
5. Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, – Душанбе, 2017.
6. Қурбонзода, Х., Бобоев, Ҳ. Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Душанбе, 2016.
7. Қурбонзода, Х., Бобоев, Ҳ. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2016.
8. Панасенкова, М. М. Формирование профессиональных компетенций учителя в системе дополнительного профессионального образования // Инновационная наука. 2019. №12.
9. Собиров, С. Ф. Роҳҳои баландбардории маҳорат, малака ва салоҳияти касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017, №3/7. – С. 247-253, ISSN 2074-1847.
10. Собиров, С. Ф. Роҳҳои тақвияти ҷараёни такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим: автореф. дис.... номз. илм. пед. / С.Ф. Собиров. - Душанбе, 2020.
11. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526. Душанбе, 2020.
12. Черепанова, О. А., Смелкова, Е. А. Оценка предметных и методических компетенций учителей: актуальность и перспективы // Научно-методическое обеспечение оценки качества образования. 2021. №1.

## АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ ДАР ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН

***ШАҲЛОИ Абдуализодаи Тоҳириён*** *– номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи фанҳои филологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.* ***E- mail:*** *Shahlo_vak @mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 884 08 81 23*

***ЯҲЁЕВ Шоҳзамон Шералиевич*** *– докторант (PhD)-и соли сеюми Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.* ***E- mail:*** *Yahyoev96@mail.ru.*

Дар замони муосир бо ахлоқи ҳамида, ҳисси баланди миллӣ, ташаккули арзишҳои анъанавӣ, азхудкунии кифояи захираи инсонпарвариву ватандӯстӣ тарбияи ҷавонон талаботи ҳатмии ҷомеа мебошад. Ақидаҳои педагогии Лоиқ Шералӣ дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон ҷиҳати наздикшавии наврасон ба фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ, оила, ватан, муносибати бомасъулиятона ба анъанаҳои халқи саҳми назаррас доранд.

Яке аз масъалаҳои мубрами педагогикаи тоҷик - ақидаҳои педагогии Лоиқ Шералӣ дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар мақола мавриди тадқиқ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Барои тарбияи насли наврас категорияҳои вожаҳои ахлоқӣ-маънавиро дарк намудан бениҳоят муҳим аст, чунки барои ташаккули нерӯи дохилии инсон мусоидат менамояд. Ҷиҳати кор бо мафҳумҳо, ки ниҳоят аҳамияти муҳим дорад, имконият ҳаст тамоми дарс ва ё қисми зиёди онро сарф намоем. Инчунин, дар мақола қайд гардидааст, ки воситаи мантиқии дастрас намудани донишҳои назариявӣ - ин тафаккурро бо амалиёти озмоишӣ ҷамъбаст намудан аст. Аз натиҷаи чунин муҳокимаҳо хулосаҳои нав қабул гардидан мегиранд, ки дар як доираи муайян бо афкори пешина монандӣ доранд. Рушди ҳувияти миллӣ ҳангоми омӯзиши ашъори Лоиқ Шералӣ, инчунин махсусиятҳои услубии забони шоир барои тарбияи худшиносии миллии хонандагон мусоидат мекунад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *арзишҳо, худшиносии миллӣ, таълим, дарс, адабиёт, Лоиқ Шералӣ, хонандагон, тарбияи маънавӣ – ахлоқӣ, омӯзгор.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ ЛОИКА ШЕРАЛИ В ВОСПИТАНИИ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ

***ШАХЛОИ Абдуализодаи Тохириён*** *– кандидат филологических наук, заведующий отделом филологических дисциплин Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана.* ***E-mail:*** *Shahlo_vak @mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 884 08 81 23*

***ЯХЁЕВ Шохзамон Шералиевич*** *– докторант (PhD) третьего курса Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана.* ***E-mail:*** *Yahyoev96@mail.ru.*

В современном мире хорошим поведением, высшим национальным чувством, развитие традиционных ценностей, достаточное освоение гуманных рессурсов и патриотического воспитания являются обязательным требованием общества.

Педагогические идеи Лоика Шерали имеют важную роль в морально - нравственном воспитании учеников, в связи с охватом полезных общественных дел, семьи, родины, ответственного обращения к народным традициям.

Один из актуальных вопросов таджикской педагогики - особенности процесса изучения духовно-нравственных ценностей учащихся 5-9 классов на уроках таджикской литературы рассмотренно авторами этой статьи.

Для воспитания подрастающего поколения понимание категорий нравственно-духовных слов чрезвычайно важно, поскольку способствует формированию внутренней

силы человека. Аспект работы с понятиями, что очень важно, у нас есть возможность провести весь урок или его большую часть. В статье отмечается, что логическим средством получения теоретических знаний является обобщение этого мышления экспериментальными операциями. В результате таких обсуждений принимаются новые выводы, в определенном диапазоне схожие с предыдущими мнениями. Выводы познания можно разделить на индуктивные и дедуктивные.

***Ключевые слова:*** *ценности, национальное познание, воспитание, урок, литература, учащиеся, нравственное воспитание, учитель.*

## PEDAGOGICAL IDEAS OF LOIK SHERALI IN THE EDUCATION OF SPIRITUAL AND MORAL VALUES OF STUDENTS

***SHAKHLOI Abdualisodai Tokhiriyon*** *– candidate of Philological Sciences, head of the Philology Department of the Institute of Educational Development named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan.* ***E-mail:*** *Shahlo_vak @mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 884 08 81 23*

***YAHYOEV Shohzamon Sheralievich*** *– doctoral student (PhD) of the third year of the Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan.* ***E- mail:*** *Yahyoev96@mail.ru.*

In the modern world, good behavior, the highest national feeling, the development of traditional values, the sufficient development of humane resources and patriotic education are a mandatory requirement of society.

The pedagogical ideas of Loik Sherali play an important role in the moral education of students, in connection with the coverage of useful public affairs, family, homeland, responsible appeal to folk traditions.

One of the topical issues of Tajik pedagogy - the features of the process of studying the spiritual and moral values of students in grades 5-9 in the lessons of Tajik literature, was considered by the authors of this article.

For the upbringing of the younger generation, understanding the categories of moral and spiritual words is extremely important, since it contributes to the formation of a person's inner strength. The aspect of working with concepts, which is very important, we have the opportunity to conduct the entire lesson or most of it. The article notes that the logical means of obtaining theoretical knowledge is the generalization of this thinking by experimental operations. As a result of such discussions, new conclusions are reached, in a certain range similar to previous opinions. The conclusions of knowledge can be divided into inductive and deductive.

***Key words:*** *values, national knowledge, education, lesson, literature, students, moral education, teacher.*

Тарбияи ҷавонон бо ахлоқи ҳамида, ҳисси баланди миллӣ, ташаккули арзишҳои анъанавӣ, азхудкунии кифояи захираи инсонпарвариву ватандӯстӣ, наздикшавии наврасон ба фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ, оила, ватан, муносибати бомасъулиятона ба анъанаҳои халқи худ, мутобиқат намудан ва ҳамкориҳои зичи ҳамаи сохторҳои иҷтимоӣ, ки ба тарбияи кӯдакону ҷавонон машғуланд, талаботи ҳатмии ҷомеаи имрӯза мебошад.

Шоири адабиёти муосири тоҷик Лоиқ Шералӣ аз ибтидо то интиҳои фаъолияти эҷодиаш парчамбардори бузургтарин ғояҳои миллӣ буд. Лоиқ ҳам бо сухан ва ҳам бо чеҳраи адабиву фарҳангии худ, пеш ва беш аз ҳама, ба адибон, умуман ба зиёиёни тоҷик ҷуръат ва шуҷоати миллӣ, адабӣ ва гражданиро талқин намудааст. Шуҷоати адабие, ки Лоиқ дошт, як падидаи педагогии воқеан камназирест, ки шояд худи устод хизматашро дар ин ҷода то охир эҳсос накарда бошад. Вақте ки ӯ дар мавзуи миллат, ғуруру ифтихори миллӣ сухан мегуфт ё шеър мехонд, гӯё оташе, ки дар дил дошт, ба забонаш меомад, сухану шеъраш ба дилҳо гармиву ба ақлҳо равшанӣ эҳдо мекард ва ин дар таълими эҷодиёти ӯ ба

хонандагон низ таъсири худро мерасонад. Ғуруру ифтихори миллӣ, омодагӣ ба сарсупорӣ дар роҳи саодати миллат аз оғоз то анҷоми эҷодиёти шоир чун хати сурх равшану пурҷило мегузарад. Хизмати устод Лоиқро дар бедориву худогоҳии миллӣ ва васеътар аз ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш дар яке аз мулоқотҳо бо зиёиёни кишвар 20 марти соли 2001 ба таври зайл ифода карда буд: «Аз нимаи солҳои шастум адабиёти моро ҷустуҷӯҳои нави эстетикӣ, рӯҳияи худогоҳӣ, талқини ҳофизаи таърихии халқ, хусусан арзишҳои маънавӣ сар то по фаро гирифт. Ба адабиёт рӯҳи нав дамид. Дар ин миён лозим медонам хизматҳои пурарзиши шодравон Лоиқ Шералиро дар талқини шуҷоати адабӣ, рӯҳи миллӣ ва ватандорӣ, ситоиши модар ва забони модарӣ, эҳёи бисёр суннатҳои шеъри оламгири мо бо сипосу эҳтироми хоса ёдовар шавам» [1, 65].

Дар даврони истиқлолият моҳияти тарбияи ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятӣ, педагогӣ ва психологӣ дар илми педагогикаи тоҷик то андозае мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гирифт. Ҳамин масъаларо ба эътибор гирифта, қувваҳои пешқадами ҷамъияти тоҷик дарк намуданд, ки нишонаҳои маънавӣ-ахлоқии инсон бояд асоси азнавсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он гардад. Ин, хусусан, ба ҷавонон дахл дорад. Чӣ тавр худшиносии миллӣ ва рушди шаҳрвандии онҳоро таъмин кардан, дар онҳо талаботу омодагиро барои фоида расонидан натанҳо ба худ, балки ба намояндагони дигари ҷомеа дар умум ташаккул додан саволҳоеанд, ки бо масъалаи дар насли наврас ташаккул додани муносибати мусбӣ ба одамон, ватан, арзишҳои миллӣ бевосита алоқамандананд.

Ҷиҳатҳои пешқадами афкори хусусияти тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқидоштаи шоири машҳури халқи тоҷик Лоиқ Шералӣ арзишу қимати баландро соҳиб буда, зиндаю ҷовидонаанд. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар осори панду ахлоқии Лоиқ Шералӣ пеш аз ҳама тарбияи худшиносии миллӣ ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон падид меояд. Аз ин рӯ, таълимоти ахлоқии ӯ сар то сар андешаҳои ватандӯстона буда, дар он мавзуъҳои хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ ва заҳматҳои инсон дар роҳи такомули рӯҳи хештаншиносии худ мақоми махсус дорад.

Лоиқ Шералӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки мақому мартабаи шахси ватандӯстро баланд бардошта, бештар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ӯро ислоҳ бахшад. Ба андешаи Лоиқ Шералӣ таълим дар рафтору кирдори инсон нақши муҳим мебозад ва ҳар феълу рафтори хубе, ки аз ӯ содир шавад, натиҷаи тарбияи дуруст аст. Махсусан, аз ғояти баланди ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ ободнамудани ватан низ яке аз натиҷаҳои тарбияи дурусти арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ мебошад:

Гарчи номат
Ҳамчу мулки кӯҳсорон дар ҷаҳон машҳур шуд.
Лек боке нест!
Бахри он сангат зиёду кӯҳҳот,
То бисозӣ пайкара бар ёдгори он ҳама
Мардони пурҳасрат,
Ки хокатро парешон кардаанд.
Бахри он мардон,
Ки номатро ба олам Тоҷикистон кардаанд [10, 45].

Шинохтани бошуурона танҳо омили иловагии шакли субъективии таъсироти мутақобили субъект ва объект мебошад. Шахсият - объект ва субъекти таърих, объект ва субъекти тамаддун, ниҳоят, объект ва субъекти тарбия аст, бинобар ин, муаммои худшиносии шахсият аҳамияти махсус касб менамояд. «Имрӯз худшиносӣ ҳамчун «аутокоммуникатсия, ки зимни он фард ба худаш ҳамчун субъект муроҷиат менамояд» фаҳмида мешавад Вариантҳои сохтории ҳам субъект - субъектӣ ва ҳам субъект-объектии худшиносӣ, ки ба фардҳои гуногун хосанд, муайян гардидаанд» [14, 130]. Ҳамин тавр, дар илм меъёрҳои зерини худшиносӣ ошкор гардидаанд: ҷудо кардани худ аз муҳит, дарки худ ҳамчун субъекти аз муҳити ҷисмонӣ, иҷтимоӣ мухтор (автономӣ); дарки фаъолнокии худ - «Ман» худамро идора мекунам»; дарки худ тавассути одами дигар, дигарон; «Ман ва Мо»; «Ман ва Онҳо» ва ғ; баҳои ахлоқӣ ба худ, мавҷудияти рефлексия - дарки таҷрибаи ботинии хеш; худбаҳодиҳии мувофиқи нерӯҳо, имконот, қобилият. Дар тақвияти ин гуфтаҳо Лоиқ Шералӣ ба худ баҳои ахлоқӣ – худшиносӣ дода чунин мегӯяд:

То нагирам хунбаҳои ҷумлаи қурбониёнро,
То набахшам умри озоде ҳама зиндониёнро,
То наёбам роҳи дилҳои тамоми зиндагонро,
То набардорам ба дӯшам дӯшбори ин замонро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд! [10, 16].

Ба фаҳмиши шахсият ва худшиносии ӯ аз ҷониби психологҳои рус ҳал шудани муаммои муносибати мутақобили ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ таъсири назаррас гузошт. Ин муаммои методологӣ дар консепсияи С. Л. Рубинштейн маънидод гардид. Дар консепсияи фарҳангию таърихии И. С. Кон нақши пешбари шароити иҷтимоӣ таъкид гардидааст: «Шуур - воситаи ба инсон хоси муносибат ба воқеияти объективӣ, ки бо шаклҳои умумии фаъолияти ҷамъиятӣ-таърихии одамон зоҳир меёбад» [9, 67]. Зери худшиносӣ маъмулан раванди худро дарк намудани инсон фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он тасаввурот дар бораи худ ба сифати субъекти амал ва ҳиссиёт (образи Ман) ба вуҷуд омада, муносибати эмотсионалию арзишӣ ба худ шакл мегирад. Худшиносӣ ҳамчун пайомад ва заминаи таъсироти мутақобили иҷтимоӣ, ки бо таҷрибаи иҷтимоии инсон таъйин гардида, ҳамчун маҳсули фаъолияти ҳаётии ӯ ташаккул меёбад, баррасӣ мегардад. Дар худшиносӣ ҳаёти шахсият дар фазову вақти иҷтимоӣ инъикос меёбад.

Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ки ақидаҳои педагогии Лоиқ Шералӣ дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон нақши муҳим дошта, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳастии миллат ва забон, эҳтироми арзишҳои давлатдорӣ ва миллӣ ва тарбияи инсони комил мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуқодиров, А., Давронов, А. Каломи Камол / А. Абдуқодиров, А. Давронов. – Хуҷанд, 1998. – 215с.
2. Буриев, Ш. Р. Лексическая синонимия в «Маснавии маънави» Джалолиддина Руми / Ш. Р. Буриев– Автор.канд. дисс. – Душанбе, 2002. – 22с.
3. Давронов, А. Муродифҳо дар «Қобуснома»-и Кайковус» / А. Давронов // Ахбороти АИ ҶТ. Шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1974. – № 2. – С. 78-81.
4. Джумаев, М. О. Лексико-семантические особенности «Нафахат-ул-унса» Абдуррахмана Джами / М. О. Джумаев – Автор. канд. дисс. – Душанбе, 2007. – 22с.
5. Джураева, С. Б. Синонимы в поэзии Абдурахмана Джами / С. Б. Джураева – Автор. канд. дисс. – Худжанд, 2009.
6. Джуразода, Ш. Лексико-грамматические особенности «Маснавии маънавӣ» Джалоладдина Руми / Ш. Джуразода – Душанбе, 1998. – 144 с.
7. Каримов, Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш. Каримов – Душанбе: Матбуот, 1993. – 146 с.
8. Кон, И. С. Открытие «Я» / С. И. Кон, М.: Политиздат, 1978. – 367с.
9. Л. Шералӣ. Девони замон. (Гулчини ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2011, 400 саҳ.
10. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рудакӣ / Қ. Мухторӣ.– Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 90-102.
11. Мухторов, З. Лексикаи ирфонии ғазалиёти Саноӣ. / З. Мухторов– Душанбе: Ҳумо, 2001. – 127с.
12. Негматзаде Ф. Лексико-семантические особенности поэмы «Семь красавиц» Низами Гянджеви / Ф. Негматзаде – Автор. канд. дисс. – Душанбе, 2001. – 19 с.
13. Пиров, С. А. Афкори педагогии Фахруддини Розӣ ва нақши он дар ташаккул ва тарбияи инсони комил / С. А. Пиров, Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номз. илмҳои педагогӣ, Душанбе, - 2018. – 175с.
14. Сабзаев, С. М. Лексика таджикско-персидского памятника XI века «Кашф-ул-махджуб» / С. М. Сабзаев– Автор. канд. дисс. – Душанбе, 1982. – 23 с.
15. Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон. – Душанбе: Бунёди забон, 2015. – 116 саҳ.
16. Хаитова, Ш. И. Лексические особенности газелей Камоли Худжанди / Ш. И. Хаитова – Автор. канд. дисс. – Душанбе, 2002. – 21 с.

17. Хасанов, А. Лексические особенности «Худуд-ал-олам» / А. Хасанов – Автор. канд. дисс. – Душанбе, 1986. – 22 с.
18. Хашимов, С. Лексические особенности «Гулистана» Саади Шерози / С.Хашимов. – Автор. канд. дисс. – Душанбе, 1973. – 23 с.

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ АНАЛИТИЧЕСКОГО ПАССИВА В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

***ХОЛИКЗОДА Айниддин*** *– кандидат филологических наук, доцент кафедры методики и преподавания иностранных языков Кулябского государственного университета имени А.Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16,* ***E-mail:*** *aynijon@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 918780047*

В данной статье рассматриваются становление и развитие аналитического пассива в английском языке. До настоящего времени лингвисты единодушно считали или, по крайней мере, подразумевали, что средний залог нужно определять исходя из таких форм - а их очень много, - которые принимают два ряда окончаний. Принцип сам по себе безупречен, но им охватываются только значения уже специализированные или значение всей совокупности, довольно расплывчатое. Такой подход, однако, не является единственно возможным, поскольку способность принимать активные и медиальные окончания, какой бы широко распространенной она ни была, присуща не всем глагольным формам.

***Ключевые слова:*** *категория залога, возвратные глаголы, переходные и непереходные глаголы, английский язык, русский язык.*

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТАҲЛИЛИ ФЕЪЛИ МАФЪУЛ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***ХОЛИҚЗОДА Айниддин*** *– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16,* ***E-mail:*** *aynijon@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 918780047*

Дар мақолаи мазкур ташаккул ва рушди таҳлили феъли мафъул дар забони англисӣ баррасӣ мегардад. То кунун забоншиносон якдилона бар ин ақида буданд ва ё ҳадди ақал дар назар доштанд, ки феъли тарзи миёнаро аз рӯи чунин шаклҳо муайян кардан лозим аст ва онҳо хеле зиёд буда, ду қатор пасвандро мегиранд. Худи принсип бенуқсон аст, аммо он танҳо маъноҳои аллакай махсусгардонидашуда ё маънои маҷмӯиро дар бар мегирад, ки хеле норавшан аст. Муаллифи мақола чунин мешуморад, ки ин нуқтаи назар ягона усули имконпазир нест, зеро қобилияти гирифтани пасвандҳои фаъол ва миёнарав, новобаста аз он ки он чӣ қадар паҳн шудааст, ба ҳама шаклҳои феъл хос нест.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарзи феъл, феъли баргарданда, феълҳои гузаранда ва нагузаранда, забони англисӣ, забони русӣ.*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE ANALYTICAL IN ENGLISH LANGUAGE

***KHOLIKZODA Ainiddin*** *– candidate of Philology, Associate docent of the Department of Methods and Teaching of Foreign Languages of the Kulyb State University named after A. Rudaki, Kulyb, S. Safarov, st.16,* ***E-mail:*** *aynijon@mail.ru,* ***Phone:*** *+(992) 918780047*

This article researches the formation and development of the analytical in English language. Until now, linguists have unanimously considered, or at least implied, that the middle voice should be defined in terms of such forms – and there are a lot of them – that take two series of endings. The principle itself is impeccable, but it covers only meanings already specialized or the meaning of the totality, which is rather vague. This approach, however, is not the only one possible, since the

ability to take active and medial endings, no matter how widespread it may be, is not inherent in all verb forms.

***Keywords***: *category of voice, reflexive verb, transitive and intransitive verbs, English language, Russian language.*

Категория залога была представлена в древности действенным и средним (медиальным) залогами. Действенный залог имел значение направления во вне субъекта.

Средний залог выражал заинтересованность, живую связь между субъектом и действием: (сравните «**Я укладываю вещи в чемодан**» I значение действительного залога, а с другой стороны Я укладываюсь где имеется оттенок заинтересованности: “**укладываю для себя**). В дальнейшем эта форма переосмыслялась, приобретая значение направленности на субъект в древности. Сравнивая русский «умываться», первоначально означала “умываться для себя” и переосмыслявшийся в «умывать себя». Такие переосмысление среднего залога характерно для германских языков.

В древнем английском эта категория (медиальная), как и в древна германских языках, кроме готского, вообще исчезла; в древнем английском возникает новая категория залога, основанная сначала на противопоставления форм причастия I и причастия II, а затем на противопоставления простых и составных аналитических форм глагола.

Древне-английском языке в отличие от современного языка характеризуется более развитой системой окончаний (флексий), совместно (синтетически) выражающих грамматических значения, и отсутствием составных (так называемые аналитических) форм. Слова “анализ, аналитический”, а также и противоположные им по значению “синтез, синтетический” широко употребляется в лингвистической литературе.

Под аналитическим языковым образованием понимается также, значение которого выражено не одним словом, а под синтетическим-одно-словные образование.

Например: н.а. **old man**, д.а. **eald man** могут быть названы аналитическим, а русское “**старик**” - синтетическим.

Следует отметить, что аналитические образования являются словосочетаниями словоформами, тогда как синтетические - словами. [Смирницкий, 2008,10].

Учение об аналитической форме заслуга нагада в русских ученых. Благодаря исследованием профессора В.Н. Ярцевой, Смирницкого, М.М. Гухмана, В.М. Жирмунского и других ученых выработаны критерии отличия аналитической формы от свободного сочетания, основными из которых являются следующие;

Грамматикализованная, аналитическая форма характеризуется неразложимостью (“грамматика - семантической неделимостью”) вследствие большего или меньшего переосмысления ее компонентов. Ей свойственна устойчивость и однородность благодаря тому, что компоненты ее не могу т быть заменены [Ярцева,1960, 5].

Сочетание с определенным вспомогательным глаголом должно давать только одно определенных значение, а замена вспомогательного глагола влечет за собой разрушение всей конструкции.

Аналитической форма может считаться лишь при включении этой формы в парадигму.

Аналитические формы образовываю систему, т.е. если **to be** потребляется в английском для образования пассива, то этот глагол будет стоять во всех временах и формы пассива с глаголом **to be** будут составлять определенную систему, противопоставленную системе активных форм английского глагола [Ярцева,1960, 5].

Аналитическая форма должна охватывать всю лексическую систем глаголов.

Пассивный залог в английском языке исследовалась как отечественными, так и зарубежными авторами. Обычно это грамматическое явление, рассматривалось лишь на одном этапе развития языка - современном или древнем.

Между тем, чтобы ответить на некоторые интересные вопросы и этой области оказывается необходимым именно диахронический анализ, % I древне английском для выражения пассива использовались сочетании глаголов **beon, wesan, weorthan + причастие II** на материале древне английском периода, то остается непонятным, почему из этих трех

сочетании в современном английском языке в систему аналитического пассива входу лишь одно с глаголом **to be.**

Следует проследить весь исторический процесс унификации вспомогательного глагола пассива. Также следует, обратили внимание на тот факт, что в дрене английском периоде сочетания глаголе **beon, wesan, wearthan** параллельно употреблялись с флективной форме причастия II и перфект, т.е. что в одних случаях причастия II согласовывала в числе с подлежащим предложения, а в других — это согласование отсутствовала.

Например: д.а. **sume waeron of slaegene - некоторые были убиты**.

В дальнейшем по мере изоляции этой конструкции, согласован причастия было утрачено.

Кроме того, в рассматриваемой конструкциииии имеется довольно большой выбор служебных глаголов, что соответственно уменьшало степень изоляций этой конструкции. Сравнения древ. английской **waes of weart**», **wear of slaegen** - был убит, где употребляемые глаголы **wesan, beon и weorthan**.

Не существует единого мнения по вопросу о том, можно ли считать сочетания глаголов **beon, wesan, weorthan + причастия II** аналитической формой пассива в языке древнеанглийском периода. Если принять во внимание выше упомянутое, т.е. основные критерии аналитической формы, которые были предложены лингвистами, то можно отметить что форма пассивного залога в древнеанглийском не была аналитической.

По мнению В.Н. Ярцевой аналитическая форма характеризуется неразложимостью (неделимостью) [Ярцева,1960,5].

Если на современном этапе аналитическому пассиву свойственно в основном, контактное расположение его компонентов, то в древнеанглийском глаголы **beon, wesan, wearthan и причастия II** могли находиться также в дистантном и интертированном расположении друг от друга. Помимо этого, следует говорить о существования в древнеанглийском двух тенденций к контактному и дистантному расположению компонентов сказуемого. В позиции между частями сказуемого можно встретить существительное с предлогом, существительное в именительном падеже и различные наречия.

Существительные с именительным падежом.

1. Thes ilces geares on thone lencten tide waes eorl Karle of Flandres of slagen on ane circe. В том самом году весной был граор Карл Фландский убит в церкви.

2. Thaer wearth seo cyng of France aflymed and ealle his betste maen genumene... там был король Франции обращен в бегство и все его лучшие люди взяты в плен.

Существительные с предлогом обстоятельства места.

1. He lives on Hotheringa geboren. Он сам родился в Лотарингии.
2. Существительные с предлогом обстоятельства образа действия.

Статистический анализ, сделанный Н.А. Дмитриевой, выявляет период резкого перехода компонентов сказуемого к контактному расположению, а именно, конец XIV-начало XV века. Этот период и предлагается рассматривать как время окончательного установления такого расположение компонентов пассива, какое мы находим в современном английском языке.

Изменения в порядке следования компонентов происходили одновременно с внутренними изменениями самой формы пассива и отражали эти внутренние изменения. Установление контактного расположения частей пассивного сказуемого шло параллельно и оказывало влияние также и на установление порядка слов во всем предложении. Это еще раз подтверждает, что исторические изменения, происходящие в составе словосочетания тем самым оказывается связанными с изменениями структуры предложения.

Что касается вопроса унификации вспомогательного глагола пассива то как известно, из древне английских сочетаний причастия II с глаголами **beoп, wesan, weorthan** в систему аналитического пассива в современном английском языке вошло лишь одно сочетание с глаголом to be выяснить, почему и как унифицировался вспомогательный глагол пассива, прежде всего необходимо рассмотреть функции этих сочетаний в языке древне английского периода. В парадигме (функции) настоящего времени в этот период конкурировали сочетания причастия II с глаголами **beon,** и **wesan.** Древне английский глагол **beon,** и wesan неправильные глаголи находились на пути срастания в одну

лексическую единицу. В настоящем времени они имеет самостоятельные системы форм, но в прошедшем времени они имели одни и те же формы образование от корня **-wes**. В настоящем времени, в отличие от проведшего, у них было также известные различие в значении, хотя и небольшое: **beon,** имел значение бывать, а wesan быть.

В дальнейшем в связи с незначительным семантическим различием между двумя глаголами произошло их полное сращениее.

В древне английском различие в их функциях было в том, что сочетания с **beon** употреблялось в форме настоящего времени для выражения состояния относящегося к будущему и для обозначения настоящего времени в то время как сочетание с **wesan** обозначало только настоящее время.

Сфера действия сочетания с глаголом wesan была узкой в древне английском периоде. Wesan встречался в сочетании лишь с очень узким кругом причастий типа **nemhed, gehaten** и некоторые другие. В дальнейшем, начиная с 10 века происходит перераспределение функций этих сочетаний» глагол **wesan** стал употребляться в сочетание с причастием II от большого числа глаголов, чем в IX веке. Расширились функции этого сочетания. Все чаще оно употреблялось для обозначения действия длительного или действия постоянного, происходящего всегда, вообще (что в IX веке было функцией сочетания с **beon**) наблюдается таким образом постепенное вытеснение сочетания с глаголом Ьеоп из парадигмы настоящего времени. Уже в X веке заметны изменения в функциях сочетания причастия II с глаголом **beon** и wesan.

**Wesan** прочнее утверждается в парадигме настоящего времени и расширяет свою сферу употребления за счет сочетание с **beon**, который начинает передавать значение будущего, а не настоящего времени. В XII веке обозначение будущего времени становится главной функцией сочетания с **beon**, а в XIII веке начинается резкое количественное уменьшении употребления этого сочетания. Таким образом в парадигме настоящего времени прослеживается постепенный процесс перераспределения функций сочетаний причастия II с глаголом **beon** и wesan, процесс которого был связан с другим процессом - становления аналитической формы пассива.

В парадигме прошлого времени конкурировали сочетания причастия II с глаголом **wesan и weorthan**. Но исследователям удалось установить, что грамматические различий в функциях сочетании причастия II с глаголов **wesan и weorthan** не существовало, и что употребление этих сочетаний было обусловлено лексическим значением глаголов **wesan и weorthan**. Сочетания причастия **II wesan и weorthan** нельзя поэтому рассматривать как аналитических форм пассива в древне английском языке, та как не может быть двух вспомогательных глаголов с одним и тем же грамматическим значение. В X11-X111 веке развитие конструкций с **weorthan** идет стремительно к их полному исчезновению из употребления в английском языке. Исчезновение глагола **weorthan** объясняется иностранным влиянием, потому что в этих языках не было соответствующей формы [Смирницкий,1959, 257-274].

В период становления аналитических форм пассива, когда происходила унификация вспомогательных глагол из всех трех глаголов употребляющихся в сочетания с причастием II, глаголом **wesan** больше всего подходил для роли вспомогательного глагола. Он обладал полной стилистической бесцветностью абстрактность и многозначностью, т.е. теми качествами, которой должны обладать вспомогательный глагол чтобы выполнить свою роль.

Таким образом, унификация вспомогательных глаголов, утверждение его во всей парадигме, происходить лишь в конце XIV века, по мнению А.Смирницкого распространение пассива на всю глагольную парадигму завершается в основном в XV веке. [Смирницкий,1959, 257-274].

К этому времени устанавливается также современное расположение компонентов, унифицируется, вспомогательный глагол причастия II полностью теряет согласование с подлежащим.

До настоящего времени лингвисты единодушно считали или по крайней мере подразумевали, что средний залог нужно определять исходя из таких форм — а их очень много,-которые принимают два ряда окончаний. Принцип сам по себе безупречен, но им охватываются только значения уже специализированные или значение всей совокупности,

довольно расплывчатое. Такой подход, однако, не является единственно возможным, поскольку способность принимать активные и медиальные окончания, какой бы широко распространенной она ни была, присуща не всем глагольным формам. Существует известное число глаголов, имеющих только один ряд окончаний; одни глаголы — только активные, другие—только медиальные.

Эти классы, activa tantum и media tantum, известны всем, но их обычно оставляют на периферии описания. Однако эти глаголы отнюдь не являются ни редко встречающимися, ни малозначительными. Достаточно напомнить, например, что среди депонентных глаголов латинского языка есть целый класс media tantum. Можно предположить, что эти глаголы с одной диатезой имели настолько ярко выраженную характеристику активного залога или залога среднего, что не допускали двойной диатезы, присущей другим глаголам. Стоит хотя бы попытаться выяснить причины этой нерегулярности**.**

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бархударов, Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка. М.,1975, с.108-113.
2. Гухман, М.М. Типологические исследования. - В сб.: Теоретические проблемы советского языкознания, м., 1968 стр.89.
3. Есперсен, О. Философия грамматика. М., 1958.
4. Иванова, И.П., Бурлакова В.В., Почепцов Г.Г. Теоретическая грамматика современного английского языка. М.,1981, с.74-80
5. История - типологическая морфология германских языков. Категория глагола. М.1977.128.
6. Ильиш, Б.А. Современный английский язык. М.,1948, с.191-195
7. Ильиш, Б.А. Строй современного английского языка. Л.,1969, с.230-278.
8. Корнеева, Е.А. Пособие по морфологии английского языка. М., 1974, с 129-131.
9. Мухин, А.М. Лингвистический анализ. Теоретические и методологические проблемы. Л.,1976, с.96.
10. Мальчевская, Т. Н. Сборник упражнений по переводу гуманитарных текстов с английского языка на русский. Практическое пособие Издательство «Наука» Ленинградское отделение Ленинград. -1970,234с.
11. Овчинникова, О.Г. К вопросу о возвратном залоге в английском языке. УЗ Ташкентского ТПИИЯ вып. 8. Ташкент 1963, с.83-89,
12. Расторгуева, В.С. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки/В.С. Расторгуева. - М., 1987. – 436 с.
13. Смирницкий, А.И. Морфология английского языка. М.., 1959, с.25'7-274.
14. Холодович, А.А. Залог. Материалы конференции “Категория залога АН СССР, Л,1970.
15. Смирницкий, А.И. Морфология английского языка. М.., 1959, с.257-274.
16. Ярцева, В.М. Лингвистический энциклопедический словарь, М, 2002
17. Ярцева, В.М. О сопоставительном методе изучение языка// Ф.Н. -1960, 230стр.

## ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ ДАР РАВАНДИ ТАРБИЯИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН

***ШАРИФОВА Бунафша Назруллоевна*** *– омӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, кӯчаи С. Сафаров 16.* ***E-mail:*** *surob.dosaev@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 987 19 26 46.*

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу ҷамъбасти маъхазҳою сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, инчунин мушоҳидаҳои дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гузаронидашуда муаллиф ҷанбаҳои педагогии муносибати босалоҳиятро дар тайёр намудани омӯзгорониояндаи биология ба фарҳангии экологии хонандагон пешниҳод намудааст. Муаллиф бар он

назар аст, ки дар асоси ҳамаи шаклҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд бо дарназардошти аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии донишҳои биологӣ ташаккули фарҳанги экологии хонандагон боиси такмилу омодасозии касбии омӯзгорони ояндаи биология гардад.

*Омодасозии махсуси* донишҷӯён – *омӯзгорони ояндаи биология*, дар заминаи омодасозии фанҳои таълимӣ дар низоми мафҳумҳои асосии (бунёдии) илмии биология: ботаникӣ, зоологӣ, морфологӣ, анатомӣ, физиологӣ, ситологӣ, генетикӣ, онтогенетикӣ, ҳифзи табиат, экологя аз нигоҳи дидактикӣ тахрезишуда, бо пайдарҳамии мантиқӣ ва дар робитаи мутақобилаи сикли фанҳои биологӣ ташаккул меёбад.

Дар омодасозии касбии омӯзгори оянда тағйироти сифатии вазифаҳои педагогии омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир бояд инъикос ёбанд. Дар мақола номгӯйи нави вазифаҳои фаъолияти омӯзгор бо низоми тағйироти зарурии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зери таъсири омилҳое, ки сифати нави таҳсилоти хонандагонро муқаррар мекунанд, муайян шудааст, ки он дар шароити муосир ҳамчун сифати ташкили раванди таҳсилотӣ бо мақсади омодасозии хатмкунанда ба фаъолияти муваффақонаи ҳаёти мустақилона дар шароити мактаби муосир сурат мегирад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *салоҳият, таълим, назария, амалия, экология, таҳсилот, омӯзгорони оянда, раванди таълим, омодасозии касбӣ, фарҳанги экологӣ.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ОТНОШЕНИЯ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ БИОЛОГИИ В ПРОЦЕССЕ ВОСПИТАНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНТОВ

***ШАРИФОВА Бунафша Назруллоевна*** *– ассистент кафедры биологии и методики преподавания Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.* ***E-mail:*** *surob.dosaev@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 987 19 26 46.*

В результате изучения и анализа обобщения научно-теоретических источников, а также наблюдений, проведенных в общеобразовательных учреждениях, автором предложены педагогические аспекты компетентностного отношения в подготовке будущих учителей биологии к экологической культуре учащихся. Автор считает, что на основе всех форм обучения в учреждениях высшего профессионального образования, с учетом научной, теоретической и практической значимости биологических знаний формирование экологической культуры студентов должно привести к профессиональному совершенствованию и подготовке будущих учителя биологии.

Специальная подготовка студентов - будущих учителей биологии, на основе подготовки учебных дисциплин в системе основных (базовых) научных понятий биологии: ботанических, зоологических, морфологических, анатомических, физиологических, цитологических, генетических, онтогенетических, природоохранных, экология, разработанная с дидактической точки зрения, в логической последовательности формируется во взаимосвязи цикла биологических наук.

Профессиональная подготовка будущего учителя должна отражать качественные изменения педагогических задач учителя в современных общеобразовательных учреждениях. В статье определен новый перечень задач учителя с системой необходимых изменений в образовательном процессе в общеобразовательных учреждениях под влиянием факторов, определяющих новое качество образования студентов, которым в современных условиях является качество образования. Организация образовательного процесса с целью подготовки выпускника к успешной самостоятельной жизни происходит в условиях современной школы.

***Ключевые слова:*** *компетентность, образование, теория, практика, экология, воспитание, будущие учителя, образовательный процесс, профессиональная подготовка, экологическая культура.*

# PEDAGOGICAL ASPECTS OF COMPETENCE IN THE PREPARATION OF FUTURE TEACHERS OF BIOLOGY IN THE PROCESS OF EDUCATION OF STUDENTS' ENVIRONMENTAL CULTURE

***SHARIFOVA Bunafsha Nazrulloevna*** *– Assistant of the department of biology and teaching methods Kulyab State University named after Aboabdulla Rudaki, Kulyab, st. Safarova, 16.* ***E-mail:*** *surob.dosaev@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 987 19 26 46.*

As a result of studying and analyzing and summarizing scientific and theoretical sources and sources, as well as observations made in general educational institutions, the author proposes pedagogical aspects of a competence-based attitude in preparing future biology teachers for the ecological culture of students. The author believes that on the basis of all forms of education in institutions of higher professional education, taking into account the scientific, theoretical and practical significance of biological knowledge, the formation of students' ecological culture should lead to professional improvement and training of future biology teachers.

Special training of students - future teachers of biology, based on the preparation of academic disciplines in the system of basic (basic) scientific concepts of biology: botanical, zoological, morphological, anatomical, physiological, cytological, genetic, ontogenetic, environmental protection, ecology, developed from a didactic point of view, in logical sequence, developing and forming in the interconnection of the cycle of biological sciences, the author says.

The professional training of a future teacher should reflect the qualitative changes in the pedagogical tasks of a teacher in modern educational institutions. A new list of teacher tasks with a system of necessary changes in the educational process in general education institutions under the influence of factors that determine the new quality of student education, which in modern conditions is the quality of education, is determined. the organization of the educational process in order to prepare the graduate for a successful independent life takes place in the conditions of a modern school.

***Key words:*** *competence, education, theory, practice, ecology, education, future teachers, educational process, professional training, ecological culture.*

Асри XXI хусусияти инкишофи босуръати таҳаввулоти илмӣ-техникии ҷомеа, равандҳои ҷаҳонишавӣ, иттилоотикунонӣ, афзудани нақши технологияҳои коммуникатсионӣ-иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла, азнавсозии тамоми сохтору зерсохторҳои илму маърифатро тақозо менамояд. Ин равандҳо дар ҷанбаҳои ҷаҳонишавию муосиркунонии таҳсилот инъикос меёбанд, яъне аз як тараф, аз гузариши таҳсилоти олӣ ба низоми дузинагӣ имкон медиҳад, то ҳамгироии таҳсилоти Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонии таҳсилот амалӣ карда шавад, аз тарафи дигар, ба воридшавии тағйиротҳо дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат менамояд, ки ин бо пурзӯр шудани нақши таълимгиранда дар раванди таълиму тарбия тавсеаи таъсири технологияи иттилоотӣ, тағйирёбии нақши омӯзгор ва интиқоли донишро ба хонандагон коркарду корбаст, таҳрезию тавсиф менамояд.

Дар асоси ҳамаи шаклҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд бо дарназардошти аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии донишҳои биологӣ дар ташаккули фарҳанги экологии хонандагон боиси такмилу омодасозии касбии омӯзгорониояндаи биология мегардад.

Масъалаи тайёрию омодасозии касбӣ дар осору ашъори файласуфон ва олимону муҳаққиқон аз замонҳои қадим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, донишмандон-мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ Абӯалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Арасту, Афлотун, Суқрот ва дигарон ба масъалаи мавриди назар фикрҳои ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳро пешниҳодод намудаанд.

Дар асарҳои олимони бузурги рус М.В. Ломоносов, К.Д. Улянский, В.Г. Болинский, Н.Г. Чернишевский, А.И. Гертсен ва дигарон сифатҳои касбии омӯзгор, ахлок, хислатҳои мусбати шахсиятӣ ва маҳорати педагогӣ, меҳрубонӣ, бохирадӣ, муҳаббат ба кӯдакон ва дар маҷмӯ сифатҳои шахсиятии педагог тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Олимони варзида Е.В. Бережнова [1] омодасозии касбиии омӯзгорро маънидод карда, таъкид намудааст, ки маҷмӯаи ин ҷанбаҳо барои кору фаъолияти омӯзгорони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва пас аз таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши муҳим мебозад.

Аз ин рӯ, ба ақидаи ӯ аз худ намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои муайян дар омодасозии самараноки касбии донишҷӯён, бахусус хатмкунандаи оянда хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Оид ба масъалаи омодасозӣ ба касби педагогӣ В.А. Сластенин чунин қайд намудааст: «вазифаҳоеро, ки ҷомеа дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар марҳилаи муосир мегузорад, чунин омӯзгоре ҳал карда метавонад, ки ӯ дорои биниши низомноки раванди педагогӣ бошад» [7, с. 178 – 182].

Дар сохтори омодасозии омӯзгорон дар низоми таҳсилоти олии касбӣ В.А. Сластенин ду ҷузъи муҳимро ҷудо мекунад: омодасозии махсус ва методӣ. Омодасозии мах*сус аз* донистани объект, предмет ва мавқеи илми «худ» дар дониши илмӣ, дар маҷмӯъ, «донистани сохтори намунавии донишҳои илмӣ, методология ва мантиқи таҳқиқоти илмӣ; дарки аҳамияти назариявию маърифатӣ ва амалии илм; қонуниятҳо, таърих ва вазъи кунунии инкишофи илм; фаҳмидани моҳияти муқаддимаи курси асосҳои илм дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва малакаҳои ибтидоии таҳқиқоти мустақилона иборат мебошад». Мазмуни *омодасозии* методӣ – ин донистани мақсаду вазифаҳои фанни таълимӣ, «дониши амиқ ва ҳаматарафаи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, дониши асосҳои назариявии методикаи таълим»; талаботу муқаррароти асосии дидактика, психологияи синну солӣ ва педагогӣ, интихоби дурусти роҳу усулҳои таълим дар шароити муайян, маҳорати тавсифи категорияҳои асосии дидактикӣ (мафҳумҳо, қонунҳо, маҳоратҳо, малакаҳо), ташаккули дониш, маҳорати ташвиқ ва инкишоф додани шавқу ҳаваси хонандагон ба фанҳои таълимӣ, маҳорати ташкили шаклҳои асосӣ ва иловагии кори таълиму тарбия дар заминаи талаботҳои дидактикаи муосир, психологию педагогӣ ва техникӣ, интихоби бошууронаи касб, азхудкунии малакаҳои муносибат бо воситаҳои техникии таълим, омодагӣ ба гузаронидани курсҳои интихобӣ, малакаҳои роҳбариро ба кори берун аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯи ихтисосро дар бар мегирад» [8, с. 87 – 92] .

Дар асоси анъанаҳои миллӣ, нерӯи баланди илмӣ ва таҷрибаи чандинасраи низоми маорифи Тоҷикистон дар соҳаи омодасозии кадрҳои баландихтисос сохтор ва мазмуни Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуданд, ки талаботро ба ҳадди ақали зарурии мазмуни барномаи асосии таҳсилотии омодасозии омӯзгори оянда муайян намуданд.

Мутобиқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, омӯзгори ояндаи фанни биология бояд: ба ҳалли вазифаҳои таҳсилотӣ ва таҳқиқотӣ омода буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳаи донишҳои фаннӣ таълиму тарбияи таълимгирандагонро амалӣ созад; услуҳо, методҳо ва воситаҳои гуногуни таълимро истифода барад; технологияҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти озмоиширо мувофиқи масъалаи таҳқиқот дар соҳаи биология ва маориф истифода барад.

Барномаи асосии таҳсилотии омодасозии омӯзгори фанни биология омӯзиши сиклҳои фанҳои зеринро аз ҷониби донишҷӯ пешбинӣ мекунад:

– сикли фанҳои умумии инсоншиносӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ;
– сикли фанҳои умумӣ, математикӣ ва табиатшиносӣ;
– сикли фанҳои умумикасбӣ;
– сикли фанни омодасозии фаннӣ;
– сикли фанҳои факултативӣ, ё интихобӣ.

Дар заминаи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба биология номгӯи фанҳо, инчунин талаботро ба ҳадди ақалии ҳатмии мазмун дар шакли воҳидҳои дидактикӣ муайян карда шудааст.

*Омодасозии махсуси* донишҷӯён – *омӯзгорони ояндаи биология*, дар заминаи омодасозии фанҳои таълимӣ дар низоми мафҳумҳои асосии (бунёдии) илмии биология: ботаникӣ, зоологӣ, морфологӣ, анатомӣ, физиологӣ, ситологӣ, генетикӣ, онтогенетикӣ, ҳифзи табиат, экологӣ, аз нигоҳи дидактикӣ таҳрезишуда, бо пайдарҳамии мантиқӣ,

инкишофёбанда ва дар робитаи мутақобилаи сикли фанҳои биологӣ ташаккул меёбад.

Муҳаққиқ Вардуни Т.В. [2, с. 40] дар таҳқиқотҳои худ пешниҳод намудааст, ки дар ҳамкории ҳам илмҳои фалсафӣ, ҳам биологӣ дар давраи муқарраршудаи дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар асри XX ва ибтидои асри XXI рушди инкишофи мазмуни масъалаҳои фалсафию биологӣ, боиси дараҷаи таъсиррасонии он ба мазмуни таҳсилоти биологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва коллеҷҳои педагогӣ гардид. Дар таҳқиқотҳои худ Т.В. Вирдуни дар натиҷаи омӯзишу таҳлил омилҳои дорои ҷанбаҳои назариявии раванди таълим дар соҳаи мазмуни таҳсилот дар марҳилаҳои гуногуни рушди таҳсилоти биологию педагогиро муайян ва ёдрас карда, ҳамчун омилҳои ба таҳрифи мазмуну мундариҷаи таҳсилоти биологию педагогӣ дар давраи шӯравӣ мусоидаткунанда (идеологикунонӣ ва сиёсикунонии ошкори илмҳои биологӣ ва педагогӣ, маҳдуд шудани амсилаи педагогӣ, инкори тамоюли пурраи таҷрибаи гузаштаи таърихӣ, дастовардҳои умумибашарӣ дар сохторҳои маориф ва дар соҳаи илми биология ва ғайра), таҳрифи самтҳои назариявӣ ва амалии раванди таълим, тайёр намудани начандон зиёди мутахассисони касбӣ – омӯзгорӣ, яъне шумораи омӯзгорони нокифоя, ки ба амалӣ гардондани мазмуни фаъолияти омӯзгорони ҷавону болаёқат ва билохир, истифодаи нокифояи нерӯи арзишманди сикли фанҳои биологиро барои рушди шахсият, сарфи назар кардани таҷрибаи мусбати таърихӣ ва ғайра) ошкор намудааст.

Мазмуни мундариҷаи раванди омӯзиши биология дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун низоми бисёрҷанба буда, бо фанҳои гуногуни таълимӣ, аз ҷумла бактериология, микрбиология, ботаника, зоология ва ғайра, аз рӯи мафҳумҳои биологӣ: метаболизм, фаъолият, рушди инфиродӣ, такомул, аз рӯи хусусиятҳои зуҳури ҳаёт (шакл, фаъолият, тақсимот, мутобиқшавӣ); аз рӯи хусусияти равандҳои маърифатӣ ва истифодаи донишҳо (таҷрибавӣ ва бунёдӣ, амалӣ ва ғайра), ки гурӯҳбандӣ карда шудаанд, мукаммал ва такмилу ташаккул ёфтаанд. [5]. Дар таҳқиқотҳои болозикр масъалаҳои такмилу ташаккули раванди омодасозии омӯзгорони биология дар заминаи экологикунонии таҳсилоти олии касбӣ мавриди коркард, тавсиф ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бадин тартиб, масъалаи инъикоси донишҳои экологӣ дар мазмуни таҳсилот, инчунин унсурҳои илмҳои ҷамъиятӣ ва педагогикаро ҳал кардан мумкин аст. Омӯзгори оянда бояд на танҳо ҳаҷми зарурии донишҳои экологиро аз худ кунад, балки тарзи ташкили раванди таълимро аз нуқтаи назари педагогикаи сиёсати муҳофизати муҳити зист омӯхта, дар хонандагон мавқеъи фаъоли ҳаётро нисбат ба таъйиноти инсон, мавқеи ӯ дар ҷаҳони муосир, ҳифзи одам дар сайёра ташаккул диҳад [8].

Дар маҷмӯъ, мазмуни омодасозии махсус дар низоми таҳсилоти биологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз маҷмӯи сикли фанҳои ба ҳам алоқаманде иборат мебошад, ки дарки гуногунии олами органикӣ, қонунҳои инкишоф ва фаъолияти он, имкониятҳо ва роҳҳои истифодаи оқилонаи падидаҳои ҳаётро дар амалияи фаъолияти инсонӣ таъмин менамоянд.

*Омодасозии касбиии омӯзгорониояндаи* биология ҳамчун ҷузъи омодасозии касбӣ дар сикли фанҳои умумикасбӣ амалӣ гардида, аз ҳадафмандона омӯхтани принсипҳои дидактика аз ҷониби донишҷӯён; таълими донишҷӯён ба интихоби аз ҷиҳати назариявӣ асосноки мазмуни курсҳои биологӣ дар ягонагӣ бо назарияи муосири рушди мафҳумҳо, банақшагирӣ, методикаи омода ва гузаронидани дарсҳои биология дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, роҳҳои самараноки пахши маводи таълимии биологӣ бо истифодаи васоити гуногуни таълим (компютер, доскаҳои электронӣ, интернет); инкишоф додани маҳоратҳои дар амал татбиқ намудани таълиму тарбияи хонандагон дар раванди таълими биология; инкишоф додани малакаҳои илмии хонандагон, ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ аз фанни биология иборат мебошад

Омодасозии методии омӯзгорониояндаи биология ҳамчун низоми таҳрезии мақсад, мазмун, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкили таълими донишҷӯёнро яке аз ҷузъҳои омӯзиши методикаи таълими биология маҳсуб меёбад, дар бар мегирад.

Ҳар як сикли фанҳо қисмҳои заминавӣ ва тағйирёбандаро дар бар мегиранд. Дар баробари ин, дар стандарт салоҳиятҳое, ки барои онҳо ҳар як сикли фанҳо амал мекунад, ба таври возеҳ муайян карда шудаанд. Рӯйхати салоҳиятҳои ташаккулёбанда ба талаботе, ки корфармоён нисбат ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зоҳир

мекунанд, бояд ба мувофиқа дароварда шавад.

Дар омодасозии касбии омӯзгори оянда тағйироти сифатии вазифаҳои педагогии омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир бояд инъикос ёбанд. Номгӯйи нави вазифаҳои фаъолияти омӯзгор бо низоми тағйироти зарурии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зери таъсири омилҳое, ки сифати нави таҳсилоти хонандагонро муқаррар мекунанд, муайян шудааст, ки он дар шароити муосир ҳамчун сифати ташкили раванди таҳсилотӣ бо мақсади омодасозии хатмкунанда ба фаъолияти бомуваффақияти ҳаёти мустақил дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар мактаби муосир амалӣ мегардад. Он чунин омилҳоро дар бар мегирад:

– тамоюли мақсадҳои педагогӣ ба имконияти худтатбиққунии хонанда ва муайян намудани натиҷаҳои таҳсилот аз тариқи салоҳияти хатмкунанда;

– тағйир ёфтани мазмуни таҳсилот дар асоси маводи таълимие, ки аз ҷониби хонандагон мустақилона пайдо ва пешниҳод шудааст;

– истифодаи технологияҳои таҳсилотӣ (иваз кардани таълим бо таҳсил), ки омӯзгорро ба аз худ кардани нақшҳои нави касбӣ – ташкилотчӣ, ҳамоҳангсоз, мушовири ёвар майл дода, ба кори дастavии омӯзгор ва хонандагон нигаронида шудаанд;

– навсозии хусусияти ҳамкории омӯзгор ва хонандагон, ки бо тамоюли омӯзгор ба рушди хонанда аз тариқи фанни худ муайян шудааст;

– васеъ намудани майдони муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҷустуҷӯи шарикони иҷтимоӣ, ки дар раванди таҳсилоти хонандагон иштирок мекунанд;

– татбиқи баҳодиҳии амалии дастовардҳои таълимгирандагон вобаста ба раванди педагогӣ нигаронидашуда;

– омодагии омӯзгор ба тағйироти фаъолияти касбию педагогии муқаррарии худ барои навсозӣ ва навгониҳои ниҳоии таҳқиқотӣ.

Дар раванди омодасозии касбӣ бояд назарияи илмӣ бо амалияи фаъолияти педагогии омӯзгорон дар ягонагӣ муттаҳид карда шавад. Дар ҳалли масъалаҳои болозикр оид ба таҷрибаи таълими биология дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, истифодаи ғояҳои арзишманди методии ба он алоқаманд, дастовардҳои инноватсионии методикаи таълими биология дар амалияи таълимгоҳҳои муосир мавриди омӯзиш коркарду корбаст карда шаванд.

Мазмуни *омодасозии методӣ аз фанни* биология – ин азхудкунии курси заминавии «Назария ва методикаи таълими биология» аз ҷониби бакалаврҳо, азхудкунии низоми мафҳумҳои бунёдӣ, ташаккули малакаҳо ва маҳоратҳои ибтидоии методиеро пешбинӣ менамояд, ки онҳоро дар раванди омӯзиши курсҳои махсуси «Кори беруназсинфӣ аз биология», «Методикаи гузаронидани экскурсияҳо ба табиат» ва ғайра то сатҳи ҷамъбаст кардашуда расонидан зарур мебошад. Истифодаи технологияҳои муосири таҳсилотӣ, ба монанди таълими модулӣ, мубоҳисаҳои таълимӣ, бозиҳои дидактикӣ, тарҳрезии ҷанбаҳои таълимӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти касбӣ имкон медиҳанд салоҳиятҳои заминавии касбӣ ташаккул дода шаванд.

Салоҳиятнокии методӣ ҳамчун хусусияти ҷудонашаванда дорои хусусияти низомию фаъолиятнокӣ мебошад, зеро он дар фаъолияти созандаи худ татбиқи низоми хеле мураккаби донишҳо, маҳоратҳои илмӣ, психологию педагогӣ ва методии марбут ба методикаи таълими фанни мушаххас ва таҷрибаи фаъолиятро талаб мекунад.

Дар баробари ин, моҳияти фаъолияти касбии педагогӣ дар шароити муосир ба ташаккули чунин аломатҳо алоқаманд мебошад:

– ташкили фаъолияти маърифатӣ ҳамчун фаъолияти худтаҳсилотӣ бо истифода аз шаклҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ;

– татбиқи муносибати низомнок ба ташхиси сифатҳои ташаккули шахсият;

Вазифаи омодасозии омӯзгориояндаи биология ба ҷорӣ намудани муносибатҳои нав ба баҳодиҳӣ, ки дар шароити муосир ҳамчун баҳодиҳии ташаккулдиҳанда ё баҳодиҳӣ барои таълим амал мекунад, хеле мубраму муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи раванди омодасозии омӯзгорони биология дар низоми таҳсилоти касбии педагогӣ ба ташаккулёбии донишҳо, маҳоратҳо ва усулҳои ҷамъбастшудаи иҷрои вазифаҳои касбӣ нигаронида шудаанд. Рушди ташаккули муносибати салоҳиятнок дар низоми таҳсилоти олии касбии педагогӣ ҷанбаҳои мураттаби

таҳлилу таҳқиқоти педагогиро тақозо менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозода, Х. Формирование познавательных интересов учащихся V-VIII классов в процессе внеклассной деятельности: На материале биологических дисциплин. Автореф. дис. … канд пед наук: 13.00.01. Душанбе, 2002. – 24 с.
2. Бережнова, Е.В., Краевский В.В. Исследования в области образования: проблемы управления качеством. М.: УИО РАО, 2007. – 150 с.
3. Вардуни, Т.В. Трансформация теорий и содержания биологического образования учителей в XX веке как предпосылка проектирования его современных моделей: дис. ... д-ра пед. наук: 13.00.08. Ростов-на-Дону, 2007. – 378 с.
4. Досаков, М. Педагогические условия формирования экологической культуры и активизации природоохранной деятельности учащихся 5-9 классов общеобразовательных школ Республики Таджикистан. Автореф. дис. … канд пед наук: 13.00.01. Душанбе, 2018. – 26 с.
5. Койнова, Ю.В. Формирование профессиональной компетентности социальных работников в процессе вузовского обучения (на материале Германии): дис. ... канд. пед. наук: 13.00.08. М., 1996. 210 с.
6. Колмыкова, В.А. Профессиональная подготовка учителя биологии для сельской школы: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.08. Кемерово, 2005. – 224 с.
7. Матросов, В.Л., Сластенин В.А. Проектирование содержания высшего педагогического образования: гуманистическая парадигма // Известия РАО. 1999. №1. – С. 22 – 29.
8. Моисеев, Н.Н. О системе «Учитель» // Экология и жизнь. 2000, №3(15). С. 4 – 5.
9. Мирзоев, С. Педагогические условия формирования познавательных интересов учащихся при изучении биологии. Автореф. дис. … канд пед наук: 13.00.01. Душанбе, 2011. – 41 с.
10. Сластенин, В.А. О современных подходах к подготовке учителя // Технология психолого-педагогической подотовки учителя к воспитательной деятельности. Барнаул, 1996. С. 17 – 28.
11. Сластенин, В.А. Формирование личности учителя в процессе его профессиональной подготовки. М.: Просвещение, 1976. – 160 с.
12. Станкевич, П.В. Профессиональная подготовка бакалавра образования в контексте Болонского процесса // Известия Российского государственного педагогического университета имени А.И. Герцена. 2006, №6. – С. 205 – 2018.
13. Станкевич, П.В. Профессиональная подготовка бакалавра образования в контексте Болонского процесса // Известия Российского государственного педагогического университета имени А.И. Герцена. 2006, №6. – С. 205 – 2018.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БА ВОСИТАИ АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК


***ШАҲЛОИ Абдуализодаи Тоҳириён*** *– номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи фанҳои филологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.* ***E- mail:*** *Shahlo_vak @mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 884 08 81 23*

***ШАРИФОВА Санавбар Саъдуллоевна*** *– ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон****,*** *ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126,* ***тел.:*** *+(992) 987 29 32 77*


Афсона дар педагогикаи мактабӣ ва томактабӣ бо мақсади бой гардонидани захираи луғавии кӯдакон, омӯзонидани тарзи дурусти талаффузи овозҳои забони модарӣ, ташаккули нутқи мураттаб, мустаҳкам гардонидани хотир, хаёл ва диққати хонандагон васеъ истифода бурда мешавад. Афсонаҳо дар навбати худ хусусияти тарбиявӣ доранд ва бо

воситаи онҳо меҳру муҳаббати хонандагон ба забони модарӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ зиёд мегардад. Маҳз бо воситаи афсона қобилияти фикрии кӯдакон инкишоф меёбад. Ҳангоми ба афсонаҳоро нақл кардан, аз кӯдак машқи фикрии ба худ хос талаб карда мешавад, ки он минбаъд метавонад ба инкишофи тафаккури ӯ таъсир расонад. Хонанда ҳамон вақт афсонаро дуруст нақл карда метавонад, агар оид ба ашёҳо, олами набототу ҳайвонот ва ҳодисаю воқеаҳои атроф тасаввуроту маълумотҳои зарурира аз худ карда бошад, муҳити атроф ва ҳодисаҳои онро мушоҳида карда тавонад ва нақл кардани афсона хонандаи синфи ибтидоиро ба фикр кардан водор намуда, шавқи ӯро ба ҳодисаҳои аҷоибу шавқовари табиат ва муҳити атроф бедор менамояд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *омӯзгор, волидайн, синфҳои ибтидоӣ, афсона, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, рушди тафаккур.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ ПОСРЕДСТВОМ ТАДЖИКСКИХ НАРОДНЫХ СКАЗОК

***ШАХЛОИ Абдуализодаи Тохириён*** *– кандидат филологических наук, заведующий отделом филологических дисциплин Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана.* ***E-mail:*** *Shahlo_vak @mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 884 08 81 23*

***ШАРИФОВА Санавбар*** *– научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***тел.:*** *+(992) 987 29 32 77*

Сказка широко используется в школьной и дошкольной педагогике с целью обогащения словарного запаса детей, обучения правильному произношению звуков родного языка, формирования связной речи, укрепления памяти, воображения и внимания учащихся. Сказки, в свою очередь, носят воспитательный характер, и через них возрастает любовь и привязанность учеников к родному языку и устному творчеству народа. Интеллектуальные способности детей развиваются через сказки. При рассказе сказок от ребенка требуется упражнение в собственном мышлении, что в дальнейшем может сказаться на развитии его мышления. Читатель может правильно рассказать рассказ, если он усвоил необходимые представления и сведения о предметах, флоре и фауне, окружающих событиях, может наблюдать за окружающей средой и ее событиями, а рассказ повествования заставляет учащегося начальной школы задуматься, пробуждает в нем интерес к замечательным и интересным явлениям природы и окружающей среды.

***Ключевые слова:*** *учитель, родители, начальные классы, сказка, духовно-нравственное воспитание, развитие мышления.*

## PEDAGOGICAL FOUNDATIONS FOR THE DEVELOPMENT OF THINKING OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS THROUGH TAJIK FOLK TALES

***SHAKHLOI Abdualisodai Tokhiriyon*** *– candidate of Philological Sciences, head of the Philology Department of the Institute of Educational Development named after Abdurakhman Jomi of the Academy of Education of Tajikistan.* ***E-mail:*** *Shahlo_vak @mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 884 08 81 23*

***SHARIPOVA Sanavbar*** *– researcher, Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jomi, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini, 126,* ***phone:*** *+(992) 987 29 32 77*

The fairy tale is widely used in school and preschool pedagogy in order to enrich the vocabulary of children, to teach the correct pronunciation of the sounds of the native language, to

form coherent speech, to strengthen the memory, imagination and attention of students. Fairy tales, in turn, are of an educational nature, and through them the love and affection of readers for their native language and oral creativity of the people increases. The intellectual abilities of children develop through fairy tales. When telling fairy tales, a child is required to exercise in his own thinking, which in the future may affect the development of his thinking. The reader can correctly tell the story if he has learned the necessary ideas and information about objects, flora and fauna, surrounding events, can observe the environment and its events, and the story of the story makes the elementary school student think, arouses his interest in wonderful and interesting phenomena nature and environment.

***Key words:*** *teacher, parents, primary school, fairy tale, spiritual and moral education, development of thinking.*

Падару модарон ҳанӯз аз синни хурди мактабӣ фарҳанги мутолиа кардани китобро ба кӯдакон меомӯзанд. Барои такмили донишу ҷаҳонбинии худ ва фарзандон ҳамеша пайи ҷустуҷӯи китобҳои зарурӣ шуда, лозим аст, ки дар мавридҳои даркорӣ аз онҳо истифода карда тавонанд. Маҳз тавассути хондани китобу адабиёти бачагона дар хонавода мизони дурусти гуфтугӯйиро дар оила ба роҳ мондан мумкин аст. Рушди забони кӯдак ба тарзи суханронии волидайн сахт вобаста аст. Агар дар оила гуфтору андешаҳо дуруст, на бо алфози қабеҳ иброз гарданд, гуфтору рафтор ва ҳам кирдори кӯдак муназзам хоҳад шуд.

Забони модарӣ лафзи ширину муқаддас барои ҳар як тоҷику тоҷикистонист. Тифле, ки нав ба олами ҳастӣ чашм боз мекунад, ба аллаи ҷонбахши модар, ки бо забони модарӣ сурат мегирад, ниёз дорад ва таҳти навои фораму дилнишини он худро бофароғат ҳис мекунад, унс мегирад, интизорӣ мекашад, то ба ин лафзи поку муқаддас ҳарфе бишнавад, сазовори навои баландмазмуни модар гардад**.** Чунки он азиз аст, шево садо медиҳад ва аз лаҳни форамаш дилу дида, қалбу ҷон ором мегирад, зеро он лафзи модарист… Аҷаб гуворост лафзи модар, суфтаю ба дил қарин аст забони модарӣ. Забони баландҳиммате, ки Саъдию Ҳофиз, Синою Хайём, Бедилу Низомӣ… бо он ҳарф мегуфтанд. Забони ширину шоиронае, ки Айниву Лоҳутӣ, Мирсаиду Турсунзода, Бозор Собиру Лоиқ Шералӣ, Муъмин Каноату Гулрухсор номдораш гардонидаанд, ки имрӯз аз ҳастияш ифтихор дорем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26. 12. 2019) барои поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ рисолати модаронро хотирнишон сохтанд: «Бонувону модарони мо бояд муҳимтар аз ҳама, барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, ки мо онро маъмулан забони модарӣ меномем, кӯшиш карда, ба наслҳои оянда одоби муошират ва суханвариро бо ин забони ширину шоирона омӯзанд». Ба тарбияи фарзанд дар баробари муассисаи таълимӣ падару модар низ нобобаста аз касбу корашон вазифадоранд. Агар рӯзона натавонанд, шабона бояд тарбия диҳанд. Кӯдак меҳру навозиши падару модарро бояд ҳис кунад, зеро аз ин нерӯ мегирад. Ҳама он кору заҳмате, ки падару модар аз субҳ то шом мекашанд, бароиояндаи фарзандон аст. Аз ин рӯ, онҳо бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар мадди аввал кӯдакро тарбия намоянд. Падару модар бо додани тарбия худ ҳис намекунанд, ки кӯдакашон таълим ҳам мегирад. Зеро кӯдаки ботарбия қобилиятҳои гӯш кардан ва ором нишастанро дорад ва дар ҳама ҳолат, ҳама чизро дарк мекунад. Он падару модари ҷавоне, ки «Имрӯз ман кор дорам, вақт надорам», –гуфта, тарбияи фарзанди хешро бар дӯши бибиву бобо, акаву апа ва мураббиҳо мепартоянд, хатои сахтеро содир мекунанд. Ба андешаи мо, аввалаш меҳри модарии худро канда месозад, дуюм, ба ташаккули ҷисмонию равонии фарзандаш зарари манфӣ мерасонад. Хуб мешуд, ки падару модари ҷавон бо муассисаҳои таълимӣ ҳамкорӣ карда, тарбияи дуҷонибаро равона созанд. Падару модар шабона афсона гӯянд, омӯзгор рӯзона, ки ин ба тарбия таъсири мусбат мерасонад.

Дар машғулияти «Шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ» омӯзгор метавонад ба бачаҳо афсонаҳои содаю фаҳморо нақл намояд, зеро дар фикри бача нақш бастани як афсона ҷиҳати фикрронӣ ва хаёлоти ӯро бедор сохта, дар вақти ба хотир овардан худаш метавонад бо забони кӯдаконааш афсонаро батамом нақл кунад. Дар ин маврид нутқи бача равон мегардад, ки ин ба хонандагон хеле фоидаовар аст. Ҳатто бача худро дар дунёи афсона ҳис

карда, худашро қаҳрамони ҳамон афсона мепиндорад. Дар ин ҷо тарбия низ ҳаст, зеро бача кирдори хубу бадро ҳис мекунад. Агар кӯдак афсона бисёр шунаваду бисёр донад ва онҳоро нақл кардан тавонад, ба ӯ савод омӯзондан осонтар аст. С. Макаренко қайд мекунад: «Аз нуқтаи назари маданияти муошират на танҳо чи гуфтани муаллим, балки чи тавр гуфтанаш ҳам муҳим аст. Рафтору муошират муҳим аст. Дар ин ҷо худи рафторро нишонаи маданияти олӣ медонанд».

Инро таҷрибаҳо собит мекунанд. Омӯзгор метавонад дар синфҳои 2 бисёртар шеъру афсона, чистону тезгӯяк истифода барад. Хонандагон бисёртар тақлидкор мешаванд ва мо метавонем аз чунин кӯдакон истифода бурда, нақшофарӣ намоем. Аз афсонаҳо, аз филмҳои тасвирии тамошо кардаашон ба онҳо имконият бояд дод, ки байни якдигар, бо фикри худашон нақшофарӣ карда, бозӣ намоянд. Дар ин маврид фақат назорат бояд бурд, ки кори хубро аз бад фарқ намояндy халос. Гӯш кардану дарк кардани афсонаро ба кӯдак, пеш аз ҳама, модар дар хона шабона бояд омӯзад. Агар ҳар модар бо як меҳру навозиш ба фарзандаш афсона нақл карда, ӯро хобонад, кӯдак ором хоб карда, пагоҳ ин афсонаро ба дигарон нақл кардан мехоҳад, чунки тамоми шаб фикраш ба қаҳрамони афсона банд буда, фикр мекунад, пагоҳ ман ин афсонаи медонистагиамро ба ҷӯраҳоям ё ин ки дугонаҳоям бояд нақл намоям. Хонандае, ки дар хона бо шунидани афсона одат кардааст, дар мактаб низ ӯ афсонаро гӯш кардан мехоҳад. Суруд хондан дар сари гаҳвора ва нақл кардани афсона ба фарзанд тарбияи хуб аз тарафи модар ба фарзанд ба ҳисоб меравад.

Дар синфҳои ибтидоӣ, бахусус, дар синфи 1 ҳам падару модар ва омӯзгор бояд ин маъниро ба инобат гиранд, чунки хонандагон баъд аз кӯдакистон худро ҳанӯз ҳам дар дунёи афсона мебинанд. Аз афсона ба воқеият рӯ овардан тадриҷан сурат мегирад, ки инро бояд ҳар яки мо хуб донем. Ин воқеият дар ҷамъият ҷиҳати тарбияи шахси комил мусоидат мекунад. Олими рус О.В. Краснова доир ба саводнокии иттилоотию коммуникативӣ ва саводнокии шахси комил, таъминоти сатҳи дурусти фаъолияти шахс ва равандҳои асосии ҷомеаи муосирро чунин инъикос менамояд:

1) ба вуҷуд омадани ақидаҳои комили шахсият ва дар ин замина робитаи ташаккули ба ҳам пайваст ва олами саводноки манзараи динамикӣ; 2) мубодилаи самараноки иттилоот, таъмини ташаккули донишҳои иттилоотӣ, арзёбии манфиат ва қабули иттилооти аслӣ; интихоби иттилооти вобаста, ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ, аз он ҷумла, оид ба усули коркарди иттилоот; забони коммуникативӣ (дарк ва интиқол), маълумоти равонию худидоракунии мудофиа; 3) талаби сатҳи баланд ба иттилоот; 4) такмил ва рушди роҳҳои инфиродӣ ва самаранокии нигоҳ доштани иттилоот ва дониш; 5) маълумоти психологӣ, интизоми худтанзимкунии равандҳои иттилоотӣ; 6) иттилооти маънавӣ, ки танзимкунандаи масъалаи дастрасӣ ба иттилооти бегона. Чи тавре, ки муайян гашт, тарбияи шахси комил – ин таҳлил ва дарки иттилооти гирифташуда аст ва он ба худшиносии кӯдак, ватандӯстӣ, маънавиёт ва ахлоқи хонандаи хурдсол таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Таҳлилу ташхис нишон медиҳанд, ки се унсури асосии коммуникативиро ҷиҳати рушди тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба воситаи афсонаҳои халқи тоҷик бояд ҷудо кунем. Аввал, сохтори иттилооти коммуникативӣ ҳамчун низом, ки ба истифодабаранда имконият медиҳад, то иттилооти муҳимро дар вақти зарурӣ ва аз ҷои зарурӣ дастрас намояд. Сониян, иттилооти намоишӣ ҳамчун низоми механизми иттилоотӣ, имкон медиҳад, ки бо тарзи фардӣ ва амалҳои дорои вижагиҳои хосро дар ин асос, ки ба арзиши умумиии ҷомеа мубаддал мегардад, ташкил медиҳад. Ниҳоят, ташаккули иттилооти ин рамзи саводи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, воқеияти айнист, ки аз тарафи инсон сохта шуда, дар айни замон новобаста аз ормонҳои фардӣ амал мекунад. Дар ин равнд вазифаҳои тарбиявӣ ва таълимии кӯдакони синфҳои ибтидоӣ бояд дар асоси талаботи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва миллии ҷомеа ва ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ, қонуниятҳои инкишофи шахсияти онҳо муайян гарданд. Аз ин ҷониб сар карда, бояд кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар зинаи ибтидоии мактабӣ ва дар асоси имкониятҳои падарону модарон аз инҳо ибрат бошад:

1. Истифода намудани шаклҳои миллии муносибати калонсолон бо кӯдакон (муомилаи навозишкоронаву меҳрубонона, бо лафзи ширини модарӣ гуфтугӯ намудан, нақл намудани афсонаҳо аз эҷодиёти халқи тоҷик, пурра ба забон гирифтани номи онҳо, баланд

накардани овоз ва ғ.). Чунин муносибат эҳсоси дилбастагӣ, ахлоқи неки онҳоро нисбат ба атрофиён ба вуҷуд меорад, муҳити хуби маънавиро таъмин намояд.

2. Бо мақсади инкишоф додани қобилияти шунавоӣ ва зеҳнӣ, мусиқӣ, таъмини хушзавқӣ ва шиносоии хонанда бо олами зебои санъат аллаи матну оҳанги миллӣ, таронаву сурудҳои шӯху ҳаҷвӣ, шунавонидани садои мӯъҷизадори созҳои тоҷикӣ дар равнди нақл намудани афсонаҳо аз эҷодиёти халқи тоҷик истифода бурда шаванд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар якҷоягӣ барои инкишофи шахсияти хонандагон шароит фароҳам меоварад. Мақсаду вазифаҳои тарбия дар асоси ба ҳисоб гирифтани забон, фарҳанг, санъат, одату анъанаҳои мардумӣ, ҳунар, меҳнат, маишати ҳалқамон муайян карда мешаванд. Таҳсилоти ибтидоӣ зинаи аввалини низоми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, бо сифат ба роҳ мондани фаъолияти онҳо яке аз омилҳои муътадил гардонидани кори мактаб мебошад. Аз ин рӯ лозим аст, ки зинаи таҳсилоти ибтидоӣ вобаста ба талаботи пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа мақсад, вазифа ва мазмуни кори худро тағйир диҳад. Хонанда дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бояд ҳамчун ифодакунандаи забон маданияту санъат, фарҳанг, одату анъанаҳои миллати тоҷик тарбия ёбад ва ҳамаи боигариҳои моддию маънавии халқ дар мактабу оила ба ҳаёти ҳаррӯзаи атфол дохил гардад.

Методологияи таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоиро бояд усулу принсипҳои умумиинсонӣ, рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек ташкил намояд. Зарурати масъулияти консепсияи махсуси пешрафти зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар ҷумҳурӣ аз омилҳои зайл бармеояд:

1. Баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, истифодаи одобу анъанаҳои неки ниёгон, адабиёту санъат, фарҳангу ҳунарҳои мардумӣ дар ҷодаи таълиму тарбияи хонандагон, мавқеи махсус пайдо кардани омӯзиши забони тоҷикӣ.

2. Азбаски барномаи имрӯзаи таълиму тарбияи хонандагони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аз олами маънавию моддии миллӣ хеле дур аст ва он дар асоси барномаи зинаи таҳсилоти ибтидоии таълимоташон бо забони ғайритоҷикӣ тартиб дода шудааст, аз сари нав барои синфҳои ибтидоӣ мураттаб сохтани барномаҳои нави таълиму тарбия зарур аст. Асоси барномаи зинаи таҳсилоти ибтидоро бояд шаклҳои гуногуни ҳамкории байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва калонсолон, ягонагии кори таълиму тарбияи байни оилаву мактаб аз рӯйи усулҳои демократӣ ва инсондӯстӣ ташкил намояд.

3. Новобаста ба он ки шумораи муайяни хонандагон ба кӯдакистонҳо фаро гирифта шудаанд, волидон бо кӯмаку мадади тарбиягарону омӯзгорон, духтурону рӯҳшиносон дар таълиму тарбияи фарзандони худ мӯҳтоҷанд.

4. Вазъи моддию маънавии муассисаҳо, муносибати масъулиятнок ва ҷиддии мақомоти салоҳиятдор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва худи волидонро талаб менамояд.

Дар ташаккули малака ва маҳорати хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар низоми салоҳиятнокӣ омӯзиши афсона мавқеи хоса дорад. Мақсади асосӣ дар низоми салоҳиятнокӣ рушд бахшидани тафаккури хонанда мебошад. Дар ин замина мо метавонем ба ҳалли масъалаҳои муҳими таълим роҳ кушоем, аз ҷумла, омӯзиши дурусти афсонаҳоро ба роҳ монем. Нақли афсона аз эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик дар ҳамаи фанҳои омӯхташавандаи зинаи аввали таҳсилот бояд ба роҳ монда шавад. Вақте ки хонанда ба мазмуни калима ва нақл сарфаҳм намеравад, маънӣ ва муҳтавои матн барояш дастнорас мегардад. Дуруст ба роҳ мондани он имкон медиҳад, ки шахс тавассути захираи луғавӣ муошират намояд. Хонандагон тавассути муошират захираи луғавияшонро бой мегардонанд.

Ҳангоми омӯзиши афсонаҳо истифодаи аз чунин бозиҳо шавқу завқи бачаро бедор созад, аз тарафи дигар, онҳоро ба омӯзиши бештари афсонаҳо ҳидоят менамояд.

Намуна:

«Кали зирак ва Бойи золим».

«Рӯбоҳи ҳилагар».

«Саъба ва Фил».

Ҳангоми омӯзиши афсона дар синфҳои 3 ва 4 аз варақа ва саволномаҳо истифода бурдан беҳтар аст. Барои ҳар чӣ бештар фаъол гардонидани шогирдон аз рӯйи афсонаҳои китобҳои дарсӣ чайнворд, сканворд ва филдвордҳои гуногунро дар варақаҳои махсус тартиб дода,

дар тахта овезон намудан мувофиқи мақсад аст. Шогирдон бо шавқу завқи беандоза дар дарёфти ҷавобҳои дуруст кӯшиш менамоянд.

Калимаҳои ҳаммаъноро аз ҷадвал ёфта, нависед.

| | |
|---|---|
| Кор | Саҳар |
| Шодӣ | Ҳифз |
| Лоиқ | Хурсандӣ |
| Дифо | Хабар |
| Субҳ | Меҳнат |
| Пайк | Сазовор |

Ҳамин тавр, роҳу воситаҳои гуногуни таълими афсонаҳо мавҷуданд, ки дар ҷараёни дарс тарзи истифодаи онҳоро ба хонандагон омӯзондан мумкин аст. Захираи бойи луғавӣ имкон медиҳад, ки он босалоҳият истифода шавад. Омӯзиши афсонаҳоро бояд пайдарҳам ташкил кард. Зеро агар хонанда афсонаи омӯхтаашро такрор накунад, дар нутқи навишторию гуфторӣ, истифода нанамояд, натиҷаи дилхоҳ ба бор намеод. Дар раванди таълим омӯзгор бояд аз роҳу равишҳои гуногуни таълими афсонаҳо, ки дар боло оварда шудаанд, истифода намоянд.

М. С. Каган чунин мешуморад, ки «муошират» раванди сирф иттилоотӣ, яъне интиқоли иттилоот аст, вақте ки «субъект баъзе маълумотро интиқол медиҳад, қабулкунанда бояд танҳо онро қабул, дарк, азхуд ва амал кунад». Вай имконнопазирии баррасии муносиби ин ду мафҳумро дуруст қайд мекунад. Ба қавли ӯ: «Муоширатро ба ҳеҷ ваҷҳ бо интиқоли паёмҳо, ҳатто мубодилаи онҳо баробар кардан мумкин нест. Муошират ин раванди тавлиди иттилооти навест, ки барои одамоне, ки дар мубодилаи ахбор маъмуланд ва боиси умумишавии онҳо мегардад».

Яқин аст, ки шахсе, ки муоширати хуб дорад, боодоб, нексиришт ва писандидаи ҷамъият аст, дар ҳама ҷо роҳ, меёбад ва мақбули дилҳо мешавад. Ӯст, ки ба худписандӣ, ҳавобаландӣ, бадахлоқӣ ҳеҷ вақт роҳ намедиҳад. Ҳар қалому иқдоми худро ҳамаҷониба ва амиқ андешида мекунад, ки бо рафтору кирдори беэҳтиётона ва нохубаш дили мардумро наранҷонад, ба касе зарари модиву маънавӣ нарасонад, обрӯю эътибори худ ва дигаронро нарезонад. Ӯ номи некашро доғдор намекунад. Ин гуна афрод бо одоб, ахлоқ бунёдгари маърифати инсон ва ҷомеа мебошанд. Онон саодатмандӣ дар зиндагӣ, пирӯзӣ дар кору фаъолият, комёбӣ дар таҳсилу хонишро ба фарҳанг вобаста кардаанд. Аввал ин ки ахлоқи писандида ва хушхӯйии эшон дар муносибату муомила ва одоби муошират дархол зоҳир мегардад. Ба андешаи онон услуб ва одобу адаби неки инсонӣ паҳлӯҳои хеле гуногун доранд.

Афсона яке аз жанрҳои асосии эҷодиёти шифоҳии халқ буда, дар он хусусиятҳои ҳодиса маълумот дода шавад ҳам, вале дар бораи мақсади он чизе гуфта намешавад. Дар давраҳои қадим одамон бисёр чизҳоро дар гирду атрофи худ ва табиат медиданд ва хислату ҳаракати онҳоро дақиққорона ба мушоҳида мегирифтанд.

Дар қисми аввали афсона сурати маҷозии ашёву ҳодиса ба тарзи бадеӣ тасвир шуда, дар қисми гиреҳкушоӣ маънӣ ё номи аслии ашёву ҳодисаҳо ифода меёбад. Баъзан афсонаҳо бе ҳеҷ гуна рамз ифода меёбанд, вале онҳо мазмунан дар худ панде ниҳон доранд. Афсонагӯйӣ ва афсонашунавӣ мисли дигар анъана ва расму одатҳои халқ аз талаботи зиндагӣ ба вуҷуд омада, дар ҳаёти гузаштаи мардуми тоҷик мавқеи калон дошт. Афсона дар педагогикаи мактабӣ ва томактабӣ бо мақсади бой гардонидани захираи луғавии кӯдакон, омӯзонидани тарзи дурусти талаффузи овозҳои забони модарӣ, ташаккули нутқи мураттаб, мустаҳкам гардонидани хотир, хаёл ва диққати хонандагон васеъ истифода бурда мешавад. Афсонаҳо дар навбати худ хусусияти тарбиявӣ доранд ва бо воситаи онҳо меҳру муҳаббати хонандагон ба забони модарӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ зиёд мегардад. Маҳз бо воситаи афсона қобилияти фикрии кӯдакон инкишоф меёбад. Ҳангоми ба афсонаҳоро нақл кардан, аз кӯдак машқи фикрии ба худ хос талаб карда мешавад, ки он минбаъд метавонад ба инкишофи тафаккури ӯ таъсир расонад. Хонанда ҳамон вақт афсонаро дуруст нақл карда метавонад, агар оид ба ашёҳо, олами набототу ҳайвонот ва ҳодисаю воқеаҳои атроф тасаввуроту маълумотҳои заруриро аз худ карда бошад, муҳити атроф ва ҳодисаҳои онро

мушоҳида карда тавонад ва нақл кардани афсона хонандаи синфи ибтидоиро ба фикр кардан водор намуда, шавқи ӯро ба ҳодисаҳои аҷоибу шавқовари табиат ва муҳити атроф бедор менамояд.

Маълум аст, ки афсонаҳо ба мавзуъҳои гуногун бахшида шудаанд ва ҳар як гурӯҳ аз ҷиҳти мавзӯъ доираи васеи ахбороти ҳаётиро дар бар мегирад, ба монанди: ҳодисаҳои табиат, техника, сифати ашё, мева, сабзавот, ашёҳои гуногун ва ғайра. Набояд фаромӯш кард, ки ҳангоми истифодаи афсона дар ҷараёни дарс ва ё машғулиятҳо ба ҷиҳатҳои тарбиявии он низ диққати махсус бояд дод, яъне афсона вобаста ба синну соли кӯдак интихоб гардида, рушди ақлониву зеҳнии ӯро таъмин карда тавонад.

Аслан кӯдакон табиатан муҳаққиқанд ва шавқу ҳаваси ҳамешагӣ ба таассуротҳои нав, кунҷкобӣ, хоҳиши доим озмоиш гузаронидан ва мустақилона пайдо намудани маълумот дар бораи олам, яке аз паҳлӯҳои маъмул ва асосии рафтори кӯдакон ҳисобида мешавад, яъне фаъолияти ҷустуҷӯйӣ – таҳқиқӣ хислати табии кӯдак аст. Ӯ ба кашфи олам омода буда, мехоҳад онро зудтар дарк намояд. Таҳқиқ, кашф ва дарк намудани ин қадам гузоштан ба сӯи ҳодисаҳову ашёҳои носанҷидаву нав, имконияти фикр кардан, озмудан, ҷустану таҷриба намудан ва асосаш худбаёнкунии кӯдак аст.

Дар вақти истифода бурдани афсона дар синфҳое, ки кӯдакони имконияташон маҳдуд таълиму тарбия мегиранд омӯзгор бояд эҳтиёткор бошад, зеро дар ҷараёни тарбия ва таълими кӯдакони дорои нуқсонҳои шунавоӣ инкишофи ақлию зеҳнии онҳо амалӣ гардонида мешавад ва дар ин замина, шакли ташкили дурусти таълимро дар инкишофи кӯдак педагог ва психологҳои барҷаста зарур донистаанд. Аз он ҷумла кӯдакони нуқсони шунавоӣ дошта низ.

Инкишофи зеҳнӣ ташаккули ҷараёнҳои идрок ва услуби фаъолияти зеҳнӣ, азхудкуниву зиёд намудани дониш оид ба табиат ва ҷомеаро дар бар мегирад, рушди шавқу ҳаваси маърифатӣ, инкишофи нутқ чун воситаи идрок таъмин мегардад. Рушди ақлонии кӯдаки муқаррарӣ такя ба нутқ менамояд. Дар кӯдаке, ки шунавоияш нуқсон дорад, халалдоршавии ҳамаи вазифаҳои нутқ (иртиботӣ, хулосабарорӣ, сигнификатсионӣ, назоратӣ, танзимсозӣ) ва қисмҳои таркибии забон (захираи луғавӣ, сохти грамматикӣ, таркиби фонетикӣ) мушоҳида мегардад. Аз ҳамин сабаб, рушди кӯдаконе, ки шунавоияшон ба таври амиқ халалдор гаштааст, дар маҷмуъ аз ҳамсолонаш қафо мемонад. Дар заминаи нуқсони нутқи шифоҳии кӯдак халалдоршавии нутқи хаттии онҳо ҳам ба амал меоянд, ки он дар шакли носозии навишт (дисграфия) ва нутқи бесаводона (аграмматизм) ифода меёбад. Дар ҳолати пурра гум кардани тавоноии узви шунавоӣ, нутқи кӯдак танҳо дар шароити омӯзиши махсус ва бо кӯмаки шаклҳои ёрирасон аз қабили тавоноии узви шунавоӣ, нутқи кӯдак танҳо дар шароити омӯзиши махсус ва бо кӯмаки шаклҳои ёрирасон – аз қабили нутқи имову ишоравӣ, хондани ҷунбиши лабон ташаккул меёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Гулмадов, Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов / Ф. Гулмадов: дисс.докт.пед.наук.Душанбе,-2016,-342с.
2. Каган, М.С. Мир общения:проблемы межсубъектных отношений[Текст] / М.С. Каган. - М.: Политиздат, -1988. - 315 с.
3. Краснова, О. В. Содержание и объём понятия «система педагогических взаимодействий» // Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Гуманитарные науки. – 2008, №4 (8) – С. 105- 112.
4. Қодиров, Қ. Б. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониѐн. – Душанбе, 2012. – 240 с.
5. Лутфуллоев, М. Эҳѐи педагогикаи аҷам. – Душанбе, 1997. – 148 с.
6. Макаренко, А.С. Методика организации воспитательного процесса. Пед. Соч.В 8-мит.Т.1. /А.С. Макаренко. Педагогика, -1983.-С.267-329.
7. Орифӣ, М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. – Душанбе, 1962. – 143 с.

8. Сухомлинский, В. А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ: Иборат аз 3 ҷилд. – Душанбе, «Маориф», 1982.- 624 с.

9. Ушинский, К. Д.Собр.соч.,т.3./К.Д. Ушинский. -Л.: Изд-во АПН РСФСР, 1948.- 691с.

## ТЕОРЕТИКО - МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭЛЕМЕНТОВ ТАДЖИКСКОЙ НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ В УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

***КУРБОНОВ Сироджиддин Хайриддинович*** *– старший преподаватель кафедры русского языка и литературы Дангаринского государственного университет, р-н. Дангара, ул. Централный, 25,* ***тел.:*** *+(992) 903 53 07 27*

В статье рассматривается вопрос использования богатейшего исторического опыта элементов таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе в вопросе воспитании будущего поколения гармонично и всесторонне развитой личности.

Для того чтобы молодому поколению таджикского народа осознать себя как нацию, интегрированную в мировое сообщество, следует вернуться к истокам нашей культуры, воспринять и развить все лучшее, что есть в нашем богатейшем историческом опыте. Использование богатейшего исторического опыта в учебно-воспитательном процессе в воспитании будущего поколения гармоничной, всесторонне развитой личности преподаватели вузов может воплощать в жизнь на своих занятиях с глубокими теоретическими знаниями, применить их на практике.

Содержательный и значительный опыт таджикской народной педагогики и его богатейшие потенциальные возможности в учебно-воспитательном процессе общеобразовательной школе на сегодняшний день используются все еще недостаточно.

Преподаватели вузов обязаны воплотить на своих занятиях теоретические знания и применить их на практике.

***Ключевые слова:*** *уход, воспитание, самовоспитание, перевоспитание, наставление, обучение, учение, приучение, убеждение, пример, показ, разъяснение, поверье, приучение и упражнение, пожелание и благословение, школа.*

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЭЛЕМЕНТҲОИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚИИ ТОҶИК ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

***ҚУРБОНОВ Сироҷиддин Хайриддинович*** *– омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Дангара, н. Дангара, к. Марказӣ, 25,* ***тел.:*** *+(992) 903 53 07 27*

Дар мақола масъалаи истифода бурдани таҷрибаи бойтарини таърихии унсурҳои педагогикаи халқи тоҷик дар раванди таълим дар масъалаи тарбияи насли ояндаи шахсияти баркамол ва ҳаматарафа инкишофёфташуда инъикос ёфтааст.

Барои он ки насли ҷавони тоҷик худро ҳамчун миллати муттаҳиди ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намояд, бояд ба асли фарҳанги мо баргарданд ва беҳтарин чизеро, ки дар ғанитарин таҷрибаи таърихии мост дарк намоянду ривоҷу равнақ диҳанд. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълим аз таҷрибаи ғании таърихӣ дар тарбияи насли ҳамаҷонибаи ояндасоз истифода намуда, метавонанд дар дарсҳои худ бо донишҳои амиқи назариявӣ ҳаёт бахшанд ва онро дар амал татбиқ намоянд.

Таҷрибаи пурмазмуни педагогикаи халқи тоҷик ва имкониятҳои бойтарини он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти умумӣ имрӯз ҳам ба қадри кифоя истифода бурда намешавад.

Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувazzафанд, ки донишҳои назариявиашонро дар машғулиятҳои худ таҷассум намуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо чораандешӣ кунанд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *ғамхорӣ, тарбия, худомӯзӣ, бозомӯзӣ, дастурдиҳӣ, таълимдиҳӣ, одат кардан, бовар кардан, мисол, намоиш, тавзеҳ, эътиқод, одат ва машқ, хоҳиш, дархост, насиҳат, мактаб.*

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR THE USE OF ELEMENTS OF TAJIK FOLK PEDAGOGY IN THE EDUCATIONAL PROCESS

***KURBONOV Sirojiddin Khairiddinovich*** *– Senior Lecturer, Department of Russian Language and Literature, Faculty of Philology and Journalism, Dangara State University, district. Dangara, st. Central, 25,* ***phone:*** *+(992) 903 53 07 27*

The article deals with the issue of using the richest historical experience of the elements of Tajik folk pedagogy in the educational process in the issue of educating the future generation of a harmoniously and comprehensively developed personality.

In order for the young generation of the Tajik people to realize themselves as a nation integrated into the world community, they should return to the origins of our culture, perceive and develop all the best that is in our richest historical experience. Using the richest historical experience in the educational process in educating the future generation of a harmonious, comprehensively developed personality, university professors can bring to life in their classes with deep theoretical knowledge, apply them in practice.

The meaningful and significant experience of Tajik folk pedagogy and its richest potential in the educational process of a general education school are still not used enough today.

University teachers are obliged to embody theoretical knowledge in their classes and apply them in practice.

***Key words:*** *care, education, self-education, re-education, instruction, teaching, teaching, accustoming, persuasion, example, demonstration, explanation, belief, teaching and exercise, wish and blessing, school.*

Таджикская народная педагогика сегодня находится на этапе укрепления независимости Республики Таджикистан, использования элементов воспитания в учебном воспитательном процессе основывается после приобретения суверенитета.

Сегодня принцип национального воспитания в условиях глобализации общества приобретает необычайную актуальность. Педагогические мысли таджикских просветителей наибольше окрашены национальной созидательной идеей, освящены, согрета ею, в различных сферах общества проявляются по разному. Если в экономике страны основные требования обращены в будущее, то в духовной области не только в будущее, но в определенной степени и в прошлое, правильного отношения к культурному наследию, национальным и общечеловеческим ценностям.

Для того чтобы молодому поколению таджикского народа осознать себя как нацию, интегрированную в мировое сообщество, следует вернуться к истокам нашей культуры, воспринять и развить все лучшее, что есть в нашем богатейшем историческом опыте. Использование богатейшего исторического опыта в учебно-воспитательном процессе в воспитании будущего поколения гармоничной, всесторонне развитой личности преподаватели вузов может воплощать в жизнь на своих занятиях с глубокими теоретическими знаниями, применить их на практике. [3]

В условиях глобализации общества всесторонне подготовленный к своей профессии преподаватель своими знаниями и опытом реализует возложенные на себя ответственные

задачи в учебно-воспитательном процессе. Источником всестороннего развития преподавателя наряду с другими, является исторический народный педагогический опыт.

На современном этапе развития общества в реализации одной из основных целей Закона Республики Таджикистан «Об образовании», «Национальной концепции воспитания Республики Таджикистан», «Государственной программы по подготовке педагогических кадров Республики Таджикистан 2010 -2020гг» являются формирования подрастающего поколения, как творческой, духовно богатой, гармонически развитой личности, используются в учебно - воспитательном процессе самые различные формы, методы и средства воспитания таджикской народной педагогики. [8]

Содержательный и значительный опыт таджикской народной педагогики и его богатейшие потенциальные возможности в учебно - воспитательном процессе общеобразовательной школе на сегодняшний день используются все еще недостаточно.

Использование элементов таджикской народной педагогики народного педагогического опыта в воспитании подрастающего поколения в учебно-воспитательном процессе подчеркивалось ещё в произведениях Саади Шерози, Абу Али Ибн Сины, Фирдоуси, Н.Хисроу, А.Рудаки, А.Джами и другие разрабатывалась актуальные проблем воспитания, и обучения, путей формирования научного мировоззрения подрастающего поколения в процессе образования, всестороннего развития их способностей и склонностей.[4.]

В своём произведение « Гулистан» Саади подмечает очень существенный элемент воспитании человека таким образом,«По природе своей каждый человек устроен так, что для собственного существования и достижения наивысшего совершенства он нуждается во многих вещах, которые он не может доставить себе один и для достижения которых он нуждается в некоем сообществе людей, доставляющих ему каждые по отдельности, какую либо вещь из совокупности этого, в чем он испытывает потребность только через объединения многих помогающих друг другу людей,… человек может обрести то совершенство, к которому он предназначен по своей природе».[4]

В педагогических мыслях Саади научно обосновывает принцип народности, как благородный принцип национального воспитания, в условиях глобализации общества приобретает актуальность, окрашена национальной созидательной идеей, освящена и согрета ею.

Основными педагогическими элементами народной педагогики являются:

1. Уход, воспитание, самовоспитание, перевоспитание, наставление, обучение, учение, приучение.

2. Ребенок как объект и субъект воспитания.

3. Функции воспитания (подготовка к труду, формирование нравственных черт характера, развитие ума, забота о здоровье, привитие любви к прекрасному).

4. Факторы воспитания (природа, труд, быт, обычаи, искусство, религия, родное слово).

5. Методы воспитания (убеждение, пример, показ, разъяснение, поверье, приучение и упражнение, пожелание и благословение, просьба, совет, намек, одобрение, упрек, укор, уговор, запрет, угроза, проклятие, брань, наказание, побои).

6. Средства обучения и воспитания (потешки, считалки, загадки, пословицы, поговорки, песни, сказки, легенды, предания и т.д.).

7. Идеи совершенства человеческой личности и ее реализация в системе народного воспитания (взаимосвязь сторон воспитания, доблести мужчины и женщины, комбинированные меры воздействия, комплексные формы организации жизни и деятельности подрастающего поколения).

8. Организация воспитания (трудовые объединения детей и молодежи, молодежные праздники, общенародные праздники ).

9. Педагогическая роль коллективных форм жизнедеятельности людей (семья и род, община, племя, народ, человечество).

10. Народные воспитатели (родители, старшие дети, уличные и общественные педагоги, безымянные, неизвестные, малоизвестные педагоги, их деятельность и мысли). [3]

Исследования показывает, что этнопедагогика у всех народов, в том числе и исчезающих, в древней самобытной культуре много такого, что в состоянии обогатить мировую цивилизацию. Народы, объединенные общностью целей, поднимаются на еще более высокий уровень культуры и нравственности».

Таким образом, целенаправленное изучение педагогических воззрений народов способствует появлению ряда интересных исследований, раскрывающих сущность взглядов и идей народа в области воспитания и обучения.

В исследованиях учёных педагогов Таджикистана С.Исоева рассматривается трудовые традиции в профессиональной ориентации, просветители, народные представители воспитания; М. М.Сайфуллоевой рассмотрена роль традиций в нравственном воспитании подростков, М.Орифи - история педагогической мысли таджикского народа; А. Нурова рассматривается роль семье и школы, и общественности в воспитании младших школьников, Х.Рахимзода - проблемы семейного воспитании молодежи Таджикистана, Б.Маджидовой рассматривается использование народных традиций и обычаев в воспитании подрастающего поколения и т.д. [3]

Таджикская народная педагогика, запечатленная в таджикском фольклоре, составляет непреходящее духовно-нравственное и эстетическое богатство, которое передается от старшего поколения новым гражданам нашей страны. Таджикский фольклор включает произведения, содержащие основные представления о труде, обычаях, семейных традициях, доброте, дружбе. Фольклорные произведения дают ценные знание о народе и прежде всего о человеке. Использование таджикского фольклора в учебно -воспитательном процессе воспитывает в студентах патриотическое начало, развивает речь, делая ее более четкой, выразительной, грамотной.

Использование элементов таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе являютсяпословицы и поговорки.

Значительная воспитательная роль пословицы и поговорки отражаются в образе жизни народа, его духовном мире, мировоззрение, отношение к обществу и природе являются плодом мышления многовекового опыта, которые обобщают в себе весьма разнообразные стороны жизни людей, нравственных сторон образа жизни. Пословицы и поговорки созданный народом демонстрирует красоту и чистоту логичность ума и мышления, многовековой воспитательный опыт таджикского народа, его отношение в воспитание подрастающего поколения в семье, школе, обществе. В них отражена отношение человека к жизни, природе, обществу, духовно -нравственные взгляды и. т.д.

Основная задача учебно-воспитательного процесса в школе являются предостережение искоренить отрицательных нравственных качеств в повседневной поведение молодёжи.

В условиях глобализации общества основными задачами современных учебное - воспитательных процессов является предостережение родителей, воспитателей, преподавателей - ответственных за предупреждение, искоренять отрицательных качеств, наблюдаемых в поведениях молодёжи.

В решении обсуждаемых нами проблем исследования, о том, что роль элементов таджикской народной педагогики безгранична, которые в период исторического прогресса прошли обработку, множество испытаний, совершенствований, не потерявших своей ценности и на современном этапе.

В связи с этим при наблюдении отрицательных сторон поведения студентов в учебно – воспитательном процессе, в дискуссионных тематических беседах, проводимые на занятиях в процессе обучения мы анализировали воспитательной роли таджикской народной педагогики:

1.Шабгарди оқибати хуб надорад.Бродящий в поздний час попадёт в трудное положение (беду).

2.. Қалби тозаи инсон, қулф барои дуздон– букв.: Душа – для доброго, замок для вора.

3.Ростгӯй бошихуб зиндаги мекуни, качу дурӯғгӯ бошисар мехӯрӣ – букв и перен.: Будешь хорошим – проживешь в благополучии, будешь плохим – поплатишься головой.

4. Сухани хуб механдонад, Сухани баъд мекушад– букв.: Доброе слово радует, плохое убивает; Сравнит: Злые языки страшнее пистолета.

Доброжелательность щедрость, справедливость и культура таджикского народа отражается в его взаимоотношениях в ярких жизненных выводах например, чем разлучаться с народом, лучше умереть; сколько бы плохие люди не молились, их мольбы не будут приятним в обители Аллаха не водиться с плохими; не быть единомышленником плохих вместе с ними не выполнять работы, быть подальше от них, если случайно оказались вместе, то их плохое влияние на других людей приводит создавать различных проблем, и даже, приводит к трагедиям.[5]

1. Рука, раненая мечом справедливости, не болит.
2. У кого нет сердца, у того нет и совести.
3.Головабез друга, что пища (еда) без соли.
4.Айран не может быть пловом, глупец - начальником (главой).
5.Глупец терпит неудачу (ущерб), а мудрый сахар ест.
6. Одами ақли кӯтоҳазоби бисёр мекашад. Глупец много страдает.
7.Глупая жена хвалится красотой, умная – умом.
8. От глупости глупца болит и голова, и нога.
9. Мудрый мудрому мил, глупец же нуждается в друге.
10. Мудрый приносит мудрость, глупец – горе.
11.Знаний (образованный) – ученый, неуч – тиран.
12. Необразованный ученый – Осел без потника.
13.Тигр не ходит следом за лисой.
14. Смелый составляет (строит, украшает), подлый (трус) ломает.
15. От двусмысленного имя остается вопль.
16.Трус за едой оставляет своей жалобы.
17. Чем плов от труса, лучше постная похлебка смелого.[6]

Таджикские народные пословицы, поговорки, изречения, формируются постоянно совершенствуются тысячелетиями, выражаются и призывают людей к справедливости, совестливости, дружелюбию, предостерегают от отрицательных поступков, от общения и единомышленной с невеждами, общение с невеждами, трусами, униженности, неуважению.

В учебно-воспитательном процессе учащихся знакомятся пословицами, поговорками, будут проинформирована о людях характеризующих недостатками. В нахождение своих жизненных позиций будут ориентироваться на авторитетных, умных, трудолюбимых, внимательных, народолюбимых людей.

В этом случае ещё раз утверждается педагогическая мысль, что воспитание будущего поколения трудоемкий процесс, в связи проблема соответственно решать с родителями, наставниками учителями школ, представителями общественности ( Махаллинского Совета). Например, Дард мегузарад, одат мемонад. - букв перевод.: Боль уходит, привычка остается.

2. Что вошло с молоком (матери), то выйдет с кровью; сравните: Горбатого могила исправит.

3. Сам кашу заварил, сам расхлёбывай.

4. Горбатого могила исправит.

Фарзанди хуб боғи падар- фарзанди нохуб доғи падар. Хороший ребенок прославит, плохой – опечалит.

6. Фарзанди хӯб ба кӯҳ мебарадфарзанди нохуб ба гӯр мебарад. Хороший ребенок тянет к почету, плохой – к могиле.

7. Хорошая дочь, встав рано, причесывается, плохая дочь, встав рано, просит хлеба.

8. Найрангҳои духтар дар кӯча намоён мешаванд. Выходки дочери на улице проявляются. [4]

В вышеуказанных пословицах утверждается мысль о том, что сегодня молодёжь по своими не внимательности, не осторожности, отрицательными привычками, недостатками, не смогут отделаться от них до самой смерти, они приносят вред

окружающим, всему обществу становятся виновниками страданий, достойны осуждения людей. Например,

1. Слепого достигла карьера, он побежал (скорее) к почетному месту.
2. Если невежа достигнет карьеры, то он мечется во все стороны.
3. Иди высокомерному на свадьбу, хвастуну домой.
4.Осел, хвастаясь, не станет скакуном, ворона, хвастаясь, не станет кречетом.
5.. Если не можешь ходить, не старайся прыгать. Перевод: (Роҳгаштана надони паридана орзу накун).
6. Если в других увидишь недостаток, то не считай себя честным. Сравните: В чужом глазу сучок видим, а в своем (и) бревна не замечаем.
7. Худат худата таъриф нанамо, дигарон туро таъриф намоянд.Сам себя не хвали, пусть тебя другие похвалит; Сравните: Хвастать – не косить, спина не болит, сам не хвались, пока тебя народ не похвалит.[6]

Данные вышеуказанные примеры характеризуют неграмотных, невежественных людей, которые достигнув и занимая руководящие должности, начинают метаться во все стороны, несмотря на то, что есть умные, проницательные люди.

Исследование показывает, что нам не тайна, как правило умные, знающие проницательные люде, пережившие многое никогда не хвалятся, не важничают. Исследуя истинную природу высокомерных, хвастливых, гордых людей, т.е. их возможности, мы наблюдали полную противоположность состояния, в итоге нашей недоверия именно таким людям теряется. Мы опечалены тому, что в обществе есть такие люде, сущности не познали себя. Подтверждение наличие подобной среде встречаются учебно- воспитательном аспекте, которая сверхопасна для общества, а особенно, в деле воспитания молодежи.

1. Дуруғгӯӣ ба фарзанд мезанад, ё ба молу давлатат.: Ложь воздействуют по ребенку, или по богатству (имуществу).
2. Сухани хӯб сангро пора месозад, сухани бад сарро . Правда раскалывает камень, ложь голову.
3. Ҷойгузини тӯҳмат, бӯҳтонмаҳаллаи байни биҳишту дӯзах букв.: Место клеветника (ябедника, депосчика) – ад.
4. Кто спешит сказать, тот быстро покается; ср.: не спеши языком, спеши делом.
5. К поспешному делу вмешивается черт.
6. Поторопившаяся замуж, останется без мужа;
7. У спешащего робота не ладится. Сравните: Поспешишь – людей насмешишь.
6. Масти ба пасти мебарад. – букв.: Пьянство ведет низостью.
7. Есть человек – красавица людей, есть человек – животное лучше него.
8. Бессовестный – бездушный.[3]

Вышеуказанные пословицы отражают этнические признаки таджиков и их поведения, боятся лжи, и твердо следуя смыслу выражения: ложь быт или по ребенку или по богатству (имуществу), стараются не употреблять лжи, считают, что истинное слово камень долбит, а неистинное – голову или же понимают, место клеветника в аду и твердо следуют жизненным кредо. Вышеуказанных недостатков имеющихся в поведении людей, как медлительность в каждом деле, заявлять не обдуманно, говорить вздор (чепуху), наглости, бессовестность, бесчестье способствуют созданию сверхопасной ситуации в воспитании молодежи вырабатывании их характеров. В воспитание будущего поколения в учебно-воспитательном процессе учителя должны вырвать с корнем эти недостатки.

Таким образом, таджикские народные пословицы, поговорки являются испытанным отражением народной психологии, их результативное применение отвечает важнейшим целям всех этапов нынешней образовательной системы, передают возможность объяснения формирования закономерностей с опорой на научности актуальные посылки о сущности человеческой психики, качествах и преимуществах, присущих человеку при чтении в общеобразовательных школах психология семейной жизни.

Ещё одним новым шагом в прогрессе педагогической дисциплины является использование элементов таджикской народной педагогики, в учебном процессе операясь на устное народное творчество.

Будучи творением народной мысли, памятником седой старины, педагогические воззрения таджикской народной педагогики,сегодня кормят умы и сердца людей, они верно служат, настоящему и будущему воспитывая молодое поколение на прогрессивных традициях прошлого, настоящего и идеалах будущего.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Антонова, Р.Я. Воспитание будущего поколения: идеи и опыт народной педагогики. - Якутск, 1995. - 218 с.
2. Арипов, М. (М.Орифи) Из истории педагогической мысли таджикского народа. Душанбе.1965.ч.1.246 с.
3. Арипов, М. (М.Орифи) Из истории педагогической мысли таджикского народа. Душанбе.1965.ч.2.276 с.
4. Афзалов, Х.С. Рахимов Б.Р. История таджикской народной педагогики. Душанбе. 1999. 177 с.
5. Волков, Г.Н. Этнопедагогика. - М.: Академия, 2001. - 168 с.
6. Волков, Г. Н. Педагогика любви: Избр. этнопед. соч.: [В 2 т.] / Сост. М. Н. Егоров. - М.: Магистр-Пресс, 2002. — Т. 1. — 456 с. — ISBN 5-89317-181-0
7. Волков, Г.Н. Педагогика любви: Избр. этнопед. соч.: [В 2 т.] / Сост. М. Н. Егоров. — М.: Магистр-Пресс, 2002. - Т. 2. - 460 с. — ISBN 5-89317-182-9.
7. Измайлов, А.Э. Народная педагогика. М: «Педагогика» 1991г. - 96с.
8. Закон Республики Таджикистан «Об образовании». Душанбе.1995.

## ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИВУ ПСИХОЛОГИИ ИНКИШОФИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ БОЗӢ

***ҚОДИРОВА Меҳрангез Баҳодуровна** – докторант аз рӯйи ихътисос (PhD)-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126, **тел.:** +(992) 558 53 94 94*

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба ҷанбаҳои педагогиву психологии инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозӣ сухан ронда, аҳамияти бозиро барои ташаккули кӯдакон дар ин раванд нишон додааст. Таъкид мешавад, ки бозӣ фаъолияти асосии кӯдакони синни томактабӣ буда, он дар раванди худ фаъолиятҳои дигарро ташаккул медиҳад. Ба хусус қайд карда мешавад, ки бозӣ дар муассисаҳои томактабӣ фаъолияти асосии пешқадам ба ҳисоб меравад. Дар раванди бозӣ кӯдакон аз ҷиҳат писхологиву иҷтимоӣ барои муошират ва фаъолият дар ҷомеа омода мегарданд.

***Вожаҳои асосӣ:** бозӣ, кӯдакони синни томактабӣ, тарбияи педагогӣ ва психологӣ тавассути бозӣ, тарбияи иҷтимоӣ, рушди шахсияти кӯдак, муассисаҳои томактабӣ, фаъолият, маҳорату малака, дониш.*

## ПСИХОЛОГО – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ДОШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ИГРЫ

***КОДИРОВА Мехрангез Баходуровна** – докторант по специальности (PhD) Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни, 126, **тел.:** +(992) 558 53 94 94*

В статье автор рассмавривал педагогико-психологические аспекты развития детей дошкольного возроста в процессе игры и показал значение игры для развития детей в этом процессе. Подчеркнуто, что игра является основной деятельностью дошкольников и формирует в своем процессе и другие виды деятельности. В частности, отмечается, что

основным прогрессивным видом деятельности считается игра в дошкольных учреждениях. В процессе игры дети психологически и социально подготавливаются к общению и деятельности в обществе.

***Ключевые слова:*** *игра, дети дошкольного возраста, педагогико-психологическое воспитание через игру, социальное воспитание, развитие личности ребенка, дошкольные учреждения, деятельность, умения и знания.*

## PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF PRESCHOOL CHILDREN IN THE PROCESS OF THE GAME

***KODIROVA Mekhrangez Bahodurovna*** *– doctoral candidate (PhD) of the Institute for the Development of Education. Abdurakhman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. Aini, 126,* ***phone:*** *+(992) 558 53 94 94*

In the article, the author considered the pedagogical and psychological aspects of the development of preschool children during the game and showed the importance of the game for the development of children in this process. It is emphasized that the game is the main activity of preschoolers and forms other activities in its process. In particular, it is noted that the main progressive activity is the game in preschool institutions. During the game, children are psychologically and socially prepared for communication and activities in society.

***Key words:*** *game, preschool children, pedagogical and psychological education through the game, social education, development of the child's personality, preschool institutions, activities, skills and knowledge.*

Бозӣ ин зуҳуроти аҷоиби ҳаёти инсонӣ ба шумор рафта, аксари файласуфон ва муҳаққиқони пешин нисбат ба он ҳамчун ба як падидаи тарбияи педагогӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Файласуфи Юнони Қадим Афлотун бозиро машғулияти хеле муфид шуморида, изҳор намудааст, ки дар як соати бозӣ шумо метавонед шахсро он қадар шиносед, ки гӯё бо ӯ як сол будед. Арасту иброз медорад, ки дар бозӣ сарчашмаи оромиши равонӣ, мувозинати рӯҳ ва ҷисм дида мешавад.

Ақидаи файласуфони номбурдаро баъдтар Элконин тарафдорӣ намуда, бозиро ҳамчун арифметикаи муносибатҳои иҷтимоӣ дониста, изҳор доштааст, ки дар бозии кӯдакон олами зиндагии калонсолон инъикос меёбад. [11,с.128].

Муҳаққиқони баъдина ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии бозиро низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода, исбот намуданд, ки бозӣ барои ташаккули иҷтимоиву фарҳангии ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон аҳамияти муҳим дорад. Чунончи, файласуф ва фарҳангшиноси голандӣ Иоҳанг Хейдинг дар солҳои 30-юми асри XX аввалин таълифотро дар таърихи инсоният бо номи «Оинаи бозингар» («Homo Ludens») роҷеъ ба бозӣ пешкаш намуда, дар он вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии бозиро ба таври ҷиддӣ баррасӣ намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки «бозӣ ҳамчун шакли гуногуни фарҳанги инсоният маҳсуб меёбад ва аз ҳама қадимтарин фаъолияти инсонист. Аз бозӣ шаклҳои нави воқеияти инсонӣ, ба монанди ҳуқуқ, низом, муоширaт, ҳунар, санъат ва ғайра оғоз гардидаанд. Бозӣ зиндагии моро зебо менамояд. Бинобар ин, он ба ҳамаи инсонҳо, новобаста ба ҷинс ва синну сол, зарур аст.[11,с.96].

Педагоги варзида А.С.Макаренко бозиро бевосита муҳимтарин намуди тарбия ҳисобида, қайд менамояд, ки «бозии хуб ба кори хуб, бозии бад ба кори бад монанд аст». Хоҳиш ва масъулият барои ба мақсад расидан кӯдаконро ба фикррони, шавқмандӣ, ба эҷодкорӣ, фаъолиятҳои якҷоя муттаҳид менамоянд [10,с.6].

Мо низ ҷанбаҳои педагогиву психологии инкишофи кӯдакони синни томактабиро дар раванди бозӣ таҳқиқ намуда, ба он андешаем, ки яке аз ҷанбаҳои муҳими педагогиву психологии бозӣ ин фаъолият, шавқмандӣ ва мавҷуд набудани маҷбуркунӣ, фаъолияти фаъоли инфиродӣ, таълим ва тарбия ёфтани кӯдак дар байни калонсолон, инкишофи

равонӣ ва рушди қобилиятҳои ӯ мебошад. Дар бозӣ тафаккур ва тахаюлу тасаввуроти кӯдак хеле равшан аён мегардад, ҳамчунон эҳсосот, фаъолият, талаботи ӯ нисбати муошират зоҳир меёбад. Кӯдакон бозӣ карда истода донишу малакаи худро инкишоф медиҳанд, ҳамчунон донишу маҳорати худро дар шароити гуногун истифода менамоянд. Чунончи, дар бозии кӯдак як ашё вазифаи ашёи дигарро иҷро карда метавонад. Масалан, чӯб аспи савора аст, вай медавад ва меҷаҳад, яъне кӯдак ин амалҳоро худаш иҷро менамояд. Дастонашро ҳалқа карда, садои мошинро тақлид намуда, ҳаракат мекунад. Аз лой зарфчаҳо месозад ва онҳоро бо «хӯроки пухтааш» пур мекунад. Бо воситаи ҳаракатҳо калидро гирифта, дарро мекушоянд. Ягон чизи лундаи ба тифли навзод монанд ё лӯхтакро ба бағал гирифта, аз номи ӯ гиря мекунад ва худ ӯро навозиш карда ором медорад ва ҳоказо.

Бозӣ аз як тараф фазои фароғатӣ муҳайё менамояд ва аз тарафи дигар ҳалли вазифаҳои педагогиро имконпазир мегардонад. Дар бозии кӯдакон аломатҳои шартии калима пайдо мешавад. Масалан, кӯдакони 4-5 сола бозӣ карда, шарт мегузоранд, ки ин табақчаи ман аст, ин хонаи мо аст. Чуноне, ки Иоҳанг Хейдинг дар китоби худ ««Homo Ludens» ёдрас мешавад, монандии байни бозӣ ва оина муҳим нест, балки истифодаи вазифавии онҳо муҳим аст. Масалан, кӯдакон аз лой косаву табақчаҳо месозанд, онҳоро ҳамчун ашъёи ошхона истифода мебаранд ё бо зарфҳо-бозичаҳо бозӣ карда истода «хӯрок мепазанд» ва медонанд, ки ин бозичаҳо вазифаи зарфҳои ҳақиқии рӯзгорро иҷро мекунанд, лӯхтаке, ки ӯ онро навозиш мекунад, вазифаи тифли гирёнро иҷро мекунад. Пас, моҳияти бозӣ ин ҳалли шартхоест, ки ба кӯдакон пешниҳод мегарданд ва аз тарафи кӯдакон бо як шавқмандӣ анҷом дода мешаванд.

Дар раванди бозӣ дар кӯдакон мушоҳидакорӣ рушд мекунад, хасташавиро бартараф менамоянд, қобилияти кориии онҳо дар рафти бозӣ афзоиш меёбад [6,с.65]. Тавассути бозӣ кӯдакон монеаҳои психологиро бартараф намуда, боварӣ ба нерӯи худро пайдо мекунанд, ки ин ба раванди тарбия таъсири амиқ ва ҷиддӣ мегузорад.

Бозӣ ин фаъолияти мустақилест, ки дар рафти он кӯдакон бо ҳамсолони худ муошират менамоянд. Онҳоро мақсади умумӣ муттаҳид месозад, барои ба мақсад расидан якҷоя кӯшиш мекунанд, ҳаяҷони якҷоя онҳоро ҳамсафар аст. Ҳаяҷон дар рафти бозӣ ба шуури кӯдак сахт таъсир карда, ба ташаккулёбии ҳиссиёти некӯпарастӣ, кӯшишҳои комёб шудан ва рушди малакаи ҳаётӣ мусоидат менамояд. Масалан, дар рафти бозӣ кӯдакон ҳам мисли калонсолон худро дар ҳолати фавқулодда ҳис карда, саъю кӯшиши зиёдеро барои паси сар кардани ин мушкилиҳо ба харҷ медиҳанд. Вақеан, чунин фаъолият бидуни маҷбуркунӣ бо хоҳиши худ амалӣ мегардад.

Бозӣ дар тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ ва зебоипарастӣ нақши зиёде дорад. Барои кӯдак амали фаъоле зарур аст, ки шавқ, талаботҳои иҷтимоии ӯро қонеъ гардонад. Аз ин рӯ, аҳамияти асосии бозӣ дар хусусияти таълимӣ доштани он зоҳир меёбад.

Рушди кӯдакони синну соли томактабӣ аз ҳама бештар дар марказҳои инкишофи кӯдакон, муассисахои таълими иловагии кӯдакона амалӣ мегардад. Ин муассисаҳо макони махсусеанад, ки кӯдакон он ҷо инкишоф меёбанд. Бозӣ дар муассисаҳои томактабӣ фаъолияти асосии кӯдакон буда, ба он тадриҷан фаъолияти таълимӣ низ ворид карда мешавад. Дар ин ҷо дар кӯдакон шаклҳои гуногуни муошират тавассути бозӣ ташаккул меёбад. Дар муассисаҳои зерин педагогҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар машғулиятҳою маҳфилҳо бозӣ ва технологияи бозиро маҳз ба ташаккули рушди маърифатии кӯдакон ва хусусиятҳои инсондӯстӣ равона кунанд. Педагогҳо бояд дарк намоянд, ки дар рафти бозӣ кӯдак дониш мегирад, қобилияташ инкишоф меёбад, шавқмандии маърифатии худро ташаккул медиҳад. Дар таълими иловагӣ технологияи бозӣ аз ҳама технологияи педагогии беҳтарин шуморида мешавад. Ин технология, ки дар асоси он бозии педагогии гузошта шудааст, дар андӯхтани таҷрибаи ҷамъиятӣ хеле матлуб аст. Воқеан, бозӣ дар ҳаёти кӯдак машғулияти асосӣ ба ҳисоб меравад ва дар бозӣ кӯдак худро берун аз хатар, фориғбол ҳис карда, озодии психологиро эҳсос менамояд. Дар ин марказҳо мақсади асосии бозиҳо низ бояд ба он равона гардад, ки кӯдак хурсандию хушҳолиро дар меҳнат ва таълим ҳис кунад.

Яке аз коршиносони маъруфи педагогикаи томактабӣ Ф.Фребел нақши таълимдиҳандагии бозиро аз нигоҳи психологӣ ва динӣ таҳлил намуда, маҷмӯи бозиҳои дидактикӣ-омӯзиширо барои кӯдак коркард намудааст ва онҳоро ба педагогикаи томактабӣ

ворид сохтааст. Ба ақидаи ӯ «раванди бозӣ ин пеш аз ҳама дарёфти намудии сифатҳои худододи инсон дар айёми кӯдак аст. Бо воситаи бозӣ кӯдак худро, асрори ягонагӣ ва гуногунрангии оламро дониста мегирад» [10,с.21], ки ин пеш аз ҳама, дар фаъолияти эҷодӣ ва маърифатии кӯдакон ҳангоми бозӣ зуҳур меёбад. Мо пурра тарафдори акидаи муҳаққиқ буда, зикр менамоем, ки кӯдакон бояд дар дунёи зебоӣ, бозӣ, афсона мусиқӣ, рассомӣ, рӯё ва эҷодиёт ба камол расанд. Парвариш ёфтан дар чунин фазо ба хаёти минбаъдаи кӯдакон таъсири мусбӣ расонида, ба онҳо барои маърифат кардани олами атроф ва азхудкунии дониш, маҳорату малака кӯмак мекунад.

Чуноне, ки болотар зикр намудем, бозӣ ҷанбаи иҷтимоиро низ доро буда, беш аз ҳама барои рушди кӯдак хусусияти иҷтимоӣ дорад. Он ба ҳаёти кӯдак номаълум ворид шуда, хислат ва рафтори кӯдаконро дар ҷамъият муайян карда метавонад. Тавассути бозӣ шахсияти кӯдак ташаккул меёбад. Тавассути бозӣ кӯдак ба ҳаёт мутобиқ шуданро ёд мегирад, бо қоидаю меъёрҳои ахлоқӣ шинос шуда, тарзи иҷрои амалҳои фикриро ташаккул медиҳад. Ҳамаи ин ба кӯдак имкон медиҳад, ки таҷрибаи иҷтимоиро, ки маҳсули офаридаи инсон аст, аз худ намояд.

Қобили зикр аст, тарбияи иҷтимоӣ, ки дар ҷараёни иҷрои амалҳои фикрӣ зуҳур меёбад, асоси ташаккули шахсияти кӯдакро замина мегузорад. Муҳаққиқи соҳа Котибова Ш. роҷеъ ба тарбияи фикрии кӯдакони синни томактабӣ сухан ронда, ибрози ақида намудааст, ки вазифаи асосии тарбияи фикрӣ аз инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак, мустақилияти тафаккур, равнақи фаъолияти фикрӣ, зоҳир намудани муносибати эҷодӣ дар ҳамаи шаклҳои фаъолият ва ташаккули лаёқати кӯдакон иборат аст. Ҳамчунон ифроз дошта мешавад, ки дар тарбияи фикрии кӯдакон кӯдакистонҳо нақши асосиро мебозанд. Вазифаи тарбияи фикрии кӯдакони ин синну сол на танҳо ҳаҷми донишҳо, балки инкишофи шавқу ҳаваси кӯдакон барои дониш гирифтанро низ дар бар мегирад [4,с.12].

Баъдан он, ки мазмуни мақсадноки дар бозӣ мавҷуд буда ба ҳар лаҳзаи бозӣ хусусияти фароғатӣ мебахшад. Кӯдак аз раванди бозӣ дар як вакт ҳаловат гирифта, барои ӯ вазифаҳои педагогии таълимӣ-тарбиявиро хушҳолона ҳал намудан имконпазир мегардад. Яъне, бозӣ ин намуди фаъолияти махсуси кӯдак аст. Барои кӯдак бозӣ кардан ҳамеша хуш аст, дар бозӣ вай як ҳолати хушҳолиро эҳсос менамояд. Ягон намуди фаъолият ба мисли бозӣ асоси мустаҳками органикиро доро нест, зеро бозӣ фаъолиятест, ки худи табиат ба кӯдак тӯҳфа намудааст. Умуман, бозӣ омӯзиши бофароғат маҳсуб меёбад.

Роҷеъ ба ҷанбахои педагогии бозӣ сухан ронда, зикр намудан мумкин аст, ки бозӣ метавонад шакли пешрафтаи технологияи таълимӣ гашта, дар ҳалли проблематикаи умумии педагогӣ, дидактикӣ ва психологӣ накши боризро иҷро намояд. Мутахассисон номгӯи зиёда аз 2000 бозиҳоеро хотиррасон менамоянд, ки дар баланд бардоштани раванди таълиму тарбияи хурдсолон ва баланд бардоштани салоҳияти касбии мутахассисони соҳаи педагогика мавриди истифода қарор доранд. Фаъолияти бозӣ ҳамчун заминаҳои ташаккули гузариш ба фаъолияти зеҳнӣ, яъне ба даври нав мебошад. Ба ибораи дигар гӯем, бозӣ дар худ ҷузъиёти дигар намуди фаъолиятро ифода мекунад, имконияти кӯдакро барои аз худ кардани фаъолияти дигари ноошно бештар менамоянд. Инро низ бояд дар мадди аввал ба назар гирифт, ки дар бозӣ ҳеҷ гоҳ набояд ҷузъиёти ба саломатӣ хатарнок, паст задании қадри кӯдак ҷой дода шавад. Зимни ташкил намудани бозии кӯдакон синну сол, махсусияти инфиродии онҳо ҳатман ба назар гирифта шавад. Яъне, бозӣ бояд бехатар бошад ва ҷузъиёти эстетикӣ дар он риоя гардад ва ҳар лаҳзаи он ба хушҳолии кӯдак мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, бозӣ фаъолияти асосии пешбарандаи бачагони томактабӣ буда, дар ҷараёни он шаклҳои нав ба нави фаъолият, ки гузариши кӯдакро ба синну соли хурди мактабӣ муайян менамояд, ташаккул меёбад. Аҳамияти педагогиву психологии бозӣ дар омили инкишоф, усули олии ташхиси психологӣ-педагогии кӯдак будани он зуҳур меёбад.

**АДАБИЁТ**

1. Выготский, Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте.-М:Просвещение. 1993 с.

2. Иматова, Л.М. Асосҳои методии таҳқиқи инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ.-Душанбе, 2013.-142 с.

3. Иматова, Л., Маҷидова Б., Мирхонова Н. Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак(аз таваллуд то 7(6) солагӣ).-Душанбе, 2012.
4. Котибова, Ш. Моҳияти рушди барвақтии кӯдак аз нигоҳи илми муосири педагогӣ. //Илм ва инноватсия №1 2016(15) с.11-14.
5. Лутфуллоева, П., Каримова, Ш. Истифодаи бозӣ дар забони англисӣ. //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф №2 2019(26) с.74- 81.
6. Макаренко, А.С. Воспитание характера в школе [Текст] // Избр. пед. соч.: В 2 т. / Ред. колл.: В.Н. Столетов (пред.) и др.; Под ред. И.А. Каирова. - М.: Педагогика, 1977. - Т. 1 - 400 с. (АПН СССР. - Пед. б-ка).Захираҳои интернетӣ. Санаи мурочиат: 22.09.2022.
7. Маҷидова, Ҳ. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 1,2.-Душанбе, 2011.
8. Орлова, М. А. Игры для развития творческих способностей / М.А. Орлова. - М.: Лада, 2016. - 160 с. Захираҳои интернетӣ санаи мурочиат: 12.10.2022.
9. Рыбинский, В. Развитие творческого мышления. [Текст] / В. Рыбинский, И. Мельченко. – М., 2002.(захирахинтернетӣ. Санаи мурочиат:22.09.2022
10. Шукурова, Т.А. Дидактическая система активизации познавательной деятельности школьников средствами игры [Текст ] – Душанбе, 2002.
11. Эльконин, Д.Б. Психология игры [Текст]: / Д.Б. Эльконин. - М., 1991.Захирахои интернетӣ. санаи мурочиат:22.09.2022.

## ТАШАККУЛИ ОДАТҲОИ ФАРҲАНГИ МАДАНИЯТИ МУОШИРАТ ДАР МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

***ШЕРОВ Рустамхон Алихонович*** – *омӯзгори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш, Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16,* ***тел.:*** *+(992) 919 50 42 85*

Дар мақола сухан дар бораи чи гуна аз тарафи мактаббачагони хурдсол бошуурона азхуд намудани қоидаю меъёрҳои одатҳои маданияти муошират ва риояи онҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо меравад, ки ин замина барои рушди умумии шахсияти онҳо маҳсуб дониста мешавад. Муаллиф иброз менамояд, ки имрӯз мактаббачаи хурдсол дар иҳотаи таъсиротҳои гуногуни қавии ҳам мусбат ва ҳам манфӣ зиндагӣ мекунаду инкишоф меёбад. Ҳар рӯз ба ақлу ҳиссиёти кӯдаки ноболиғи ҳанӯз аз ҷиҳатит ахлоқӣ ташаккулнаёфта маълумотҳои гуногун ворид мешаванд. Аз ин ру, дар назди муаллимон ва падару модарон вазифа меистад, ки хотира ва тасаввуроти бачагонро ғанӣ гардонанд, таҷрибаи рафторҳои ахлоқиии онҳоро ташаккул диҳанд ва ба ин васила ба азхудкунии бошууронаи фарҳанги маданияти муошират онҳо замина гузоранд.
Яке аз роҳҳои ташаккули фарҳанги муоширати маданӣ бо мактаббачагони хурдсол ин ташкилу гузаронидани машқҳои амалӣ маҳсуб дониста мешавад. Дар ин бора дар мақола тавсияҳои судманд пешниҳод шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *мактаббачагони хурдсол, фарҳанги муошират, омӯзгор, инкишофи ахлоқӣ, рафтори ахлоқӣ, хушмуомилагӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ПРИВЫЧЕК КУЛЬТУРНОГО ОБЩЕНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

***ШЕРОВ Рустамхон Алихонович*** – *преподаватель кафедры педагогики Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16,* ***тел.:*** *+(992) 919 50 42 85*

В статье говорится о том, как младшие школьники осознанно овладевают правилами и нормами культуры общения и соблюдение их в своей повседневной деятельности, что считается основой общего развития их личности. Автор указывает, что сегодня юный

школьник живет и развивается в окружении различных сильных воздействий, как положительных, так и отрицательных. Ежедневно в сознание и чувства несовершеннолетнего ребенка, еще не сформированного нравственно, поступает различная информация, поэтому долг педагогов и родителей - обогащать память и воображение детей, формировать опыт их нравственного поведения и тем самым закладывать основу для сознательного усвоения ими культуры их общения.

Одним из способов формирования культуры общения с младшими школьниками является организация и проведение практических занятий. В связи с этим в статье даны полезные рекомендации.

***Ключевые слова:*** *младшие школьники, культура общения, учитель, нравственное развитие, нравственное поведение, вежливость.*

## FORMING CULTURAL COMMUNICATION HABITS JUNIOR SCHOOL CHILDREN

***SHEROV Rustamkhon Alihonovich*** *– lecturer department of pedagogy Kulyab State University named after Aboabdulla Rudaki, Kulyab, st. Safarova, 16,* ***phone:*** *(+992) 919 50 42 85.*

The article talks about how younger students consciously master the rules and norms of the culture of communication and their observance in their daily activities, which is considered the basis of the overall development of their personality. The author points out that today a young student lives and develops surrounded by various strong influences, both positive and negative. Every day, different information enters the consciousness and feelings of a minor child who has not yet been morally formed. Therefore, the duty of teachers and parents is to enrich the memory and imagination of children, to form the experience of their moral behavior and thereby lay the foundation for their conscious assimilation of the culture of their communication.

One of the ways to form a culture of cultural communication with younger students is to organize and conduct practical classes. In this regard, the article provides useful recommendations.

***Key words:*** *junior schoolchildren, communication culture, teacher, moral development, moral behavior, politeness.*

Имрӯз мактаббачаи хурдсол дар иҳотаи таъсиротҳои гуногуни қавии ҳам мусбат ва ҳам манфӣ зиндагӣ мекунаду инкишоф меёбад. Ҳар рӯз ба ақлу ҳиссиёти кӯдаки ноболиғи ҳанӯз ташаккулнаёфта маълумотҳои гуногун ворид мешаванд. Аз ин ру, дар назди муаллимон ва падару модарон вазифа меистад, ки хотира ва тасаввуроти бачагонро ғанӣ гардонанд, таҷрибаи рафтори ахлоқии онҳоро ташаккул диҳанд ва ба азхудкунии бошууронаи мазмуни меъёрҳои асосии пешбарандаи муоширати ахлоқӣ кумак расонанд.

Ташаккули одатҳои фарҳанги муошират дар оила ва мактаб дар мактаббачагони хурдсол кӯшиши ҷиддитарро талаб мекунад. Дар синни хурди мактаб ташаккули одатҳои фарҳанги муошират мувофиқи сатҳи афзоиши инкишофи кӯдакон сурат мегирад. Кӯдакон дар ҷараёни бозӣ, фаъолияти таълим ва намудҳои гуногуни фаъолияти коллектив донишҳои нави ахлоқӣ мегиранд. Ин омили муайянкунандаи мактаббачагони хурдсол барои азхуд намудани одатҳои фарҳанги муошират мебошад.

Синну соли хурди мактабӣ, синну солест, ки дар он пояҳои дӯстӣ, меҳрубонӣ, бофазилатӣ, рафоқат, ростқавлӣ гузошта шуда, минбаъд ин сифатҳои ахлоқӣ амиқтар ва мустаҳкамтар мегарданд. Кӯдакон мунтазири талаби муаллим нашуда, қоидаву меъёрҳои ахлоқиро ба осонӣ меомӯзанд ва мувофиқи он амал мекунанд. Худи онхо кушиш мекунанд, ки ба амалиёти якдигар таъсир расонанд. Масалан, агар яке аз ҳамсинфон хурдсолонро ранҷонад, дар ин бора ба муаллим арз мекунанд; дар вакти экскурсия касе тартиботро вайрон кунад, рафиқон эрод мегиранд ва дар ин бора фавран ба муаллим хабар медиханд; яке аз хонандагон хангоми дарс бо овози баланд гап занад, ӯро фавран бозмедоранд ва ғайра.

Аз тарафи мактаббачагони хурдсол бошуурона азхуд намудани қоидаю меъёрҳои одатҳои маданияти муошират ва риояи онҳо дар фаъолияти амалӣ шарти асосии инкишофи ахлоқии онҳо ба ҳисоб меравад. Мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки мактаббачагони хурдсол зуд дарк мекунанд, ки онҳо бояд чигуна меъёрҳои ахлоқиро омӯзанд, то тибқи қоидаҳои муқарраршуда дар мактаб ва хона амал кунанд.

Хусусиятҳои ташаккули одатҳои фарҳанги муошират дар байни мактаббачагони хурдсол инчунин дар он зоҳир меёбад, ки онҳо наметавонанд ҳама вақт бархӯрди меъёрҳои ахлоқиро дуруст дарк кунанд. Раванди ташаккули одатҳои фарҳанги муошират дар байни мактаббачагони хурдсол аз он вобаста аст, ки онҳо он меъёрҳои дигари ахлоқиро чи гуна фарқ ва дарк карда метавонанд. Ин раванд бештар дар интихоби мустақилонаи рафтор зоҳир мегардад. Маҳз дар ҳамин ҳолат мактаббачагони хурдсол амалҳои худро дарк мекунанд ва баҳо медиҳанд, онҳоро бо амали ҳамсафони худ муқоиса мекунанд. Мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти худ ҳангоми интихоби рафторҳои ахлоқӣ ба душвориҳои зиёд дучор мегарданд ва бояд худашон бо донишҳои азхудкардаи ахлоқӣ онҳоро мустақилона ҳал кунанд.

Мактаббачагони хурдсол дар ҳаёти худ ҳамарӯза маълумоти зиёдеро дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ ва мутаносибан дар бораи одатҳои фарҳанги муошират аз худ мекунад. Табиист, ки меъёрҳои ахлоқиро ба пуррагӣ ва мустақилона аз худ кардан, барои мактаббачагони хурдсол душвор аст, гарчанде ки онҳо дар умум меъёрҳои ахлоқиро дарк мекунанд (дар сатҳи худ), вале на ҳамеша тибқи он меъёрҳо амал мекунанд.

Чунон ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, мактаббачагони хурдсол ҳануз аз шумораи зиёди меъёрҳои ахлоқӣ меъёрҳои асосӣ ва пешбарандаро пурра ҷудо карда наметавонанд. Дар ҷараёни муоширати маданӣ ва муносибати байни одамон инкишофи фарҳанги муошират ба амал меояд. Аз ин рӯ, кӯдаконро аз қадамҳои аввалини ҳаёт, аз хурдсолӣ ба қоидаҳои оддии фарҳанги муошират одат кунонидан хеле зарур аст. Вобаста ба ин, В.А. Сухомлинский дар китоби худ «Суҳбат бо директори ҷавони мактаб» аҳамияти аз ҷониби кӯдакон дарк кардани маънои мафҳумхои «даркор», «мумкин нест», «мумкин аст»-ро зикр намудааст. Фаҳмидану дарк кардани ин ҳақиқатҳои ахлоқӣ ва дар ҳаёт риоя кардани онхо аз маданияти баланди ахлоқӣ гувоҳӣ медиҳад». Ҳамзамон, ин олими барҷаста қайд мекунад, ки «ба як манъкуние, ки шумо ба тарбиягирандаи худ пешниҳод мекунед, бояд даҳҳо амали ҳидояткунанда низ бо амали фаъол сурат гирад. Барои он ки инсон фаҳмад, ки пас, «мумкин нест», вай бояд ба он эътиқодманд гардад, ки «даркор», ва «зарур» чиро ифода мекунанд [7, с.132].

Дар тарбияи фарҳанги муошират фаҳмондадиҳӣ ва машқ истифода мешаванд, вале усули пешбаранда машқ аст. Дар машқҳои мунтазам ва гуногун дар кӯдакон на танҳо малака ва одатҳои фарҳанги муошират инкишоф меёбад, балки дар айни замон муносибати онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон васеъ мегардад. Дар назар доштан лозим аст, ки таҷрибаи хаёти шахсии муоширати мактаббачагони хурдсол хануз бой нест ва ин ба онхо имконият намедихад, ки дар вазъияту шароитхои гуногуни ҳаётӣ роҳи дурусти рафтори ахлоқиро интихоб кунанд. Аз ин рӯ, «хеле муҳим аст, ки ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи мактаббачагон гуногунранг, пурмазмун, бо корҳои дарки ҳодисаҳои иҷтимоӣ ғанӣ гардонида шуда, дар асоси муносибатҳои баланди ахлоқй бунёд карда шавад» [4, с. 97].

Маданияти муоширати хонандагони синфҳои ибтидо чи гуна аст? Инҳо муносибатҳои хубу дӯстона бо рафикон, тайёр будан ба иҷрои қидахои хонандагонии синфхои 1-4; ғайратманд, озода, хушмуомила, дақиқ будан, ба рафикон ёрй расондан, беҳтар хондан, падару модаронро эҳтиром кардан ва дӯст доштан. Аввалин машқҳои ташаккули малакаҳои фарҳанги муошират дар мактаббачагони хурдсол аз риояи қоидаҳои одоб оғоз мегарданд:

1. Боодоб бошед. Хушмуомилагӣ ин қобилияти тарзи рафторест, ки дигарон аз ту хушнуд гарданд.

2. Ҳамеша боилтифот бошед: вақте вохӯрдед, салом гӯед; ташаккур барои кӯмак ва ғамхорӣ гӯед.

3. Вақте ки шумо меравед, хайрбод гуфтанро фаромӯш накунед.

3. Ба одамони калонсол, бемор ва хаста дар нақлиёти ҷамъиятӣ ҷой ва роҳ диҳед, кӯшиш кунед, ки ин корро боадабона анҷом диҳед, на барои намоиш.

4. Ба афтидагон барои хестан кумак кунед. Ба пиронсолон, нотавонҳо, нобиноён кӯмак кунед, то аз роҳ гузаранд. Ва ин корро самимона, аз сидқи дил, бо меҳрубонӣ, чеҳраи кушода ба ҷо оред.

5. Ҳамеша дар соати таъиншуда ҳозир шавед.

6. Вақте ки шумо аз хона берун мешавед ва гӯед, ки ба куҷо меравед.

7. Инҷиқ нашавед. Ин амали шумо метавонад табъи дигаронро хира кунад, боиси изтироби онҳо гардад [5, с. 81–82].

Азбаски сухан дар бораи усули тарбияи муошироти мадании хонандагони синфҳои ибтидо меравад, хусусиятҳои асосии муошироти фарҳанги рафтори хонандагони ин синну солро бояд қайд кард. Инҳо маданияти интизом, маданияти гуфтор, маданияти рафтор дар мактаб, дар кӯча, рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, меҳмонӣ ва ғайра мебошанд.

Доимо ба мактаббачагони хурдсол фаҳмондан лозим аст, ки хонандаи бомаърифат коидаҳои ахлоқро риоя мекунад ва ҳеч гоҳ рафиқони худро хафа намекунад, ба муаллимон, шиносҳо, рафиқон салом медиҳад ва дар айни замон ба чеҳра нигоҳ мекунад. Агар шогирд дар ҳуҷра, дар хона, дар синфхонае, ки бузургон меравaнд, бояд аз ҷояш бархезад, салом гӯяд, агар шахси калонсол ба ӯ даст диҳад, бо ӯ салом кунад. Дар вақти сӯҳбат овозашро баланд намекунад, сухани ҳамсӯҳбатро намебурад, дағалӣ намекунад. Гуфтани суханҳои боилтифотонаи «ташаккур», «марҳамат», «хуш омадед» ва ғайраҳоро набояд фаромӯш кунад.

Муаллим дар чараёни кори худ сабабхои рафтори ношоистаи шогирдонашро муайян мекунад:

– дониши нокифоя дар бораи қоидаҳои одоби нутқ дар кӯдак;

– муносибати нодуруст ба кор, нотавон ба кор;

– рафтори бад;

– беэътиноӣ нисбат ба омӯзгорон, падару модарон ва ҳамсолон.

Омӯзгор аз рӯзҳои аввали ба мактаб омадани хонандагон бояд кушиш намояд, ки ин нуқсонҳои рафтори хонандагонро бо роҳи иҷрои чорабиниҳои пешбинишуда бартараф намояд: сӯҳбат бо падару модарон; аёдати хонандагон дар хона; тарбия намудани шавқу ҳаваси хонандагон ба хондан ва ғайра.

Кӯдакон бояд фарҳанги муошироти маданиро омӯзанд, аммо барои ин бояд донист, ки бо кадом роҳ ва чӣ гуна тарбия бояд кард. Ҳар як дарс дар мактаб то андозае дарси тарбияи ахлоқ аст. Вазифаи мактаб ва падару модарон аз он иборат аст, ки ҳар як сухану рафтори мазмуни тарбиявидошта ба қалби хонандагон абадӣ дохил шавад.

Дар раванди фарҳанги муошироти мадании мактаббачагони хурдсол муҳити зист ва муҳити оилавӣ нақши муҳим мебозад: тозагӣ ва тартибот дар хона, ташаккули муносибатҳои хуби аъзоёни оила, хусусияти кори аъзоёни оила ва ғайра. Мутаассифона, дар байни падару модарон ҳануз ҳам одамоне ёфт мешаванд, ки на ба гуфтори фарзандонашон ва на ба гуфтори худашон эътибор медиханд. Ҳар як аъзои оила бояд қоидаҳои муайяни фарҳанги муоширатро бо кӯдакон риоя кунанд, на ин ки кӯдакро бо қаҳру ғазаби худ беҷуръат тарбия намоянд.

Бояд гуфт, ки муошироти нутқ дар ташаккули фарҳанги муошироти мадании мактаббачагони хурдсол аҳамияти калон дорад. Тархрезии нутқ чизи асосӣ аст, зеро сухан такмили доимиро талаб мекунад. Бе сухани хуб инкишофёфта муошироти воқеӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар кори тарбияи нутқи мадании хонандагони синфхои ибтидоӣ ба омӯзгор кадом техника ва усулҳои тарбиявӣ ёрӣ мерасонад? Омӯзгор мефаҳмад, ки бо як усул муваффақият ба даст овардан мумкин нест, новобаста аз он ки он то чӣ андоза самаранок аст. Вай дар ин низом ба машқҳои услубӣ, машқҳои бозӣ бартарӣ медихад. Омӯзгор бояд ба оҳанги нутқи хонандагон, имову ишораи онхо, ифодаи хониш диққати калон диҳад.

Омӯзгор аз бисьёр ҷиҳат дар инкишофи нутқи мадании хонандагон дар баҳсҳо, ташкили мубоҳиса оид ба масъалаҳои ҳаяҷоновар ёрӣ мерасонад.

Дар низоми воситаҳои тарбияи маданияти баланди нутқи хонандагон навиштани иншо, ташкили маҳфилҳо, мутолиаи адабиёти бадеӣ мавқеи махсусро касб мекунад. Дар тарбияи фарҳанги суханронии хонандагон мавзӯҳои дарсҳои тарбиявӣ нақши муҳим мебозанд.

Бояд гуфт, ки дар ташаккули фарҳанги муошırати мадании хонандагони синфҳои ибтидоӣ ибрати шахсии омӯзгор, намуди зоҳирии ӯ, хусусияти муносибати ӯ бо дигар омӯзгорон, падару модарон нақши муҳим мебозад. Муаллим бояд барои хонандагон намуна олии фарҳанги рафтор бошад, то ки хонандагон ба хислатҳои неки ӯ тақлид кунанд. Муносибати бад, асабоният нисбат ба кӯдакон ба тарбияи фарҳанги муошırати мадании мактаббачагони хурдсол таъсири манфӣ мерасонад. Агар дар мактаб ҳама чиз ба ривоҷи муносибатҳои маданӣ мусоидат кунад, пас дар ин коллектив дар мактаббачагони хурдсол ташаккули чунин хислатхои мусбии ахлоқӣ, ба монанди рафоқт, дустӣ, хислатҳои ҳозирҷавобӣ, шафқат, хоксорӣ ва ғайра осонтар мешавад. Бинобар ин, дар коллективи педагогии мактаб мазмуну усулхои тарбияи муошırати мадании байни мактаббачагони хурдсолро муайян кардан лозим аст, Коллективи омӯзгорон бояд ба тарбия ва маданияти муошırати байни мактаббачагон диққати махсус диҳанд.

Бояд гуфт, ки тарбияи муошırати мадании мактаббачагони хурдсол бо ташаккули малакаҳои рафтори ахлоқӣ зич алоқаманд аст. Дар ҷараёни ташаккули малакаҳои рафтори ахлоқӣ хамкории одамон зоҳир мегардад, мубодилаи таҷрибаи меҳнатӣ ва ҳаётӣ, қаноатмандии маънавӣ ба амал меояд.

Масъалаи ташаккули малакаҳои рафтори ахлоқии мактаббачагони хурдсол вазифаи мураккаб ва масъулиятнок мебошад. Пештар дар байни одамон чунин ақида вуҷуд дошт, ки таҷриба ва маҳорати рафтори ахлоқӣ дар одам хеле дер пайдо мешавад, дараҷаи баланди онро танҳо дар калонсолӣ мушохида кардан мумкин аст. Чунин ақидае низ мавҷуд аст, ки «Ӯ ҳануз кӯдак аст, ҳоло намефаҳмад. Вақте ки ӯ калон шавад, мефаҳмад». Агар волидайн ва мураббиён чунин беэътино кунанд, кӯдак ба камол расида, дар ӯ чунин одатҳои бад, аз қабили беодобӣ, бераҳмӣ, бепарвоӣ ва ғайра пайдо мешаванд.

Натичаҳои таҳқиқотҳои мо имкон медиҳанд, ки оид ба таҷрибаи тарбияи муошırати маданиятӣ дар байни мактаббачагони хурдсол хулосаҳои муайян барорварда шавад.

Дар охири синни мактаби ибтидоӣ дар натиҷаи корҳои доимии тарбиявӣ ва машқҳои ахлоқ мактаббачагони хурдсол нисбат ба ҳамсолони худ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, ки калонсолон ва баъдтар ҳамсолони онҳо ба ин ҷавоби мусбат медиҳанд. Сониян, дар синни хурди мактабӣ ташаккули малакаҳои муошırати фарҳангии рафтори ба онҳо мувофиқ ба андозаи сатҳи инкишофи кӯдакон сурат мегирад. Мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни бозӣ, машғулиятҳои тарбиявӣ ва дигар шаклҳои кори ҷамъиятӣ донишҳои нави ахлоқӣ ба даст меоранд ва ин омил дар ғанӣ гардондани таҷрибаи фарҳанги муошırати мадании мактаббачагони хурдсол аҳамияти бағоят калон дорад.

Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки ташаккули малака ва одатҳои фарҳанги мадании мактаббачагони хурдсол дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1. Худбоварӣ ба хонандагони хурдсол имкон намедихад, ки тарзи дурусти фарҳанги муошırати маданиро дар шароити муайян интихоб кунанд.

2. Синну соли хурди мактабй бо тақлид зич алоқаманд аст, ки дар бисёр ҳолатҳо эҳсосот ва рафтори одамони дигар ба рафтору эхсоси хонандагон таъсир мерасонад. Кӯдакон аксар вақт кӯшиш мекунанд, ки рафтори калонсолон, волидон ва муаллимони худро тақлид кунанд.

3. Ташаккули малака ва фарҳанги муошırати мадании мактаббачагони хурдсол ба баланд бардоштани савияи дониши онҳо оид ба ахлоқ вобаста аст. Дар натиҷаи мунтазам баланд шудани дараҷаи ин дониш рафтору кирдорхои номуташаккили мактаббачагони хурдсол ба хислатхои мусбат табдил меёбанд.

5. Тарбия ва ташаккули малакаи одат ва фарҳанги муошırати мадании мактаббачагони хурдсол ба маҳдуд будани таҷрибаи ҳаётии онҳо вобастгӣ дорад.

7. Тарбияи фарҳанги муошırати мадании мактаббачагони хурдсол ба тағйир ёфтани мавқеи иҷтимоии онҳо вобаста аст. Масалан, тарзи муошırат ва рафтори хонандагони хурдсол пеш аз омадан ба мактаб аз фазои хона ва боғча вобаста аст.

8. Мактаббачагони хурдсол ҳанӯз наметавонанд ба рафтори худ аз назари интиқодӣ баҳо диҳанд. Мушкилии ташаккули фарҳанги муошırати мадании мактаббачагони хурдсол нисбат нисбат ба наврасон дар он аст, ки онҳо пурра дарк карда наметавонанд, ки рафтори онҳоро ислоҳ кардан лозим аст.

9. Бо вуҷуди он, ки синну соли хурди мактабӣ ҷиҳати аз худ намудани малакаи ташаккули фарҳанги муошırати маданӣ сермаҳсултарин маҳсуб дониста мешавад, бо вуҷуди ин, на ҳамаи кӯдакон ва на ҳамеша мувофиқи ин қоидаву меъёрҳо рафтор мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Адамова, А.Г. Духовно-нравственное воспитание младших школьников во внеучебной деятельности на основе системного подхода [Текст]: автореф. дис. … канд.пед.наук. – М, 2008. – 17 с.
2. Азбука нравственного воспитания: Пособие для учителя / Под ред. И.А. Каирова и О.С. Богдановой.-3-е изд., перераб. и доп.– М.: Просвещение, 1979. – 318 с.
3. Айдарова, Л.И. и др. Мир детства: /Млад. Школьник / [Текст] Л.И. Айдарова, М.В. Андропова, К.В. Бардин и др. Сост. Л.В. Захарова, В.И.Слободчиков/. Редкол.: А.Г. Хрипкова и др. – М.: Педагогика, 1981. – 399 с.
4. Богданова, О.С., Петрова В.И. Воспитание культуры поведения учащихся 1 – 3 классов. – 2-е изд., испр. / [Текст] О.С. Богданова, В.И. Петрова – М.: Просвещение, 1978. – 159 с.
5. Гулмадов, Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. / [Матн] Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон, 2015 – 297 с.
6. Лутфуллозода, М. Чаҳоргонаи тарбия. / [Матн] М. Лутфуллозода Душанбе, 2022. – 400 с. Рахимов, Б. Воспитание навыков и привычек культурного поведения у детей младшего школьного возраста в таджикской семье [Текст]: автореф. дис. … канд. пед. наук. – Душанбе, 1963.– 80 с.
7. Сухомлинский, В.А. Избр. пед. соч. В 3-х т. Т.1 [Текст] / – М.: Педагогика, 1979. – 560 с.


## АФСОНА - ВОСИТАИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ҲИССӢ-ИРОДАВӢ ВА ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ-МАЪНАВИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***ФАЙЗИЕВА Ҳанифахон Аюбовна*** *– омӯзгори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.* ***E-mail:*** *hanifakhon.96@mail.ru.*

Ташаккули ҷомеаи солим дар ҳама давру замон ба таҷрибаву таҳқиқи навини тарбияи насли кӯдаку наврас ниёз дорад. Солимии ҷомеаро аз тарзи дурусти муносибат ба ташаккули шахсияти кӯдакон вобаста донистан аз имкон дур нест. Ташаккули ҳиссӣ-иродавӣ ва тарбияи ахлоқӣ - маънавии кӯдакон дар баробари таъсири калонсолон низ аз афсонаву ҳикоя ва панду ҳикматҳо вобастагии калон дорад. Мақолаи омодашуда ба яке аз самтҳои тарбияи ахлоқӣ - маънавии кӯдакону наврасон равона карда шудааст. Дар мақола аз афкори мутахассисони соҳавӣ ва мутафаккирони тоҷик самаранок истифода шудааст.

Мақолаи мазкур пеш аз ҳама ба ташаккули тарбияи маънавӣ –ахлоқӣ кӯдакон тавассути афсона нигаронида шудааст. Ҳамчунин дар мақола фарҳанги суннатии мардум, барои омӯхтани решаҳои башар ба таври васеъ нишон дода шудааст. Ба хусус таҳлили жанри афсона, ки яке аз воситаҳои муҳими тасвири рӯзгори инсонӣ мебошад, дар мақола нақши муҳимро ишғол мекунад. Ба ҳисоб гирифтан ва муайян намудани шароит ва хусусиятҳои ташаккулёбии ахлоқии кӯдакон моҳияти мақолаи мазкурро дар бар мегирад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *афсона, тарбияи ахлоқ, тарбия, инкишоф, шахсият, тарбияи маънавӣ, коллектив, шуур, тарбияи эстетикӣ, ҷамъият, этика.*

## СКАЗКА - ГЛАВНОЕ СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ ЭМОЦИОНАЛЬНО-ВОЛЕВОГО И НРАВСТВЕННО - ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

***ФАЙЗИЕВА Ханифахон Аюбовна*** *– преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р.. дом 1.* ***E- mail:*** *hanifakhon.96@mail.ru.*

Во все времена формирование здорового общества требует нового опыта и исследований в области воспитания детей и подростков. К правильному подходу к развитию личности ребенка можно отнести здоровье общества. Эмоционально-волевое

становление и морально-духовное воспитание детей, помимо влияния взрослых, также зависит от сказок, рассказов и советов. Статья посвящена одному из направлений нравственного и духовного воспитания детей и подростков. В статье эффективно используются мнения отраслевых экспертов и таджикских мыслителей.

Данная статья в первую очередь направлена на формирование духовно-нравственного воспитания детей через сказки. В статье также дается широкий обзор традиционной культуры народа, с целью изучения корней человечества. В частности, важную роль в статье играет анализ жанра сказки, который является одним из важнейших средств изображения человеческой жизни. Суть данной статьи - учесть и определить условия и особенности нравственного становления детей.

***Ключевые слова:*** *сказка, нравственное воспитание, воспитание, развитие, личностиь, духовное воспитание, коллектив, сознание, эстетическое воспитание, общество, этика.*

## A FAIRY TALE IS THE MAIN APPROACH OF FORMING AN EMOTIONAL - AMBITIONALLY AND MORAL UPBRINGING OF PRIMARY SCHOOL CHILDREN

***FAYZIEVA Hanifakhon Ayubovna*** *– lecturer at the department of social and professional pedagogy department of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E- mail:*** *hanifakhon.96@mail.ru.*

All the time the formation of a healthy society requires new experience and research in the field of raising children and adolescents invariably. The correct approach in development of a child's personality can be concern the health of society. The emotional and arbitrary formation, moral and spiritual education of children, which has influences on adults, also depends on fairy tales, stories and advice. The article is devoted to one of the directions of moral and spiritual education of children and adolescents. There can be effectively used the opinions of sphere experts and Tajik thinkers.

The given article is devoted to the formation of spiritual and moral education of children through fairy tales. There are also given wide analyses of the traditional culture of the people, with the purposes of studying the roots of mankind. In particular, there is paid attention to the analysis of the fairy tale genre, which is one of the most important ways of depicting human life, plays an important role that mentioned in the article. The essence of this article is to take into account and determine the conditions and features of the moral formation of children.

***Keywords****:* *fairy tale, moral education, education, development, personality, spiritual education, collective, consciousness, aesthetic education, society, ethics.*

Яке аз шартҳои асосии тарбия ва камолоти маънавии инсон омӯхтани илму дониш мебошад. Вақте ки инсон аз донишҳои гуногуни замона баҳра мебардорад, дар навбати худ аввал худро мешиносад ва баъдан ба фалсафаи зиндагӣ ва арзишҳои фарҳанги башарӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд [ 10, 21].

Тарбияи ахлоқӣ ин такон ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкориву ҳалолхӯрӣ, бо адлу инсоф, саховатманд будан ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи дигар унсурҳои тарбияи миллӣ дар худ ғояҳои ахлоқию маънавӣ доранд. Ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро ба ҳам мепайванданд ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад.

Ҷомеаи фарҳангдӯсту маърифатпарвари мо, аз ҷумла олимон дар радифи нобиғаҳо яке аз бузургтарин шахсиятҳои гузаштаи мо –Абулқосим Фирдавсиро меҳисобанд, ки бо таълифи “Шоҳнома” дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун шоири тавоно муаррифӣ

гардидааст. Мағз андар мағзу ҷавҳари ин асар ва ғояи марказияшро масъалаҳои ахлоқӣ, тарбияи шахс, муттаҳидиву ягонагӣ, ростиву ватандӯстӣ, адолатхоҳӣ ташкил медиҳанд.

Омӯзиши ин асар, ки Фирдавсиро ҳамчун ҳакиму фарзона ва устоди ахлоқ муаррифӣ намудааст, насли имрӯзи моро ҳам новобаста ба синну сол дар руҳияи ахлоқи ҳамида тарбия менамояд [4, с. 316].

6) Формирование положительной мотивации: учитель должен помочь студентам увидеть важность изучаемого предмета, его применение в реальной жизни, а также показать, что овладение им может открыть новые возможности для их личностного роста. Педагогические условия, которые могут помочь формированию познавательного интереса у студентов, могут включать следующие аспекты:

а) Индивидуализация обучения: учитывание индивидуальных особенностей и интересов каждого студента позволяет более эффективно формировать их познавательный интерес. Для этого необходимо использовать разнообразные методы и формы обучения, подходить к каждому студенту индивидуально и создавать для них условия для самостоятельной работы и исследования.

б) Активное использование интерактивных методов обучения: такие методы, как метод проектов, метод исследований, метод дискуссии и другие, могут помочь привлечь студентов к учебному процессу и сделать его более интересным и практически значимым.

в) Связь учебного материала с реальной жизнью: создание связи между теорией и практикой может помочь студентам понимать значимость изучаемых предметов и заинтересоваться их изучением. Для этого можно использовать примеры из реальной жизни, кейсы, учебные проекты и т.д.

г) Привлечение студентов к научной деятельности: организация научных конференций, семинаров, мастер-классов и других научных мероприятий может помочь студентам проявить свой интерес к изучаемым предметам и развить свои научные интересы.

д) Создание благоприятной атмосферы для обучения: педагог должен создавать атмосферу доверия и уважения, которая будет способствовать развитию познавательного интереса студентов. Важно также обеспечить комфортные условия для обучения, как в аудитории, так и вне ее.

е) Поощрение и поддержка самостоятельной работы студентов: студенты должны быть стимулированы к самостоятельному изучению предмета, к поиску и анализу информации, к развитию критического мышления. Для этого педагог должен организовывать индивидуальные и групповые задания, поддерживать дискуссии и способствовать формированию навыков самостоятельной работы.

Усиление повышения качества изучения языка будет более успешным, если на занятиях будут использоваться новые подходы в обучении и преподавании, что положительно повлияет на учебную и эмоциональную сферу студентов и заметно повысится качество знаний обучающихся.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Капустина, Н. Г. Познавательные интересы младших школьников //Начальная школа плюс До и После. – 2005. – № 02. – С. 3-7.

2. Булатова, О.В. Познавательный интерес в структуре общей способности к учению в младшем школьном возрасте. //Начальная школа плюс До и После. – 2009. – № 11. – С. 78-81.

3. Талызина, Н.Ф. Психология детей младшего школьного возраста: формирование познавательной деятельности младших школьников: учебное пособие для академического бакалавриата /Н.Ф. Талызина. - 2-е изд., пер. и доп. - М.: Издательство Юрайт, 2018. - 172 с.

4. Тимошкина, Н.В., Захарова, А.А. Развитие основных мыслительных операций у студентов в процессе изучения окружающего мира /Теоретико-методологические и практические проблемы развития психологии и педагогики. – 2017. – С. 149-151.

5. Щукина, Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов студентов / Г.И. Щукина. – Москва: Педагогика, 1988. – 208 с. Психология. Словарь. Изд.2-е, исправ. и доп. [Текст] / Под ред. А.В. Петровского и М.Т. Ярошевского.– М.: Политиздат, 1990.–494 с.

6. Фишер, В.Я., Кухар, М.А. Литературное развитие детей дошкольного возраста в условиях обновленного образования // Вестник Томского государственного педагогического университета. 2014. № 11(152). С. 147-152.

7. Флерина, Е.А. Эстетическое воспитание дошкольника. М.: Букинистическое издание, 1961. 334 с.

8. Харламов, И.Ф. Педагогика. М.: Гардарики, 2007. 520 с.

**УДК 37.014.5:37.015.31**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МАФҲУМҲОИ ИЛМӢ ВА ДОНИШҲОИ ТАҶРИБАИ ҲАЁТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

***ГУЛМАДОВ Файз*** *– доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи пеедагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 63 67 34*

***НОСИРОВ Саъдулло Шукулоевич*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14.* ***E-mail:*** *nosirov1965@mail.ru, тел.: +(992) 93 531 17 71*

Дар мақола асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ ва донишҳои таҷрибаи ҳаётии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон масъалаи мафҳумҳои илмӣ ва проблемаи омӯзишу азхудкуниро баррасӣ намуда, нақши онҳоро дар ташаккули донишҳои илмӣ, малакаҳои зеҳнӣ, тафаккур ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон нишон додаанд.

Ба андешаи муаллифон, ба роҳ мондани омӯзишу азхудкунии назарияҳо, ғояҳо, қоидаҳо ва мафҳумҳои илмӣ дар инкишофи зеҳн ва болоравии сатҳу сифати дониши хонандагон нақши калидӣ мебозанд. Аммо, мутаассифона, зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, иштирок ба дарсҳои муаллимон ва таҳлили илмии онҳо ошкор гардид, ки дар дарсҳо ба назарияи фанни таълимӣ, махсусан фанҳои ҷомеашиносӣ диққати кам дода мешавад.

Муаллифон бар он назаранд, ки моҳиятан аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ барои таълими бомуваффақият, алалхусус барои инкишофи тафаккури ақлонию зеҳнӣ, ташаккули донишу ҷаҳонбинии илмии хонандагон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва пурмазмунии он заминаи устувор мегузорад. Аксарияти мафҳумҳое, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои гуманитарӣ аз худ карда мешаванд, ба толибилмон кумак мерасонанд, то моҳияти зуҳуроту равандҳои ҷомеаро амиқ дарк созанд. Бо ин васила ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорату малака ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва билохира, самарабахшии фаъолияти таълимӣ таъмин мегардад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *мафҳумҳои илмӣ, мафҳумҳои ҳаётӣ, қонунҳои илмӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои назариявӣ, дониш, маҳорат, малака ва қобилиятҳои зеҳнӣ, тафаккури эҷодии хонандагон.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ ПОНЯТИЙ И ЖИЗНЕННЫХ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ СТАРШИХ КЛАССОВ

***ГУЛМАДОВ Файз*** *– доктор педагогических наук, заведующий отделом педагогики и современного образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни, 126.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 63 67 34*

***НОСИРОВ Саъдулло Шукулоевич*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных наук Таджикского государственного финансово-экономического университета.* ***E-mail:*** *nosirov1965@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 531 17 71*

В статье исследованы теоретические основы формирования научных представлений и знаний о жизненном опыте учащихся старших классов общеобразовательных учреждений. Авторы рассмотрели вопрос о научных понятиях и проблему обучения и усвоения, показали их роль в формировании научных знаний, интеллектуальных умений, мышления и научного мировоззрения учащихся.

По мнению авторов, установление обучения и усвоение теорий, идей, правил и научных понятий играют ключевую роль в развитии интеллекта и повышении уровня и качества знаний учащихся. Однако, к сожалению, в ходе экспериментальной работы, участия в педагогических занятиях и их научного анализа было выявлено, что теории учебных предметов, особенно обществознанию, уделяется мало внимания.

Авторы считают, что существенное овладение научными понятиями закладывает прочный фундамент успешного обучения, особенно развития интеллектуального и интеллектуального мышления, формирования у учащихся научных знаний и мировоззрения, повышения уровня и качества образования и его осмысленность. Большинство понятий, усвоенных при изучении гуманитарных наук, помогают учащимся глубоко понять сущность проявлений и процессов общества. Таким образом обеспечивается формирование интеллектуальных знаний, умений и творческих способностей учащихся и, в конечном счете, эффективность учебной деятельности.

***Ключевые слова:*** *научные понятия, жизненные понятия, научные законы, научное мировоззрение, теоретические знания, умения, навыки и интеллектуальные способности, творческое мышление учащихся.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS FOR THE FORMATION OF SCIENTIFIC CONCEPTS AND LIFE KNOWLEDGE OF HIGH SCHOOL STUDENTS

***GULMADOV Faiz*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Pedagogy and Modern Education of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni Str. 126.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 919 63 67 34*

***NOSIROV Sadullo Shukuloevich*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities, Tajik State University of Finance and Economics, Dushanbe, Nakhimov, st. 64/14.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 93 531 17 71*

In this article, the authors examine the theoretical underpinnings behind how scientific concepts and life knowledge are formed among senior students in educational institutions. They explore the challenges associated with studying and comprehending scientific concepts, and emphasize the critical role these concepts play in developing students' scientific knowledge, intellectual skills, thinking abilities, and overall scientific perspective.

According to the authors, the establishment of learning and the assimilation of theories, ideas, rules and scientific concepts play a key role in the development of intelligence and increasing the level and quality of students' knowledge. However, unfortunately, in the course of experimental work, participation in pedagogical classes and their scientific analysis, it was revealed that little attention is paid to the theory of educational subjects, especially social science.

The authors believe that a significant mastery of scientific concepts lays a solid foundation for successful learning, especially the development of intellectual and intellectual thinking, the formation of scientific knowledge and worldview among students, and the improvement of the level and quality of education and its meaningfulness. Most of the concepts learned in the study of the humanities help students to deeply understand the essence of the manifestations and processes of society. Thus, the formation of intellectual knowledge, skills and creative abilities of students and, ultimately, the effectiveness of educational activities is ensured.

***Key words:*** *scientific concepts, life concepts, cross-cutting concepts, scientific laws, the meaning of the scientific worldview, theoretical knowledge, knowledge, skills and intellectual abilities, creative thinking of students.*

Натиҷаи корҳои илмии пажуҳишгарон ва таҷрибаи педагогӣ ба он далолат мекунанд, ки ба омӯзиши мафҳумҳои илмӣ мафҳумҳои ҳаётӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва ё аз ҳаёт омӯхтани хонандагон таъсири мусбат расонида, фаъолияти таълимиро самараноктар мегардонад.

Дар асарҳои педагогҳо, психологҳои хориҷию ватанӣ, аз ҷумла Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, А.В. Усова, Х. Буйдоқов, М. Лутфуллозода ва Ф. Шарифзода мафҳумҳои ҳаётию илмӣ, моҳият, қиёсу тафовут аз ҳамдигар, инкишоф ва дигар хусусиятҳои хоси онҳо ба таври илмӣ таҳқиқ шудаанд.

Мо низ сари масъалаи мафҳумҳои илмӣ ва масоили таълиму азхудкунӣ ва мавқеи онҳо дар ташаккули донишҳои илмӣ, малакаҳои зеҳнӣ, тафаккур ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳқиқот анҷом дода, роҳҳои инкишоф, хусусиятҳои хоси таъсир ва самарабахшии онҳоро дар омезиш бо мафҳумҳои ҳаётӣ ошкор намудем. Дарвоқеъ, мафҳумҳои илмӣ хусусияти инкишофпазирӣ дошта, дар тӯли таҳсил доираи омӯзиши онҳо тадриҷан фарохтар мегардад. Чунончи, Л.С. Виготский менигорад, ки «Раванди инкишофи мафҳумҳои илмии ҷамъиятшиносӣ дар шароити фаъолияти таълимӣ, ки шаклҳои хоси ҳамкории мунтазами байни омӯзгор ва хонандаро дар бар мегирад, мегузарад» [2, с.164]. Ба ақидаи ин психолог, мафҳумҳои илмӣ ду тараф доранд – камтаъсир ва пуртаъсир, ки ҳар кадом вижагиҳои худро соҳибанд. «Суст ё камтаъсирии мафҳумҳои илмӣ дар костагӣ, норасоӣ дар таълим зоҳир мeёбанд, ки хавфи асосиро дар роҳи инкишофи мафҳумҳои илмӣ эҷод мекунанд. Ҳамчунин, мушаххасан кофӣ набудани пурмазмунии онҳо низ ба ин боис мегардад. Пуртаъсирӣ бошад, дар озоду ихтиёрона истифода бурда тавонистани мафҳумҳои илмӣ ифода мeёбад. Мафҳумҳои илмӣ дар шууру зеҳни кӯдак ҳангоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ зимни омӯзиш ва азхудкунии онҳо инкишоф мeёбанд» [2, с.156]. Пас, бо назардошти ин, зарур аст, ки омӯзгорон ба омӯзишу азхудкунии мафҳумҳои илмӣ аз синфҳои поёнӣ эътибор диҳанд.

Бояд зикр намуд, ки фанҳои таълимӣ аз мафҳумҳои илмӣ, мушаххас, умумӣ ва ғайра иборат буда, мазмуну муҳтавои онҳоро асосан мафҳумҳои илмӣ қолибу аҳамиятнок мегардонанд. Аз ин рӯ, ба омӯзишу азхудкунии мафҳумҳои илмӣ бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир кард, зеро ба ташаккулу мукаммалии донишу маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳамин асос мегардад.

Ишораи Х. Буйдоқов низ дурусту бамаврид аст, ки менависад: «Дар ҳар як фанни таълимӣ донишҳо бо далелҳо, мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳои илмие зуҳур мeёбанд, ки онҳо ашёву зуҳуроту ҳодисоти олами моддиро инъикос мекунанд» [1, с.99]. Аз ин хотир, омӯзишу азхудкунии мафҳуму қонунҳо ва назарияҳои илмӣ доимо дар мадди назар бояд қарор гиранд.

Омӯзиши низоми мафҳумҳои илмӣ, ки асоси мазмуну муҳтавои ҳама гуна таҳсилро ташкил медиҳанд, барои аз худ намудани фанни таълимӣ калидӣ ба шумор меравад. Ба шарофати омӯзиши низоми мафҳумҳое, ки аз мазмуну муҳтавои илм дар фанҳои таълимӣ бар меоянд, хонандагон амалан дар бораи ҳодисаву зуҳуроти ҷудогона донишҳои фаровон ҳосил менамоянд.

Моҳиятан аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ барои таълими бомуваффақият, алалхусус барои инкишофи тафаккури зеҳнӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва пурмазмунии он заминаи устувор мегузорад. Аксарияти мафҳумҳое, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои гуманитарӣ аз худ карда мешаванд, ба хонандагон кумак мерасонанд, ки моҳияти зуҳуроту равандҳои ҷомеаро амиқ дарк созанд ва бо ин васила ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорату малака ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва билохира, самарабахшии фаъолияти таълимӣ таъмин мегардад.

Таъкид менамоем, ки мафҳумҳои илмӣ аз мафҳумҳои дар ҳаёт омӯхташуда фарқ мекунанд. Мафҳумҳои ҳаётиро хонанда аз муомилаи ҳаррӯза – аз таҷрибаи ҳаётӣ мегирад, вале мафҳумҳои илмиро бошад, хонанда зимни таҳсил дар мактаб аз бар менамояд. Истилоҳотҳое ҳастанд, ки бо истилоҳоти дигар алоқаманд буда, дар низоми донишҳо ворид мешаванд.

Дар низоми таҳсилот таъсири таҷрибаи ҳаётӣ барои омӯзиши донишҳои хонандагон, аҳамияти калон дорад. Ин гуна таъсир дар таълим мавқеи муҳимро касб менамояд. Аз ин хотир, дар стандарти фаннӣ ва барномаю нақшаҳои таълим барои аз худ намудани ҳаҷми

муайяни донишҳо соат ҷудо карда мешавад. Ба омӯзгорон муҳим аст донанд, ки ҳангоми аз худ кардани кадом мавод, кай, дар кадом шакл ва меъёр омӯзишро осон мегардонанд ва метезонанд, дараҷаи таъсирнокӣ чӣ гуна аст, ин таъсир аз чӣ иборат мебошад ва дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорату малакаҳо он то чӣ андоза аҳамият дорад?

Ҳангоми тайёрӣ ба дарс муаллим бояд қаблан пешбинӣ намояд, ки мафҳуми нав омӯхташаванда чӣ қадар ба таҷрибаи ҳаётии хонандагон метавонад алоқа дошта бошад ё алоқа надошта бошад. Ҳамзамон, вобаста ба ҳамин омӯзгор бояд мавод ва методу тарзҳои навро интихоб намояд, ки бештар дар дарс аз онҳо истифода бурда мешавад.

Мушоҳидаҳо, натиҷаи иштирок ба дарсҳои муаллимон ва таҳлили дарсҳо нишон медиҳанд, ки дарвоқеъ, солҳои охир дар дарсҳо ба назарияи фанни таълимӣ кам ва ё умуман, эътибор дода намешавад. Ҳол он ки омӯзиши назарияҳо, ғояҳо, қоидаҳо ва мафҳумҳои илмӣ дар инкишофи зеҳн ва болоравии сатҳу сифати дониши хонандагон нақши калидӣ мебозанд. Аз худ намудани мафҳумҳои илмӣ ин на танҳо фаҳмидан, балки алоқаҳои байни аломатҳою падидаҳои асосиро амиқ дарк кардан, вобастагии сабабият онҳоро ошкор ва алоқаи мафҳуми мазкурро бо дигар мафҳумҳо муқаррар намудан ва ниҳоят, дар фаъолияти таълимӣ истифодаи онро ёд гирифтан мебошад.

Агар «мафҳумҳои илмӣ ва мазмуни асосии абстрактӣ агар бо факту санадҳои мушаххас дар ҷараёни муқоиса, шабоҳат, қиёс кардан ва ғайра тақвият дода шаванд, он гоҳ онҳоро хонандагон ба осонӣ хуб мефаҳманд» [7, с.179].

Тазаккур бояд дод, ки дар тӯли тамоми давраи таҳсил, махсусан дар синфҳои болоӣ зимни тадриси ин ё он фан хонандагон ҳангоми азхудкунии маводи таълимӣ бо бисёр мафҳумҳои илмӣ дучор меоянд, вале ба маънии пурра ва азхудкунии онҳо сатҳӣ менигаранд. Аз ин сабаб сифати дониш ва доираи ҷаҳонбинии илмии онҳо дар сатҳи паст қарор мегирад. Хонандагон ҳангоми ҷавоб гардонидан ба саволҳо, иҷрои супоришҳо, корҳои мустақилона, корҳои хаттӣ ва вазифаи хонагӣ иштибоҳҳои зиёде мекунанд, ки сабаби асосиаш ба таври кофӣ дарки амиқ накардану нафаҳмидани мазмуни мафҳум ва алоқаҳои байни онҳо мебошад. Инро ба назари эътибор гирифта, ба моҳиятан азхудкунии мафҳумҳо диққати махсус бояд дод, мазмуну моҳияти ҳодисаю воқеаҳо, равандҳои таърихӣ, корнамоиҳои қаҳрамонҳои асари бадеӣ ва дигар аломату хусусиятҳои зарурии дар матн ва маводи таълим ҷойгирифта бояд фаҳмонида шавад. Ҳамзамон, донистану истифодаи мафҳумҳои илмӣ барои ҳалли вазифаҳои таълимии дорои хусусияти абстрактӣ басо муҳим ва зарур аст.

Мафҳумҳои илмӣ, масалан, «грамматика», «фонетика», «лексика», «морфология», «синтаксис», «фразеология», «реализм», «жанр», «драма», «лирика», «композитсия», «сужет», «инқилоби маданӣ», «идеология», «агрессия», «бухрон», «крепостной», «табъиз», «адолати судӣ», «ақаллиятҳои миллӣ» ва амсоли инҳо дар раванди таълими махсусан фанҳои забону адабиёт, таърих, ҳуқуқи инсон аз худ карда мешаванд. Чунин мафҳумҳо бо таҷрибаи шахсӣ чандон пурраю мукаммал нестанд, онҳо роҷеъ ба омӯхтани мазмуну мухтавояшон кори махсуси омӯзгор ва хонандаро талаб менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар фанҳои таълимӣ ин гуна мафҳумҳо хеле зиёданд. Воқеан, таълимгирандагон аз таҷрибаи ҳаётиашон қисман бо онҳо, ба монанди «ҳуқуқ», «виҷдон», «озодӣ», «меъёр», «масоил», «низоъ» ва ғайра шиносанд, ки дар вақти таҳсил маъною мазмуни онҳоро бештару амиқтар мефаҳманд.

Дар муомилаю муносибати ҳаррӯза хонандагон ин истилоҳотро истифода мебаранд, вале дар бораи мазмуну мухтавои илмии онҳо андеша намекунанд. Ин фаҳмост ва ҷойи баҳс надорад, зеро шахс аксар вақт калимаеро аз худ менамояд, ки мафҳумеро ифода менамояд, сипас бо мазмуну мухтавои он шинос мешавад. Ҳангоми омӯхтани мафҳумҳои илмӣ аксар вақт, саҳву хатоҳои хонандагон нишон дода мешаванд. Саҳвҳо аз ин сабаб рӯй медиҳанд, ки дар амалияи ҳаётии хонандагон бештари вақт фаҳмиши нодуруст ё нопурраи мазмуну мухтавои мафҳумҳо ба вуҷуд меояд, гарчанде калима-истилоҳотро онҳо истифода мекунанд.

Мо ҳангоми гузаронидани озмоиш мақсад гузоштем, ки зимни азхудкунии фанни адабиёти тоҷик ба кадом донишҳои дар таҷрибаи ҳаётӣ андухтаи хонандагони синфҳои 10-11 метавон такя кард. Санҷиш аз ҷониби мо дар се муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ №96-и шаҳри Ҳисор, №86-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, №34-и ноҳияи Рӯдакӣ)

гузаронида шуд. Ба омӯзиш 98 нафар ҷалб гардид. Маълум шуд, ки синфҳои болоӣ оид ба таҷрибаи ҳаётӣ дар бораи одамон, муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавии онҳо донишҳои зиёде меандузанд, дар бораи меҳнат, маишату фароғат ва муносибатҳои инсонии ҷомеаи ҳозира тасаввурот пайдо мекунанд. Омӯзгор дар кори худ, алалхусус дар омӯзиши фанҳои гуманитарӣ, метавонад ин афзалияти хонандагонро истифода намояд.

Гуфтан зарур аст, ки ин ҷиҳатҳо, асосан, ҳангоми омӯзиши адабиёти тоҷик метавонад нақши муҳим ва мусбат бозанд. Аммо, он чӣ ки ба адабиёти тоинқилобӣ (соли 1917) дахл дорад, пас дар ин маврид на ҳамаи ҷанбаҳои таҷрибаи ҳаётии хонандагон метавонанд ба омӯзиши донишҳо кумак расонанд. Дар ин сурат қобилияти дарки хонандагон ба психологияи шахси дигар ва фаҳмидани муносибатҳои байни одамон ҳамчун омили мусбат зоҳир мегардад.

Ҳангоми омӯхтани адабиёти тоинқилобии тоҷик хонандагон аксар вақт қаҳрамонони асарҳои бадеиро ба замони худ мувофиқ месозанд, яъне таҷрибаю донишҳои маънавии худро дар бораи муносибатҳо дар ҷамъияти ба баҳодиҳии қаҳрамонҳое мувофиқ мекунонанд, ки дар симои онҳо намояндагони хоси синфҳои азбайнрафта ва муносибатҳои куҳнаи иҷтимоӣ инъикос гардидаанд. Ин аксар вақт дар тасаввуроти нодуруст дар бораи симои зоҳирӣ ва муҳите, ки қаҳрамонҳоро фаро мегирад, дар фаҳмиши носаҳеҳ оид ба ҳайати синфию иҷтимоии Тоҷикистони тоинқилобӣ, инчунин, «замонасозӣ»-и шакли зоҳирӣ ва шароите, ки қаҳрамонони асарҳои бадеӣ зиндагӣ ва амал мекунанд, зоҳир мешавад.

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки донишҳои оид робитаҳои ҳаётии одамон ва муносибатҳои байни онҳо ҳосилгардида, ба хонандагон кумак мерасонанд, то моҳияти иҷтимоию маънавии тимсолҳои бадеиро дарк намоянд ва доир ба рафтори қаҳрамонон тасаввуроти дуруст ба вуҷуд оваранд. Тасаввур кардани ҷойи амалиёт бошад, танҳо дар заминаи донистани шароити мушаххасе имконпазир мебошад, ки дар он намояндагони синфҳо ва гурӯҳҳои муайяни иҷтимоии Тоҷикистони тоинқилобӣ умр ба сар бурдаанд. Чунин донишҳо дар таҷрибаи ҳаётӣ ҳосил карда намешаванд, аз ин рӯ, хонандагон мекӯшанд дар таҷрибаи шахсиашон такягоҳе пайдо кунанд ва бо ифодаи худи онҳо «чӣ гунае, ки тасаввур мекунанд», яъне бо матн мутобиқ намесозанд. Дар натиҷа, «замонасозӣ»-и қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ ва шароити зиндагии онҳо низ ба вуҷуд меоянд.

Бояд қайд кард, ки бисёр омӯзгорон ба омӯзиш ва ҳифзу дархотирнигоҳдории далелҳои муҳимтарини илмӣ, хусусиятҳои асоси онҳо, воқеаҳои муҳимми таърихию давру замон ва санаҳои онҳо, мақсади муаллифони асарҳо, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии образҳои қаҳрамонони асарҳо ва аз ҳама муҳим, мазмуну муҳтавои мафҳумҳои меҳварию қонунҳои илмӣ, истилоҳоти назариявию адабӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ва ҳоказо камтар эътибор дода, барои иҷрои онҳо низ аз шогирдон сахт талаб намекунанд.

Ниҳоят, дар заминаи ин маълумотҳо оид ба таъсири таҷрибаи ҳаётии хонандагон метавон баъзе хулосаҳо баровард, ки барои дурусту самаранок ба роҳ мондани раванди таҳсил бағоят муҳиманд.

1. Донишҳое, ки дар таҷрибаи ҳаётӣ ва истеҳсолӣ андухта шудаанд, барои омӯзиши мафҳумҳои умумӣ ва робитаҳои сабабияти тафтишот аҳамияти мусбат доранд. Вале барои он ки ин мафҳуму робитаҳо воқеан амиқ аз худ карда шаванд, омӯзгор бояд ба он зуҳуроту равандҳои ҳаётӣ, ки хонандагон дар бораи онҳо аз таҷриба дониш ҳосил намудаанд, шарҳу эзоҳи илмӣ диҳад. Зарурати шарҳу тафсири илмӣ аз он ҷиҳат талқин мегардад, ки мафҳумҳои умумии илмӣ ва робитаҳои дохилию асосии зуҳуроту ҳодисот дар таҷрибаи ҳаётӣ танҳо аз ҷониби қисми на он қадар зиёди хонандагони пешқадам дуруст дарк карда мешавад. Одатан, ин қабил хонандагон дар соҳаи адабиёти бадеӣ ва илмию оммавӣ таҷрибаи хеле фаровони китобхонӣ доранд. Ба ташаккули мафҳумҳои умумии илмӣ, омӯхтани равобиту қонунҳои сабабияту тафтишот бояд дар дарсҳо диққати ҷиддӣ дод, зеро ин донишҳо, агарчи қисман вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале онҳо дар аксари хонандагон нопурраю берабт, носаҳеҳу норавшан ва баъзан нодурусту хатоанд.

2. Омӯзгор бояд ба эътибор гирад, ки далели мусбати мавҷудияти баъзе донишҳо дар бораи объектҳои мушаххас гоҳо то андозае метавонад нақши манфӣ бозад. Хонандагоне, ки далелҳои ягонаю воҳидро медонанд, аксар вақт чунин мепиндоранд, ки гӯё ба онҳо моҳияти ҳамин объект ё зуҳурот хуб маълум аст. Аз ин рӯ, дар назди омӯзгор вазифаи махсус

меистад: бо тарзу усулҳои мухталиф бартараф сохтани эҳсосоти «шиносоӣ»-и хонандагон бо маводи таълимӣ, тавре манзур кардани мазмуну муҳтаво, ки гӯё он аллакай ба шогирдон маълум аст.

Мисолҳои чунин «худфиребӣ»-и хонандагон нисбатан зуд-зуд вомехӯранд. Масалан, дар дарсҳои таърих ҳангоми омӯхтани сабабҳои ҷанги бисёрсолаи Афғонистон, хотима наёфтани ҷанг, ворид шудани артиши Шуравӣ ба ин сарзамин, пайдошавии гурӯҳҳои миллатгаро, сатҳи пасти зиндагӣ, бесаводӣ, қафомонии мамлакат ва амсоли инҳо, ки хонандагон дар бораи онҳо маълумоти рӯякӣ доранд ва васеъ донистанро ҷоиз намедонанд. Дар ин ҳолат муаллимро зарур аст, ки инро пай бурда, роҳҳои ҷалб ва шавқовартар кардани мавзуъро ҷустуҷӯ намояд. Тавсия дода мешавад, ки аз таълими проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ ва методҳои фаъол ва интерактивии таълим истифода бурда, дарсро шавқовар гузаронад.

Омӯзгор тавассути шарҳи мазмуну муҳтавои фани худ мекӯшад, ки шавқу рағбати хонандагонро бедор созанд. Барои ин аз таҷрибаи ҳаётӣ ва тасаввуроту маълумотҳои гирифтаи онҳо ҳамаҷониба истифода мебаранд, ки ин тарзи корбарӣ, бешубҳа, ҷиҳати мусбати таҳсил маҳсуб меёбад. Вале ин кор ҷиҳатҳои манфӣ хам дорад, бисёр вақт ба мушоҳида мерасад, ки хонандагон дар банди таҷрибаи ҳаётӣ ва маълумоти доштаи худ мемонанд. Ин дар мавриде рӯй медиҳад, ки диққати онҳо, асосан, танҳо бо чизҳои мушаххас ҷалб карда мешавад: номи қисмҳои ҷудогонаи объектҳои мавриди омӯзиш, шумораю ҷойгиршавии онҳо, пайдарҳамии гузаштани ин ё он равандҳо, санаҳо ва дигар ҷузъиёти осонфаҳм. Дар сурати чунин омӯзиш хонандагон дар он масъалаи ҳалталаберо намебинанд, онҳоро ба ҳаяҷон намеорад, ба ҳайрат намегузорад, ба андешидан водор намесозад.

Натиҷагирӣ аз озмоиш ва мушоҳидаҳо бозгӯи онанд, ки хулосаҳои муҳимтарини ҷаҳонбинӣ дар бораи омилҳои сар задани ҷанг, шуришу инқилоб ва оқибатҳои он, сабабгори онҳо, ҳодисаҳои таърихӣ ва хусусиятҳои онҳо ва ғайра дар шуури хонандагон нақш намебандад.

Камбудию норасоиҳое, ки дар ин ҷо нишон дода шуданд, дар дарсҳои фанҳои дигар ҳам ҷой доранд. Барои он ки ин нуқсу камбудиҳо рафъ гарданд, зарур аст дар ҳар як мавзуъ аломатҳои асосиву муҳим муайян ва мазмуну муҳтавои ҳар дарс ва ғояҳои марказии ҷаҳонбинии фан алоқаманд карда шавад. Бидуни ин, ҳатто мавриди аз таҷрибаи ҳаётӣ донишҳои хеле зиёд доштани хонандагон ва ҳангоми фаъолона аз он истифода кардани омӯзгор ҳам, идроки амиқи мавод таъмин намегардад.

Дар натиҷаи азхудкунии мавзуъҳо хонандагон танҳо дар омӯзиши маводи мушаххас пеш мераванд, вале то сатҳи ҷамъбастсозии амиқ расида наметавонанд.

3. Баъзан дар таҳсил дучори дигар хел камбудию норасоиҳо гардидан низ эҳтимол дорад. Масалан, таҷрибаи рӯзмарраи шогирдонро комилан аз хотир баровардани муаллим, вуҷуд надоштани робитаи таълим бо ҳаёт, ба эътибор нагирифтани коршоямии донишҳо дар фаъолияти минбаъдаи хонадагон ва аҳамияти онҳоро дуруст нафаҳмонидан ва ғайра камбудиҳоеанд, ки барҳам додани онҳо донишу ҷаҳонбинӣ ва маҳорати касбии омӯзгорро тақозо менамояд.

Чунончи, зимни омӯзиши мавзуи «Хатари умумиҷаҳонии буҳрони экологӣ дар ибтидои асри XXI» дар дарси таърихи умумии синфи 11 баъзе омӯзгорон донишҳои хонандагонро дар бораи ифлосшавии муҳити зист ва зарари он, нестшавии ҷангалҳо, камшавии захираҳои оби тоза ва тадбирҳои пешгирии онҳо на ҳамеша истифода мекунанд. Тасаввуроту мафҳумҳои парокандаю номукаммале, ки аз таҷрибаи амалӣ андухта шудаанд, дуруст дарк намегарданд, аз ин рӯ, ҷамъбаст ва дар низоми донишҳои илмӣ низ дохил карда намешаванд. Бинобар ин, дар шуури шогирдон аксар вақт донишҳои илмӣ ва тасаввуроти дурусти мафҳумҳои ҳаётӣ, вале рӯякӣ омӯхташуда мушоҳида карда мешаванд, ки он оқибати хуб надорад. Бояд қайд кард, ки дар байни омӯзгорони эҷодкор чунин зуҳурот мушоҳида карда намешавад. Ин муаллимон дар хонандагон мафҳумҳои муҳимтарини умумӣ ва махсусро ташаккул медиҳанд, ки дар такя ба маводи мушаххас доираи ҷаҳонбинии илмии онҳоро васеъ ва илмияти дарсро таъмин менамоянд. Дар ин маврид донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ бо маводи мушаххас узван пайваст мегарданд, таҳти роҳбарии муаллим таҷдиди назар ва ҷамъбаст карда, ба дараҷаи комилан баланди назариявӣ расонида мешаванд.

Ҳамин тавр, хусусияти хоси таълим идораи мақсадноки раванди ҷамъбаст ва аз худ кардани донишҳои ҳаётӣ ва илмӣ мегардад. Бо назардошти чунин хусусият омӯзгорон бояд ба масъалаи банақшагирии мавзуӣ, ҳам ба интихоби маводи таълими ҳар як дарс ва ҳам ба интихоби воситаҳои аёнӣ ва тарзу усулҳои методӣ ҳамин гуна муносибат кунанд. Дар низоми ягона муттаҳид намудани донишҳои нави илмӣ ва маълумотҳое, ки дар таҷрибаи ҳаётӣ ҳосил карда шудаанд, аз беҳтарин роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсил ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Буйдоқов, Х.Б. Асосҳои дидактика. Душанбе: Маориф, 1995. – 180 с.
2. Выготский, Л.С. Мышление и речь [электронный ресурс]. Л.С. Выготский https://www.marxists.org/russkij/vygotsky/1934/thinking-speech.pdf [дата обращения: 29.03.2021] Изд. 5, испр. М.: Лабиринт, 1999. - 362 с.
3. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001. – 411 с.
4. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик (осори педагогӣ, ҷилди 6). – Душанбе, 2015. – 704 с.
5. Носиров, С.Ш. «Особенности усвоения общих и конкретных понятий при формировании интеллектуальных знаний» [Текст] /С.Ш. Носиров //Вестник Московского государственного гуманитарного университета им. М.А. Шолохова. 2011. - №3. - С. 21-27.
6. Носиров, С.Ш. «Особенности усвоения научных законов при формировании интеллектуальных знаний» [Текст] /С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. 2011. №6 (70). – С. 377-381.
7. Сластенин, В.А., Исаев, И.Ф., Мищенко, А.И., Шиянов, Е.Н. Педагогика. Уч. пос. для студ. педагог. учеб. завед. – 4-е изд. -М.: Школьная Пресса, 2004. - 512с.
8. Усова, А.В. Психолого-дидактические основы формировния у учащихся научных понятий. Челябинск, 1978. – 100с.
9. Шарифзода, Ф. Теория и практика интегрированного обучения на начальном этапе средней школы. -Душанбе: Маориф, 1997. –194 с.


## ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ҲАМЧУН ВАСИЛА БАРОИ ИШТИРОК ДАР БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ

***ШАРИПОВ Шодимурод Бегмуродович*** *– омӯзгори кафедраи варзиш ва методикаи таълими тарбияи ҷисмони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1,* ***тел.:*** *(+992) 92 700 59 39*

Дар мақола муаллиф мавқеи тарбияи ҷисмониро дар тайёр намудани варзишгарон ба бозиҳои олимпӣ аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок намудааст. Муаллиф дар мақола зикр намудааст, ки маҳз бо дастгириву ҳидоятҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозиҳои миллии варзишӣ, бахусус гӯштинни миллӣ аз нав эҳё гардидааст.

Муаллиф зикр менамояд, ки тарбияи ҷисмонӣ як қисми фарҳанги умумӣ ва яке аз соҳаҳои фаъолияти иҷтимоӣ маҳсуб дониста шуда, ба мустаҳкам шудани саломатӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи қобилияти ҷисмонии инсон ва истифодаи он дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва рӯзмарра равона гардидааст. Ин фикри муаллиф дар мақола бо овардани мисолҳои мушаххас асоснок карда шудааст. Ҳамзмон барои асоснок намудани ин нуқтаи назар муаллифи мақола ба сарчашмаҳои таърихӣ ру оварда, аз таърихи таъсис ва бунёди бозиҳои олимпӣ аз сарчашмаҳои муътамад далелҳои илмӣ овардааст. Ҳамзамон муаллифи мақола дар бораи иштирок, саҳм ва дастовардҳои ваврзишгарони тоҷик дар бозиҳои олимпӣ мисолҳои мушаххас овардааст.

Дар макола зикр карда шудааст, ки яке аз муҳимтарин воситаи устуворгардонии рушди соҳа ин эҳтиром ва арҷгузорӣ ба бозиҳои миллии варзишӣ мебошад, ки ҳамчун

рамзи матонат, ҷасурӣ, тавонӣ ва далериву шуҷоат ба ҳифзи арзишҳои волои миллӣ ва таъмини солимии ҷомеа маҳсуб дониста мешавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарбияи ҷисмонӣ, бозиҳои олимпӣ, варзиш, бозиҳои варзишӣ, варзишгарон, мусобиқаҳо.*

## ФИЗИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ КАК ИНСТРУМЕНТ УЧАСТИЯ НА ОЛИМПИЙСКИХ ИГРАХ

***ШАРИПОВ Шодимурод Бегмуродович*** *- преподаватель кафедры физкультуры и методики обучения физической культуры Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р. дом 1,* ***тел.:*** *(+992) 92 700 59 39*

В статье автор обосновал положение физического воспитания в подготовке спортсменов к Олимпийским играм с научно-теоретической точки зрения. В статье автор упомянул, что именно при постоянной поддержке и наставлениях основоположника мира и национального единства – лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, национальные спортивные игры, особенно национальные борьба возродилась.

Автор отмечает, что физическое воспитание считается частью общей культуры и одной из сфер общественной деятельности, направлено на укрепление здоровья и всестороннее развитие физических способностей человека и их использование в общественной и повседневной жизни. Это мнение автора обосновывается в статье путем приведения конкретных примеров. При этом для обоснования этой точки зрения автор статьи обратился к историческим источникам и привел научные доказательства из истории учреждения и строительства Олимпийских игр из достоверных источников. При этом автор статьи привел конкретные примеры участия, вклада и достижений таджикских спортсменов в Олимпийских играх.

В статье отмечается, что одним из важнейших средств стабилизации развития отрасли является уважение и дань уважения национальным спортивным играм, которые рассматриваются как символ стойкости, мужества, силы и отваги в защите высших национальных ценности и обеспечить здоровье общества.

***Ключевые слова:*** *физическая подготовка, олимпийские игры, виды спорта, спортивные игры, спортсмены, соревнования.*

## PHYSICAL EDUCATION AS A TOOL FOR PARTICIPATION AT THE OLYMPIC GAMES

***SHARIPOV Shodimurod Begmurodovich*** *- teacher of the department of physical culture and methods of teaching physical culture of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1,* ***phone:*** *(+992) 92 700 59 39*

In the article, the author substantiated the position of physical education in the preparation of athletes for the Olympic Games from a scientific and theoretical point of view. In the article, the author mentioned that it was with the constant support and guidance of the founder of peace and national unity - the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, that national sports games, especially national wrestling, were revived.

The author notes that physical education is considered part of the general culture and one of the areas of social activity, aimed at improving health and the comprehensive development of a person's physical abilities and their use in social and everyday life. This opinion of the author is substantiated in the article by giving specific examples. At the same time, to substantiate this point of view, the author of the article turned to historical sources and provided scientific evidence from the history of the establishment and construction of the Olympic Games from reliable sources. At

the same time, the author of the article gave specific examples of the participation, contribution and achievements of Tajik athletes in the Olympic Games.

The article notes that one of the most important means of stabilizing the development of the industry is respect and tribute to national sports games, which are seen as a symbol of resilience, courage, strength and courage in protecting the highest national values and ensuring the health of society.

***Key words:*** *physical training, Olympic Games, sports, sports games, athletes, competitions.*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввли фаъолияти худ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун яке аз воитаҳои асосии инкишофи ҷисмонию маънавӣ ва ватандӯстии насли наврас аҳамияти хоса дода, барои пешрафти он чораҳои зарурӣ андешид.

Тарбияи ҷисмонӣ як қисми фарҳанги умумӣ ва яке аз соҳаҳои фаъолияти иҷтимоӣ маҳсуб дониста шуда, ба мустаҳкам шудани саломатӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи қобилияти ҷисмонии инсон ва истифодаи он дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва рӯзмарра равона гардидааст. Варзиш бошад, мафҳуми умумии яке аз рукнҳои тарбияи ҷисмонии ҷамъият буда, таърихан дар шакли фаъолияти мусобиқавӣ ба миён омадааст. Варзиш воситаи ташкили фароғати аҳолӣ буда, ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ ва сулҳу дӯсти байни халқҳо мусоидат менамояд.

Дар таълимоти Пешвои миллат омадааст: «Варзиш маънои нерӯмандию солимӣ, бардамию дарозумрӣ ва шарафи баланди ба ҷаҳониён муаррифи кардани Ватанро дорад. Дар лаҳзаҳои садо додани Суруди милллӣ ва афрохта шудани Парчами давлатии Ҳукумпти Ҷумҳурии Тоҷкиситон ба шарафи варзишгарони мо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ тамоми халқи кишвар худро сарбаланду пирӯз меҳисобад, дар замири ҳар як шаҳрванди ватандӯсту бонангу номус аз ин дастовардҳои фарзандони шӯҳратёри Ватан ифтихори беандоза бедор мешавад. Шумо дар ёд дошта бошед, ки миллати ҷисман солим рӯҳан низ муқтадир ва шикастанопазир мебошад» [3, с. 1].

Бояд қайд кард, ки инсоният ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун як навъ машғулият, ки ҳамбастагии сулҳу дӯстӣ ва ҷилвагарӣ аз аъмоли ношоиста мебошад, ҳанӯз аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи махсус дошт. Аз рӯи бозёфтҳои таърихӣ гуфтан мумкин аст, ки одамон дар мамлакатҳои Шарқи қадим, Мисри қадим ва Юнони қадим ба намудҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ таваҷҷуҳ доштанд.

Дар дунёи қадим маросими вақти баргузории бозиҳои варзишӣ дар ибтидо чандон муайян набуд, яъне, бозиҳо дар ҳар минтақа вақтҳои гуногун баргузор мешуданд. Масалан, дар сарзамини аҷдодии тоҷикон аз қадим айёми ҷашни Наврӯз сабқатҳои варзишӣ гузоронида мешуд, ки маъмултарин он гуштингирӣ ба ҳисоб мерафт. Бо рушди тафаккури инсоният ҳанӯз дар аҳди қадим намудҳои гуногуни варзишӣ такмил ёфтанд. Ба вуҷуд омадани аввалин бозиҳои олимпӣ дар Юнони қадим нишони бештар гардидани таваҷҷуҳи ҷомеа ба варзиш мебошад.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ бори нахуст бозиҳои олимпӣ соли 776 пеш аз мелод дар шаҳраки Олимп (шимоли Пелопоннеси вилояти Элида) баргузор гардида буд. Номи бозиҳо низ баргифта аз макони нахустини баргузории аввалин бозиҳо мебошад. Ҳанӯз аз ибтидо чунин қарор шуда буд, ки минбаъд бозиҳои олимпӣ ҳар 4 сол баъд баргузор карда шаванд. Ҳамин тавр, ин анъана то соли 394-и мелодӣ идома ёфт.

Дар соли 394 императори Рим Феодосий 1, ки бо роҳи зӯрӣ дар ҷорӣ намудани дини насронӣ ҳамчун шоҳи золим дониста мешуд, дар ҷараёни баргузории бозиҳои навбатии олимпӣ маросими бутпарастиро мушоҳида мекунад. Ин ҳолат императорро ба ғазаб меорад ва фармон медиҳад, ки баргузории бозиҳои олимпӣ қатъ карда шавад. Ин иқдом дар ҳоле сурат гирифта буд, ки ҳанӯз соли 324 бо фармони императори Рим Константин, дини насронӣ дар ҳудуди империя дини расмии давлатӣ эълон гардида буд. Пас аз судури ин фармони Федосий иншоотҳои варзишӣ хароб карда шуданд ва ҳолати пешомада боис ба он шуд, ки торафт таваҷҷуҳ ба ин навъи бозиҳои варзишӣ кам гардид. Баъдан аз сабаби чунин беэътиноӣ ва дар натиҷаи заминларзаҳои шадид солҳои 522 ва 551 дигар иншоотҳои варзишии шаҳраки Олимп пурра хароб гардиданд. Аз рӯи тахмини коршиносон аз соли 776

то соли 994 ҳамагӣ 293 маротиба бозиҳои олимпӣ баргузор шуда буданд. Бо ҳамин, дигар бозиҳои олимӣ ба кунҷи фаромӯшӣ рафтанд ва дигар бо он шукӯҳ ва шаҳомат таҷил намешуданд. Аммо дар таърих юнониҳо ҳамчун аввалин кашшофони бозиҳои олимпӣ ва Юнон ватани нахустин бозиҳои олимпӣ сабт шуд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар андешаҳои фалсафӣ-педагогии хеш дӯстию рафоқат, ҳурмату эҳтиром ва некию накукорро аз аломатҳои асосии давлату иқболи инсон медонист. Сарчашамаи соҳиб шудан ба ин сифатҳоро ӯ аз як қуввае вобаста медонист, ки бо нафси шахс алоқаманд аст: «Аломати дигари иқболу давлат вобаста ба майл кардани шахс ба рафиқон, ҳамраҳон ва ёрони мувофиқ буда, онҳо ҳамеша толиби салоҳияти корҳои ҳамдигар дошта бошанд. Ғайр аз ин, онҳо бо якдигар ихлосманд бошанд. Барои амалӣ шудани ин амрҳо қувваеро дошта бошанд, ки он давомдиҳандаи сифатҳои нек ҳамеша ба ҷониби хайр биравонад. Ин гуна қувва бо нафси шахс алоқаманд буда, аз вай ҳаргиз ҷудонапизиранд. Ва он қувва ҳеҷ гуна бадие ба шахсияти ӯ раво набинад. Онҳо бе якдигар зиндагиро ҳам тасаввур карда наметовонанд. Амалӣ шудани ин амрҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба натиҷаи дурусти мубораза онҳо бо қувваҳҳои рақибангез аст» [1, с. 47].

Бояд зикр намуд, ки марҳилаи дуюми эҳёи бозиҳои олимпӣ ба охири асри XIX рост меояд. Аз сукут то эҳёи дубора дар якчанд давлатҳо бо номи «бозиҳои олимпӣ» баъзе аз бозиҳои варзишӣ сурат мегирифт. Аммо он аҳамияти ҷаҳониро надошта ва танҳо аз аҳамияти маҳаллӣ ва ё минтақавӣ бархӯрдор буду бас. Масалан, дар асрҳои XVI ва XVIII дар Англия, Юнон ва Фаронса сабқатҳои гуногуни варзишӣ бо номи «бозиҳои олимпӣ» доир мешуданд. Иштироки варзишгарони дигар давлатҳо, қарздорон, занон, маҳбусон, зангиҳо ва ғайра дар чунин бозиҳои қадим манъ буд. Баъзан аз чунин бозиҳо танҳо барои истироҳат ва хотири табақаи ҳукмрон баргузор карда мешуд. Яъне гуфтан мумкин аст, ки варзишро ба хизматгори сиёсат табдил дода буданд. Дар самти дубора эҳё намудани бозиҳои олимпӣ ва ҷаҳонӣ гардонидани он саҳми шаҳрванди Фаронса Барон Пер де Кубертен (1863 – 1937) хело зиёд аст.

Замони эҳёшавии бозиҳои олимпӣ ба давре рост омад, ки ҷаҳонро ҳаракатҳои мустамликахоҳӣ авҷ гирифта буд ва дар дохили қисме аз давлатҳо, бахусус, давлатҳои Аврупо неруҳои қудраттталаб муборизаҳои тезутунд мебурданд. Кубертен бо эҳёи дубораи бозиҳои олимпӣ мехост дар миёни ҷавонон ва умуман, ҷомеа тарзи ҳаёти солим, тарбияи ҷисмонӣ хуб ба роҳ монда шавад. Гузашта аз ин, варзиш ҳамчун неруи муттаҳисозанда ва ваҳдатсоз дар миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ арзиш пайдо намояд. Бо ин мақсад мавсуф ҳанӯз аз ибтидои 90-уми асри XIX ба талошҳои пайваста оғоз намуд. Кубертен андешаҳояшро доир ба эҳёи дубораи бозиҳои олимпӣ дар анҷумани байналмилае, ки рӯзҳои 16 – 23 июни соли 1894 дар Донишгоҳи Сорбонна (Фаронса) баргузор гардид, иброз дошт. Дар анҷуман намояндагони 34 давлати дунё иштирок доштанд. Баъди баромади хирадмонадаю дурандешенаи Пер де Кубертен иштирокчиёни зиёде аз мавқеи ӯ ҷонибдорӣ намуданд. Бо ҳамин дар анҷумани мазкур шартҳо, қоида ва низомномаи бозиҳои олимпӣ қабул карда шуд. Мувофиқи низомнома чун анъанаи бозиҳои олимпии атиқа ҳар 4 сол баъд бояд бозиҳои олимпӣ баргузор мешуданд. Рӯзи 23 июн дар анҷуман баъди муҳокимароиҳои зиёд пешниҳод гардид, ки бозиҳои якуми олимпӣ дар пойтахти Юнон-шаҳри Афина, ҳамчун ватани бозиҳои олимпӣ соли 1869 баргузор гардад. Ҳамзамон, барои ба низом дарвардаи раванди бозиҳои олимпӣ ва тадбиқи санадҳои ҳуқуқии қабулгардида доир ба бозиҳои олимпӣ, дар анҷуман қарор карда шуд, ки таъсиси ниҳоди соҳавие зарур аст. Аз ин лиҳоз, дар асоси қарорҳои анҷумани мазкур худи ҳамон сол Кумитаи байналмилалии олимпӣ (КБО) низ таъсис ёфт. Аввалин президенти КБО бо пешниҳоди Кубертен шаҳрванди Юнон Дематриус Викелпс интихоб шуд. Ӯ давоми солҳои 1894 – 1896 адои вазифа намудааст. Пер де Кубертен бошад, ба вазифаи котиби генералии КБО сазовор дониста шуд. Баъди талошҳои зиёди дӯстдорони варзиш бо сарвари Пер де Кубертен ниҳоят соли 1896 дар Афина баъди танаффуси 1502-сола аввалин бозиҳои олимпӣ баъди эҳё баргузор гардид. Юнониҳо барои баргузории бозиҳои якуми олимпӣ тайёрии ҷиддӣ дида, бо назардошти имкониятҳои вақт шаҳри Афинаро барои ин маъракаи байналмилалӣ омода намуда буданд. Азбаски ҳоло Юнон чандон имконияти хуби молиявӣ надорад, бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла аз ҳисоби мардуми хайрхоҳ ва дӯстдорони варзиш маблағҳо ҷамъ намуда, барои корҳои ободӣ сарф менамуд. Бо мақсади хуб ба роҳ мондани бозиҳои олимпӣ бо ибтикори

чеҳраҳои саршиноси Юнон Кумитаи олимпии Юнон ташкил карда шуд, ки тамоми корҳои ташкилӣ ва баргузориро зери назорат дорад. Варзишгоҳи Панаффини шаҳри Афина бо ғунҷоиши 70 ҳазор нафар тамошобин омода шуда буд. Бозиҳои мазкур аз 6-ум то 15-уми апрели ҳамон сол бо иштироки 241 (мувофиқ баъзе маълумаотҳои дигар 285 нафар) варзишгар аз 14 давлати дунё баргузор гардид. Дар ин бозиҳо варзишгарон аз рӯи 9 намуди варзиш ба монанди: варзиши сабук, гимнастика, гӯштингирӣ, вазбардорӣ, шиноварӣ, шамшербозӣ, тирпарронӣ, дучархаронӣ ва лаун-теннис байни ҳам сабқат намуданд. Доир ба иштироки занони варзишгар дар ин бозиҳо бояд ҳаминро қайд намуд, ки бинбар сабаби назари нек надоштани қисме масъулин ба иштироки занон дар бозиҳои олимпӣ, иҷозат дода нашуд. Ҳарчанд омадагиҳо аз тарафи юнониҳо барои баргузории бозиҳои олимпӣ ҷиддӣ ба роҳ монда шуда буданд, аммо рафти бозиҳо баъзе маҳдудиятҳо дар иҷрои навъҳои варзиш мушоҳида мешуд. Масалан, варзишгоҳ барои дучархронӣ ва тирпаронӣ имкониятҳои дилхоҳ надошт. Шиноварон дар ҳавои кушод дар оби равон, ки чандон ба қоидаҳои шиноварӣ ҷавобгӯ набуд, қувваозмоӣ менамуданд. Бо вуҷуди мушкилиҳо бозиҳои олимпӣ ғолибони худро дошт. Ғолиби мутлақ варзишгарони юнонӣ Ҳеймс Коннолӣ дониста шуд. Дар ин риштаи варзиш 17 нафар варзишгар аз 5 давлати дунё рақобат намуданд. Ғолиби ин навъи варзиш корманди почта дар Афина Спиридион Луис дониста шуд. Аҷиб аст, ки агар ба қадрдонии ғолибони бозиҳои муосири олимпӣ назар андозем. Масалан, ба С. Луис ҳамчун ғолиб тухфаҳои зиёд дода шуд. Дар миёни тухфаҳои тақдимшуда, 100 сентнер шоколад, 10 гов, 30 гӯсфанд буд. Ичунин, ҳуқуқи якумраи истифодаи ройгон аз хизматрасонии дӯзанда ва сартарошро пайдо намуд. Рӯзи 15 апрел дар маросими пӯшидашавии бозиҳои якуми олимпӣ пӯшидашавии бозиҳои ба ғолибон тухфаҳоро тақдим намуданд. Ҳамин тавр, бозиҳои олимпӣ аз нав эҳё шуданд ва ҳар 4 сол баъд то замони мо баргузор мегарданд.

Тобистони соли 2020 бояд бозиҳои 32-юми олимпӣ баргузор мешуданд, аммо бо сабаби хуруҷи бемории короновирус дар ҷаҳон ва бо мақсади ҳифзи саломатии одамон вақти баргузории бозиҳои олимпии навбатӣ, бо қарор КБО ба соли оянда, яъне 2021 гузошта шуд [2, с. 58 – 60].

Бояд зикр намуд, ки олимпиада варзишгарро ба қуллаҳои баланд равона месозад. Ҳайати варзишгарони Ҷумҳуриии Тоҳикистон аз соли 1996 дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ иштирок менамояд, ки то имрӯз варзишгарони тоҷик 4 медал, аз ҷумла, 1 медали тилло, 1 медали нукра ва ду медали биринҷӣ ба даст овардаанд. Ин дастовард дар муқоиса ба давлатҳои варзишаш рӯ ба инкишоф натиҷаи хуб арзёбӣ мегардад.

Истиқлолияти кишвар ва таваҷҷуҳи ҳукумати ҷумҳурӣ ба варзиш сабаб гардид, ки дар ин давра як қатор федератсияҳои варзишӣ таъсис ёфтанд ва як чанд мусобиқаи сатҳи ҷаҳонӣ, Осиё, Бозиҳои Осиёи Марказӣ ва мусобиқаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид.[3,16].

Дар Бозиҳои олимпӣ дар Лондон ду намуди варзиш – голф ва регби – 7 (версияи содакардашудаи регбӣ) ворид гардид ва намудҳои варзиши олимпӣ ба 33 адад расид). Дар бозиҳои Рио-де-Жанейро – 2016 Тоҷикистонро 7 варзишгар муаррифӣ намуданд – Дилшод Назаров (варзиши сабук, гурзапартой), Комроншоҳ Устопирён, Муҳаммадмурод Абдураҳмонов (ҷудо), Анвар Юнусов (бокс), Анастасия Тюрина, Олим Қурбонов (шиноварӣ, 50 метр) ва Кристина Проженко (давидан).

Истиқлолияти кишвар сабаб гардид, ки сафи варзишгарони тоҷик дар олимпиадаҳо афзояд. Олимпиадаи соли 1996, ки дар Атлант баргузор шуд, барои варзишгарони тоҷик аввалин олимпиадае буд, ки зери парчами кишвари соҳибистиқлол шарафи Тоҳикистонро ҳимоя намуданд. Дар ин олимпиада 8 варзишгар- 6 писар ва 2 духтар аз рӯи 8 намуди варзиш иштирок намуданд. Дар олимпиадаи соли 2000 (Сидней) аз Тоҷикистон ду писар ва ду духтар иштирок доштанд. Соли 2004 бошад, дар Афина ин шумора ба 8 нафар расид – панҷ писар ва се бону. Аммо дар ҳар се олимпиада варзишгарони тоҷик натиҷа ба даст наоварданд.

Лозим ба таъкид аст, ки баъди рушд намудани соҳаи варзиш ва иштироки зиёди варзишгарони даврони истиқлол муяссар гардид, ки аз ду олимпиадаи охир варзишгарони тоҷик бо медал ба ватан баргарданд. Олимпиадаи Пекин – 2008 барои Тоҷикистон хотирмон ба ҳисоб меравад. Дар ин маъракаи муҳими варзишӣ аз 15 варзишгари тоҷик ду нафар бо медали олимпӣ ба Тоҷикистон баргаштанд. Дар намуди гӯштини озод Юсуф Абдусаломов дар вазни 84 кило медали нукра ва дар намуди ҷудо Расул Боқиев дар вазни 73 кило медали биринҷиро ба даст оварданд.

Баъди ин натиҷа Тоҷикистон дар радабандии Кумитаи байналмилаии олимпӣ зинаи 64-ро касб намуд. Лондон – 2012 бошад, бокси тоҷикро дар ҷаҳон муаррифӣ кард. Аз миёни 16 варзишгари иштирокчӣ аз Тоҷикистон (13 писару 3 духтар аз рӯи 7 намуди варзиш) ба бонуи муштзан Мавзуна Чориева мушарраф гардид, ки мақоми сеюмро касб намояд. Баъди олимпиадаи Лондон – 2012 Тоҷикстон бо гирифтани як мақоми сеюм дар радабанди давлатҳо аз ҷониби Кумитаи байналмилалии олимпӣ 15 зина поён фаромода, мақоми 79-ро касб намуд. [3, 51].

Солҳои охир варзишгарони қавиродаи мамлакат тавонистанд, ки бо ҳунару маҳорати волои худ давоми солҳои соҳибистиқлолӣ номи Тоҷикиитонро вирди забонҳо намоянд. Бахусус, Темур Раҳимов, ки дар миёни сангинвазнҳо дюздочии рақами яки сайёра мебошад, тавонист бори аввал аз мусобиқаи «Ситораҳои ҷаҳонии дюздо" (Worid judo masters, 22 декабри соли 2022, Исроил) сазовори медал (нишони нуқра), моҳи ноябри соли 2022 «Тоскулҳои бузург» (6 ноябри соли 2022, Озарбойҷон) дар мусобиқаи дюздо ғолиби мутлақ, дюздочии дигар Эмомалӣ Нуралӣ (66 кг) бо маҳорати баландаш чемпиони ҷаҳон миёни ҷавонон гардид.

Бори аввал дар таърихи варзиши тоҷик 5 ноябри соли 2022 муштзани кишвар шавкат Раҳимов қаҳрамони ҷаҳон аз рӯи фарзияи IBF (Федератсияи байналмилалии бокс) гардид. Яъне, номи боксчии тоҷик дар қатори номҳои абарварзишгарони риштаи бокс Майк Тайсон, Кличко сабт гашт. Варзишгарон Миҷгона Самадова, Шамер Саидов дар Ҷоми ҷаҳон оид ба бокс миёни кишварҳои истеҳсолкунандаи нефт (5-10 декабр, Федератсияи Россия) соҳиби медали тилло шуданд. Дар маҷму, ба иттилои *Кумитаи кор бо ҷавонон* ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва варзиш, соли 2022 варзишгарон аз мусобиқи байналмилалалӣ 538 медал (145 тилло, 157 нуқра, 236 биринҷӣ) ба даст оварданд. Ба ифтихори варзишгарон давоми сол 538 маротиба Парчами давлатӣ парафшон гардида, 145 маротиба Суруди миллӣ садо додааст.

Қобили қайд аст, ки соли 2022 гӯштини миллӣ (гӯштингирӣ) мақоми байналмилалӣ гирифт. Ин дараҷаи байналмилалӣ дар Вазорати адлияи Швейтсария ба қайд гирифта шуда, гӯштини миллӣ соҳиби сертификат гардид. Яке аз муҳимтарин воситаи уструворгардонии рушди соҳа ин эҳтиром ва арҷгузорӣ ба бозиҳои миллии варзишӣ мебошад, ки ҳамчун рамзи матонат, ҷасурӣ, тавонӣ ва далериву шуҷоат ба ҳифзи арзишҳои волои миллӣ ва таъмини солимии ҷомеа гардидааст. Ин аст, ки бо ҳидояту дастгириҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозиҳои миллии варзишӣ, бахусус гӯштинни миллӣ аз нав эҳё гардид. Ин иқдоми нек як васила барои иштирок дар бозиҳои олимпӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Алексеев, В. А. Физкультура и спорт. М.: Просвещение, 1986. – 250 с.
2. Бальсевич, В. К. Физическая культура для всех и для каждого. М.: Физкультура и спорт, 1988. 208 с.
3. Барчуков, И.С. Теория и методика физического воспитания и спорта. Москва: КноРус, 2012. – 278 с.
4. Маҳкамов, Д. Таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Абубакри Розӣ // Маорифи Тоҷикистон, №12, декабри соли 2021. Душанбе, ҲДММ «Торус», 2021, – 64 с.
5. Маҳмудов, М. Ёров, М. Эҳёи дубораи бозиҳои олимпӣ (Афина –1896). Маорифи Тоҷикистон. №8 августи соли 2020 Душанбе, ҲДММ «Торус», 2021, – 64 с .
6. Назар, Ш. Варзиш – соҳаи мавриди назари Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, «Бухоро», 2017, 192 с.
The article deals with an actual problem - the use of environmental materials in the classroom and extracurricular activities related to chemistry, which is considered one of the ways to improve the quality of students' knowledge. The author points out that the use of environmental materials in the classroom and extracurricular activities related to chemistry leads students to love science, and at the same time, students participate in scientific research, thereby expanding their theoretical and financial knowledge, the relationship of factors, local phenomena with a system of application of scientific knowledge.

At the same time, the author emphasizes that in the course of chemistry, students get acquainted with chemical production, metallurgy, agriculture, their role in the development of the country, with the national economy and modern technologies (television, automation, electronics, etc.). In chemistry lessons, students learn about the physical and chemical manifestations of local nature. In separate classes, they get acquainted with the life and work of famous domestic chemists or with scientific organizations located in the region, region or city, which undoubtedly contributes to enriching their level of knowledge.

***Key words:*** *nature protection, local history materials, history of the country, reader, chemical education, chemical materials, scientific knowledge, industrial enterprises.*

Таълими химия дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳад, ки маводи химиявӣ барои ғанӣ гардонидани донишҳои мушаххас ва рушди малакаҳои хонандагон оид ба фаҳмиши воқеияти атроф зарурат дорад.

Истифодаи маводи ҳифзи табиат дар дарсҳо ва корҳои беруназдинфӣ доир ба химия хонандагонро ба илм наздик мекунад. Хонанда, ки бо ҳифзи муҳити зист машғул аст, ба сарчашмаҳои дастраси илмӣ-оммавӣ, инчунин, ба дигар адабиёт муроҷиат карда, худаш дар корҳои таҳқиқоти ибтидоӣ, ки барои синну солаш дастрас аст, иштирок карда, ба ин васила доираи назари худро васеъ карда, алоқамандии омилҳо, зуҳуроти маҳаллиро бо низоми донишҳои илмӣ муқаррар менамояд.

Мавод дар бораи табиати ватан ва муҳофизати он маводест, ки ба хонандагон дар бораи замин, табиати он ва вобаста ба ин мақсадҳо хизмат кардан кумак мекунад. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар корҳои илмии О.С. Тарасов масъалаҳои гуногуни вобаста ба ҳифзи табиати ватан ва маҳал баррасӣ ва кушода дода шудаанд. О.С. Тарасова хулосаи дуруст мебарорад,

ки муносибат ба маводи маҳал, ба объекти маҳал, табиати маҳал дар якҷоягӣ бо падидаҳои ҳаётан муҳим ва таърихи маҳал сурат мегирад [7, с.10].

Дар солҳои 20-уми асри гузашта кишваршиносӣ ҳамчун омӯзиши синтетикии маҳал бо хоҷагии маъмурӣ ва политехникӣ ё бо иқтисодиёти алоҳидаи он ҳисобида мешуд.

Дар солҳои 30-юми асри гузашта кишваршиносӣ ҳамчун як ҳаракати иҷтимоӣ эътироф карда шуд, ки дар он вай аҳолии қобили меҳнати маҳалро ба муосиркунони сарзамини худ дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи он даъват мекард.

Дар педагогикаи миллии мо, ки бо педагогикаи рус зич алоқаманд аст, масъалаҳои кишваршиносӣ дар раванди таълиму тарбия аз ҷониби олимон Д.И. Менделеев, Д.Д. Семёнов, К.Д. Ушинский, М.В.. Ломоносов, А. Соколов ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар педагогика истилоҳи «шиносоӣ бо Ватан» вуҷруд дорад ва ҳадди аққал дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ибтидоӣ фанни алоҳидаи кишваршиносӣ ё таърихшиносиро ҷорӣ кардан зарур аст.

Пешниҳоди ворид намудани кишваршиносӣ ҳамчун як мавзӯи алоҳида ё боби алоҳида дар фанни ҷуғрофия дар нақшаҳои аввали таълимӣ дар таъсиси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шӯравӣ дар солҳои 1920–1921 инъикос ёфтааст.

Аммо омӯзиши кишваршиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва миёна ва ҳамчун як мавзӯи алоҳида натиҷаҳои мусбат надод.

Дар барномаҳои мукаммали муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (1923–1924) ғояи маҳдудсозӣ ва низомбандии фанҳо дар асоси кишваршиносӣ натиҷаҳои назаррас дод.

Масалан, А.М. Большаков менависад: «Кишваршиносӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо як фанни алоҳидаи мушаххас, балки методест, ки тавассути он хонандагон худашон таҳқиқотчӣ мешаванд» [5, с. 192].

Аз ин бармеояд, ки А.М. Болшаков кишваршиносиро ҳамчун усули тадқиқот дарк мекунад, ки тавассути он хонандагон бар асоси дониш ва нақшаи таълимӣ дар омӯзиши фаъолияти амалии мамлакат иштирок мекунанд.

Тавассути кишваршиносӣ хонандагон донишҳои худро дар соҳаҳои мухталифи илм ва маводи маҳаллӣ бой месозанд.

Принсипи кишваршиносӣ дар раванди таълим дар ҳамбастагӣ ва ҳамгироӣ амалӣ карда мешавад, ки хусусияти хоси ҳар як принсипи дидактикӣ мебошад.

Умуман, принсипи кишваршиносӣ дар раванди таълиму тарбия қисми ягон принсипи дигар нест, он принсипи мустақил ва баробарҳуқуқи дидактикӣ мебошад.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми принсипҳои кишваршиносӣ дар таълими химия дар раванди таълим ва тарбия истифодаи мавод дар бораи табиат, меҳнат, иқтисодиёт, фарҳанг, технология, ҷомеа ва таърихи кишвар фаҳмида мешавад. Принсипҳои кишваршиносӣ барои баланд бардоштани донишҳои кишваршиносӣ ва кушода додани моҳият, қонуниятҳо, робитаи падидаҳо ва далелҳо дар асоси донишҳои бадастомада доир ба химия, инчунин муайян кардани аҳамияти он дар табиати маҳал, вилоят ва кишвар истифода мешаванд.

Таҷрибаи омӯзгорон ба истифодаи принсипҳои кишваршиносӣ дар омӯзиши химия ва фанҳои дигар, бо такя ба усулҳои маъруф (ҳикояҳо, суҳбатҳо, экскурсияҳои, иншоҳо, хониш ва ғайра), вақте принсипҳои дидактикӣ ва мантиқӣ дар ҳамбастагии раванди таълим ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ доир ба химия истифода мешаванд, кумак мекунад.

Мазмуни мафҳуми кишваршиносӣ дар химия омӯзиши мақсаднок, муназзам ва муташаккилонаи маводро доир ба саноат, кишоварзӣ, ташкилотҳои илмӣ бо мақсади истифодаи маводи ҷамъоваришуда дар таълими химия ва дигар фанҳо дар бар мегирад.

Дар курси химия хонандагон бо истеҳсолоти химия, металлургия, кишоварзӣ, нақши онҳо дар рушди кишвар, бо иқтисодиёти миллӣ ва технологияҳои муосир (телевизор, автоматика, электроника ва ғайра) шинос мешаванд. Ҳангоми экскурсияҳо ба корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои илмӣ истифодаи қонунҳои зуҳуроти химиявӣ дар шароити маҳал ба назар гирифта мешаванд. Дар дарсҳои химия хонандагон дар бораи зуҳуроти физикӣ ва химиявии табиати маҳал маълумот мегиранд. Дар машғулиятҳои алоҳида онҳо бо ҳаёт ва фаъолияти химикони маъруфи ватанӣ ё бо ташкилотҳои илмии дар ноҳия, вилоят ё шаҳр воқеъбуда (масалан, филиали Институти парвариши растаниҳо, озмоишгоҳҳои агрохимиявии ҳифзи муҳити зист ва ғайра) шинос мешаванд.

Дар истифодаи маводи кишваршиносӣ дар раванди таълим нақши омӯзгори химия бузург аст. Мувофиқи барнома, сохтори синф ва имкониятҳои маҳаллӣ ӯ объекти тадқиқотро интихоб карда, намуд ва методҳои корро муайян сохта, хонандагонро барои омӯзиши маҳалли худ ва дар фаъолияти онҳо роҳбарӣ мекунад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои истифодаи самарабахши маводи ватанӣ аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст, ки худи омӯзгор мутахассиси сарзамини худ аст ва метавонад дар хонандагон дар ин амр таваҷҷӯҳро бедор кунад. Худи омӯзгор бояд сарзамини худро хуб донад, онро мунтазам омӯзад, дониш ва таҷрибаи корҳои кишваршиносиро азхуд кунад.

Дар раванди истифодаи мавод доир ба ҳифзи ватан дар таълими химия касби мустақилона ва фаъолонаи маводи таълимии химия ва қобилиятҳои зарурӣ барои ҳаёт, омодагӣ ба фаъолияти амалӣ васеъ мегардад. Дар таълими химия истифодаи маводи ҳифзи табиат яке аз роҳҳои тарбия мебошад. Корҳое, ки бо омӯзиши табиати маҳал ва ҳифзи он алоқамананд, дар ташаккули мафҳумҳои химиявӣ кумак мекунанд. Мавод дар бораи табиат, истеҳсолот, кишоварзӣ дар кишварҳои гуногун метавонанд дар шакли намунаҳо ва намоишҳо ҳангоми дарсҳои химия истифода шаванд. Дар ватани худ барои истифодаи амалии донишҳои мавҷуда имкониятҳо ва шароити васеъ мавҷуданд.

Ҳангоми истифодаи маводи ҳифзи табиат сифати дониш ва арзиши таҳсилотро ба назар гирифтан лозим аст. Аз ин рӯ, фаъолияти экологии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро фарқ мегузоранд, ки дар он мазмун ва хусусиятҳои он бо барномаҳо ва маводи китобҳои дарсӣ муайян карда мешаванд.

Фаъолияти экологии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҷмӯи ду равандҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки якумаш ба омӯзиши ҳамаҷонибаи табиати маҳалли худ ва ҷамъоварии мавод, дуюмӣ – ба истифодаи ин мавод дар таълим ва тарбияи хонандагон равона карда шудааст. Истифодаи ҳатмии маълумоти гирифташуда дар бораи табиати ватан дар таълим вазифаи асосии истифодаи маводи ҳифзи табиат дар таълими химия мебошад.

Маълум аст, ки мавод дар бораи табиати ватан дар маҷмуъ ба хонандагон ҷиҳати азхудкунии дониш ва интихоби касб кумак мекунад. Дар масъалаи алоқаи таълимӣ бо табиати ватанӣ, дар рушди маънавӣ ва татбиқи амалии донишҳои хонандагон, алахусус, донишҳо доир ба химия, маводи ҳифзи табиат аҳамияти калон дорад.

Истифодаи маводи ҳифзи табиат дар таълими химия имкон медиҳад, ки таълими химия аз рӯи қоидаҳои мантиқӣ – аз мафҳуми умумӣ то ягона, ҳолати умумии мафҳумҳо ва баръакс, баррасии маълумоти мушаххасе, ки дар атрофи мо мавҷуданд, гузаронида шавад.

Вазифаи асосии истифодаи маводи ҳифзи табиат дар таълими химия аз он иборат аст, ки онҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, то ки ҳамарӯза бо табиат шинос шаванд, то пайвастагии падидаҳоро бо ҳам мушоҳида кунанд ва онҳоро дар ташаккули мафҳумҳои химиявӣ дар синф истифода баранд.

Дар курси химияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мафҳумҳои бисёре мавҷуданд, ки дар асоси мавод дар бораи табиати ватан ба даст оварда шудаанд.

Таҷрибаи омӯзгорони химия нишон медиҳад, ки чунин мафҳумҳо ба монанди унсурҳо, моддаҳои оддӣ ва мураккаб, моддаҳои сахт, моеъ ва газӣ, ҳаҷм, фишор, сӯзишворӣ ва ғайра аз ҷониби хонандагон ҳангоми омӯзиши мустақилона беҳтар дар хотир нигоҳ дошта мешаванд.

Таълими химия бо истифода аз маводи маҳаллӣ ба гирифтани маълумот дар бораи зуҳуроти физикӣ ва химиявӣ ва фарқияти онҳо кумак мерасонад. Дар асоси дониши мушаххаси табиати маҳали худ, маводи ҳифзи табиат тасаввуроти хонандагон ва дарки қонуниятҳои илмиро аз ҷониби онҳо васеъ мекунад. Масалан, мафҳумҳои зуҳуроти одии химиявӣ одатан дар асоси ҳикояҳои омӯзгор ё китоби дарсӣ қабул карда мешаванд, бинобар ин онҳо ноустувор мебошанд. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дучор шудан мумкин аст, ки чӣ тавр хонандагон калима ва ибораҳоро аз китобҳо ё аз даҳони омӯзгор бо душворӣ дар хотир мегиранд. Табиист, зеро хонандагон забони гуфториро ҳамчун як намуди хотира, ки бо таҷрибаҳо ва корҳои озмоишӣ тасдиқ карда нашудаанд, ба таври нокифоя дар хотир нигоҳ медоранд.

Ё баръакс, хонанда он чизеро, ки мебинад ва ба нақли омӯзгор рабт медиҳад, озодона ба хотир мегирад, зеро хотираи муассир дар кӯдакон хуб инкишоф ёфтааст. Аз ин

рӯ, агар маводи ҳифзи табиат фаҳмо ва равшан бошанд, пас он дар омӯзиши курси химияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ беҳтар кумак карда, арзиши педагогии он меафзояд.

Истифодаи маводи ҳифзи табиат дар таълими химия имкон медиҳад, ки вазифаи фанҳои гуногун дар химия бо ҳам пайванд ва истифода шаванд. Ин барои ҳалли ҳамзамон масъалаи таълими умумӣ ва таълими якчанд фанҳои таълимӣ аҳамияти бузург дорад. Истифодаи донишҳои чуғрофӣ, химиявӣ, биологӣ, таърихӣ ва санъат метавонад мисоли равшани ҳамгироӣ дар таълим бошад.

Истифодаи маводи ҳифзи табиат дар таълими химия алоқаи донишҳои назариявии дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бадастоварда ва истифодаи амалии онҳоро таъмин мекунад. Намунаи чунин истифодаи маводи химиявӣ дар ҳаёти рӯзмарра мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абашеева, Ю.П. Использование местного материала в профориентационной работе со школьниками / [Текст] Ю.П. Абашеева // Физика в школе. – 1982. – №5. – С. 35.
2. Абдуллаева, А.Г. Пути использования краеведческих материалов в эффективной организации обучения литературе (по материалам Нахичеванской АССР) / [Текст] А.Г. Абдуллаева: автореф. дис. … канд. пед. наук. – Баку, 1989. – 24 с.
3. Аванесов, Р.С. Местный материал в преподавании истории СССР в старших (IX-XI) классах вечерней (сменной) школы / [Текст] Р.С Аванесов: автореф. дис. … канд. пед. наук. – Баку, 1973. – 27 с.
4. Бабаджанова, С. Патриотическое и интернациональное воспитание учащихся-подростков в школах-интернатах: (на материале Таджикской ССР) / [Текст] С. Бабаджанова: дис. канд. пед. наук. – Душанбе, 1970. – 215 с.
5. Большаков, А.М. Введение в краеведение /[Текст] А.М. Большаков. – Л.: Прибой, 1979. – 208 с.
6. Имангулова, Т.А. Безгина, Т.А. Поиск и изучение краеведческого материала как способ познания родного края /[Текст] Т.А. Имангулова, Т.А. Безгина //География в школах и вузах Казахстана. – 2007. – №1. – С. 18.
7. Тарасова, О.С. Элементы краеведения в обучении учащихся начальной школы: /[Текст] автореф. дис. … канд. пед. наук / О.С. Тарасова. – М, 1952. – 24 с.
8. Холназаров, С. Формирование экологической компетентности студентов./ С. Холназаров: материалы науч.-практич. конф.: Развитие образованияв период государственной независимости. Курган-тюбе, 2010. – С.142– 194.


# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ MS EXCEL ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ


***САИДЗОДА Исроил Маҳмад*** *– номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *isroil-84@list.ru.* ***тел.:*** *+ (992) 904 48 55 55*

***САИДҶАҲФАРОВ Аҳлиддин Илёсович*** *– омӯзгори калони кафедраи информатика-барномасозии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, н. Рашт, к. Э. Муҳиддинов, 63.* ***E-mail:*** *ahlidin_5111@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 985 92 92 00*


Мақолаи мазкур ба масъалаи самаранок истифода намудани ҷадвали электронии MS Excel дар ҳалли масъалаҳои мактабӣ бахшида шудааст.

Таҷрибаи солҳои охир маълум намуд, ки насли наврас ба технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, афзалияти самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар ҳамаи самтҳо дарк намудааст.

Истифода ва татбиқи босамари технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим боиси рушд ёфтани салоҳиятнокӣ гардида, барои бедор намудани қобилияти фикрронии хонандагон замина мегузоранд. Аз ин лиҳоз, истифодаи босамари технология ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои хонандагон манфиатовар мебошад.

Дар раванди таҳқиқот методикаи истифодаи ТИК, махсусан, ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълим мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Таҷрибаҳои педагогӣ ва саволномаҳои санҷишӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки имрӯз насли наврас, хусусан, хонандагони МТМУ ба омӯзиш ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи бештар доранд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқот амсилаҳои компютерӣ ва блокнақшаҳои консептуалие таҳия шудаанд, ки онҳоро ҳангоми татбиқи ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълими фанни алгебраи синфи 8 самаранок истифода намудан мумкин аст. Инчунин, дар раванди таҳқиқот бо истифода аз саволномаҳо муайян карда шуд, ки то чӣ андоза хонандагон ба татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, хусусан, MS Excel дар раванди таълим таваҷҷуҳ доранд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *технологияи иттилоотӣ, салоҳиятнокӣ, раванди таълим, ҷадвали электронӣ, самаранокӣ, таҷриба, фаъолият.*

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ MS EXCEL В РЕШЕНИИ ЗАДАЧ УРОВНЯ ОБЩЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

***САИДЗОДА Исроил Махмад*** *– кондидат технических наук, доцент кафедры информатики Таджикского национального университета, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *isroil-84@list.ru.* ***тел.:*** *+ (992) 904 48 55 55*

***САИДЖАХФАРОВ Ахлиддин Илёсович*** *– старший преподаватель кафедры информатики-программирования Таджикского педагогического института в Раштскому районе, р-н. Рашт, ул. Э. Мухиддинов, 63.* ***E-mail:*** *ahlidin_5111@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 985 92 92 00*

Статья посвящена эффективному использованию электронной таблицы MS Excel в решении школьных задач.

Опыт последних лет показывает, что молодое поколение проявило большой интерес к информационным технологиям и осознало эффективное преимущество использования информационных технологий во всех сферах.

Эффективное использование и практическое применение информационных технологий в процессе обучения приводит к повышению компетентности и закладывает основу для пробуждения умственных способностей учащихся. Эффективное использование этой технологии приносит пользу как учителям, так и учащимся.

В исследовании изучались методы использования ИКТ, особенно электронных таблиц, в процессе обучения. Педагогическая практика и тестовые анкеты показывают, что сегодня молодое поколение, особенно те, кто учится в СОШ, больше заинтересовано в обучении и использовании информационных технологий.

Следует отметить, что в ходе исследования были разработаны компьютерные программы и блокноты, которые можно эффективно использовать при использовании электронных таблиц в процессе обучения алгебры в 8-м классе. Кроме того, исследование с использованием анкет показало, насколько учащиеся заинтересованы в использовании информационных технологий, особенно MS Excel, в процессе обучения.

***Ключевые слова:*** *информационные технологии, компетентность, учебный процесс, электронная таблица, эффективность, опыт, деятельность.*

## EFFECTIVE USE OF MS EXCEL IN SOLVING PROBLEMS AT THE LEVEL OF GENERAL EDUCATION

***SAIDZODA Isroil Mahmad*** *– candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Informatics, Tajik National University, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.* ***E-mail:*** *isroil-84@list.ru.* ***phone:*** *+ (992) 904 48 55 55*

***SAIDJAHFAROV Ahliddin Ilyosovich*** *– senior lecturer of the Department of Informatics and Programming of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district, district. Rasht, st. E. Mukhiddinov, 63.* ***E-mail:*** *ahlidin_5111@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 985 92 92 00*

This article is devoted to the issue of effective use of MS Excel spreadsheets in solving school problems. The experience of recent years show that the younger generation is paying more attention to information technologies and has realized the advantage of effective use of information technologies in all directions.

The effective use and application of information technologies in the educational process leads to the increase of competence and lays the foundation for awakening the thinking ability of students. Effective use of this technology is beneficial for both teachers and students.

In the process of investigation, the method of using ICT, especially electronic spreadsheets in the educational process, was studied. Pedagogical experience and test questionnaires testify to the fact that today the younger generation, especially students of general secondary education are more interested in learning and using information technologies.

It should be noted that in the process of investigation, computer models and conceptual blocks were developed, which can be effectively used during the application of electronic tables in the process of teaching algebra 8. Also in the investigation using questionnaires it was determined to what extent students are interested in the application of information technologies, especially ES Excel in the educational process.

***Keywords:*** *technology, information, competence, the process of education, electronic spreadsheets, effective, experience, activity.*

Дар ҷомеаи имрӯза рушди бемайлони технологияҳои иттилоотиро дар ҳама самтҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Фазои иттилоотие, ки имрӯз насли наврас дар он зиндагӣ мекунад, доимо дар раванди тағйирёбӣ қарор дорад. Зеро рушди илму техника, иттилоотикунонии ҷомеа, истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ бо таври назаррас мушоҳида мешавад, ки ин ба ҳолатҳои рухӣ, тафаккур, малака ва қобилиятҳои эҷодии дилхоҳи шахс бетаъсир намемонад. Ҳамаи ин таъсиррасониҳо бо тағйироти гуногуни худ, зарурати татбиқи самараноки технологияҳои иттилоотиро дар самтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмҳои даққиқ ва ғайра пеш овардаанд. Ин раванд боиси он гардидааст, ки омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шаванд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки насли наврас ба технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, афзалияти самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар ҳамаи самтҳо дарк намудааст. Насли навраси имрӯза муҳиммият ва афзалиятҳои технологияҳои иттилоотиро нисбат ба насли солҳои пеш даҳҳо маротиба зиёдтар дарк намудааст. Масалан, таваҷҷуҳи зиёди хонандагон дар самти истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии интернет яке аз масъалаҳои глобалии сайёра гардидааст.

Ҷавонони имрӯза истифодаи интернетро ҳамчун як воситаи муоширатии фароғатӣ фикр мекунанд. Чунки бо самаранок истифода намудани интернет ба махзанҳои бузурги иттилоотӣ дастрасӣ пайдо намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, роҳҳои самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотиро аз зинаҳои мактабӣ ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст [5;11].

Ба масъалаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва самаранок истифода намудани онҳо, хусусан, дар раванди таълим аз ҷониби муҳаққиқон корҳои илмӣ-методии зиёде ба нашр расидаанд. Боиси зикр аст, ки дар ин самт саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ хеле назаррас мебошад. Масалан, олимон В.А. Бубанов [4], Е.П. Воронина [5], М. Купрянов, О. Околелов [8], О.Е. Лебедов [9], Г.К. Селевко [15], С.В. Симонов, Г.А. Евсеев [17], Ф.С. Комилиён, Ш.Х Тағоев, А.Ш. Комилӣ [7], И.М. Саидзода, С.Ҳ. Мирзоев [12-14] ва дигарон корҳои илмӣ-таҳқиқотии зиёде нашр намудаанд.

Истифода ва татбиқи босамари технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим боиси баланд шудани салоҳиятнокӣ гардида, барои бедор намудани қобилияти фикрронии хонандагон замина мегузоранд. Истифодаи босамари ин технология ҳам барои омӯзгорон

ва ҳам барои хонандагон манфиатовар мебошад. Масалан, афзалиятҳои истифодабарии компютер дар раванди таълимро метавон дар шаклҳои зеринро номбар намуд [10]:

1. Ҷалби диққати хонандагон дар пешниҳоди маводи таълимӣ (истифода намудани рӯнамоҳо ва технологияҳои чандрасонай);
2. Пешниҳоди маводҳои таълимӣ дар шакли электронӣ;
3. Таҳия ва пешниҳоди маводҳо барои дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ дар шаклҳои гуногун;
4. Баҳодиҳии фаврии дониши хонандагон;
5. Истифодаи ҷадвалҳои электронӣ ва забонҳои барномасозӣ дар раванди ҳалли масъалаҳо;
6. Фардикунонии супоришҳо (барои ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ пешниҳод намудани мавод, ҷиҳати иҷрои корҳои мустақилона);
7. Истифодаи бозиҳои мантиқии таълимӣ ва ғайра [10;12].

Истифодаи босамари компютер дар раванди таълими математика, алгебра, геометрия, физика ва ғайра боиси рушд намудани қобилияти эҷодии хонандагон мегардад. Зеро он аёниятҳои таълимие, ки имрӯз истифода мешаванд, ба пурраги мухтавои масъалаҳои баррасишавандаро тасниф карда наметавонанд. Тавассути технологияҳои компютерӣ имконияти ҳалли масъалаҳо ва визуалигардонии онҳо зиёдтар аст.

Яке аз воситаҳои асосии татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим, истифодаи ҷадвалҳои электронӣ ба ҳисоб меравад. Ҷадвалҳои электрониро дар раванди тамоми фанҳои таълимие, ки ба илми ҳисоб вобастаанд, истифода намудан мумкин аст. Хусусан, дар раванди дарсҳои алгебра [1;14].

***Истифодаи ҶЭ Microsoft Excel дар раванди таълим.*** ҶЭ MS Excel як воситаи пуриқтидор ва тавоно барои коркард ва ҳисобкунии иттилоотҳои ададӣ буда, тавассути он тамоми масъалаҳои математикӣ, иқтисодӣ ва ғайра ҳисоб карда мешаванд. Омӯзгорони фанҳои дақиқ ин ҷадвали электрониро дар раванди ҳисобкунии масъалаҳо хеле зиёд истифода намуда, онро ҳамчун як воситаи муҳимми ёрирасон қабул намудаанд.

Дар раванди таълим баъзан масъалаҳое пайдо мешаванд, ки ҳисобкуниҳои душвор дошта, дар раванди ҳалли онҳо зарурати истифодаи Ms Excel пеш меояд. Аз қабили чунин масъалаҳо:

- ✓ *ҳисобкунии масъалаҳое, ки таҳлилҳои омории дақиқро талаб мекунанд;*
- ✓ *дар ҳолати баррасии маълумотҳои содиротӣ ва воридотии ҳаҷман калон;*
- ✓ *ҳангоми ҳалли масъалаҳои иқтисодие, ки дар онҳо миқдори иттилоот дар ҷадвалҳои калонҳаҷм пешниҳод шудаанд;*
- ✓ *дар ҳолатҳое, ки зарурати таҳияи шакли диаграммавии масъала пеш меояд;*
- ✓ *ҳангоми ёфтани қимати функсияҳое, ки бо таври аналитикӣ ҳисобкунии онҳо ғайриимкон аст ва ғайра* [1;7].

Ms Excel дар фаъолияти касбии омӯзгорони фанни алгебра нақши муҳимро мебозад. Чунки бо имкониятҳои ин ҶЭ дар кӯтоҳтарин мӯҳлат садҳо намуди масъалаҳоро ҳал намудан мумкин аст. Инчунин, дар раванди ҳалли масъалаҳое, ки бо таври аналитикӣ ёфтани ҳалли онҳо ғайриимкон аст, аз Ms Excel истифода мебаранд. Яке аз имкониятҳои беҳтарини ин ҶЭ таҳияи графики функсияҳо, сохтани диаграммаҳо ва визуалигардонии иттилоот мебошад (расми 1).

Аз ин лиҳоз, барои омӯзгорони фанҳои дақиқ донистани Microsoft Excel ҳатмӣ ҳисобида мешавад. Ms Excel дорои имкониятҳои функсионалии зиёд буда, тавасути онҳо функсияҳои математикӣ, оморӣ, мантиқӣ ва ғайра ҳисоб карда мешаванд.




***Расми 1 –Афзалиятҳои татбиқии MS Excel дар раванди таълим***

Истифодаи ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълим яке аз самтҳои татбиқии ТИК ба ҳисоб рафта, омӯзгорони фанҳои дақиқ ба он таваҷҷуҳи хосса доранд. Маҳз бо самаранок истифода намудани ҶЭ раванди ҳалли масъалаҳоро тезонидан имконпазир аст. Масалан, барои сохтани одитарин графики функсия бо таври маъмулӣ тақрибан 8-10 дақиқа вақт сарф мешавад, бо истифода аз имкониятҳои MS Excel бошад, ҳамон графики функсияро дар 3-4 дақиқа сохтан мумкин аст. Инчунин, имкониятҳои функсионалии MS Excel барои худкорсозии раванди ҳалли масъалаҳои гуногун пешбинӣ шудаанд, аз қабилӣ: муоинагардонӣ, диаграммасозӣ, ивазкунии фаврӣ ва ғайра.

Истифода намудани MS Excel дар раванди таълим дорои хусусият ва имкониятҳои ба худ хос мебошад, ки онҳо дар расми 2 пешниҳод шудаанд.




***Расми 2 – Хусусият ва имкониятҳои MS Excel дар раванди таълим***

Дар МТМУ-и ҶТ дар раванди таълими фанни алгебра аз синфи 7-ум ба омӯзиши функсияҳо ва хосиятҳои онҳо оғоз мекунанд. Зинаи омӯзиши функсияҳо аз сохтани графики функсияҳои хаттӣ оғоз шуда, дар синфҳои болоӣ то ба функсияҳои логарифмӣ, тригонометрӣ ва ғайра мерасад. Таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки хонандагон дар раванди таълим имконияти тасвир намудани на ҳамаи графики функсияҳоро дороанд. Зеро вақти барои дарс ҷудошуда барои тасвири ҳамаи графикҳо кифоя нест. Агар дар раванди таълим ҷадвалҳои электронӣ татбиқ карда шаванд, вақтро якчанд маротиба сарфа намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, дар зер татбиқи ҷадвалҳои электрониро дар раванди таълими фанни алгебраи синфи 8-ум мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Бояд тазакур дод, ки ҳангоми дуруст татбиқ намудани MS Excel дар раванди таълими фанни алгебра ба натиҷаҳои назарас ноил шудан мумкин аст. Масалан, ҳангоми сохтани графики функсияҳо имкониятҳои зерин истифода мешаванд:

1. Омӯзгор имконияти тахияи қолаби ҳамвории координатиеро дорад, ки бо таври аналитикӣ сохтани он душвор аст. Ин ҳолат боиси он мегардад, то диққати хонандаро ба раванди таълим ҷалб намоем;
2. Дар як сиситемаи координатӣ тартиб додани графики якчанд гурӯҳи функсияҳо;
3. Бо таври худкор иваз намудаи қимати функсияҳо ва тасвири графикҳои нав;
4. Такмилдиҳии намои график ва визуалигардонии он [3;16].

Барои татбиқ намудани ҶЭ дар раванди таълими фанни алгебра МТМУ-и №1 ва МТМУ-и №2-и ноҳияи Раштро, ки муассисаҳои пойгоҳи омӯзишии мо мебошанд, мавриди таҳқиқи педагогӣ қарор додем. Теъдоди иштирокчиёни ҳарду муассисаҳои таҷрибавӣ 138 нафар хонандагони синфҳои 8-ро ташкил медоданд (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1 – Гурӯҳҳои таҷрибавии муассисаҳои озмоишӣ**

| Муассисаи таълимӣ | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Миқдори хонандагон |
|---|---|---|
| МТМУ №1, ноҳияи Рашт | Синфи 8А | 30 |
| | Синфи 8Б | 28 |
| МТМУ №2, ноҳияи Рашт | Синфи 8А | 30 |
| | Синфи 8Б | 25 |
| | Синфи 8В | 25 |

Озмоишҳои педагогӣ дар чунин шакл гузаронида шуданд:

1. *Дар қисмати якум* ду мавзуи дарсӣ бо таври анъанавӣ ба хонандагон таълим дода шуд. Мавзуъҳо оид ба сохтани графики функсия ва муодилаҳои квадратӣ бахшида шуда буд.

2. *Дар қисмати дуюм* ҳамон мавзуъҳо бо истифода аз ҶЭ MS Excel ба хонандагон таълим дода шуданд;

3. *Дар қисмати сеюм* саволнома дар шакли ҷадвали 2 тартиб дода шуда, байни хонандагон пурсишҳо гузаронида шуданд.

**Ҷадвали 2 – Саволномаи санҷишӣ**

| Ба Шумо кадом намуди дарс маъқул аст? | | | |
|---|---|---|---|
| **Синфҳо** | **8А** | **8Б** | **8В** |
| Дарси муқаррарӣ | | | |
| Дарсҳо бо истифодаи MS Excel | | | |

Барои гузаронидани озмоиши педагогӣ, дар аввал графики функсия бо таври анъанавӣ ва бо истифода аз MS Excel сохта шуд.

**Мисоли 1**. Графики функсияи $y = x^2 - 10, x\epsilon[-5; 5]$ сохта шавад.

Барои сохтани графики функсияи додашуда дар қисмати аввал ҷадвали қиматҳои функсияро месозем:

| x | -5 | -4 | -3 | -2 | -1 | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| y | 15 | 6 | -1 | -6 | -9 | -10 | -9 | -6 | -1 | 6 | 15 |

Паз аз ин, бо истифода аз маълумотҳои ҷадвал, ки онҳо дар натиҷаи ҳисоб намудани қимати функсия ҳосил шудаанд, графикро дар намуди расми 3 месозем.




**Расми 3 – Графики функсияи $y = x^2 - 10, x\epsilon[-5; 5]$.**

Ҳангоми таҳия намудани графики функсияи мазкур бо таври аналитикӣ ба ҳисоби миёна 15 дақиқа вақт сарф шуд.

Дар қадами навбатӣ графики функсияи додашуда бо имкониятҳои функсионалии ҶЭ MS Excel сохта мешавад (расми 4).




**Расми 4 – Натиҷаи компютерии графики функсияи $y = x^2$, $x\epsilon[-5; 5]$ дар MS Excel**

**Мисоли 2.** Муодилаи квадратии $x^2 + 5x - 36 = 0$–ро ҳал кунед.

Муодилаи кавадратии додашударо бо усулҳои маъмули математикӣ ҳал намуда, муайян намудем, ки $x1 = -9$ ва $x2 = 4$ аст. Аз сабаби он, ки роҳи ҳалли муодилаи квадратӣ ба ҳама маълум аст, пешниҳод намудани роҳи ҳалро ҳатмӣ намешуморем.

Акнун ҳалли муодилаи додашударо бо истифода аз ҷадвали электронии MS Excel аз назар мегузаронем. Чунончӣ: Барои ҷустуҷӯ намудани роҳи ҳалли муодилаи квадратӣ тавассути MS Excel усулҳои гуногуни зиёде мавҷуданд ва омӯзгор метавонад аз онҳо истифода намояд. Мо роҳи аз ҳама соддатаринро истифода мебарем. Барои ин, дар дохили катаки A2 мувофиқан қимати a, дар дохили катаки B2 қимати b ва дар дохили катаки C2 қимати c–ро ҷойгир мекунем. Пас аз ин, дар дохили катаки B3 формулаи =B2^2-4*A2*C2, дар катаки B4 формулаи =ЕСЛИ(B3>=0;(-B2+КОРЕНЬ(B3))/(2*A2);"Муодила ҳал надорад") ва дар катаки B5 формулаи =ЕСЛИ(B3>=0;(-B2-КОРЕНЬ(B3))/(2*A2);"Муодила ҳал надорад") –ро дохил намуда, ҳали муодилаи квадратиро меёбем (расми 5).

| | A | B | C |
|---|---|---|---|
| 1 | **a** | **b** | **c** |
| 2 | 1 | 5 | -36 |
| 3 | **d=** | 169 | |
| 4 | **x1=** | 4 | |
| 5 | **x2=** | -9 | |

***Расми 5 – Натиҷаи компютерии ҳалли муодилаи квадратии***
***$x^2 + 5x - 36 = 0$ дар MS Excel***

Хотирасон менамоем, ки ҳангоми истифодаи ҶЭ кифоя аст, ки мо як маротиба формулаҳои лозимиро дар дохили катакҳо ҷойгир намоем. Пас аз ин, бо иваз намудани қимати коэффитсиентҳо ҳалли дилхоҳ муодилаи квадратиро ёфтан мумкин аст. Масалан, ҳалли муодилаҳои $x^2 + x - 42 = 0$ ва $x^2 + 2x + 5 = 0$ дар расми 6 пешниҳод шудаанд:

| | A | B | C |
|---|---|---|---|
| 1 | **a** | **b** | **c** |
| 2 | 1 | 1 | -42 |
| 3 | **d=** | 169 | |
| 4 | **x1=** | 6 | |
| 5 | **x2=** | -7 | |

***Натиҷаи ҳалли муодилаи квадратии $x^2 + x - 42 = 0$***

| | A | B | C |
|---|---|---|---|
| 1 | **a** | **b** | **c** |
| 2 | 1 | 2 | 5 |
| 3 | **d=** | -16 | |
| 4 | **x1=** | Муодила ҳал надорад | |
| 5 | **x2=** | Муодила ҳал надорад | |
| 6 | | | |

***Натиҷаи ҳалли муодилаи квадратии $x^2 + 2x + 5 = 0$***

***Расми 6 – Натиҷаи компютерии ҳалли муодилаҳо дар MS Excel***

Бояд қайд намуд, ки мақсади татбиқ намудани MS Excel дар раванди таълими алгебра танҳо ҳисоб намудани як ё ду масъала иборат нест. Бо истифода аз имкониятҳои ин ҷадвали электронӣ, омӯзгор ва хонанда метавонанд, дурустии масъалаҳои бо таври аналитикӣ ҳал намудаи худро муқоиса намоянд, бо иваз намудани қимати маълумоти нав масъалаҳои дигарро тартиб дода, онҳоро бо таври аналитикӣ ҳал намоянд ва инчунин, аз садҳо имкониятҳои функсионалии барнома бохабар гардида, онҳоро дар раванди таълим татбиқ намоянд.

Пас аз таҷрибаҳои педагогӣ, ки дар онҳо методикаи татбиқ намудани MS Excel–ро дар раванди таълими алгебра нишон додем (дар раванди таҷрибагузаронӣ зиёда аз 6 мавзуи дарсӣ бо татбиқи ҶЭ гузаронида шуд), натиҷаҳои азхудкунии дониши хонандагонро нисбат ба мавзуъҳои баррасишуда муайян намуда, дар ҷадвали 3 пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 3 – Натиҷаҳои азхудкунии мавзуъҳои дарсӣ**

| Синфҳо | МТМУ №1, ноҳияи Рашт | | МТМУ №2, ноҳияи Рашт | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **8А** | **8Б** | **8А** | **8Б** | **8В** |
| Дарсҳои муқаррарӣ | 51% | 55% | 62% | 53% | 51% |
| Дарсҳо бо истифодаи MS Excel | 61% | 72% | 68% | 54% | 58% |

Барои муқоиса намудани натиҷаи азхудкунии мавзуъҳои дарсӣ, ки дар ҷадвали 3 оварда шудаанд, диаграммаро дар шакли расми 7 бо истифодаи MS Excel месозем:

**Расми 7 –Натиҷаи диаграммавии азхудкунии мавзуъҳои дарсӣ**




Агар бо таври мушаххас натиҷаҳои диаграммавии расми 7-ро таҳлил намоем, он гоҳ баръало мебинем, ки дараҷаи азхудкунии мавзуъҳои таълимӣ дар хонандагони МТМУ-и №1-и н.Рашт, синфи 8А аз 51% то ба 61%, синфи 8Б аз 55% то ба 72% расидааст. Дар МТМУ-и №2-и н.Рашт бошад, синфи 8А аз 62% то ба 68%, синфи 8Б аз 53% то ба 54% ва синфи 8В аз 51% то ба 58% боло рафтааст. Натиҷаи аз ҳама баландтарин 17% буда, дар синфи 8Б-и МТМУ-и №1 муайян карда шуд. Нишондодҳои диаграмма (расми 7) гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки бо татбиқи самараноки ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълим салоҳиятнокии дониши хонандагонро боло бурдан имконпазир аст.

Дар қисмати навбатии таҳқиқоти педагогӣ, бо истифода аз саволнома, ки дар шакли ҷадвали 2 пешниҳод шуда буд, байни хонандагон пурсиш гузаронида шуд. Натиҷаи пурсиш дар ҷадвали 4 пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 4 – Натиҷаҳои саволномаҳои санҷишӣ**

| Ба Шумо кадом намуди дарс маъқул аст? | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Синфҳо** | МТМУ №1, ноҳияи Рашт | | МТМУ №2, ноҳияи Рашт | | |
| | **8А** | **8Б** | **8А** | **8Б** | **8В** |
| Дарсҳои муқаррарӣ | 32% | 26% | 38% | 45% | 29% |
| Дарсҳо бо истифодаи MS Excel | 68% | 74% | 62% | 55% | 71% |

Натиҷаи муқоисаи диаграммавии ҷадвали 4 дар расми 8 пешниҳод шудааст:




**Расми 8 –Натиҷаи диаграммавии пурсиш дар байни хонандагон**

Аз натиҷаи муқоисавии диаграммаи расми 8 айён аст, ки қисмати зиёди хонандагон таваҷҷуҳ ба татбиқи ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълимро доранд. Нишондоди аз ҳама бештар дар хонандагони синфи 8Б-и МТМУ-и №1, 74% ва синфи 8В-и МТМУ-и №2, 71% ба қайд гирифта шуд.

***Хулоса,*** дар раванди таҳқиқот методикаи истифодаи ТИК, махсусан, ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълим мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Таҷрибаҳои педагогӣ ва саволномаҳои санҷишӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки имрӯз насли наврас, хусусан, хонандагони МТМУ ба омӯзиш ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи бештар доранд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқот амсилаҳои компютерӣ ва блокнақшаҳои консептуалие таҳия шудаанд, ки онҳоро ҳангоми татбиқи ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълими фанни алгебраи синфи 8 самаранок истифода намудан мумкин аст.

## АДАБИЁТ


1. Актуальность использования ИКТ в образовательном процессе [Электронни ресурс]: https://znanio.ru/pub/4480 (санаи муроҷиат: 30.01.2023).
2. Алиев, Б. Алгебра синфи 8 /Алиев Б.// Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. –Душанбе: “Собиоиён”, 2021, –320 с.
3. Берцун, Е.И. Использование электронных таблиц Microsoft Excel при решении физических задач по теме: "Тепловые явления в 8-м классе"[Электронни ресурс]: https://urok.1sept.ru/articles/419183 (санаи муроҷиат: 04.02.2023).
4. Бубнов, В.А. Информационные технологии на уроках алгебры / Бубнов В.А., Толстова Г.С., Клемешова О.Е. // Информатика и образование. –2014 . №5. – С. 76-85.
5. Воронина, Т.П. Образование в эпоху новых информационных технологий /Воронина Т.П., Кашицин В.П., Молчанова О.П// М.: Информатика, – Москва, 1995. –220 с.
6. Гайнатулина, М.Р. Использование электронных таблиц Microsoft Excel на уроках математики [Электронни ресурс]: https://urok.1sept.ru/articles/ 613869 (санаи муроҷиат: 04.02.2023).
7. Комилиён, Ф.С. Технология педагогических игр в развитии компетенций студентов в процессе обучения системе учета / Комилиён Ф.С., Тағоев Ш.Х., Комилӣ А.Ш.// Учебное пособие Душанбе, 2019. –160 с.
8. Куприянов, М. Дидактический инструментарий новых образовательных технологий/ Куприянов М., Околелов О. // Высшее образование в России. – 2001. – №1. – С. 124-126.
9. Лебедев, О. Е. Компетентностный подход в образовании [Текст] / О. Е. Лебедев // Школьные технологии. – Москва, 2004. – № 5. – С. 3-12.
10. Применение компьютерных технологий на уроках математики [Электронни ресурс]: https://infourok.ru/primenenie-kompyuternih-tehnologiy-na-urokah-matematiki-1093013 (санаи муроҷиат: 09.11.2022).
11. Саидзода, И. М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / И. М. Саидзода, Қ. Э. Ҳайетов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 293-300.
12. Саидов, И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / Саидов И., Саидҷаҳфаров А.И. //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С. 220-227.
13. Саидов, И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон [Матн] / Саидов И.М., Мирзоев С., Ҳайётов Қ.// Пайёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши технологияи таълим. – Душанбе, 2021. – №1(33). – С. 60-64.
14. Селевко, Г.К. Педагогические технологии на основе информационно коммуникационных средств. – М.: НИИ школьных технологий, 2010. – С.208. (Серия «Энциклопедия образовательных технологий».)
15. Сигорский, М.А. Использование электронных таблиц для решения задач из раздела реальная математика [Электронни ресурс]: https://znanio.ru/media/ispolzovanie-

elektronnyh-tablits-dlya-resheniya-zadach-iz-razdela-realnaya-matematika-2642630 (санаи мурочиат: 04.02.2023).

16. Симонов, С.В. Общая информатика [Текст] /Симонович С.В., Евсеев Г.А. // Учебное пособие для средней школы. – М.: АСТ–ПРЕСС: Инфорком–Пресс, – 1998. – 158 с.

УДК-37,7

## МУҲИТИ МУОСИРИ РАВАНДИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОН БА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ

***АХМЕДОВА Манижахон Фаррухҷоновна*** – *омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.* ***E-mail:*** *Manija94Farrukhi@mail.ru,* ***тел:.*** *+(992) 937 75 08 00*

Мақола ба яке аз муаммоҳои мубрами системаи маълумоти олии муосир – маданияти иттилоотии омӯзгорон бахшида шудааст. Афзалияти ин масъала ҳамчун яке аз вазифаҳои пешбарандаи таълими муосири педагогӣ, ки ба баланд бардоштани сифати он нигаронида шудааст, ошкор карда шуда, равишҳои асосии мушкилоти сатҳи рушди фарҳанги иттилоотӣ таҳлил ва ҷамъбаст ва дурнамои рушди он дар байни донишҷӯён муайян карда шудааст.

Дар мақолаи мазкур ба технологияҳои иттилоотӣ, асбобҳои компютерӣ, ки системаи сифатан нави иттилоотии компютериро ташкил карда, заминаҳои пурзӯргардонии раванди таълимро ҳамчун намуди муҳимтарини фаъолияти зеҳнӣ фароҳам овардааст, сухан меравад. Омӯзгор ба сатҳи баланди фарҳанги иттилоотӣ ниёз дошта, унсури ҷудонашавандаи фарҳанги умумӣ ва касбии ӯ мебошад, ки имкон медиҳад истифодаи барномаҳои дидактикии беасоси компютериро бо мақсадҳои таълимӣ, беасос такрор кардани таълими анъанавӣ маҳдуд созад. Инноватсия яке аз ҷузъҳои муҳими фарҳанги иттилоотии шахсияти омӯзгори оянда буда, имконият медиҳад, ки ба умқи рафтори иттилоотии донишҷӯён ворид шавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *фарҳанги иттилоотии донишҷӯён, ҷомеаи иттилоотӣ, идоракунии иттилоот, рушди фарҳанги иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, малакаҳои иттилоотӣ, муҳити иттилоотӣ, системаи самтҳои арзишӣ.*

## СОВРЕМАННАЯ СРЕДА ПРОЦЕССА ПОДГОТОВКИ ПЕДАГОГОВ К ВНЕДРЕНИЮ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ОБУЧЕНИЯ

***АХМЕДОВА Манижахон Фаррухджоновна*** – *преподаватель кафедры общей педагогики Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р.. дом 1.* ***E- mail:*** *Manija94Farrukhi@mail.ru,* ***тел:.*** *+(992) 937 75 08 00*

Статья посвящена одной из самых актуальных проблем современной системы высшего образования - информационной культуре учителей. Раскрывается приоритетность данной проблемы как одной из ведущих задач современного педагогического образования, направленных на повышение его качества, анализируются и обобщаются основные подходы к проблеме уровней развития информационной культуры, определяются перспективы ее развития у студентов.

Информационные технологии и компьютерные средства создают качественно новую систему дают основу для усиления учебного процесса как важнейшего вида интеллектуальной деятельности. Учителю необходим достаточно высокий уровень информационной культуру и он является неотъемлемой частью его общей и профессиональной культуры, что позволяет ему ограничивать использование необоснованных компьютерных дидактических программ в образовательных целях без необоснованного дублирования традиционного обучения. Инновация одна из важнейших информационных компонентов личности будущего учителя, позволяющей ему глубже изучить информационное поведение учащихся.

***Ключевые слова:*** *информационная культура студентов, информационное общество, управление информацией, развитие информационной культуры, информационные технологии, информационные навыки, информационная среда, система ценностей.*

## MODERN ENVIRONMENT OF THE PROCESS OF PREPARING THEACHERS MODERN INNOVATIVE TECHNOLOGIES OF EDUCATION

***AKHMEDOVA Manijahon Farukhjonovna*** *– teacher of the department pedagogic of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E-mail:*** *Manija94Farrukhi@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 937 75 08 00*

The article is devoted to the relevant problem of the modern system of higher education- the problem of students' information competence. The article shows the priority of the quality improvement in students' adequacy for high technology; analyses and generalizes the main approaches to the information development in students, defines their perspectives. Information technology and computer tools create a qualitatively new computer information system, provide a basis for strengthening the educational process ass the most important type of intellectual activity.

A teacher needs a sufficiently high lever of information culture, which allows him to limit the use of unfounded computer didactic programs for educational purposes without unreasonable repetition of traditional theater. Innovation is one of the most important informational components of a future teachers personality, allowing him or her to delve deeper into student information behavior.

***Key words****: student information culture, information society, information management, development of information culture, information technology, information skills, information environment, value system.*

Гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ тағйироти назаррасро дар тамоми системаи иқтисодии давлат пешбинӣ мекунад, ки ин бунёди заминаи нави идоракунии иттилоотӣ барои рушди ҷомеа, ташаккули ҳавасмандии принсипан нави иҷтимоӣ ва имкониятҳои технологӣ, истифодаи васеи амалии навовариҳо ва донишҳо барои афзоиши босуръати маҳсулнокии меҳнат буда, дар ин замина беҳтар шудани сифати зиндагиро муайян менамояд. Комилан возеҳ аст, ки ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳалли масъалаҳои системаи муосири маориф вобаста аст, ки онҳо бояд таҳлил ва ҳалли мушкилоти иттилоотие, ки дар ҷомеа ба миён меоянд, бояд ба шароити муосири ҷомеаи иттилоотӣ тавассути иттилоотикунонии маориф мутобиқ карда шаванд. [6,110].

Парадигмаи нави таълимиро шартан метавон стратегияи “таҳсилот барои оянда” номид, зеро имрӯз мо метавонем, дар бораи принсипи нави истеҳсоли иттилоот - идоракунии иттилоотӣ сӯҳбат кунем. [4,144]. Истеҳсол ва истифодаи иттилоот самти муҳимми истифодаи дониш, маҳорат ва малакаи ҳар як иштирокчии муҳити иттилоотӣ шуда истодааст. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки дониши назариявии иттилоотӣ як навъ модели идеализатсия мебошад, ки номутаносибии рушди иттилооти ҷомеаро ба назар намегирад, ки он инҳоро дар бар мегирад:

1) тағйирёбии доимии ҷомеаи иттилоотӣ, ки аз иқтисодиёт, ҳуқуқ ва назарияи педагогӣ пеш гузаштаанд;

2) ҷараёнҳои ҷаҳонии афзояндаи иттилооти гуногун, ки аксар вақт аз ҷиҳати меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавият пайгирӣ карда намешаванд;

3) афзоиши аз ҳад зиёди технологияҳои иттилоотӣ боиси нашудани мушкилоти инсонӣ дар ҷомеа мегардад;

4) паҳншавии ақлонӣ ва бартарафсозии унсурҳои ҳассос ба маънои аслӣ ба гуманизм, идеали гуманистии инсон ва фарҳанг зарба мезананд.

Бартараф кардани ин зиддиятҳо, пешгирӣ, таҳрифоти эҳтимолии ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин, дар бунёди заминаи нави идоракунии иттилоот барои рушди ҷомеа, ташаккули ҳавасмандии комилан нави иҷтимоӣ ва қобилиятҳои технологӣ, ки истифодаи васеи амалии

навовариҳо ва донишҳоро барои такмилдиҳии меҳнат ва дар ин замина баланд бардоштани сифат саҳм мегиранд - зиндагӣ, фарҳанги иттилоотӣ номида мешавад. Ҳадафи глобалии стратегии фарҳанги иттилоотӣ -ташаккули идорашавандаи ҷомеаи иттилоотии устувор ва шахси нав дар он мебошад. Ин ҳадафи стратегиро метавон бо талошҳои пайвастаи шахс, ҷомеаи ҷаҳонӣ бо мавқеи пешрафта ва фаъоли давлат ва субъектҳои системаи таълимӣ, ки ба рушд ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотӣ равона шудаанд, ноил шуда, дар ҳоле ки тамаркузи нокифояи кӯшишҳо барои рушди ҷудонашавандаи он метавонад, боиси он гардад, ки дар шароити иттилоотӣ таркиш дар ягон минтақа фаъолияти пурсамари имконпазир нахоҳад буд. Нақши бартаридоштаи фарҳанги иттилоотиро дар соҳаи иттилоотикунонии таълим бисёр муҳаққиқони муосир Ю.С.Брановский, Ю.С.Зубов, Г.И.Иброҳимов, Э.М.Ибрагимова, Н.В.Макарова дар ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф мекунанд. [9,180]. Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди фарҳанги иттилоотӣ дар муҳити таълимӣ ин як фармоиши иҷтимоии ҷомеаи нави иттилоотӣ мебошад, ки пайванди марказии он - шахс ҳамчун субъекти фарҳанги иттилоотӣ мебошад. Вазифаи роҳбарикунандаи системаи таҳсилоти олӣ аз фароҳам овардани шароит барои ташаккул ва рушди сатҳи воқеии касбии нигаронидашудаи фарҳанги иттилоотии донишҷӯён иборат аст, ки ба қадами умедбахши пешрафтаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ мувофиқанд.

Масъалаи ташаккул ва рушди фарҳанги иттилоотии омӯзгор, махсусан, муҳим аст. Ҷомеаи иттилоотӣ ба муаллими типи нав - шахси дорои иқтидори эҷодӣ, қобилияти рушди касбии худ ва дарки танқидии ҷараёни доимоафзояндаи иттилоот ниёз дорад. Танҳо омӯзгор ба туфайли хусусиятҳои касби худ, ки худ фарҳанги баланди иттилоотӣ дорад, метавонад онро дар байни донишҷӯён ташаккул ва инкишоф диҳад. Аммо, таҳлилҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқот гузаронида шуданд, нишон доданд, ки дар системаи муосири маориф, мушкилоти ташаккул ва рушди фарҳанги иттилоотӣ то ҳол мақоми яке аз ҳадафҳои пешбарандаи тайёрии касбии донишҷӯёнро ба даст наовардааст ва бо вуҷуди доираи хеле васеи нашрияҳо оид ба фарҳанги иттилоотӣ, имрӯз ягон ҳаҷми муқарраршудаи ин мафҳум, инчунин, тафсири он вуҷуд надорад. Рушди нокофии ин муаммо дар системаи муосири таълим боиси он мегардад, ки рушди фарҳанги иттилоотии омӯзгори оянда аз бисёр ҷиҳатҳо ба таври эпизодӣ ба амал ояд.

Тибқи бархӯрди системавӣ ва сохторӣ, фарҳанги иттилоотӣ ташаккули миқёси калон ва бисёрсатҳӣ буда, маҷмӯи таркибии категорияҳои асосие мебошад, ки ғояҳо дар бораи ҷомеаи иттилоотӣ дар “дониш”, “иттилоот” ва “фарҳанг” асос меёбанд: Онҳо захираҳоеро инъикос мекунанд, ки табиати беназир доранд ва аз ҳисоби истифодаи онҳо ҳаҷм ва арзиши онҳо меафзояд. [19,304]. Ин категорияҳо аз ҷиҳати захираҳои оянда баррасӣ карда мешаванд, зеро онҳо ба шарофати кӯшишҳои зеҳнии инсон нав мешаванд.

Ҳамкории субъектҳои фарҳанги иттилоотӣ ҳам дар сатҳи ҷомеа ва ҳам дар сатҳи шахс ба амал меояд ва ҳар ду дар шароити баррасӣ хусусиятҳои хоси табдили иттилоотӣ ва равандҳои фарҳангиро ба шаклҳои нав ошкор месозанд. Пас, ба маънои васеъ, дар бораи фарҳанги иттилоотии тамаддун, давлат, миллат, минтақа, системаи маориф (масалан, фарҳанги иттилоотии системаи таҳсилоти олӣ ва муассисаи мушаххаси таълимӣ), ҷомеаи илмӣ ва омӯзгорӣ, омӯзгорони мактабҳои олӣ, донишҷӯён ва ғайра мо метавонем гӯем.

Фарҳанги иттилоотӣ ва механизми фаъолияти онро метавон дар сатҳҳои зерин баррасӣ кард:

1) фарҳанги иттилоотӣ ҳамчун ягонагии диалектикии фарҳанги маънавӣ ва моддӣ, яъне ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги умумии шахс;

2) фарҳанги иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги касбии гурӯҳҳои муайяни одамон;

3) фарҳанги иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги педагогии омӯзгор;

4) фарҳанги иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи салоҳияти касбии омӯзгор. Дар педагогика дар масъалаи муайян кардани ҷузъҳои асосии функсионалӣ ва сохторӣ ягонагӣ вуҷуд надорад.

Ҷудокунии қисмҳо, зерсистемаҳо дар системаи намунавӣ абстраксияи анъанавӣ мебошад. Ҷузъҳои ин система бояд табиати диалектикӣ, бисёрсатҳии фарҳанги иттилоотӣ, табиати яклухт ва инкишофёбандаи онро инъикос кунанд ва инчунин, барои ҳифз ва рушди фарҳанги иттилоотӣ ҳамчун система зарур ва кофӣ бояд пешниҳод карда шаванд. Дар асоси омӯзиши назариявии муаммои муайян кардани моҳияти мафҳуми “фарҳанги иттилоотӣ” ҷузъҳои пешбарандаи мухтавои ин мафҳумро фарқ мекунем:

1) маърифатӣ (системаи асосии дониш дар бораи фарҳанги иттилоотии омӯзгори муосир);

2) аксиологӣ (системаи самтҳои арзишӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори шахс ҳамчун субъекти иттилоот дар фазои иттилоотӣ);

3) иродаи қавӣ (ангезаҳои истифодаи дониш, малака ва малакаҳои фарҳанги иттилоотӣ(;

4) психофизиологӣ (қобилиятҳое, ки барои амалисозии фаъолияти иттилоотӣ заруранд);

5) методологӣ (усулҳои оқилонаи фаъолияти иттилоотӣ);

6) иттилоотӣ (маҳорат ва малакаи муошират тавассути технологияҳои иттилоотӣ).

Арзишҳо асоси фарҳанг мебошанд, зеро онҳо асоси меъёрҳои иҷтимоӣ барои амалиёт дар ҷомеаи муайян паҳн шудаанд. Меъёрҳо арзишҳои ҷомеаро татбиқ мекунанд. Арзишҳо ва меъёрҳо тавассути афзалиятҳо - афзалиятҳои маҳсулоти иҷтимоӣ зоҳир мешаванд. Системаҳои афзалиятнок аз гузаштаи таърихии одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ реша мегиранд ва хеле суст тағйир меёбанд. [11,66].

Дар натиҷа, имрӯз як масъалаи шадиди меъёрҳои таснифи баъзе падидаҳои фарҳангӣ ҳамчун арзишҳои воқеӣ ба миён омадааст. Ҷараёни босуръат афзояндаи иттилооти гуногун, чун қоида, зиёдатӣ ва сифати номуайян доранд ва бо ин мураккабтарин муаммои зиндагии ҷомеаҳоро дар муҳити нави иттилоотӣ ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, фарҳанги иттилоотӣ барои ҳамоҳанг сохтани ҷаҳони иттилоот ва фарҳанг, тағйир додани муносибатҳои амиқ, арзишӣ тавассути муносибати гуманистӣ ба иттилоот тарҳрезӣ шудааст, ки бояд бо бартарияти ғояи инсон дар муҳити иттилоотӣ ва фарҳангӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи фаъолияти иҷтимоӣ, ки бо муносибати муайян ба технология, инъикоси фарҳанг дар он ва анъанаҳо алоқаманд бошад.

Ҳангоми иҷрои нақшаҳои иҷтимоӣ дар асоси маълумот аз хусусияти майлҳо қобилиятҳо ташаккул меёбанд. Онҳо роҳи эҳтимолии татбиқро муайян мекунанд, яъне ки чӣ гуна инсон метавонад имконоти худро дарк кунад. Андозаи фаъолияти одамон дар суботкории онҳо дар иҷрои нақшаҳояшон мебошад. Манбаи фаъолияти шахсӣ, ки барои ин таҳқиқот муҳим аст, эҳтиёҷоте мебошад, ки Д.И.Блуменау ҳамчун “эҳтиёҷот” ба манфиатҳои муайяни иҷтимоӣ муайян кардааст. [20,79]. Дар робита ба ин, ба масъалаи таносуби ниёзҳои иттилоотии шахс ва захираҳои иттилоотӣ, ки онҳоро таъмин мекунанд, рӯ овардан лозим аст.

Имрӯз механизми рушди иттилоот тағйир меёбад. Агар пештар ҳавасмандгардонии рушд фосилаи байни ду функсияи баррасишаванда буд, имрӯз афзоиши босуръати арзиши функсияи захираҳо ба назар мерасад. [5,79]. Ба андешаи мо, ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки амалияи ҳаёт аз назарияи педагогӣ пештар аст, ки ҳоло дар марҳилаи ҷамъоварии таҷриба барои пешгирии таҳрифоте, ки дар натиҷаи ба амалоии воқеӣ дар соҳаи иттилоот мебошад.

Дар баробари ин аксарияти одамон танҳо аз миқдори иттилооте, ки барои таҳияи ҳалли аз ҷиҳати иқтисодӣ, ё ба даст овардани натиҷаи беҳтарин заруранд, маълумоти маҳдуд доранд. Ниёзҳо худ аз худ пайдо намешаванд, онҳо ҳавасмандии рафторро муайян мекунанд ва дар фаъолият ошкор карда мешаванд. Тадқиқоти мазкурро дар доираи фаъолияти омӯзгорӣ маҳдуд карда, мо мундариҷаи фаъолияти педагогиро дар муҳити нави иттилоотӣ ва таълимӣ ҳамчун: а) маълумоти доимӣ; б) маълумоти тағйирёбанда; в) маълумоти ҷорӣ ва ниҳоӣ дида мебароем. В.А.Кан-Калик фаъолияти педагогиро ҳамчун ҷанбаи иттилоотӣ ва иҷроия муайян мекунад, ки ҳамаи ҷузъҳои муҳими дигарро муттаҳид мекунад ва дар роҳҳои фаъолияти онҳо миёнаравӣ мекунад [5,110]. Аз ин рӯ, фаъолияти омӯзгориро ҳамчун як раванди иттилоотӣ ва иртиботӣ метавон баррасӣ кард, ки муваффақияти онро қобилияти омӯзгор дар амалисозии “алоқа” бо донишҷӯён ҳангоми кор бо иттилооти тағйирёбанда муайян мекунад. [20,85].

Инноватсия яке аз ҷузъҳои муҳимми фарҳанги иттилоотии шахсияти омӯзгори оянда мебошад, ки он имконият медиҳад, шахс ба умқи рафтори иттилоотии донишҷӯён ворид шавад. Рушди он дар раванди таълимӣ (иттилоотӣ) тадриҷан ва мақсаднок гузаштани шахсро аз сатҳи “поёнии” ниёзҳои иттилоотӣ ва самтҳои арзишӣ як навъ сифатан фарққунанда пешбинӣ мекунад. Азхудкунии малакаҳои зарурии иттилоотӣ, ки онҳоро мо

малакаҳои тафсир кардани амалҳои иттилоотӣ тавассути коркарди иттилоот ва интиқол аз нуқтаи назари истифода бурдани технологияҳои ҳам анъанавӣ ва ҳам иттилоотии нав медонем. [16,102].

Технологияҳои иттилоотӣ ва асбобҳои компютерӣ системаи сифатан нави иттилоотии компютериро ташкил медиҳанд, ки заминаҳои пурзӯргардонии раванди таълимро ҳамчун намуди муҳимтарини фаъолияти зеҳнӣ фароҳам меоранд [1,238с]. Дар натиҷа омӯзгор ба сатҳи кофии баланди фарҳанги иттилоотӣ ниёз дорад. Ин унсури ҷудонашавандаи фарҳанги умумӣ ва касбии ӯст, ки имкон медиҳад истифодаи барномаҳои дидактикии беасоси компютериро бо мақсадҳои таълимӣ, беасос такрор кардани таълими анъанавӣ маҳдуд созад. Аммо дар марҳилаи кунунии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим баъзе камбудиҳоро метавон муайян кард: ҳалли сусти масъалаҳои ташкилӣ ба истифодаи пурраи онҳо дар раванди таълим имкон намедиҳад; аксар вақт барои онҳо ягон ҳуҷҷати баландсифат вуҷуд надорад, ки мувофиқати истифодаи онҳоро муайян кунад; ҳангоми банақшагирӣ шароити кор ва сатҳи ибтидоии фарҳанги иттилоотии ҳайати омӯзгоронро пурра (баъзан комилан) ба назар намегиранд.

Ҳамин тариқ, дар амал таъминоти илмии асосноки иттилоотӣ ва технологии унсурҳои автоматизатсияи раванди таълим ва таҷҳизоти техникии зарурӣ барои васоити компютерии омӯзгорӣ зарур аст. [23,100]. Бо чунин таъминот, имкони пешрафти мунтазам дар фазои иттилоотии соҳаи педагогӣ ва бартарафсозии пайвастаи марҳилаҳои мунтазами рушди он фаъол карда мешавад. Фарҳанги иттилоотӣ низ мафҳуми педагогӣ буда, ба мисли мафҳуми ҳар як илми дигар, доимо дар инкишоф аст; он фасеҳ ва ояндабин аст; он зери таъсири омилҳои мухталиф (сиёсӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ) тағйир меёбад, ки мустақиман ё ғайримустақим ба рушди он таъсир мерасонанд.

Ҳамгироии фарҳанги иттилоотӣ имкон медиҳад, ки дар раванди таълим ташаккул ва рушди ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии иттилоотии донишҷӯён, ки ба талаботи принсипҳои асосноккунӣ ва гуманизатсияи таълимот ҷавобгӯ мебошанд, ташаккули дониши муҳимтарин, устувор ва дарозмуддат, ки дар асоси дарки ҳамаҷонибаи тасвири муосири ҷаҳон, ки аз ҷониби олами кайҳонӣ, олами инсонӣ ва ҷомеа муаррифӣ шудааст, ҳамкории инсон бо табиат тавассути фаъолияти башардӯстона ва технологӣ, ташаккули назари ҳамаҷонибаи энсиклопедии дунёи муосир ва мавқеи инсон дар ин ҷаҳон; азхудкунии асосҳои фарҳанги ягонаи инсонӣ дар инъикоси гуманитарӣ ва табиии он; таъмини сатҳи системавии маърифати воқеият, қобилияти дидан ва истифода бурдани механизмҳои худтанзимкунии падидаҳо ва равандҳо; фароҳам овардани заминаи фарҳанги касбии меҳнат ва малакаҳои касбӣ; ташаккули ниёзҳо ва омодагӣ ба худомӯзиро баррасӣ менамояд. [18,104].

Ташаккул ва нигоҳдории фарҳанги иттилоотӣ дар тӯли ҳаёт идома меёбад ва бидуни арзиши таърихӣ ва шахсан асоснокшуда ва муносибати маърифатии субъектҳо, ки ба талаботи ҷомеа оид ба тайёрии касбии омӯзгор ҷавобгӯ мебошанд, ғайривоқеӣ мебошанд. Комилан аён аст, ки сатҳи фарҳанги иттилоотӣ бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ яксон буда наметавонад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллаев, С. Развитие высшего образования в Таджикистане. Худжанд. 1996.-238с.

2. Ананьев, Б.Г. Познавательные потребности и интересы. «Ученые записки ЛГУ. Психология», 1959.

3. Ананьин, С.А. Интерес научению в современной психологии и педагогики. Киев, 1975.

4. Аникеева, Н.П. Воспитание игрой.-М.: Просвещение, 1987.-144с.

5. Аристова, Л.П. Активность учения школьников. М., Просвещение, 1968.

6. Архангельский, С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы.-М.: Высшая школа, 1976.-199с.

7. Архипов, А.П. Создание условий для проявления успеха как формирования положительного отношения к деятельности. «Ученые записки Красноярского педагогического института», т. VIII, вип. 2. «Красноярский рабочий», 1957.

8. Архилов, М.М. Воспитание интереса к математике. «Математика в школе», 1964, №5
9. Афанасьев, В.Г. Общество: системность, познание и управление.- М.: Политиздат, 1981.-180с.
10. Бабанский, Ю.К., Ильина Т.А., Сорокин Н.А. и др. Педагогика, - М., 1983.
11. Байсеркеев, Л. Методические основы формирования активной позиции педагогически запущенных детей // Поиск.- 1998.- №1.
12. Бауман, Д.Э. Интерес как средство активизации мышления. В сб.: «Роль интереса в педагогическом процессе», вып.II. Хабаровское книжное издательство, 1958.
13. Бойков, Ф.Я. Воспитание у школьников интереса к исследовательской работе. «Советская педагогика», 1965, №7
14. Башарин, В.Ф. Педагогическая технология: Что это такое? // Специалист. – 1993- №9 С.25-27.
15. Беляева, Н.А. Пути повышения интереса к учению. «Труды»// научной конференции», т.II, кн.1 Новосибирск, 1958.
16. Берлайн, Д.Е. Любознательность и поиск информации. «Вопросы психологии», 1966, №3
17. Бесколько, В.П. Основы теории педагогических систем. Воронеж. Изд. Воронеж. гос. у-та, 1977.-304с.
18. Бим, И.Л., Пассов Е.И. Книга для учителя к учебнику немецкого языка для 11 класса средней школы.- М.: Просвещение, 1990.-79с.

## ШАКЛҲО ВА МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМ БО ВОСИТАҲОИ ДИДАКТИКИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҲАРБӢ

***ШОИМАРДОНОВ Давлаталӣ Анварович*** *– муаллими калони кафедраи ҳарбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, ш. Душанбе, к. Лучоб, 45,* ***E-mail:*** *davlatali_shoimardonov@mail.ru*

Муаллиф дар мақола шаклҳо ва методҳои таълимро бо воситаҳои дидактикии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳсилоти олии ҳарбӣ таҳқиқ кардааст. Қайд шудааст, ки истифодаи методҳо ва шаклҳои таълим бо воситаҳои дидактикии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди омодасозии афсарони оянда на танҳо таъмини назариявии таълимгирандагонро бо донишҳо, балки инчунин, инкишофи тафаккури мантиқӣ, саводнокӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ҳавасмандагардонӣ ба худтакмилдиҳӣ ва инкишофи эҷодӣ дар ҳар гуна соҳаи фаъолияти касбӣ мебошад. Хулоса карда шудааст, ки бо ҳамаи имкониятҳои васеи худ технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ фақат ҳамчун асбоби баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти инсон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаи таҳсилоти олии ҳарбӣ амал мекунанд.

Чунин амсилаи таҳсилоти касбии афсарони оянда зарур дониста шудааст, ки дар он унсурҳои мазмунӣ, таълимӣ, ташкилию мурофиавӣ ва асбобии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ ба таври ҳамоҳанг якҷоя карда мешаванд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *шаклу методҳои таълим, воситаҳои дидактикӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва копютерӣ, иттилоотикунонӣ, таҳсилоти олии ҳарбӣ, курсант, иттилооти таълимӣ, мултимедиа.*

## ФОРМЫ И МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ДИДАКТИЧЕСКИМИ СРЕДСТВАМИ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ВЫСШЕМ ВОЕННОМ ОБРАЗОВАНИИ

***ШОИМАРДОНОВ Давлатали Анварович*** *– старший преподаватель военной кафедры Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова, г. Душанбе, ул. Лучоб, 45,* ***E-mail:*** *davlatali_shoimardonov@mail.ru*

Автор в статье исследует формы и методы обучения дидактическими средствами информационно-коммуникационных технологий в высшем военном образовании. Отмечается, что использование форм и методов обучения дидактическими средствами информационно-коммуникационных технологий в процессе подготовки будущих офицеров – это не только теоретическое обеспечение обучаемых со знаниями, но и развитие логического мышления, грамотности в сфере информационных технологий, мотивация к самосовершенствованию и творческому росту в любой сфере профессиональной деятельности. Делается вывод, что со всеми своими обширными возможностями информационно-коммуникационные и компьютерные технологии выступают только как инструмент повышения эффективности деятельности человека в различных областях, в частности в высшем военном образовании.

Считается необходимой такая модель профессионального образования будущих офицеров, в которой гармонично сочетаются содержательные, учебные, организационно-процессуальные и инструментальные элементы информационно-коммуникационных и компьютерных технологий.

***Ключевые слова***: *формы и методы обучения, дидактические средства, информационно-коммуникационные и компьютерные технологии, информатизация, высшее военное образование, курсант, учебная информация, мультимедиа.*

## FORMS AND METHODS OF TEACHING BY DIDACTIC MEANS OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN HIGHER MILITARY EDUCATION

***SHOIMARDONOV Davlatali Anvarovich*** – *senior teacher of the military department of the Institute of physical culture of Tajikistan S. Rakhimova, Dushanbe, 45 Luchob Str.* ***E-mail:*** *davlatali_shoimardonov@mail.ru*

The author in his article explores the forms and methods of teaching by didactic means of information and communication technologies in higher military education. It is noted that the use of forms and methods of teaching by didactic means of information and communication technologies in the process of training future officers is not only the theoretical provision of students with knowledge, but also the development of logical thinking, literacy in the field of information technology, motivation for self-improvement and creative growth in any field of professional activity. It is concluded that, with all their vast capabilities, information, communication and computer technologies only act as a tool to improve the efficiency of human activity in various fields, in particular in higher military education. It is considered necessary to have such a model of professional education for future officers that harmoniously combines content, training, organizational, procedural and instrumental elements of information, communication and computer technologies.

***Key words***: *forms and methods of teaching, didactic tools, information and communication and computer technologies, informatization, higher military education, cadet, educational information, multimedia.*

Ҷомеаи муосир дар марҳилаи нави инкишофи иттилоотӣ қарор дорад, ки он, дар навбати худ, бо истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар ҳамаи соҳаҳои имконпазири фаъолияти ҳаётии ҷомеа, аз ҷумла, дар таҳсилот фарқ мекунад. Истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар таълим якҷоя бо мақсадҳои педагогии иттилоотикунонии таҳсилот принсипҳои истифодашавандаи дидактикӣ, аз қабили: татбиқи фаромиши иҷтимоӣ; такмил додани шахсяти таълимгиранда ва мутобиқсозии ӯ ба шароити нави фаъолияти ҳаётии ҷомеа; баланд бардоштан ва беҳтар кардани сифати раванди таҳсилотиро бо мазмуни нав пурра мекунад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми марҳилаи муосири пешрафти таҳсилоти олии ҳарбӣ иттилоотикунонии ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳарбии касбӣ маҳсуб меёбад, ки тибқи талаботҳои объективии амалияи ҳарбӣ ба миён омадааст. Ҷузъи босуръат зиёдшавандаи иттилоотии воситаҳои ҳарбӣ, афзоиши суръати таҳия ва ҷорикунии намудҳои усулан нави таҳсилот ва техника, идоракунии пайвастаи ҷараёнҳои иттилооти аз ҷиҳати касбӣ муҳим, мураккабгардонии сифатии уҳдадориҳои мутахассиси ҳарбӣ аз афсари оянда сатҳи баланди тайёрии касбиро, ки қисми ҷудонашавандаи он тайёрии иттилоотию коммуникатсионӣ ба шумор меравад, талаб мекунанд.

Дар таъминоти педагогии муҳити иттилоотию таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ самти муҳим муайян намудани шароити педагогии татбиқи воситаҳои дидактикие ба шумор меравад, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ амал карда, ба дастёбӣ ба натиҷаҳои баланди таълимӣ ва илмие мусоидат мекунанд, ки дар худ маҷмӯи тадбирҳои ба иҷрои мақсадҳои гузошташуда нигаронидашударо ҳамгиро месозанд.

Барои ошкор намудани шароити педагогие, ки ба татбиқи самарабахши воситаҳои дидактикие, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва комютерӣ ва муҳити иттилотию таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ амал мекунанд, мусоидат мекунанд, принсипҳое муайян карда шуданд, ки талаботҳоро ба ташкил ва бунёди он инъикос мекунанд: Чунончӣ:

- принсипи фаъолияти муштараки педагогии омӯзгорон ва қумондонҳо (сардорон) бо афсарони оянда, ки дар он курсантҳо ҳамчун объектҳои муҳити иттилоотию таҳсилотӣ ва, ҳамзамон, ҳамчун субъектҳое амал мекунанд, ки ба худмуайянкунӣ, худтасдиқкунӣ ва худтатбиқкунӣ қодир мебошанд;
- принсипи баҳисобгирии тамоюли касбӣ ва сифатҳои шахсиятии курсантҳо;
- принсипи таълими ҳамгиросозанда – тафриқавие, ки имкон медиҳад самарабахшии баланди ташаккули салоҳиятҳо дар кори муштарак ва инфиродии худташкилшавандаи курсантҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ба даст оврда шавад;
- принсипи беҳбудбахшӣ, шиддатноксозӣ ва ҳамоҳангии раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои беҳтарини иттилоотию коммуникатсионии афсарони оянда ва ғайра [1, с. 284-287].

Дар шароити муосиркунонии таслиҳот ва воситаҳои муборизаи ҳарбӣ, зиёд кардани ҳиссаи истифодаи технологияҳои нав дар фаъолияти хизматию ҳарбӣ, инчунин бо назардошти хусусияти истифодаи қисмҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, афсари имрӯза бояд на танҳо ба татбиқи вазифаҳои касбии худ, балки барои озодона самтгирӣ намудан дар фазои иттилоотии ҷомеаи муосир омода бошад.

Як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки бе ҳалли онҳо ноил шудан ба натиҷаҳои мусбати иттиллотикунонии таҳсилоти олии ҳарбӣ имконнопазир аст. Масалан:

1. Мавҷуд набудани методологияи ягона барои ҷорӣ кардани технологияҳои нави иттилоотӣ ба амалияи омодасозии касбии мутахасссиони ояндаи ҳарбӣ;
2. Сатҳи пасти ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ ҳангоми эҷоди пойгоҳи ягонаи воситаҳои дастгоҳӣ ва таъминоти барномавӣ;
3. Тайёрии нокифояи ҳайати профессорону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ;
4. Номунтазамии навсозии заминаи иттилоотию захиравии муассисаҳои таҳасилотӣ, ки бо мавҷуд набудани маблағгузории иловагӣ ба миён омадааст.

Ба назари мо, ба вазифаҳои асосии иттилоотикунонии омодасозии ҳарбӣ инҳо мансубанд:

- баланд бардоштани сатҳи соҳибкасбии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ тавассути азхуд кардани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби онҳо дар қисми гузаронидани расмиёти маҷмуии ташкилию методӣ ва иттилоотию захиравӣ;
- беҳбуд бахшидан ба сифати раванди таҳсилотӣ бо роҳи ҷорӣ кардани методҳо ва шаклҳои инноватсионии таълим, ки дар технологияҳои навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ асос ёфтаанд.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки фардисозии омодасозии касбии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ таъмин карда шуда, ҷузъи башардӯстонаи раванди таҳсилотӣ ва ҳавасмандсозии таълим баланд бардошта шаванд. Васеъ гардидани

сарҳадҳои майдони субъектии иттиллоӣ ҳам дар соҳаи фаннию касбӣ, ҳам дар соҳаи умумифарҳангӣ, пайдоиш, моҳиятан, имкониятҳои сарфнашавандаи ҷустуҷӯи мустақилона ва ҷамъоварии иттилоот ба амиқ гардидани фаъолияти фикрии курсантҳо мусоидат мекунанд.

Дар муассисаҳои муосири таҳсилоти олӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои олии ҳарбӣ, интишори васеъро дар раванди таҳсилотӣ барномаҳо ва воситаҳои универсалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ, ба монанди: барномаҳои таълимӣ, тренажёрҳо – таҳрикдиҳандаҳо, воситаҳои иттилоотӣ ва маълумотномавӣ, воситаҳои намоиш ва тақлид, воситаҳо барои вазифаҳои ҳисобкунӣ ва таълимию амалӣ пайдо кардаанд [2].

Ҷузъи инкишофдиҳанда ва тарбиякунандаи раванди таълим, бо истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ, бо фароҳам овардани шароит барои ташаккул ва инкишофи фарҳанги иттилоотии таълимгиранда, мустақилият ва фаъолнокӣ, мутобиқшавӣ ба шароити фаъолияти ҳаётии ҷомеаи иттилоотӣ, қобилиятҳои эҷодкорона ва коммуникатсионии шахсияти ӯ тавсиф меёбад [5, с. 7-11.

Воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар раванди таҳсилотӣ татбиқи талаботҳои сершуморе мебошанд, ки асоси иттилоотикунониро ташкил медиҳанд: ҳамгиросозии навъҳои гуногуни иттилоот; речаи интерактивии муошират бо истифодабаранда; интиқоли мувозии иттилоот; имконияти кор кардан бо ҳаҷмҳои калони иттилоот; кор дар речаи вақти воқеӣ; идоракунии самарабахшии раванди коркарди иттилоот; дастрасӣ - универсалӣ будан ва ғайраро таъмин менамоянд.

Дар баробари ин, бо рушд ёфтани воситаҳои техникии технологияҳои муосири компютерӣ ташкили визуалии мултимедии муҳит тағйир меёбад. Имконияти дар ин зимн пайдошудаи истифодаи васеи графикаи сеандоза имкон медиҳад аз нақл ва намоиши анъанавии шифоҳӣ ба муҳити интерактивии таҳсилотӣ гузашта шавад, ки ин, дар навбати худ, ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ки маводи мавриди омӯзишро ҳамчун олами нави донишҳое дарк кунанд, ки дар он симоҳои объектҳои воқеӣ дар қатори амсилаҳои маҷозӣ амал мекунанд [9, с. 82-85].

Ҷорикунии воситаҳои имконпазири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерии таъйиноти таълимӣ ва таҳсилотидошта, ки дорои имкониятҳои нодири дидактикӣ буда, аммо ба хусусияти раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ мутобиқ карда нашудаанд, як қатор масъалаҳоро оид ба таҳқиқи истифодаи самарабахши ин воситаҳо пешниҳод мекунад. Самарабахшӣ ноилшавӣ ба мақсади гузошташудаи раванди таҳсилот, бо сарфи ҳадди ақали вақт ва кӯшишҳои таълимгирандагон ва омӯзгоронро пешбинӣ мекунад, ки ин, махсусан, барои раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ муҳим мебошад [5, с. 7-11].

Имкониятҳои беназири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ имкон медиҳанд, ки салоҳиятҳои касбии сатҳи баландтаре инкишоф дода шаванд, ки қобилияти таълимгирандагон ба рефлексия, таносуби симоҳо ва ашёҳо, таҳлил, дарёфти робитаҳои мутақобилаи конунӣ ва ошкор кардани роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда, банақшагирии фаврӣ ва ҳамкории иштирочиёни раванди таҳсилоти ҳарбӣ таъмин шаванд.

Таъминбудагии дахлдори ташкилию методии раванди таълимию таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ мустақиман аз гуногуннавъии шароити истифодашавандаи педагогии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ ба мақсади ташаккули самарабахши малакаҳои дахлдор дар мутахассисони ояндаи ҳарбӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, зимни риояи шароити муайяни педагогӣ дар муҳити таҳсилотии муассисаи муосири таҳсилоти олии ҳарбӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ самарабахшии раванди таҳсилотро баланд мебардорад, ки ин дар ташаккули малакаҳои муайяни амалӣ дар мутахассисони ояндаи ҳарбӣ нерӯи калони дидактикиро фароҳам меорад.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии компютерӣ, ки ба дастгирии раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ нигаронида шудаанд, барои пешниҳоди иттилооти таълимӣ ба курсантҳо, таъмини назорати азхудкунии он (ин китобҳои дарсии компютерӣ, барномаҳои назоратӣ ва тестӣ, маълумотномаҳои электронӣ ва пойгоҳҳои маълумот, видеофилмҳои таълимӣ ва ғайра) ва сохтани амсилаҳои равандҳои мавриди

таълим(ба онҳо амсилаҳои тақлидӣ, муҳитҳои аз ҷиҳати шайъӣ нигаронидашуда, тренажерҳо, барномаҳои бозингарӣ) пешбинӣ шудаанд.

Интишори хеле васеъро дар раванди таҳсилот китобҳои электронӣ касб кардаанд, ки ҳам дар вақти машғулиятҳои аудиторӣ, ҳам ҳангоми тайёрии мустақилонаи курсантҳо истифода мешаванд. Китобҳои дарсии мазкур дорои як қатор афзалиятҳо мебошанд: онҳо аз рӯи принсипи гиперистинодҳо, ки ба гузариши яклаҳзаина аз як фасл ба фасли дигарӣ имкон медиҳанд, таҳия карда мешаванд. Ба туфайли китоби дарсии электронӣ курсант метавонад "траекторияи инфиродӣ"-и таълимро ба роҳ монад.

Тренажёрҳои электроние, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ мавҷуданд, ба ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳои амалӣ дар рафти иҷрои супоришҳои амалӣ кумак мекунанд. Тренажёрҳои дар раванди таълим дар кафедраҳои махсус овардашуда вазъияти воқеии ҷангиро тақлид карда, амалҳои зуди имконпазири ҷузъу томҳоро ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматию ҷангӣ бозтавлид мекунанд.

Ҷузъи муҳимми таркибии омодасозии касбии афсарони оянда барномаҳои компютерии назораткунанда ва тестӣ мебошанд, ки барои ҳар як фанни таълимӣ таҳия карда шуда, андозаи объективӣ будани арзёбии донишҳо ва суръати санҷиши онҳоро зиёд мекунанд. Инчунин, дар захираи муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ пойгоҳи кофии супоришҳои тестӣ ҷамъоварӣ карда шудааст, ки имкон медиҳанд, то ки назорати фосилавӣ ва ҷамъбастии натиҷаҳои таълими курсантҳо ба таври фаврӣ ба амал бароварда шавад.

Воситаҳои мултимедия (масалан, фарҳангномаҳои электронӣ, филмҳои компютерии таълимӣ) иттилооти матнӣ, графикӣ, аудиоӣ ва видеоиро ҳамгиро месозанд. Махсусан, технологияҳои гипермедиа (низомҳои иттилоотию ҷустуҷӯӣ ва иттилоотию маълумотномавӣ), ки барои кор бо ҳаҷми калони иттилооте, ки ҳам дар форматҳои матнӣ, ҳам дар форматҳои акдиоӣ ва видеоӣ таъйин шудаанд, фарқ мекунанд.

Технологияҳои мултимедиявӣ дарки босирагӣ ва шунавоии иттилоотро бармеангезанд, ки ин сифати захудкунии ҳаҷми назарраси маводи таълимиро беҳтар мекунад. Ғайр аз ин, таъсироти аудиоӣ ва видеоӣ нерӯи эҷодии курсантҳоро фаъол гардонида, машғулияти таълимиро ҷолибтар месозад.

Маҷмуаҳои барномавию методии таъйиноти махсус аз барномаҳои амсиласозандае иборатанд, ки мувофиқи хусусияти фанни мавриди омӯзиш таҳия ва истифода мешаванд. Нақши махсус дар маҷмуаҳо ба тренажерҳои компютерӣ ҷудо карда мешавад, ки барои ташаккули малакаҳои истифодаи дастгоҳҳои мураккаб ё амалҳо дар вазъиятҳои додашудаи масъалавӣ таъйин шудаанд. Ба чунин воситаҳо, масалан, "Тренжёри омодагии тактикӣ", таъминоти махсуси барномави "Валкири", низоми геоиттилоотии "Ҳамоҳангӣ" мансубанд.

Ҳамаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии номбаршуда имкониятҳои сифатан нави шиддат бахшидан ба раванди таҳсилотиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ пешниҳод мекунанд. Аммо қайд кардан лозим аст, ки ҳатто технологияҳои мукаммалтарин ва пешрафтатарин омӯзгорро дар раванди таҳсилотӣ иваз карда наметавонанд. Онҳо танҳо асбоби тақвияти ҷузъҳои алоҳидаи фаъолияти педагогӣ ба шумор мераванд. Масалан, тамошобобӣ ва ҳамроҳии садоии маводи мавриди омӯзишро таъмин менамоянд, ки ин майдони маъноиро васеъ карда, самарабахшии азхудкуниро баланд мебардорад.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҷорӣ кардани унсурҳои онҳо ба фаъолияти таълимӣ ва ихтилофоти бо падидаҳои мазкури пешраванда байни методологияи анъанавии омодасозии курсантҳо ва навсозишуда бо кумаки воситаҳо, шаклҳо ва методҳои таълим зарурати иттилоотикунонии шиддатноки раванди таҳсилотиро муайян кардаанд. Мо самтҳои асосии онро дар низоми омодасозии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ ишора мекунем.

Аввалан, аллакай ба амалияи таълим ба таври мустақим технологияҳои иттилотие ворид шудаанд, ки дорои хусусияти универсалӣ мебошанд, аз қабили: муҳаррирҳои матнӣ, маҳсулоти графикии барномавӣ, низомҳои идоракунии пойгоҳҳои маълумот, просессорҳои ҷадвалҳои электронӣ, низомҳои амсиласозӣ ва ғайра. Истифодаи хеле васеи технологияҳои мазкур бо он муайян карда мешавад, ки онҳо таъминоти махсуси барномавиро талаб накарда, маводи методие, ки аз ҷониби омӯзгор тайёр карда шудаанд, дар кор бо ҳар гуна навъи компютер истифода бурдан мумкин аст.

Сониян, технологияҳои телекоммуникатсионӣ бо дастрасии истифодабарандагон ба захираҳои фосилавии иттилоотӣ (масалан, ба иттилооте, ки дар серверҳои шабакаи Интернет ҷойгир карда шудааст) фаъолона истифода мешаванд. Ин ба субъекти таҳсилот имкон медиҳад, ки доираи васеи пойгоҳҳои маълумотро истифода бурда, доираи назари шахсӣ ва касбии худро васеъ кунад. Ба ташкили самарабахш ва ба амал баровардани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби захираҳои шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонии ҳисоббарорӣ низ мусоидат мекунад. Шабакаи маҳаллии муассисаи таҳсилотӣ дастрасиро ба иттилооте, ки дар сервери ӯ ё серверҳои воҳидҳои сохтории он қарор дорад, таъмин менамояд. Дар ин ҷо ҳуҷҷатҳо (ҷадвали машғулиятҳои таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, эълонҳо ва ғайра) ва маводи электронии методӣ (китобҳои дарсии электронӣ, низомҳои назорати донишҳо, курсҳои таълимӣ ва ғайра) ҷойгир карда мешаванд.

Таҳлили интишороти илмӣ нишон дод, ки истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими фаъол ба яке аз нерӯҳои ҳаракатдиҳандаи раванди таҳсилот дар муассисаи муосири таҳсилоти олӣ табдил ёфтааст. Муассисаҳои таҳсилот кӯшиш мекунанд замимиаҳои иттилоотию технологиеро ба даст оранд, ки барои самарабахш фурӯхтани хизматрасониҳои таҳсилотӣ кумак мекунанд, зеро “шароити татбиқи раванди таҳсилот ин вазъи муҳити иттилоотию таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ ба шумор меравад” [10, с. 55].

Яке аз роҳҳои самарабахштари такмили омодасозии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ ба фаъолияти касбӣ таъмини онҳо бо донишҳои зарурӣ, маҳоратҳои амалӣ, малакаҳои баланд ҷорикунии шаклҳо ва методҳои интерактивии таълим дар раванди омӯзиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ мебошад.

Истифодаи методҳо ва шаклҳои интерактивии таълим дар раванди омодасозии афсарони оянда на танҳо таъмини назариявии таълимгирандагон бо донишҳо, балки инчунин, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва саводнокии онҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ҳавасмандагардонӣ ба худтакмилдиҳӣ ва инкишофи эҷодии онҳо дар ҳар гуна соҳаи фаъолияти касбӣ мебошад [8].

Мутобиқи таърифи шаклҳои интерактивии таълим, ин фаъолияти аз ҷиҳати методӣ самт додашудаи байни иштирокчиёни раванди педагогӣ мебошад, ки имкон медиҳад, ки дар реҷаи муколимавӣ тафаккури эҷодӣ ва интиқодии таълимгирандагони муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, қобилияти онҳо ба ҳалли таҳлилии вазъиятҳои масъалавӣ дар соҳаи касбӣ инкишоф дода шаванд. Ва маҳз таълими интерактивӣ мақсад дорад ҳар як таълимгирандаро ба иштирокчии бевоситаи раванди таълимию тарбиявие табдил диҳад, ки ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои ҳалли масъалаҳоро амалӣ мекунад, ва ба “пуршиддат гардонидани равандҳои азхудкунии донишҳои назариявӣ бо роҳи ҳалли вазифаҳо ва вазъиятҳои амалӣ” нигаронида шудааст [7, с. 72].

Натиҷабахшии раванди таълим бо фаъол гардидани таълимгирандагон дар рафти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳам дар гирифтани донишҳои нав, ҳам дар истифодаи онҳо, дар амалия таъмин карда мешавад. Дар рафти таълими интерактивӣ бо кумаки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мутахассисони ояндаи ҳарбӣ дар худ қобилият ва омодагиро ба муошироти фаъол, иртиботнокӣ ва ҳамкории босалоҳият, маҳорати асоснок ва дифоъ кардани нуқтаи назари худ аз мавқеи касбӣ ташаккул дода, малакаҳои таҳлил ва худтаҳлилкуниро дар рафти мулоҳизарониҳо дар гурӯҳ инкишоф медиҳанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки барои ҳайати омӯзгорони муасссиаи таҳсилоти олӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълим имконияти ташкили раванди таълимиро дар самти ғайристандартии калидӣ бо роҳи татбиқи чунин шаклҳо, ба монанди семинарҳои амалӣ, лексияҳои масъалавӣ, лексияҳо – дасисҳо, лексияҳо бо истифодаи воситаҳои визуалӣ, лексияҳо – коллоквиумҳо, лексияҳо – конфеернсияҳо ва ғайра фароҳам меорад [7].

Бо роҳи истифодаи шабакаи интернет омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ метавонанд, иттилоотро ба таълимгирандагон зудтар интиқол дода, ҳамзамон намудҳои гуногуни фаъолияти таҳсили онҳоро барои дастёбӣ ба муваффақияти ҳадди аксар ҳамоҳанг созанд. Аммо ҷорикунии технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ дар чаҳорчӯбаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ дорои мушкилиҳои муайян мебошад, ки ин ба фардисозии

соҳаи таълими факултетҳои соҳавӣ ва низоми методологияи ягонаи раванди таҳсилот ва истифодаи технологияҳои муайян алоқаманд мебошад [13, с. 6238-6245].

Инчунин, низоми омодасозии касбии таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ба шарти риояи талаботи ташкилию таҳсилот самарабахш мегардад: стратегияи таълими иттилоотию технологӣ дар асоси муносибати низомнок бо назардошти имконияти нишон додани вокуниш ба тағйироти талаботи иҷтимоӣ таҳия карда хоҳад шуд; технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ "ҳамаҷониба, ҳамчун омезиши се ҷузъи ба ҳамдигар алоқаманд – объектҳо, асбобҳои таълимӣ барои омӯзиши фанҳои техникӣ ва технологияҳои нави таҳсилотӣ" истифода хоҳанд шуд [13, с. 6240]. Ғайр аз ин, омӯзиши фанҳо бетанаффус, пайдарпай ва марҳила ба марҳила бо назардошти принсипҳои ташкилии соҳаи иттилоотию таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ гузаронида мешавад, ки он мавзуъҳои амалиеро дар бар мегирад, ки ба фаъолияти касбии хатмкунандагони оянда нигаронида шудаанд. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивиро дар методологияи анъанавии таълим ба тариқи дахлдор муттаҳид карда, бо воситаҳои муосири техникии таълим дастгирӣ кардан зарур аст [13, с. 6238-6245].

Таърифи "технологияҳои иттилоотӣ" дар луғатномаи педагогӣ ҳамчун "методҳо ва воситаҳои ба даст овардан, табдил додан, интиқол додан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани иттилоот" пешниҳод шудааст [4, с. 51].

Аҳамияти хусусиятҳои истифодаи технологияҳои иттилотию коммуникатсионии таълмими интерактивии курсантҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбиро дида мебароем. Ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба раванди таҳсилотӣ дар аз нав ташкил кардани методҳои кори муассисаи таҳсилот кумак мекунад: бозсозии раванди таълим бо мақсади бартараф кардан монеаҳое, ки ба ташкили пешниҳоди самарабахш ва босифати маводи душвор азхудшавандаи таълимӣ халал мерасонанд; ташкили пойгоҳи маълумоте, ки мутамарказ гардонидани иттилоот, кумак ба таълимгирандагон ва ташкили қабул ва интиқоли иттилоотро ба таври саривақтӣ дар бар мегирад. Ғайр аз ин, таълимгирандагон ҳамчун истеъмолкунандагони технологияҳои иттилоотӣ чунин асбобро ба монанди компютер барои иҷрои босуръаттар ва дақиқтари вазифаҳои мураккабии гуногун, махсусан, дар ҳисобкуниҳои математикӣ, тартиб додани нақшаҳои дақиқи графикӣ ва ғайра истифода бурда метавонанд. Компютер метавонад якчанд вазифаҳоро ҳамзамон иҷро кунад, ки инсон барои ин қодир нест. Он имконият фароҳам меорад, ки вазифаи гузошташуда дар муҳлат иҷро карда шуда, шиддат бартараф карда шавад, ки ин махсусан, барои таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ муҳим мебошад [12].

Чунин далел низ на камтар муҳим аст: ба компютер бо кумаки замимаҳои махсус гардонидашуда махзани маълумотро ворид кардан мумкин аст, ки ин имкон медиҳад содагии фаҳмиши далелҳои муҳим ба низом дароварда шуда, идора карда шавад.

Боз як асбоби муҳимми технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими фаъол дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ Интернет ба шумор меравад, ки метавонад, дар ҳар гуна ҷой ва дар ҳар вақт дастрас бошад, ки ин ба омӯзгорон ва таълимгирандагон имконият фароҳам меорад, ки бо ҳамдигар ба таври осон ҳамкорӣ карда, табодули иттилооти заруриро анҷом диҳанд. Ҳамин тавр, воҳидҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ метавонанд Интернетро барои амали муштарак бо таълимгирандагони худ дар реҷаи вақти воқеӣ истифода бурда, ба талаботҳои онҳо вокуниш нишон диҳанд. Омили асосии робитаи мазкур вақте мебошад, ки онро ба таври назаррас бо кумаки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сарфа карда, раванди таълимро тезонидан мумкин аст.

Сарфи назар аз он, ки идоракунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби инсон гузаронида мешавад, истифодаи онҳо дар раванди таълими курсантҳо даққитар ва пайдарпайтар мебошад.

Ҳамин тавр, курсанте, ки ба методҳои истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ хуб таълим дода шуда, омодагиро оид ба истифодаи таъминоти барномавӣ дар соҳаи технологияҳои ҳарбӣ гузаштааст, метавонад донишҳои худро дар фаъолияти касбӣ барои ҳалли вазифаҳои масъалавӣ ва иҷрои уҳдадориҳои бевоситаи худ оқилонатар ва самарабахштар истифода барад. Бартарияти ин аз он иборат аст, ки таълим аз рӯи китобҳои дарсӣ бештар расмӣ сурат гирифта, таъминоти барномавӣ бошад, ин асбобест, ки корро бештар техникӣ ва дақиқтар иҷро мекунад, ки инбарои ихтисосҳои равияи ҳарбӣ на камтар муҳим аст [12].

Ба туфайли он ки низомҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар реҷаи 24-соатинаи кор 7 рӯз дар як ҳафта қарор доранд, эътимоднокии онҳо муайян карда мешавад. Кори ин низомҳоро барои якчанд соат барои таъмир ва хизматрасонӣ муваққатан хобонидан мумкин аст, ки ин барои ҳар ду ҷониб – омӯзгорон ва таълимгирандагон – муфид мебошад. Масалан, муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ метавонад ба таълимгирандагон таълими фосилавӣ, омодагӣ ва дохилшавиро бо тестгузаронии пешакии онлайн, онлайн – таълим бо омӯзгори хонагӣ ва ғайра пешниҳод намояд. Дар вақти хизматрасонии ташхисӣ ё таъмири таҷҳизоти иттилоотю коммуникатсионӣ низомҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии ҳарбии додашударо пешниҳод кардан мумкин аст ё корҳои таъмириро дар соатҳои дер, вақте ки истифодабаандагон фаъол нестанд, гузаронидан мумкин аст.

Ба хусусиятҳҳои асосии функсионалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивӣ ҷамъоварии маълумот, коркарди маълумот, ташаккули иттилоот, нигоҳдории иттилоот, ҷустуҷӯи иттилоотро нисбат додан мумкин аст.

Ҷамъоварии маълумот раванди ҷамъшавии иттилоотро бо истифодаи минбаъдаи он дар вазъиятҳои мушаххас барои тавсияи ин ё он маводи таълимию маърифатӣ ё амалӣ барои таълимгирандагон дар бар мегирад. Коркарди маълумот табдилдиҳӣ, таҳлил, ҳисобкунӣ ва истеҳсоли тамоми шаклҳои маълумот, иттилооти техникиро дар бар мегирад. Пас аз ба даст овардани маълумот низом бояд онҳоро дар асоси он, ки ин иттилоот барои чӣ истифода хоҳад шуд, аз нав ташкил кунад. Масалан, агар китобхонаи электронии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ маълуморо оид ба дархостҳои қаблии зуд – зуди омӯзгор ва таълимгиранда сабт кунад, низом метвонад, огоҳсозии иттилотии шахси мушаххасро дар бораи воридоти нав ё муҳлатҳои таъмини маводи зарурӣ ташкил кунад.

Ташаккули иттилоот ташкили иттилоотро дар шакли созандаи дастрас дар бар мегирад. Нигоҳдории иттилоот – ин нигоҳ доштани тамоми маълумот барои имконияти истифодаи онҳо дар оянда мебошад. Ҳамаи маълумот барои нигоҳдорӣ метавонад аз ҷониби ҳар гуна истифодабарандаи воситаҳои иттилоотию коммуникатсионии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ пешниҳод карда шавад. Дар ин ҷо инчунин маълумот оид ба хатмкунандагон, омӯзгорон нигоҳдорӣ карда мешаванд. Масалан, ҳар як кафедра дар сомонаи худ иттилооотро оид ба омӯзгорон, фаъолияти илмию таҳқиқотии онҳо инъикос намуда, нашрияҳои илмии омӯзгорон ва корҳои таълимгирандагонро баррасӣ карда, конференсияҳои онлайниро гузаронида, шартҳои дохилшавиро ба муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ интишор мекунад ва ғайра.

Ҷустуҷӯи иттилоот – ин равандест, ки дар он воситаҳои электронӣ барои он истифода мешаванд, то маълумоти иттилоотӣ барои интишор ва коркарди минбаъда дарёфт ва нигоҳдорӣ карда шавад. Масалан, истифодаи низомҳои ҷустуҷӯии Yandex, Google ва ғайра, ки дорои пойгоҳи маълумоти нигоҳдории иттилоот дар реҷаи таълимӣ дар вақти омодашавӣ ба семинарҳо, лексияҳои интерактивӣ мебошанд [11, с. 126].

Инак, зимни гуфтаҳои боло мо ба ақидаи М.Ю. Водопянова розӣ ҳастем, ки ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивӣ дар раванди омодасозии касбии курсантҳо ба низоми таъминти дидактикии таҳсилоте такя мекунад, ки ба принсипи фаъолнокии касбии маърифатии таълимгирандагон бо назардошти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асос ёфтааст. Дар низоми мазкур, тавре ки ӯ ишора мекунад, зарур аст, ки шаклҳои нави супоришҳои таҳсилотие дохил карда шаванд, ки ба азхудкунии малакаҳои идоракунии шахсият ва гурӯҳ, инкишофи эҷодкории мустақилона, ташаккули маҳоратҳои фаъолияти таҳқиқотӣ дар асоси фаъоолнокии касбии маърифатӣ нигаронида шудаанд [3].

Ҳамчунин, М.Ю. Водопянова се блоки таъминоти дидактикии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивиро муаайян намудааст. Ҷунончӣ:

- техникӣ – маҷмӯаи воситаҳои техникие, ки барои фаъолияти низоми технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивӣ заруранд;

- барномавию технологӣ – технологияҳои компютерӣ ва таъминоти барномавӣ барои лоиҳакашӣ ва идоакунии автоматии лоиҳаҳо, коркарди иттилоот ва маълумоти визуалӣ, барои таъмини равандҳои коммуникатсионӣ ва ғайра;

- ташкилию методӣ – омодасозӣ ва бозомӯзии ҳайати педагогии муассисаи таҳсилоти олӣ, омодасозии хонандагон ба истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ дар таълим, ташкили пойгоҳи электронии адабиёти таълимию методӣ ва маҷмӯаи илмию таҳқиқотӣ ва озмоишгоҳӣ; мониторинг ва назорати омодасозии касбӣ; ташаккули пешзаминаҳои ҳавасмандгардонӣ ба худтаҳсилкунӣ ва худтакмилдиҳӣ [3, с. 45].

Бинобар ин, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивӣ таъминоти дидактикии азхудкунии донишҳои касбиро пешбинӣ карда, ҳамчун восита барои инкишофи шахсят дар таҳсилоти касбӣ ва на ҳамчун мақсади раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ баррасӣ мешавад. Ғайр аз ин, мақсади истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивӣ аз фароҳам овардани шароити ҳавасмандагардонӣ дар таълимгирандагон барои худинкинкишофдиҳии касбӣ ва истифодаи донишҳо дар амалия барои ҳалли вазифаҳои мураккаби касбӣ иборат мебошад.

Инак, афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ дар маҷмуъ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Пешниҳоди маводи таълимӣ дар асоси технологияҳои мазкур дар мавридҳое амалӣ карда мешавад, ки фардисозии таълими ба курсант нигаронидашударо таъмин намоянд.

2. Шиддатнокии раванди таҳсилот аз ҳисоб кам шудани вақт барои азхуд кардани ҳаҷми калони иттилооти таълимӣ, фаъолгардонии фаъолияти ҳамаи курсантҳо, кушода додани нерӯи ботинии ҳар якеи онҳо барои машғулиятҳои мустақилонаи иловагӣ ба таври назаррас баланд мешавад.

3. Истифодаи пойгоҳи низоми идоракунии барномаҳои гуногун барои назорати сифати омодасозии мутахассисони ҳарбӣ ба такмили ташкил ва гузаронидани фаврии расмиёти назоратию арзёбикунанда мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълими интерактивӣ дар низомҳои мултимедиявии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳад, ки вазъиятҳои тақлидие бунёд карда шаванд, ки ба туфайли онҳо соҳибкасби оянда бо амалҳои зеҳнӣ дар сатҳе машғул мешавад, ки аз маҳдудиятҳои низоми маърифатии худи ӯ ба таври назаррас баланд бошанд. Ғайр аз ин, низомҳои иттилоотию коммуникатсионии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳанд, ки вазифаҳои касбӣ дар фосилаи кӯтоҳи вақт ва дар сатҳи хеле баланди техникӣ ҳал карда шаванд, ки ин дар шароити вазъиятҳои ғайристандартӣ басо муҳим мебошад.

Ниҳоят, бори дигар таъкид мекунем, ки бо ҳамаи имкониятҳои васеи худ технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ фақат ҳамчун асбоби баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти инсон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи таҳсилот амал мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Белошицкий, А. В., Мещеряков, Д. В., Фалилеев, В. Ю. Информационно-образовательная среда военного вуза, методологические аспекты // Современные наукоемкие технологии. 2015. № 12. С. 284-287.

2. Вовк, Е.Т. Информатика: уроки по Flash. М.: Кудиц-Образ, 2008. – 192 с.

3. Водопьянова, М. Ю. Дидактическое обеспечение информационных технологий обучения в профессиональном образовании: дис. ... канд. пед. наук. Краснодар, 2005. -167 с.

4. Коджаспирова, Г. М., Коджаспиров А. Ю. Педагогический словарь: для студ. высших и средних пед. учеб. завед. М.: Academa, 2003. – 174 с.

5. Кошелева, А.О. «Личностный профиль» будущего военного специалиста в условиях модернизации образования // Образование и общество. 2009. № 2. Орел. С. 7–11

6. Кутепов, М. М. Технология формирования профессиональных умений у будущих специалистов в области физической культуры: дис. ... канд. пед. наук. Н. Новгород, 2003. – 163 с.

7. Кутепов, М. М., Коровина, Е. А. Роль интерактивных технологий в формировании профессиональных компетенций студента вуза // Успехи современной науки. 2016. Т. 1, № 10. С. 72-73.

8. Пащенко, О. И. Информационные технологии в образовании: учеб. – метод. пособие. Нижневартовск: Изд-во Нижневарт. гос. ун-та, 2013. – 227 с.

9. Переплетов, А.М. Актуальные проблемы внедрения игрового обучения информационного типа в ведомственных вузах // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки, 2015. № 3/2. Краснодар. С. 82–85.

10. Хеннер, Е. К. Высокоразвитая информационно-образовательная среда вуза как условие реформирования образования // Образование и наука. 2014. № 1. С. 54-72.

11. Jokela, J. The Use of Novel Information Technology in Military Medicine and Mass Casualty Situation Training: academic dissertation. Tampere, 2010.

12. Karehka Ramey. Importance and functions of information technology. URL: https://www.useoftechnology.com/importance-functions-information-technology (дата обращения: 05.11.2022).

13. Khizhnaya, A. V. Information Technologies in the System of Military Engineer Training of Cadets // International Journal of Environmental & Science Education. 2016. Vol. 11, № 13. P. 6238-6245.

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj – 14 таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2, 5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5 см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ба мақола шарҳи мухтасари муҳтаво ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ илова карда мешавад. Шарҳи мухтасари муҳтаво дар оғоз ва адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯёну аспирантон тавсияи роҳбарони илмиашон зарур аст.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей средних общеобразовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила: размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт Times New Roman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее -2,5 см, левое-3 см, правое -1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в начале статьи, список использованной литературы в конце.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

## NOTES FOR THE AUTHORS

The scientific journal «Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan» publishes articles by scientific educators, university professors, methodologists, teachers of educational institutions, graduate students of local and foreign applicants containing the results of research on pedagogical sciences.

When submitting articles to editorial board the following rules should be observed: the size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including texts, tables, bibliography, drawings and annotation texts in Tajik, Russian and English.

For the preparation of the article should be used the text editor Microsoft Word.

An electronic version remains simultaneously with the printout of the article. The manuscript must be printed on a computer font Times New Roman TJ 14, format A-4 single spacing, upper and lower margins 2,5 sm, left 3 sm, right 1,5 sm and all the pages should be paginate.

At the top of the page in the center of the sheet is the title of the article, below after one interval the initials and surname of the author. Below is the name of the organization and address.

The main text follows through the given line. The article offers a summary in Tajik, Russian and English with title of article. The text of the summary is given at the beginning of the article, list of references at the end.

Editorial board reserves the right to make reductions and editorial changes to the article.

Articles do not comply with these rules are not accepted.

Articles of graduate students and applicants are accepted with the recommendations of supervisors.

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – Душанбе, 2023. - № 1 (46). – 194 с.**

Сармуҳаррир: Саломиён М.Қ.
Муовини сармуҳаррир: Каримзода М.Б.
Котиби масъул: Муҳиддинзода Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Гулмадов Ф.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмахмадова Г.Ш.
Муҳаррири матни англисӣ: Абдуллозода М.И.
Муҳаррири техникӣ: Муҳиддинзода Б.
Саҳифабанд: Ҳайдаров Р.

**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

---

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА / Научно-просветительский и учебно-методический журнал, 2023. - № 1 (46). – 194 с.**

Главный редактор: Саломиён М.К.
Зам. главного редактора: Каримзода М.Б.
Ответственный секретарь: Мухиддинзода Б.
Редактор таджикского текста: Гулмадов Ф.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.Ш.
Редактор английского текста: Абдуллозода М.И.
Технический редактор: Мухиддинзода Б.
Верстка: Хайдаров Р.

**Учридитель: Академия образования Таджикистана**

---

**BULLETIN OF ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN/ Scientific-educational and metodical Journal, 2023. - № 1 (46). – 194.**

Chief Editor: Salomiyn M.Q.
Deputy Chief Editor: Karimzoda M.B.
Executive Secretary: Muhiddinzoda B.
Tajik Text Editor: Gulmadov F.
Russian Text Editor: Djanmakhmadova G.Sh.
English Text Editor: Abdullozoda M.I.
Technical Editor: Muhiddinzoda B.
Verska: Haidarov R.

**Founder: The Academy of Education of Tajikistan**

---

*Ба матбаа 12.06.2023 супорида шуд. Ба чоп 10.04.2023 имзо шуд.*
*Когази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/8 ҷузъи ч. ш. 24,25. Теъдод 100 нусха. Супориши №14*
*Дар матбааи «Фасл -4 », кӯчаи А. Навоӣ, 13 чоп шудааст.*

---

*Сдано в печать 12.06.2023. Подписано к печати 10.04.2023. Печать офсетная.*
*Формат 60x84 1/8 Условно-печатный лист - 24,25. Тираж - 100. Заказ № 14 .*
*Издательство «Фасл -4», 7734024, улица А. Навои, 13*

---

*Download in Print 12.06.2023. Posted on 10.04.2023. Offset printing.*
*Size 60x84 1/8 Printer's sheet - 24,25. Edition - 100. Assignment № 14.*
*Publishing office "Fasl -4", 7734024, 13 A. Navoi Str.*